*The article examines the alarming events and instability of global processes and their impact on Central Asian region, which managed to successfully avoid fragmentation and intensively expand integration processes. Choosing an active, impartial position on many issues avoids the risk of being drawn in competing blocs, existing and newly formed coalitions. Although this is difficult in the context of intense competition for raw materials, scarce energy resources and human development, it has become possible thanks to strengthened cooperation with all countries interested in the development of the region. Movement along this line contributes to the economic development of the countries of Central Asia. To actively continue on this path, the countries of Central Asia must act together not only to counter various threats, ensure food and energy security and protect their biodiversity, but also to solve many global problems. The authors propose to effectively use all available opportunities in the areas of trade and economic cooperation, investment, energy, transport and logistics. It is also possible to rationally use the development of hydropower, energy and food in the countries of Central Asia to expand industrial cooperation between the countries of Central Asia, which is the basis for sustainable economic development and food security in the region.*

***Keywords:*** *space, processes and trends, world and regional relations, regional security, interests, modernisation, stability, Central Asia, global peace, global chaos, cooperation, problems, factors, challenges and threats, multipolarity.*

УДК: 327.7

# ШАРИКИИ ПОЙДОРИ ТОҶИКИСТОН БО ИЁЛОТИ МУТТАҲИДАИ АМРИКО: ТАЪРИХИ ТАШАККУЛ, МУҲТАВО ВА ДУРНАМОИ ҲАМКОРИҲО

## Қисми 1

**ШАРИФЗОДА АБДУФАТТОҲ АБДУВАҲҲОБ,**
доктори илмҳои таърих, профессор, узви вобастаи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33;
e-mail: abdufattoh@yahoo.co.uk

**ШАРИФЗОДА ФИРДАВС АБДУФАТТОҲ,**
котиби якуми Вазорати корҳои хориҷии
Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих
734001, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шероз 33;
тел: (+992 37) 221-18-08; e-mail: firdavs.sharifzoda@mfa.tj

*Мақола ба баррасии таърихи роҳандозӣ ва динамикаи густариши муносибатҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистону Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар зарфи 32 соли барқарории робитаҳои дипломатӣ бахшида шудааст. Муаллифон аҳаммият, мундариҷа ва натиҷаҳои рӯйдоду чорабиниҳои дар доираи ҳамкориҳои ду кишвар анҷомёфта, аз ҷумла боздидҳои расмиву кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Вашингтону Ню-Йорк ва ташрифҳои намояндагони баландпояи ИМА ба Душанбе, инчунин, раванди рушди муколамаи сиёсӣ, равобити иқтисодӣ ва сармоягузориро таҳлил ва бо далелҳои илмӣ асоснок кардаанд. Мақола бо таъкиди зарурати минбаъд амиқтару васеътар гардонидани маҷмуи ҳамкориҳои мутақобилан судманди ду кишвар дар соҳаҳои гуногун ба поён мерасад. Зимни таълифи мақола китобҳову рӯзномаҳо пиромуни фаъолияти сиёсати хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нашрияҳои Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, асарҳои илмӣ ва адабиёти илмию оммавӣ, инчунин, дигар маталиби электронии дохилию хориҷӣ ва маводи иттилоотию оморӣ истифода шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *Тоҷикистон, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, муносибатҳои байналмилалӣ, сиёсати хориҷӣ, таърих, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, робитаҳои иқтисодӣ ва гуманитарӣ, табодули сафарҳо, машваратҳои солонаи дуҷониба, муколамаи сиёсӣ, шарикии амниятӣ, қолаби "С5+1".*

Давлати нисбатан ҷавони олами мутамаддин–Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (ИМА), ки камтар аз 250 сол арзи вуҷуд кардааст, имрӯзҳо ҳамчун абарқудрати таъсирбахши ҷаҳонӣ аз лиҳози сиёсию дипломатӣ, молию иқтисодӣ, илмию технологӣ ва низомӣ эътироф шудааст. Иқтисоди пасосаноатии ИМА *(бо бартарии бахши хизматрасониҳо ва иқтисоди донишҳо)* қариб чоряки маҷмуи маҳсулоти дохилии ҷаҳонӣ (ММД номиналӣ 26,9 трлн. долл. ИМА дар соли 2023; ММД ба ҳар сари аҳолӣ 80,4 ҳаз. долл. ИМА) ва содироташ 10% содироти тиҷорати байналмилалиро ташкил дода, он сеяки хароҷоти ҳарбии глобалӣ ва беш аз 30% хароҷоти ҷаҳониро барои корҳои илмию таҳқиқотӣ ва таҷрибавию тарроҳӣ (3,5% аз ММД, яъне 940 млрд. долл. ИМА) истеҳсол мекунад. ИМА яке аз пешсафтаринҳо аз лиҳози тараққиёти технологӣ ва инноватсия дар бисёр бахшҳои иқтисодӣ, бахусус дар соҳаи зеҳни сунъӣ, компютерҳо, фарматсевтика, таҷҳизоти тиббӣ, аэрокайҳонӣ ва ҳарбӣ мебошад, ки ин ва дигар имтиёзҳои гуногунҷанба рушду таҳкими ҳамкориҳо бо ин кишварро амри зарурӣ мегардонад.

Иёлоти Муттаҳидаи Амрико соҳибихтиёрӣ ва истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро 25 декабри соли 1991 ба расмият шинохт. Муносибатҳои дипломатӣ байни Тоҷикистон ва Амрико 14 феврали соли 1992 дар натиҷаи тавофуқи ҳосилшуда зимни сафари Котиби давлатии ИМА Ҷеймс Бейкер ба Душанбе ва музокироти расмияш бо роҳбарияти онвақтаи ҷумҳурӣ барқарор гардиданд. Сафорати ИМА дар Тоҷикистон моҳи марти ҳамон сол *(муваққатан бо иқоматгоҳ дар шаҳри Алматои Қазоқистон, бинобар вазъи ноором дар ҷумҳурӣ, сипас дар меҳмонхонаи "Авесто"-и Душанбе)* кушода шуда, кордори муваққатӣ ва баъдан сафири аввалини ИМА дар Тоҷикистон ҷаноби Стенли Эскудеро таъйин гардид [12]. Маросими ба истифода додани бинои нави Сафорати ИМА дар Душанбе 28 июни соли 2006, ки дар он Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ширкат варзиданд, рӯйдоди хотирмон дар таърихи робитаҳои сиёсӣ байни Тоҷикистон ва ИМА гардид [1, с. 158-159]. Оғоз аз моҳи августи ҳамон сол ба салоҳияти шуъбаи консулии Сафорати ИМА судури раводидҳои ғайримуҳоҷиратӣ (сайёҳӣ, корӣ ва ё донишҷӯйӣ) дохил шуд, ки қадами назаррасе ба сӯйи мустаҳкамшавии равобити байнимардумӣ ва байнидавлатӣ гардид [2, 147].

Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иёлоти Муттаҳида аз замони ифтитоҳаш дар санаи 7 феврали соли 2003 дар рушди равобити ду кишвар саҳмгузор аст. Шоёни зикр аст, ки пас аз шуруи кори намояндагии дипломатии кишвар дар Вашингтон, сафирони Тоҷикистон дар ИМА тайи солҳои гуногун Лақим Қаюмов, Ҳамрохон Зарифӣ, Абдуҷаббор Ширинов, Нуриддин Шамсов, Фарҳод Салим буданд ва сафири амалкунандаи кишвар дар ИМА Фаррух Ҳамрализода мебошад. Хусусан, ба ҳайси Кордори муваққатии Тоҷикистон дар ИМА ва ҳамзамон Намояндаи доимӣ дар назди СММ таъйин гардидани

дипломати ҳирфаӣ ва вазири корҳои хориҷӣ Лақим Қаюмов (17 июли соли 1992) аз бартарӣ доштани самти равобит бо ИМА дар фаъолияти байналмилалии ҷумҳурии мо гувоҳӣ медод [2, 36].

Таҳкими равобит бо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико аз авлавиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Дар давраи аввали ташаккулёбӣ муносибатҳо миёни ду кишвар бо расонидани кумакҳои башардӯстона ба ҷумҳурӣ маҳдуд мешуд, аммо тадриҷан самтҳои сиёсӣ, ҳарбӣ ва амниятӣ, мубориза бо таҳдиду чолишҳои фаромиллӣ, аз қабили терроризми байналмилалӣ ва қочоқи маводи мухаддир, мустаҳкам намудани сарҳад ва нигоҳдории амну суботи минтақа, пешгирии хариду фурӯши одамон, маориф, фарҳанг, тандурустӣ ва дигар бахшҳоро фаро гирифтанд [7, 114–116]. Яъне робитаҳои гуногунҷанбаи пурвусъат ва рушдёбандаи Тоҷикистон бо ИМА аз дастовардҳои муҳими сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол маҳсуб гардида, ҳоло 34 санади имзошуда дар боби ҳамкориҳои дуҷониба асосҳои ҳуқуқии муносибатҳои ду кишвари ба ҳам дӯстро тақвият мебахшад [6, с.144-145]. Ин бастаи санадҳоро созишномаҳои байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ доир ба ҳамкорӣ дар соҳаҳои иқтисодию тиҷоратӣ, сармоягузорӣ ва қарздиҳӣ, кумаки башардӯстона, ҳарбӣ-техникӣ, маориф, мубориза бо терроризм ва қочоқи маводи мухаддир, ҳастаӣ ва радиоактивӣ, таъмини волоияти қонун, дастгирии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ғайра дар бар мегиранд [10, 178].

Чун сухан нахуст доир ба ёриҳои гуманитарии ҷониби амрикоӣ рафт, дар солҳои 1992–2001, яъне лаҳзаҳои вазнини ҷанги шаҳрвандӣ ва давраи эҳёи иқтисодию иҷтимоии кишварамон, Ҳукумати ИМА мустақиман ё тавассути созмонҳои байналмилалӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми беш аз 374 млн. долл. ИМА кумак расонидааст. Агар ба 32 соли ҳамкорӣ (1992–2023) назар афканем, ҷониби америкоӣ ба Тоҷикистон беш аз 2 млрд. долл. ИМА (бино ба маълумоти Сафорати ИМА дар Тоҷикистон) ҷудо намудааст. Ин маблағ ба 5 соҳа–рушди иқтисодӣ, кумаки башардӯстона, сулҳ ва амният, идоракунии адолатона ва демократӣ ва сармоягузорӣ ба рушди инсонӣ равона гардидааст [11].

Дар қаринаи сиёсати хориҷии бисёрсамтаи эъломшудаи Тоҷикистон, роҳандозӣ ва бомаром густариш додани муносибатҳо бо ИМА ҳамчун қадами зарурӣ дар ҷодаи шомилшавӣ ба равандҳои ҷаҳонии сиёсӣ ва иқтисодӣ маънидод гардид [3, 657]. Дар навбати худ, омодагии ИМА ҷиҳати мусоидат ба ҳамгироии ҳарчи зудтари давлатҳои мустақили фазои пасошуравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, ки дар суханрониҳо ва изҳороти расмии роҳбарияти ИМА таҷассум шуда буд, мубрамияти мавзуъро тақвият бахшид [4, 11].

Бино ба таъкиди муҳаққиқи тоҷик Р.Ғ.Абдулло дар мақолаи таҳлилии “Тоҷикистон–ИМА: ҳусни тафоҳум ва адами ихтилоф дар муносибатҳо”: «Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолии худ рушди муносибатҳои

устуворро бо ИМА вазифаи страгегии худ ва кафили ҳифзи соҳибихтиёрии тоза бадастовардааш медонад, ки дар навбати худ муҳимтарин шарти таъмини амнияти миллии тоҷикон (ҳамзамон, тақвияти давлатдории тоҷик) буд ва боқӣ хоҳад монд». Дипломат ва олими дигари тоҷик Аҳмадҷон Саидмуродов дар рисолаи илмии худ “Таҳаввули сиёсати ИМА нисбат ба Ҷумҳурии Тоҷикистон” қайд кардааст, ки «бо таҳкими давлатдорӣ ва ба хотири гуногунӣ дар амалӣ кардани сиёсати хориҷӣ нахустин тарҳҳои сиёсати Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ба шаклгирӣ оғоз карданд. Барои заминаи либералӣ ба вуҷуд овардан дар сиёсати хориҷӣ, як меъёри муҳим рушди муносибатҳои сиёсӣ бо кишварҳои Ғарб, пеш аз ҳама, бо ИМА маҳсуб мешуд».

Ҳусни тафоҳум, ҳамраъйӣ ва мавқеъгирии созанда дар баррасӣ ва ҳаллу фасли масоили муҳимми равобити ду кишвар ва авзои байналмилалӣ аз вижагиҳои ҳамкориҳои Тоҷикистону ИМА арзёбӣ шуда, ҳамзамон, ҳар ду шарики муътамад барои таҳким ва густариши ҳамкорӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ устуворкорона саъю кӯшиш мекунанд.

Дастгирии сиёсӣ ва гуманитарии ИМА нисбати Тоҷикистон аз солҳои аввали 1990-ум эҳсос мегардид, ки барқияи табрикии Президенти Амрико Ҷорҷ Буш (калонӣ) ба муносибати Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шудани Эмомалӣ Раҳмонов (28 ноябри соли 1992) ба ин шаҳодат медиҳад. Он замон ӯ изҳори умед карда буд, ки дигаргуниҳо дар Тоҷикистон ба амалиёти ҳарбӣ хотима гузошта, дар навбати худ Ҳукумати ИМА бо Ҳукумати Тоҷикистон дар роҳи расонидани ёрии гуманитарӣ ва иқтисодӣ тамоми чораҳоро меандешад [9, с. 33]. Тавре аз барқияи Президенти Иёлоти Муттаҳида Билл Клинтон ба Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов (23 феврали соли 1993) бармеояд, “ИМА дар шароите, ки ба сари халқи тоҷик озмоишҳои гарон омадааст ва бо дарназардошти тадбирҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ барои ба эътидол овардани вазъи мамлакат тасмим гирифт, ки ба тариқи ёрӣ ба Тоҷикистон 25 миллион доллар ҷудо кунад”, ки ин иқдоми хайрхоҳона боиси қаноатмандии амиқи Сарвари давлати тоҷикон гардид [16].

Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар Иҷлосияи XVII Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 июни соли 1993 бо ишора ба самтҳои сиёсати хориҷӣ, аҳаммияти воло доштани ҳамкориҳои гуногунҷанбаро бо ИМА таъкид намуданд ва чунин иброз доштанд: *“Мо ба муносибатҳои Тоҷикистону Амрико таваҷҷуҳи ҷиддӣ дорем ва кӯшиш мекунем таҷрибаи ғании ин кишварро дар идоракунии давлат ба манфиати худ истифода намоем. Боиси хушнудист, ки Тоҷикистон бо ин кишвар дар асоси меъёрҳои қабулшудаи умум ҳамкорӣ мекунад. Роҳбарияти ҷумҳурӣ мехоҳад бо ШМА ҳамкориҳои бисёрҷонибаи мутақобилан судмандро рушд диҳад”* [5, 95].

Соли 1997 ИМА аз раванди сулҳ дар Тоҷикистон бо миёнҷигарии СММ пуштибонӣ намуд ва ҳамвора бо ҳар ду ҷониб дар музокирот ройзанӣ мекард.

Пас аз имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон, ИМА аз Бонки Ҷаҳонӣ ва Хазинаи Байналмилалии Асъор (ХБА) даъват ба амал овард, то Тоҷикистонро бо вому кумакҳо барои бозсозӣ мадад расонанд. Ба мақсади таъмини сулҳи пойдор дар сартосари кишвар, ИМА таваҷҷуҳи хешро ба рушди иқтисодӣ ва идомаи кумакҳои башардӯстона ба минтақаҳои ҷангзадаи Тоҷикистон равона кард [11].

Дар ин зимн, 27 октябри соли 1995 дар ҳошияи Иҷлосияи 50-уми Маҷмаи Умумии СММ дар шаҳри Ню-Йорк нахустин мулоқоти сарони давлатҳои Тоҷикистону ИМА–Эмомалӣ Раҳмон ва Билл Клинтон баргузор гашт, ки ба рушди минбаъдаи муносибатҳои созандаи ду кишвар такони ҷиддӣ бахшид. Билл Клинтон сиёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар роҳи таҳкими раванди демократӣ ва ислоҳоти иқтисодӣ дар мамлакат ҷонибдорӣ намуда, иброз дошт, ки ИМА қадамҳои устувору умедбахши Тоҷикистонро дар самти пешрафти давлати ҳуқуқбунёди дунявӣ баланд арзёбӣ ва дастгирӣ мекунад [8, с. 74].

Дар партави талошҳои ҷонибҳо, боздиди кории Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳрҳои Ню-Йорку Вашингтон, ки 28 сентябр–2 октябри соли 1997 анҷом ёфт, ба рушди минбаъдаи муносиботи дӯстӣ миёни Тоҷикистону Амрико заминаи қавӣ гузошт. Дар рафти ин сафари пурмаҳсул Роҳбари давлати Тоҷикистон бо як қатор ашхоси расмии баландмақом, аз ҷумла бо Котиби давлатии ШМА Мадлен Олбрайт, ёвари махсуси Президенти ИМА оид ба кумак ба кишварҳои мустақили ИДМ Дик Монингстади, муовини Котиби давлатии ИМА Стив Ситанович, муовини вазири кишоварзӣ Ричард Ромингер, аъзои Шурои муносибатҳои байналмилалии ИМА, роҳбарони Эксимбонки ШМА, ХБА, Бонки Ҷаҳонӣ ва Бонки федералии захиравии ИМА мулоқотҳои судманд оростанд. Масъалаҳои барқарорсозии баъдиҷангии Тоҷикистон, аз ҷумла маблағгузории лоиҳаҳои гуногуни эҳёи иқтисоди миллӣ ва инфрасохтори иҷтимоӣ, дар меҳвари гуфтушунидҳои Президенти мамлакат бо доираҳои молиявӣ-иқтисодии маъмурияти Амрико ва роҳбарияти ниҳодҳои молиявии ҷаҳонӣ қарор дошт [18]. Тавре маълум шуд, аз ин ба баъд андозаи кумакҳои дуҷониба ва байналмилалӣ, хусусан баҳри пуштибонӣ аз сиёсати мусолиматомези давлати Тоҷикистон ва таҳкими амну субот дар минтақа афзоиш ёфт.

Аз маъхазҳои илмию матбуотӣ аён аст, ки дар нимаи дуюми солҳои 1990 ҷараёни истиқрору тақвиятсозии равобити ҳадафманди Тоҷикистон бо Амрико босуръат рушд ёфта, мазмуну мундариҷаи навро касб мекард. Ҳамин тариқ, боздиди кории сеюми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаҳои 20-24 апрели соли 1999 аз ИМА (Вашингтон) боис ба вохӯрии навбатӣ (дар Пажуҳишгоҳи Осиёи Марказӣ ва Қафқози Донишгоҳи ба номи Ҷон Хопкинс) бо намояндагони доираҳои тиҷоратии америкоӣ, таҳлили вазъи иқтисодии

ҷумҳурӣ ва муҳокимаи паҳлуҳои гуногуни равобити иқтисодии ду кишвар гардид. Ҳамзамон, мулоқотҳои самарабахши Сарвари давлати тоҷикон бо муовини вазири кишоварзии ИМА Огаст Шумахер, директори Агентии ИМА оид ба тиҷорат ва рушд Ҷозеф Грандмейсон, муовини якуми Котиби давлатӣ Строуб Тэлбот ва дигар мақомдорони америкоӣ сурат гирифтанд [21]. Санаи 24 апрел дар пойтахти ИМА Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нишасти олии Роҳи Абрешим бо иштироки президентҳои Арманистон, Озарбойҷон, Гурҷистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон ширкат варзиданд. Дар ин нишаст ҳамчунин, собиқ Котиби давлатии ШМА Ҷеймс Бейкер, мушовири амнияти миллии ИМА Сэмюэл Бергер, Збигнев Бжезинский ва Ҳенри Киссинҷер ҳузур доштанд [14]. Чорабинии мазкур яке аз рӯйдодҳои муҳим дар пиёдасозии сиёсати хориҷии ИМА дар самти пешбурди сиёсати «Роҳи нави Абрешим»-и он буд, ки дар баробари дигар дастовардҳо ба баромадани Тоҷикистон ба баҳрҳои ҷаҳон–дар самтҳои ҷануб ва ҷанубу ғарб мусоидат менамуд.

Дар пайи ҳамлаҳои террористии 11 сентябри соли 2001, ки тамоми олами мутамаддинро ба даҳшат овард, ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла Тоҷикистон ҳукумат ва мардуми ИМА-ро дар мубориза бо терроризми байналмилалӣ пуштибонӣ карданд. Ба маҳзи ташкили эътилофи байналмилалӣ бар зидди терроризми фаромиллӣ бо роҳбарии ИМА, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Котиби давлатии ИМА Колин Пауэлл суҳбати телефонӣ анҷом доданд (3 октябри 2001). Сарвари давлат тазаккур доданд, ки Тоҷикистон бо мардуми Амрико ҳамраъй буда, ҳамеша омодаи пуштибонӣ аз ИМА мебошад. Мусоҳибон дар мавриди буҳрони иҷтимоии ҷойдошта дар Афғонистон ва расонидани мададҳои башардӯстона ба мардуми ин кишвар созиши худро баён карданд [20].

Санаи 8 октябри соли 2001 Тоҷикистон расман эълом дошт, ки барои пешбурди амалиёти ҳарбӣ ва башардӯстона дар Афғонистон ҳарими ҳавоии худ ва дар сурати зарурӣ зербинои заминӣ ва пойгоҳҳои ҳарбиро дар ихтиёри ИМА қарор медиҳад. Ин изҳороти махсуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба манзури дастгирии маънавию сиёсии амалиёти низомии неруҳои хушкигард, ки таҳти сарварии Амрико дар Афғонистон оғоз шуда буд, ба таври оммавӣ интишор гардид [4, 86].

Дар рӯзҳои задухӯрдҳои шадиди ҳарбии эътилофи байналмилалӣ дар Афғонистон бар зидди "Толибон" ва "Ал-Қоида" (30 октябри соли 2001), Президенти Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Сарфармондеҳи Ситоди Марказии Артиши ИМА генерал Томми Френкс мулоқот карда, вазъи ҳарбӣ ва дурнамои ҳолати пас аз ҷангро дар Афғонистон баррасӣ намуданд. Гузашта аз ин, чанд рӯз баъд вазири мудофиаи Иёлоти Муттаҳида Доналд Рамсфелд аввалин сафари худро ба Тоҷикистон анҷом дод (санаи 3 ноябри соли 2001).

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни музокирот бо ӯ азми Тоҷикистонро барои иштироки фаъол дар эътилофи байналмилалии зиддитеррористӣ, ки дар изҳороти моҳи октябрии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфта буд, таъйид карданд. Фаврияти муҳокима ва ҳаллу фасли масоили таъмини дастгирии логистикии эътилофи байналмилалӣ асос ба боздиди вазири дифои ИМА (8 ноябри соли 2001) аз Тоҷикистон шуд. Зимни мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Д. Рамсфелд дар хусуси дар ихтиёри ҳавопаймоҳои Неруҳои ҳавоии ИМА, ки дар амалиёти зиддитеррористӣ дар Афғонистон иштирок мекарданд, вогузор шудани фазои ҳавоии Тоҷикистон мувофиқа ҳосил гардид [15].

Роҳандозӣ шудани ҳамкориҳо миёни Тоҷикистону Амрико дар самти мубориза бо терроризми байналмилалӣ дар қаламрави Афғонистон на танҳо ба нафъи ниҳодҳои низомии ду кишвар буд, балки мақоми қонунгузори ИМА низ ба ин мавзуи доғи рӯз диққати ҷиддӣ медод. Чунончи, дар доираи ташриф ба Душанбе (7 январи соли 2002) ҳайати намояндагони Конгресси Амрико зери сарварии намояндагони Ҳизби Демократ аз аёлати Коннектикут сенатор Ҷозеф Либерман ва Ҳизби Ҷумҳурихоҳон аз илати Аризона Ҷозеф Маккейн бо Президент Эмомалӣ Раҳмон мулоқот карда, иброз доштанд, ки "сафарашон ба Тоҷикистон барои арзи миннатдорӣ аз ҳамкорӣ ва кумакҳои Тоҷикистон дар гузаронидани амалиёти зиддитеррористӣ дар Афғонистон сурат гирифтааст" [13].

Санаи 4 марти соли 2002 Президенти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Ҷорҷ Уокер Буш ба ифтихори 10-умин солгарди истиқрори муносибатҳои дипломатӣ ба унвони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон номаи шодбош фиристода, аз иттифоқчигӣ ва шомилшавӣ ба ҷидду ҷаҳди Амрико дар мубориза ба муқобили терроризми байналмилалӣ арзи сипос намуд ва аз номи халқи ИМА ба таҳкими минбаъдаи дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо Тоҷикистон дар соҳаҳои амнияти минтақа, риояи меъёрҳои қонун ва эҳтироми ҳуқуқи инсон, инчунин, рушди иқтисодӣ изҳори умед кард. Дар посух Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо боварии том арз доштанд, ки Тоҷикистон дар оянда низ барои амалӣ сохтани ин ҳадафҳои олӣ тамоми тадбирҳоро хоҳад андешид [17].

Бояд қайд намуд, ки ҷониби америкоӣ ваъдаҳои хешро ҷиҳати афзоиш додани кумакҳои низомӣ ба Тоҷикистон иҷро кард. Аввалҳои моҳи апрели соли 2002 Кохи Сафед аз Конгресс барои ироаи кумаки ҳарбӣ ба кишварҳое, ки ИМА-ро дар мубориза бо терроризм дастгирӣ мекунанд, ризоят гирифт. Хусусан кумакҳои ҳарбии ба Тоҷикистон расондашуда чор маротиба боло рафт [12].

Басо рамзист, ки дар соли таҷлили даҳумин солгарди муносибатҳои дипломатӣ, моҳи декабри соли 2002, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо нахустин сафари расмӣ дар таърихи

муносибатҳои ҳар ду кишвар ба Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ташриф оварданд. Санаи 9 декабр Роҳбари давлати тоҷикон бо Президенти ИМА Ҷорҷ Буш мулоқоту музокирот намуданд, ки дар рафти он Котиби давлатӣ К. Пауэл, вазири мудофиа Д. Рамсфелд ва ёвари Президенти ИМА доир ба амнияти миллӣ Кондолиза Райс иштирок доштанд. Зимни суҳбат дурнамои рушди муносибатҳои дуҷониба, рафти ислоҳоти сиёсӣ ва иқтисодӣ дар Тоҷикистон, масъалаҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ матраҳ шуд. Ҷонибҳо ба ҳамкории тарафт рӯзафзун дар мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир таваҷҷуҳи хоса зоҳир карданд. Тарафи америкоӣ омодагии худро барои дастгирии Тоҷикистон дар ниҳодҳои молиявии байналмилалӣ, хусусан дар ХБА ва Бонки Ҷаҳонӣ, таъкид намуд. Муколамаи дуҷониба дар рафти мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Ноиби Президенти ИМА Ричард Чейни идома ёфт. Худи ҳамон рӯз Сарвари давлат бо Котиби давлатии ИМА К.Пауэлл, директори Раёсати марказии иктишофии ИМА Ҷорҷ Тенет, инчунин, бо намояндагони Вазорати тиҷорати ИМА, бонкҳо ва ширкатҳои машҳури ин кишвар мулоқотҳои судбахш доир карданд. Қобили зикр аст, ки дар мулоқоти Президенти кишвар бо тоҷирону соҳибкорон ширкатҳои маъруфи америкоӣ, аз қабили «American Hydro», «Caterpillar Inc.», «Cadwalader», «Aqua International», «Comsup Commodities Inc.» ва ғайра иштирок намуданд. Пешвои миллат ҳамчунин, дар Институти Осиёи Марказӣ ва Қафқози Донишгоҳи ба номи Ҷон Хопкинс сухан ронданд [19].

## АДАБИЁТ

1. Дипломатияи Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз. Дар ду ҷилд. Ҷилди 1 / Зери назари Ҳ. Зарифӣ. – Душанбе, 2009. – 296 с.

2. Дипломатия Таджикистана: вчера и сегодня. В двух томах. Том 2 / под ред. Х. Зарифи. – Душанбе, 2011. – 296 с.

3. История таджикского народа. Том VI. (Новейшая история). –Душанбе: «Империал-Групп», 2011. – 688 с.

4. Мамадазимов А.А. Ҷумҳурии Тоҷикистон–Иёлоти Муттаҳидаи Амрико: 30 соли шарикии устувор: монография. – Душанбе, 2021. – 272 с.

5. Рахмонов Э. Независимость Таджикистана и возрождение нации. Т.1.– Душанбе: Ирфон, 2006. – 480 с.

6. Салимӣ Н., Шарифзода А. Тоҷики оламшумул (Нашри дуюми такмилёфта). – Душанбе: Дониш, 2022. – 364 с.

7. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар масири истиқлолият / Зери назари Ҳ. Зарифӣ. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 352 с.

8. Шарифзода А. Эмомалӣ Раҳмон ва ҷомеаи ҷаҳон. – Душанбе, 2011. – 372 с.

9. Шарифзода, А. Эмомалӣ Раҳмон наҷотбахши миллат (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1992). Китоби 1. Нашри дуюм. / А. Шарифзода, С. Фаттоев.–Душанбе: Ирфон, 2011. – 372 с.

10. Эмомалӣ Раҳмон – бунёнгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон. / Зери назари Ҳ. Зарифӣ. – Душанбе, 2012. – 272 с.

11. Маълумотномаи муфассали муносибатҳои дуҷониба байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Штатҳои Муттаҳидаи Америка // Бойгонии ҷории Раёсати кишварҳои Аврупо ва Америкаи Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон

12. Америка будет больше помогать // Азия-плюс. -2002. -4 апр. - №14 (115).

13. Америка выражает благодарность Рахмонову // Азия-плюс. - 2002. - 10 янв. - №2 (103).

14. Встречи Эмомали Рахмонова в Вашингтоне // Народная газета. - 1999. - 29 апр. - №17 (19092).

15. Мулоқоти Э. Раҳмонов бо вазири мудофиаи ИМА // Ҷумҳурият. - 2001. - 10 нояб. - №131-132 (20411).

16. Номаҳои самимӣ // Ҷумҳурият. - 1993. - 23 фев. - №25(18764).

17. Номаҳои шодбош // Ҷумҳурият. - 2002. - 12 март. - №29 (20 463).

18. Пребывание Эмомали Рахмонова в США // Народная газета. -1997. - 10-17 окт. - №41 (19013).

19. Сафари расмии Эмомалӣ Раҳмонов ба ИМА // Садои мардум. - 2002. - 18 дек. - №123-124 (1495-1496).

20. Суҳбати телефонии Сарвари давлат // Садои мардум. - 2001. - 6 окт. - №80 (1353).

21. Эмомалӣ Раҳмонов дар Вашингтон // Ҷумҳурият. - 1999. - 24 апр. - №33 (20.103).

# ПРОЧНОЕ ПАРТНЕРСТВО ТАДЖИКИСТАНА С СОЕДИНЕННЫМИ ШТАТАМИ АМЕРИКИ: ИСТОРИЯ СТАНОВЛЕНИЯ, СОДЕРЖАНИЕ И ПЕРСПЕКТИВЫ СОТРУДНИЧЕСТВА

**Часть 1**

**ШАРИФЗОДА АБДУФАТТОХ АБДУВАХХОБ,**
доктор исторических наук, профессор, член-корреспондент
Национальной Академии наук Таджикистана
734025, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 33;
e-mail: abdufattoh@yahoo.co.uk

**ШАРИФЗОДА ФИРДАВС АБДУФАТТОХ,**
первый секретарь Министерства иностранных дел
Республики Таджикистан, кандидат исторических наук
734001, Таджикистан, город Душанбе, ул. Шероз 33;
e-mail: firdavs.sharifzoda@mfa.tj

*Статья посвящена обзору истории становления и динамики развития многоплановых взаимоотношений между Таджикистаном и Соединенными Штатами Америки в течение 32 лет дипломатических отношений. Авторы анализируют и обосновывают научными фактами значение, содержание и результаты событий и мероприятий в рамках сотрудничества двух стран, в том числе официальных и рабочих визитов Президента Таджикистана в Вашингтон и Нью-Йорк и визитов высокопоставленных представителей США в Душанбе, а также процесс развития политического диалога, экономических и инвестиционных связей. Статья завершается с упором на необходимость дальнейшего углубления и расширения комплекса взаимовыгодного сотрудничества между двумя странами в различных областях. При написании статьи использовались книги и газеты о внешнеполитической деятельности Президента Республики Таджикистан и публикации Министерства иностранных дел, научные работы и научно-популярная литература, а также другие отечественные и зарубежные электронные издания, информационные и статистические материалы.*

***Ключевые слова:*** *Таджикистан, Соединенные Штаты Америки, международные отношения, внешняя политика, история, Президент Таджикистана, экономическое и гуманитарное взаимодействие, обмен визитами, ежегодные двусторонние консультации, политический диалог, партнерство в области безопасности, формат «С5+1».*

## SUSTAINABLE PARTNERSHIP OF TAJIKISTAN WITH THE UNITED STATES OF AMERICA: HISTORY OF FORMATION, CONTENT AND PROSPECTS OF COOPERATION
## Part 1

**SHARIFZODA ABDUFATTOH ABDUVAHNOB,**
doctor of historical sciences, professor, corresponding member
of the National Academy of Sciences of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 33;
e-mail: abdufattoh@yahoo.co.uk

**SHARIFZODA FIRDAVS ABDUFATTOH,**
First Secretary of the Ministry of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan, candidate of historical sciences
734001, Tajikistan, Dushanbe city, Sheroz str. 33;
e-mail: firdavs.sharifzoda@mfa.tj

*The article overviews the history of formation and dynamics of development of multifaceted relationships between Tajikistan and the United States of America throughout 32 years of diplomatic relations. The authors analyze and substantiate with scientific facts the importance, content and results of events and activities within the framework of cooperation between the two countries, including official and working visits of the President of Tajikistan to Washington and New York and visits of high-ranking US representatives to Dushanbe, as well as the process of developing political dialogue, economic and investment ties. The article concludes with an emphasis on the need to further deepen and expand the range of mutually beneficial cooperation between the two countries in various fields. When writing the article, books and newspapers about the foreign policy activities of the President of the Republic of Tajikistan and publications of the Ministry of Foreign Affairs, scientific works and popular science literature, as well as other domestic and foreign electronic publications, information and statistical materials were used.*

***Keywords:*** *Tajikistan, United States of America, international relations, foreign policy, history, President of Tajikistan, economic and humanitarian interaction, exchange of visits, Annual Bilateral Consultations, political dialogue, security partnership, C5+1 format.*

УДК: 323.3

# ТАШАККУЛЁБИИ САМТҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ ИҶТИМОИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛ

**МАҲМАДИЗОДА НОЗИМ ДАВЛАТМУРОД,**
доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултаи фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17;
тел.: (+992) 918-99-70-90; e-mail: nozim2985@mail.ru

**ҚУРБОНЗОДА ДАЛЕР ҚУРБОН,**
унвонҷӯйи кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
735360, Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16;
тел.: (+992) 988-05-07-03; e-mail: juraev.daler.1995@mail.ru

*Сиёсати иҷтимоӣ яке аз самтҳои муҳимтарини фаъолияти ниҳодҳои давлатию ҷамъиятӣ ба шумор рафта, вобаста ба тағйирёбии сохтори ҷамъиятӣ шакли зоҳиршавии он низ дигаргун мегардад. Асоси ин тамоюлотро тағйирёбии талаботи қишрҳои гуногуни ҷомеа ва ба вуҷуд омадани гурӯҳҳои нави иҷтимоӣ ташкил медиҳад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар натиҷаи пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ истиқлоли давлатии худро ба даст оварда, ҳамзамон, ба масъалаи ташаккулёбии давлати соҳибистиқлоли худ оғоз намуд. Бо ду сабаб Ҷумҳурии Тоҷикистонро лозим омад, ки сиёсати иҷтимоии худро натанҳо дар мадди аввал гузорад, балки онро бознигарӣ карда, ба талаботи давру замон мутобиқ созад, то ки барои қонеъ намудани ниёзҳои мардум хизмат карда тавонад. Аввал ин, ки баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сохтори сотсиалистию коммунистӣ ба сохтори сармоядорию демократӣ ворид гардид. Чунин ҳолат тақозои онро менамояд, ки модели сиёсати иҷтимоии давлат бо сохтори ҷамъиятии кишвар мутобиқ гардонида шавад. Дуюм ин, ки дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанги шаҳрвандӣ сар зад ва тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, бахусус ҳаёти иҷтимоии ҷомеа, ба буҳрони шадид мувоҷеҳ гардид. Зери таъсири буҳронҳои иқтисодӣ бошад, сатҳи камбизоатӣ дар кишвар рӯ ба афзоиш ниҳод. Дар чунин шароит сиёсати иҷтимоие лозим буд, ки кишварро аз буҳронҳои иҷтимоию иқтисодӣ бароварда тавонад. Бо ин мақсад Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолии кишвар барномаҳо ва ҳадафҳои стратегии дарозмуддату миёнамуҳлат қабул намуда, самтҳои муҳимтарини сиёсати иҷтимоии давлатро ташаккул додаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *сиёсати иҷтимоӣ, масъалаҳои иҷтимоӣ, рушди иҷтимоии ҷомеа, давлати иҷтимоӣ, равандҳои демографӣ, оила ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ, тандурустӣ, маориф.*

Баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ташаккулёбӣ ва амалишавии сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба монанди давлатҳои дигари пасошӯравӣ дар давраи хеле ҳассос ба амал омад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин раванд хусусиятҳои хосси худро дошт, ки дар солҳои минбаъдаи давлатдорӣ таъсири худро ба самтҳои гуногуни сиёсати иҷтимоии мамлакат расонид. Аз як ҷониб, дар натиҷаи пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ робитаҳои иҷтимоию иқтисодии кишварҳои собиқ Шуравӣ канда шуда, шиддати иҷтимоиро дар ҷомеа бештар гардонид. Аз ҷониби дигар, фалаҷ гардидани механизмҳои татбиқи сиёсати иҷтимоии сохтори пештараи коммунистӣ имкон намедод, ки мақсадҳои нав дар амал татбиқ гарданд. Зеро кишвар ба сохтори комилан дигар ворид гардида буд. Аммо аз ҳама бештар омили таъсиррасон ба вазъи иҷтимоии кишвар ҷанги шаҳрвандӣ буд, ки на танҳо вазъи иҷтимоию иқтисодии кишварро хароб сохт, балки рушди давлатдорию хоҷагидориро даҳсолаҳо ба қафо кашид. Бинобар ин, зимни таҳлилу таҳқиқи сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон омилҳои номбаргардида бояд ба инобат гирифта шаванд.

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, дар муддати 32 соли давраи соҳибистиқлолӣ дар ҳаёти иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд. Ба ибораи дигар, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сарвари давлат ба ҳамаи мушкилоти мавҷуда нигоҳ накарда, тавонистанд, ки дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоии кишвар ва бахусус, дар ташаккули сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми арзанда гузоранд. Тайи ду даҳсолаи охир сиёсати иҷтимоӣ ҳамчун омили муҳимтарини рушди сармояи инсонӣ ҷиҳати пойдории давлатдории миллӣ марҳала ба марҳала беҳтару хубтар карда мешавад. Дар ин давра давлату ҳукумат стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатиро пайгирӣ намуда, дар заминаи сиёсати иҷтимоии муваффақ дар ин самт ба натиҷаҳои назаррас ноил мегарданд. Ташкили ҷойҳои корӣ, танзими муҳоҷирати меҳнатӣ, танзими даромад ва хароҷоти пулии аҳолӣ, пардохти нафақаю кумакпулиҳо, сохтмони иншооти иҷтимоӣ, ҳифзи саломатии аҳолӣ, рушди соҳаҳои илму маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва беҳтар кардани ҳифзи муҳити зист дар маркази диққати давлату ҳукумат қарор дошта, дар ин самтҳо барномаҳо ва стратегияҳои гуногуни давлатӣ қабул ва татбиқ гардида истодаанд.

Сиёсати иҷтимоии давлат аз конститутсияи он оғоз мегардад. Аз ин рӯ, дар конститутсияи аксари давлатҳои замони муосир принсипҳои асосии сиёсати иҷтимоӣ муқаррар карда шудаанд. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ самтҳои иҷтимоии рушди давлатдорӣ мустаҳкам карда шудаанд. Дар моддаи якуми Конститутсияи кишвар Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати ҳуқуқбунёд, соҳибихтиёр, демократӣ, дунявӣ ва ягона эълон гардидааст. Дар

қисми дуюми моддаи якуми Конститутсия инчунин, Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ номида мешавад. Аммо дар маҷмуъ, гуфтан мумкин аст, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон натанҳо принсипҳои асосии сиёсати иҷтимоӣ, балки принсипҳои асосии муносибатҳои мутақобилаи шахс, ҷомеа ва давлат низ муқаррар гардидаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оила ва кӯдак зери ҳимояи давлат қарор доранд. Ҳуқуқ ба меҳнат аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад, барои шуғли аҳолӣ шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Дар умум, шаҳрвандони кишвар ҳуқуқ доранд, ки манфиатҳои иҷтимоию иқтисодии худро ҳимоя созанд ва ташаккули чунин механизмро давлат ба шаҳрвандон кафолат медиҳад. Ғайр аз ин, ҳамаи шаҳрвандон ҳуқуқи истироҳат кардан, ҳифзи солимӣ ва ҳифзи иҷтимоии давраи пиронсолиро доранд. Тибқи муқарраротӣ конститутсия, ҳар як шаҳрванд барои ба даст овардани манзил, таҳсилот, дастовардҳои фарҳанг ва муҳити солим ҳақ дорад. Ҳуқуқ ба моликияти хусусӣ, баробарҳуқуқии шаклҳои гуногуни моликият, озодона амалӣ намудани ташаббусҳои шаҳрвандӣ, имкони ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул гардиданро давлат кафолат медиҳад.

Рушди минбаъдаи сиёсати иҷтимоӣ ва ҳалли масъалаҳои ҳаёти иҷтимоии кишвар дар сиёсати пешгирифтаи давлату ҳукумат, бахусус, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста дунболагирӣ мешавад. Аз ҷумла Президенти мамлакат дар асари худ «Уфуқҳои истиқлол» қайд намудаанд, ки «бояд мавқеи кишварамон дар соҳаи сиёсати иҷтимоӣ, аз ҷумла рушди илм, маориф, фарҳанг, тандурустӣ, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, фароҳам овардани шароит барои татбиқи имкониятҳои шахсӣ, кафолати ҳуқуқ ва манфиатҳои инсон, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, самарабахшии идоракунии давлатӣ, таъмини сатҳи зарурии қобилияти истеҳсолии кишвар ҳамеша устувор бошад. Ҳалли ин масъалаҳо яке аз омилҳои муҳими таъмини суботи иҷтимоӣ дар мамлакат ба шумор меравад» [19, с.212]. Воқеан ҳам рушди соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ва таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ аз суботи иҷтимоии кишвар ва рушди сиёсати иҷтимоии давлат вобастагии зиёд дорад. Идоракунии сармояи инсонӣ, захираҳои инсонӣ ва умуман, омили инсонӣ дар ҳар як кишвар масъалаҳои меҳварии сиёсати давлатӣ мебошанд. Бинобар ин, рушди сиёсати иҷтимоӣ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ дар марҳалаҳои гуногуни давлатдорӣ натанҳо мубрам боқӣ мемонад, балки дурнамои рушди мамлакатро аз худ вобаста менамоянд.

Аз таҳлилу баррасии моҳияти сиёсати иҷтимоӣ маълум гардид, ки дар муқоиса бо дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ сиёсати иҷтимоӣ доираи васеи самтҳои фаъолиятро дар бар мегирад ва ба паҳлуҳои зиёди ҳаёти одамон дахл дорад. Масъалаҳое, ки бо тақсими дастаҷамъонаи неъматҳои моддӣ алоқаманданд, истифодаи баробари онҳо, банақшагирӣ, ташкили ҳаёти дастаҷамъона бо назардошти манфиатҳои қишрҳои гуногуни ҷомеа ва умуман

таъмини некуаҳволии ҷомеа масъалаҳое мебошанд, ки тавассути механизмҳои татбиқи сиёсати иҷтимоӣ бояд ҳаллу фасл гарданд [17, с.137]. Бинобар ин, барои оне, ки хусусиятҳои ташаккул ва татбиқи амалии сиёсати иҷтимоӣ хубтару беҳтар нишон дода шаванд, зарур аст, ки дар навбати аввал самтҳои он муайян шаванд. Аммо анҷом додани чунин амал кори саҳл нест. Зеро сиёсати иҷтимоӣ доираи васеи масъалаҳои ҳаёти шахсони алоҳида ва ҳаёти ҷамъиятиро фаро мегирад. Аз ҳимояи қишрҳои осебпазири ҷомеа–маъюбон, шахсони бепарастор, гурезагон, камбизоатон ва ғайра сар карда, то таъмини рушди муназзами ҷомеа вазифаҳои сиёсати иҷтимоӣ ба шумор меравнд.

Мутахассисони соҳа бо истифода аз меъёрҳои мухталифи баҳогузорӣ самтҳои гуногуни сиёсати иҷтимоиро нишон медиҳанд. Як гурӯҳ олимон таҷрибаи кишварҳои аврупоиро таҳлил намуда, чунин масъалаҳо, ба монанди таъминоти иҷтимоӣ, тандурустӣ, таҳсилот, шароити манзил ва шуғли аҳолиро самтҳои асосии сиёсати иҷтимоӣ номидаанд [4]. Гурӯҳи дигари олимон сиёсати иҷтимоии кишварҳои пасошуравиро таҳлил намуда, номгӯйи хеле васеи самтҳои сиёсати иҷтимоиро пешинҳод кардаанд: сатҳу сифати зиндагӣ, даромади аҳолӣ, некуаҳволии мардум; соҳаи меҳнат ва муносибатҳои меҳнатӣ, масъалаҳои шуғли аҳолӣ; сиёсати экологӣ; самтҳои алоҳидаи рушди ҳаёти иҷтимоӣ, аз қабили маориф, тандурустӣ, илм, фарҳанг, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш; инфрасохтори муосир, аз қабили манзил, нақлиёт, роҳҳо, алоқа, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; танзими муҳоҷират ва қишрҳои гуногуни ҷомеа: оила, ҷавонон, занону духтарон, пиронсолон, маъюбон, ятимон ва ғайра [15,11]. Гурӯҳи дигари мутахассисон бар он назаранд, ки кумак намудан ба камбизоатон ва мубориза бо камбизоатӣ, рушди бимаи (суғуртаи) иҷтимоӣ, кор бо ҷавонон, беҳтар намудани шуғли аҳолӣ, бештар намудани шахсони аз лиҳози иҷтимоию иқтисодӣ мустақил вазифаҳои муҳимтарини сиёсати иҷтимоӣ мебошанд [2].

Ҷойи дигар пешниҳод менамоянд, ки самтҳои сиёсати иҷтимоӣ бояд ба таври зерин бошад: тандурустии аҳолӣ ва бимаи (суғуртаи) ҳатмии тиббӣ; дастгирии оила ва кудак; таъминоти аҳолӣ бо манзили зист, хизматрасонии коммуналӣ ва маишии аҳолӣ; дастгирии пиронсолон ва маъюбон; хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба аҳолӣ; ҳифзи муҳити зист ва ғайра. Боз ҳастанд нафароне, ки сиёсати андозбандӣ ва низоми ҷамъоварии андоз, соҳаи шуғли аҳолӣ, даромадҳои аҳолӣ, танзими тафовути қишрҳои гуногуни ҷомеаро самтҳои асосии сиёсати иҷтимоӣ меноманд [16, 56].

Чӣ гунае мушоҳида мегардад, олимону муҳаққиқон самтҳои сиёсати иҷтимоиро дар дараҷаҳои гуногун нишон медиҳанд. Дидан мумкин аст, ки самтҳои сиёсати иҷтимоӣ аввал ин, ки гурӯҳбандии ягона надорад, дуюм ин, ки такроршавии онҳо бештар аст. Аз ин рӯ, самтҳои сиёсати иҷтимоиро агар вобаста ба соҳаҳои фаъолият ва таркиби демокрафии аҳолӣ тавсиф намоем, ба

мақсад мувофиқ мегардад. Дар мувофиқа бо соҳаҳои фаъолият самтҳои сиёсати иҷтимоиро ба таври зерин нишон додан мумкин аст: дар соҳаи муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ; дар соҳаи ҳифзи саломатӣ; дар соҳаи таҳсилот; дар соҳаи фарҳанг ва фароғат; дар соҳаи таъмини манзил; дар соҳаи муҳити зист. Аз рӯйи таркиби демографии аҳолӣ бошад, самтҳои сиёсати иҷтимоӣ чунин муайян карда мешаванд: сиёсати иҷтимоӣ дар муносибат ба кӯдакон ва наврасон; дар муносибат ба ҷавонон, занон, калонсолон, маъюбон, коргарон ва ғайра. Чунин муносибат имкон медиҳад, ки ҳамаи масъалаҳои ба гурӯҳи демографӣ дахлдошта муайян карда шуда, новобаста ба он, ки танзими онҳо ба фаъолияти кадом мақомот дахл дорад, роҳи ҳалли онҳо муайян карда шаванд.

Ба таври мушаххас нишон додани дараҷаҳои сиёсати иҷтимоӣ натанҳо барои анҷом додани таҳқиқоти илмӣ мувофиқ мебошад, балки барои татбиқи амалии принсипҳои сиёсати иҷтимоӣ аҳамиятнок аст. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар зинаҳои гуногун барномаҳои гуногуни иҷтимоиро таҳия намуда, масрафи буҷаи давлатиро ба нақша гирифта, самтҳои фаъолияти худро ташаккул медиҳанд. Барномаҳои давлатӣ маҷмуи чорабиниҳое мебошанд, ки хусусияти иҷтимоию иқтисодӣ, истеҳсолӣ, илмию таҳқиқотӣ, техникию технологӣ дошта, дар заминаи фаъолияти субъектҳои мушаххас ва бо истифодаи ресурсҳои ҷудошуда барои ҳалли масъалаҳои дарозмуддат ва дорои аҳамияти стратегӣ қабул мегарданд [6, 301]. Аз ин рӯ, яке аз механизмҳои асосии татбиқи сиёсати иҷтимоиро барномаҳои иҷтимоии давлатӣ ташкил медиҳанд.

Таъмин намудани аҳолӣ бо хизматрасониҳои босифати тиббӣ ва ҳифзи солимии ҷомеа, ташкил намудани тарзи ҳаёти солим барои сокинони кишвар вазифаҳои муҳимтарини иҷтимоии давлат ба шумор мераванд. Бо дарки чунин муҳиммият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ба рушди соҳаи тандурустӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. Зеро Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ бо мушкилоти ҷиддии иҷтимоӣ мувоҷеҳ шуда буд. Аз ҷумла баланд шудани сатҳи камбизоатӣ ва паҳн гардидани бемориҳои сироятӣ дар байни аҳолӣ Ҳукумати мамлакатро ба ташвиш андохта буданд. Бо мақсади беҳтар намудани ҳифзи солимии аҳолӣ дар навбати аввал зиёд кардани маблағгузорӣ дар соҳаи тандурустӣ ба роҳ монда шуда буд. Масалан, ҳаҷми умумии буҷаи соҳаи тандурустӣ дар давоми солҳои Истиқлоли давлатӣ аз 956 ҳазор рубл (соли 1992) ба 1263,9 млн сомонӣ (соли 2016) расидааст. Харҷи умумии давлатие, ки ба соҳаи тандурустӣ сарф гардидааст, дар соли 2000-ум 16,9 млн. сомонӣ (6,5 дарсад нисбат ба хароҷоти умумии давлатӣ) ва дар соли 2016-ум 1263,9 млн сомонӣ (6,8 дарсад нисбат ба хароҷоти умумии давлатӣ)-ро ташкил медиҳад [19, 251].

Дар самти беҳтаргардонии хизматрасониҳои тиббӣ бо дарназардошти афзоиши мутаносиби аҳолӣ омода намудани мутахассисони соҳаи тандурустӣ ва бештар намудани муассисаҳои тандурустии давлатию хусусӣ нақши хеле муҳим бозидаанд. Бо ин мақсад бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Консепсияи ислоҳоти таҳсилоти тиббӣ ва фарматсевтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва "Барномаи рушди Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино дар солҳои 2010-2020" қабул гардидаанд. Дар ин давра қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тибби оилавӣ" дар ҳифзи солимии ҷомеа нақши муҳим бозид. Инчунин, бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Стратегияи миллии сиҳатии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020" ва "Нақшаи стратегии азнавсозии муассисаҳои тандурустии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2011-2020" тасдиқ шудаанд.

Агар соли 1991 шумораи умумии муассисаҳои тандурустии давлатӣ ҳамагӣ 2862 адад бошанд, пас соли 2016 онҳо ба 3863 адад расиданд. Дар ин давра тибби хусусӣ низ рушд намуда, шумораи умумии муассисаҳои хусусии тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2018 зиёда аз 541 ададро ташкил медиҳанд [19, 255]. Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 январи соли 2016 қайд намуданд, ки солҳои охир нишондиҳандаи фавти модарон ҳангоми таваллуд 1,8 баробар ва фавти кӯдакон 2,7 маротиба кам гардида, хавфи паҳншавии бемориҳои хатарноки сироятӣ бартараф карда шуд [12].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳи дуюми самтҳои сиёсати иҷтимоиро вазъи иҷтимоии гурӯҳҳои демографӣ ташкил медиҳад. Дар ин замина мушоҳида кардан мумкин аст, ки сиёсати давлатии ҷавонон, занон, пиронсолон, кудакон, ятимон, маъюбон, коргарон, бекорон, муҳоҷирон ва ғайра ташаккул меёбад. Аксари масъалаҳои демографиро дар доираи таҳлилу баррасии масоили оила ва муҳоҷират нишон додан мумкин аст. Зеро дар марҳалаи кунунии рушди ҷомеаи тоҷик рушди оила ва танзими равандҳои муҳоҷират масъалаҳои мубрами сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбанд.

Дар сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзу ҳимояи оила ва кӯдак мақоми хосса доранд. «Оила – ин гурӯҳи одамонест, ки бо якдигар бо никоҳ, алоқаи хунӣ ё фарзандхонӣ алоқаманд буда, хоҷагидории якҷояро пеш мебаранд, дар нақшҳои оилавӣ ҳамкорӣ менамоянд ва фарҳанги меросиро нигоҳ медоранд, ба он хусусиятҳои нави якҷоя коркарднамударо ворид менамоянд» [1, 179].

Ҳар як ҷомеа дар раванди рушду инкишофи худ дорои хусусиятҳои хос мебошад, ки ҳамаи он аз амалӣ намудани сиёсати иҷтимоӣ бармеоянд. Дар ҳолати ба инобат нагирифтани ин хусусиятҳо баҳогузории нақш ва аҳаммияти оила душвор ва ғайриимкон аст.

Дар оилаҳои ҷомеаи анъанавӣ ҳуқуқ ва уҳдадориҳо дар аввал дар байни ҳамаи аъзои он тақсим карда мешуданд ва ҳама бешубҳа, ин қоидаҳоро риоя мекарданд. Ин ба тақсимоти табиии меҳнат асос ёфта буд. Ба таври анъанавӣ оила танҳо барои занон соҳаи шуғл ҳисобида мешуд, дар ҳоле ки масъулиятҳои дигари мардон асосан берун аз оила мутамарказ мешуданд. Аз ин рӯ, вобаста ба сатҳи рушди ҳаёти ҷамъиятӣ дар ҳар як кишвар муносибатҳои оилавӣ хусусиятҳои хосси худро доро мебошанд. Ин хусусиятҳо бо ҳаёти ҳар як халқ, миллат ва давлат алоқамананданд. Хусусиятҳои сиёсати иҷтимоӣ дар Тоҷикистон аз ин шаҳодат медиҳанд.

Сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибихтиёр дар он зоҳир мегардад, ки имрӯз дар мамлакат тақрибан 57 намояндаи миллат ва халқиятҳо зиндагӣ мекунанд. Намояндагони ҳамаи ин миллату халқҳо дар татбиқи сиёсати иҷтимоии Тоҷикистон муттаҳид мебошанд. Масалан, имрӯз дар Тоҷикистон, ки давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ мебошад, сиёсати иҷтимоӣ дар заминаи тағйирёбии ҷомеа амалӣ мегардад. Бояд қайд намуд, ки ин як раванди хеле душвор, мураккаб ва пурихтилоф аст.

Имрӯз масъалаи моҳияти иҷтимоӣ, нақш ва мақоми оила дар ҷомеа дар маркази диққати олимон, давлату ҳукумат ва мақсадҳои стратегии онҳо қарор доранд. Солҳои охир масъалаҳои оила ва муносибатҳои оилавӣ аз тарафи олимони Ҷумҳурии Тоҷикистон низ баррасӣ гардидаанд. Ин масъалаҳо дар корҳои чунин олимон, ба монанди Н.А. Нуров, С.О. Юнусова, Ш. Ҳакимова, С.В. Паленина ва дигарон [9; 13; 18; 20] ба дараҷаи кофӣ таҳқиқ гардидаанд. Ин муаллифон ба таври муфассал мақом ва нақши оиларо дар рушди сиёсати иҷтимоии ҷомеа баррасӣ ва таҳлил намудаанд. Муҳаққиқ С.О. Юнусова дар таҳқиқоти худ нақш ва мақоми иҷтимоию ҷамъиятии оиларо таҳлил намуда, қайд менамояд, ки «Солимии ҷомеа, беҳбудии оила, рушди миллат аз бисёр ҷиҳат аз тандурустии модар, аз шуурнокӣ, маълумотнокӣ ва хариди ӯ вобаста аст. Дар ин самти стратегӣ ҳанӯз корҳои зиёдро ба сомон расонидан зарур аст, ки ҳаёти ҳаррӯзаи зани тоҷик аз ташвишҳо озод гардад ва эҳсос намояд, ки ба ҳаёти муқаррарӣ ва солим ҳуқуқ дорад» [20, 56].

Дар моддаи 33-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд гардидааст: *«Давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоя мекунад. Ҳар кас ҳуқуқи ташкили оиларо дорад. Мардон ва занон, ки ба синни никоҳ расидаанд, ҳуқуқ доранд озодона ақди никоҳ банданд. Дар оиладорӣ ва бекор кардани ақди никоҳ зану шавҳар баробарҳуқуқанд. Бисёрникоҳӣ манъ аст»* [5].

Моддаи 34-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад, ки *«Модару кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлатанд»* [5]. Ҳамин тариқ, ҳолати мазкур кафолати давлатро нисбати модар ва кӯдак таъкид менамояд. Муқаррароти дигари Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолатҳои умумии баробариро дар ҳуқуқ ба иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва

идораи давлатӣ (моддаи 27), ҳуқуқ ба моликият ва мерос (моддаи 32), ҳуқуқ ба меҳнат ва пардохти музди баробар барои иҷрои кори якхела (моддаи 35), ҳуқуқи ҳифзи саломатӣ (моддаи 38), кафолати таъмини иҷтимоӣ (моддаи 39) ва ҳуқуқи таҳсил (моддаи 41) муқаррар месозад. Принсипи конститутсионии баробарҳуқуқии мардон ва занон ва кафолатҳои конститутсионии баробарии ҳуқуқҳои инсон, ки дар боло зикр шудаанд, дар ҳамаи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карда шудаанд.

Дар ин радиф, дар ҳалли масъалаҳои оила ва рушди муназзами он сиёсати иҷтимоӣ аҳаммияти бузург дорад. Маълум аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса бо дигар кишварҳои ИДМ дорои як қатор хусусиятҳо мебошад. Таҷрибаи амалӣ нишон медиҳад, ки масъалаи оила дар рушди ҳар як давлат, махсусан Тоҷикистон, аҳаммияти муҳим дорад.

Ба назар чунин мерасад, ки таҳлили ҷанбаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ ва маънавӣ-идеологии ташаккул ва рушди оила ва муносибатҳои оилавӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ниҳоят зарур аст. Диққати асосӣ ба таҳлилу баррасии раванди рушди оила ва муносибатҳои оилавӣ дар шароити тағйирпазирии рушди таърихӣ равона карда мешавад.

Таҷрибаи иҷтимоӣ исбот намудааст, ки оила яке аз сарчашмаҳои асосии мавҷудияти инсон дар ҷомеа ба ҳисоб меравад. Ҳеҷ як ҷомеаи инсонӣ наметавонад ба таври мавзун рушд намояд, ба ҳолати нисбатан баланд ҳаракат кунад, агар дар он нақши зан паст гардида бошад ва муносибати баробари ду оғози якдигарро пурракунанда–мард ва зан таъмин нагардида бошад. Чӣ тавре маълум аст, дар ин самт оила нақши муҳимро мебозад.

Оила дар як ҳолат бо пайдоиши инсон ба миён омадааст. Дар алоқамандӣ бо ин Карл Маркс қайд намудааст, ки “хишти” аввалин, ки аз он ҷомеа бунёд карда мешавад, оила ба ҳисоб меравад. Ӯ чунин навиштааст: “Оила дар шакли хурд он тасвири мухолифат ва зиддиятҳоро, ки дар онҳо ҷомеа ҳаракат менамояд, пешниҳод менамояд” [7, 70]. Дар асоси андешаҳои Карл Маркс метавон қайд намуд, ки оила ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъсири фаъол мерасонад.

Таҷрибаи ҷомеаи ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳад, ки аз вазъияти оила ҳамчун иҷтимоӣ суръати ислоҳот дар кишвар, устуворӣ ва дурнамои он вобаста аст, зеро оила миёнарави алоқамандкунандаи байни муносибатҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва идеологӣ, танзимгари маънавӣ-психологӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳлили ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ нишон медиҳад, ки яке аз масъалаҳои муҳими ҷомеаи муосир ташаккули тарзи солими ҳаёт, бунёди шароити мусоид барои солимии модар ва кӯдак, инчунин бунёди оилаи солим ба ҳисоб меравад. Масъалаи мазкур, пеш аз ҳама, ба беҳтарнамоии доимии сатҳ ва сифати ҳаёти аҳолӣ, ҳимояи солимии зан ва модарон, баланд намудани сатҳи маърифати онҳо, тарбияи насли солим, яъне оилаи солим таaллуқ дорад. Оила асоси ҷомеа,

сарчашмаи тарбияи ҷисмонӣ ва маънавии шахсият, инчунин идомадиҳандаи насл шуморида мешавад. Агар беҳбудӣ ва устувории ҷомеа бо оромии ҳар як оила алоқаманд бошад, пас беҳбудии ҳар як оила, дар навбати худ, бо оғози бунёдкорона, сатҳи маърифатнокӣ ва солимии занону модарон алоқаманд аст.

Нақши модар, махсусан дар тарбия, омӯзиши забон, таърих, фарҳанг, донишҳои муосир ва умуман дар тарбияи маънавии кӯдак муҳим дониста мешавад. Аз ин рӯ, дар хотир бояд дошт, ки волидайн, махсусан, модари имрӯза кӯдакони худро тарбия намуда, дар як ҳолат таърихи ояндаи Ватани худро бунёд менамояд, бар замми ин, ояндаи таърихи инсониятро бунёд месозад. Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки худи модарон бояд маърифатнок ва маълумотнок бошанд, ҷаҳонбинии васеъ дошта бошанд, то ки дар тарбияи маънавӣ-ҷисмонӣ ва омода намудани кӯдак ба ҳаёти мустақилона нақши онҳо назаррас гардад.

Соли 1999 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа қабул гардид. Фармони мазкур масъалаҳои таҳияи барнома дар бораи нақши занон дар ҷомеа, таъйин намудани занон ба вазифаҳои ҳайати роҳбарикунандаи вазорату идораҳо, тақвият додани мубориза бо зӯроварӣ нисбати занон, бисёрзанӣ ва маҳдудсозии ҳуқуқҳо ва озодиҳои занон ва духтарон, инчунин тақвияти тайёр кардани кадрҳо аз ҳисоби занон аз рӯи чунин касбҳо, ба мисли агроном, иқтисодчӣ, муҳандис, табиб ва омӯзгорро дар бар мегирифт. Ҷиҳати иҷрои ин фармон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2001 Барномаи давлатии «Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001-2010» тасдиқ гардид, ки як қатор масъалаҳоро доир ба таъмини ҳуқуқҳои баробари мардон ва занон, нақши зан дар сиёсат, иқтисодиёт, оила ва пешгирии зӯроварӣ нисбати занро дар бар гирифта, як қатор санадҳои хусусияти барномавидошта, аз ҷумла дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқҳои модар, кӯдак, солимии репродуктивӣ қабул карда шуд, ки ҳуқуқҳои баробари мардон ва занонро кафолат медиҳанд.

Аъзои тарбиядида, соҳибмаълумот ва фарҳангии ҷомеа, пеш аз ҳама, падару модарони худро эҳтиром намуда, инчунин, вазифаи инсонӣ ва қарзи фарзандии худро иҷро мекунанд, зоҳир намудани ҳисси меҳру муҳаббатро нисбати сарзамини худ ва арзишҳои муқаддаси Ватан вазифаи худ мешуморанд. Аз ин хотир тарбия ва таълими кӯдакон, пеш аз ҳама, вазифаи муқаддаси падару модар, сипас мактаб ва ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Таҷрибаи амалии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки тарбия ва таълими кӯдакон ва наврасон яке аз вазифаҳои асосии сиёсати иҷтимоии давлат ба ҳисоб меравад. Бо дарназардошти мавҷудияти мушкилот дар ин самт, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои мушаххасро роҳандозӣ намудааст. Дар натиҷа, барои баланд намудани масъулияти волидайн дар таълим ва

тарбияи кӯдакон, мустаҳкам кардани робитаи байни оила ва мактаб, пас аз муҳокимаи умумӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар борои масъулияту падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” қабул карда шуд, ки аз рӯйи таҳлил ва ақидаи ҳуқуқшиносон падидаи нодир аст. Мақсади асосии қабули ин қонуни миллӣ дар он зоҳир мегардад, ки насли солим бо тарбияи маънавӣ тарбия карда шавад ва минбаъд дар заминаи рушди шахсияти маънавии онҳо мутахассисони баландихтисос тайёр карда шаванд.

Нақш ва мақоми оиларо дар рушди сиёсати иҷтимоӣ дар шароити тағйирпазирии ҷомеа баррасӣ намуда, қайд кардан зарур аст, ки давлат ҳамеша барои зарурати иштироки занон дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеа, рушди иқтисоди миллӣ тадбирҳои зарурӣ меандешад. Лекин барои амалӣ намудани ин зарур аст, ки шароити мусоид ба вуҷуд оварда шавад. Рушди оила ҳалли проблемаҳои зеринро талаб менамояд: Барои муваффақ шудани як зани ҷавон бо ду ё се фарзанди ноболиғ дар ин самт чӣ лозим аст? Барои ин, вай бояд дар нигоҳубини фарзандони хурдсоли худ ором ва дилпур бошад. Инро танҳо дар сурате ба даст овардан мумкин аст, ки агар дар шаҳрҳо ва деҳот муассисаҳои томактабии муосир дар сатҳи зарурӣ фаъолият кунанд. Чунин муассисаҳо бояд ба тарбияи зеҳнӣ ва ҷисмонии кӯдак саҳм гузошта, ӯро ба мактаб омода созанд. Ин масъалаи хеле муҳим аст. Вазорати маориф ва илм, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бояд барои таҳияи сиёсати иҷтимоӣ ва қарорҳои он чораҳои зарурӣ андешанд. Ба ин кор, яъне ташкили муассисаҳои томактабӣ бояд соҳибкорон ва дигар сарпарастон ҷалб карда шаванд. Бо рушди шабакаи муассисаҳои томактабӣ, аввалан, таълим ва тарбияи фарзандони хурдсоли коргарон фаро гирифта мешавад, сониян, садҳо ҷойҳои нави корӣ фароҳам оварда мешаванд.

Дар алоқаманди бо ин, Президенти кишвар мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2015 ба Кумитаи кор бо занон ва оила коркарди барномаи махсуси омода кардани мутахассисон аз ҳисоби занон ва таъмини шуғли онҳоро барои солҳои 2015-2020 супориш доданд [11].

Сиёсати иҷтимоӣ ва натиҷаи амалии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ба мақоми занон давомнокии муҳоҷирати меҳнатии мардон таъсир мерасонад, ки боиси афзудани сарбории корӣ барои занон мегардад, номутаносибии гендериро дар ҷомеа ба вуҷуд меорад. Айни замон 49% аҳолии кишварро занон ташкил медиҳанд. Дар сохтори синну соли аҳолӣ ҷавонон асосан бартарӣ доранд, шумораи умумии шаҳрвандони то 30-солаи кишвар 70% -ро ташкил медиҳад. Муҳоҷирати корӣ дар хориҷ аз кишварро асосан ҷавонон амалӣ месозанд. Солҳои зиёд занон бе шавҳар дар хонаи ӯ бо фарзандон ва хешовандони сершумор зиндагӣ мекунанд ва ин ҳолат барои ҷанҷолҳо ва хушунати хонаводагӣ замина фароҳам меоварад. Ҳодисаҳои бунёди оилаҳои

нав дар муҳоҷират дар хориҷа зуд-зуд ба қайд гирифта мешаванд. Муҳоҷирати корӣ дар хориҷ аз кишвар як омили муҳимест, ки боиси талоқ, издивоҷи бармаҳал, бисёрзанӣ ва худкушӣ мегардад [11].

Дар шароити Тоҷикистон мухолифати байни талаботи воқеии шомилшавии занон ба рушди инноватсионии ҷомеа ва баргаштан ба анъанаҳои патриархалӣ, афзоиши камбизоатӣ ва аз бозори меҳнат дур кардани занон меафзояд. Аз як тараф, ошкорбаёнии ҷомеаи муосири тоҷик ба занон имкон фароҳам мекунад, ки ба пайдоиши маънавӣ, аз ҷумла фарҳангӣ ва динӣ рӯ оваранд. Аз тарафи дигар, афзоиши ифротгароии динӣ дар ҷомеа дар баробари омилҳои объективӣ боиси поймол шудани ҳуқуқи занон дар соҳаи оила ва хонавода, таҳсилот, идоракунӣ, шуғл ва ғайра мегардад.

Имрӯз дар Тоҷикистон барои беҳбуди вазъи оила пайваста чораҳо андешида мешаванд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти мамлакат ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар бораи беҳбуди шароити зиндагии оила ғамхорӣ зоҳир мекунанд. Тибқи оморҳои мавҷуда, то соли 2014 дар ҷумҳурӣ барои 141 ҳазор оила зиёда аз 84 миллион метри мураббаъ замин ҷудо карда шуд. Дар айни замон, барои сохтмони манзил барои 900 ҳазор оила тақрибан 120 ҳазор гектар замин [10] ва илова бар ин, дар ду соли охир ҷиҳати шароити манзил барои 150 ҳазор оила 21 ҳазор гектар замин ҷудо карда шудааст.

Дар солҳои охир таҷрибаи амалӣ нишон медиҳад, ки гарчанде Тоҷикистон мушкилоти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва маънавӣ-идеологиро аз сар гузаронида бошад ҳам, Ҳукумат ва давлат ин зиддиятҳо ва падидаҳои носолимро бомуваффақият бартараф карда истодаанд. Дар робита ба ин, бояд қайд кард, ки солҳои охир, махсусан, пас аз ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон шароити муқаррарӣ фароҳам оварда шудааст. Солҳои охир фаъолияти занон дар заминаи тағйирёбии раванди сиёсии Тоҷикистони соҳибихтиёр фаъол гардидааст. Тавре маълум аст, ин проблема барои рушди ҷомеа хеле муҳим аст. Аз ин рӯ, омӯхтан ва таҳлили моҳият ва вазифаҳои асосии оила асоси объективии мушкилоти иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон мебошад. Агар таҷрибаи таърихиро ба назар гирем, пас бояд тасдиқ кард, ки оила дар ҳама гуна форматсияи таърихӣ ё ҳар як ҷомеа объект ва субъекти ҷомеа мебошад. Дар асарҳо доир ба материализми таърихӣ дар бораи ҷойгоҳи таърихии оила хулосабароҳо карда шудааст. Яке поягузориони таълимоти марксистӣ Фридрих Энгелс ба қатори омилҳои муайянкунандаи таърих муносибатҳои оилавӣ ва идомаи наслро бо воситаҳои истеҳсолот дар як радиф гузоштааст [7, 70].

Таҷрибаи кишварҳои сотсиалистӣ нишон дод, ки чӣ гуна дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ занон ба шакли умумии истеҳсолоти шуравӣ ворид гардиданд, тобеияти мардон ва занон дар сатҳи конститутсионӣ сабт гардид, ки дар он сатҳи маърифати ҳар ду ҷинс баробар карда шуда, тобеияти мавқеи зан дар

хонавода асосан бартараф карда шуд. Илова бар ин, раванди прогрессивии озодгардӣ бо бисёр падидаҳои манфӣ алоқаманд буд.

Дар натиҷаи омӯзиши таҷрибаи таърихӣ ва таҳлили сарчашмаҳои илмӣ вазъи хориҷию дохилии мушкилоти иҷтимоиро дар самтҳои зерин нишон додан мумкин аст. Ҷанбаҳои зерин оқибатҳои махсусан вазнини иҷтимоӣ доштанд:

–якум, ҷалби умумии занон ба низоми меҳнати ҷамъиятӣ, аз ҷумла ба саноати вазнин, ҳалли масъалаи занон дониста мешуд;

–дуюм, солҳои зиёд дар шуури ҷамъиятӣ қолабе пайдо шудааст, ки озодии занон ин пайравӣ ба шакли рафтори мардон аст, гардиши оммавии занон дар давлати Шуравӣ танҳо пас аз Инқилоби Октябри соли 1917 пайдо шуд;

–сеюм, шуғли оммавии занон бо рушди кофии инфрасохтори иҷтимоӣ таъмин нагардида буд, лекин ба ин нигоҳ накарда, байни коргарон ғояи сотсиализатсия, ки дар озодии пурраи занон аз ташвишҳои оилавӣ зоҳир мегардид, тарғиб карда мешуд. Ҳамин тариқ, таҳлили марҳалаҳои таърихӣ нишон медиҳад, ки дар соҳаи оила камбудиҳои зиёде буданд, ки ба рушди он халал мерасониданд. Проблемаи занон ва оиларо баррасӣ намуда, муҳаққиқ М.К. Ғафорова чунин қайд кардааст: «Асри XX бо тағйироти куллии мақоми занон дар самти шинохти пурраи принсипи баробарӣ бо мардон тавсиф карда мешавад. Ва ин аз бисёр ҷиҳат ба ворид шудани аксари кишварҳо ба роҳи рушди демократӣ ва муваффақияти ҳаракати демократии занон вобаста аст” [3,3].

Рушди босуръати ҳаракати занон ва оила аз нимаи дуюми солҳои 60-ум, қариб дар ҳамаи кишварҳои ҷаҳон оғоз ёфт *(ИМА, Русия, Англия, Фаронса, Олмон ва кишварҳои дигари Аврупо, Осиё ва Африқо).* Дар ин кишварҳо аксари занон маҳз дар соҳаҳои алоҳидаи хоҷагии халқ кор мекунанд. Ҷамъшавии занонро дар соҳаи маориф, фарҳанг, дар соҳаҳои алоҳида омили мусбат ҳисобидан мумкин нест, зеро таносуби зарурӣ дар шуғли оқилонаи аҳолӣ вайрон карда мешавад, барои соҳаҳое, ки аксари коргаронро занон ташкил медиҳанд, мушкилоти иловагӣ ба вуҷуд меоянд. Агар амиқтар назар кунем, маълум мешавад, ки ҳамаи ин натанҳо аз садоқати занон ба ин навъҳои кор, балки аз сиёсати музди меҳнат низ ба вуҷуд омадааст.

Ҳамин тариқ, дар асоси ҷанбаҳои зикргардида қайд кардан мумкин аст, ки дар шароити тағйирпазирии ҷомеа мушкилоти сиёсати иҷтимоӣ мураккабтар мешаванд ва такмили минбаъдаро талаб мекунанд. Сарфи назар аз он, ки рӯйхати навъҳои кор барои занон, ки ба саломатии онҳо ва саломатии фарзандони оянда зарар доранд, вуҷуд дорад, вақтҳои охир шумораи заноне, ки дар шароити вазнин ва зараровар кор мекунанд, афзоиш ёфтааст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудан ва рушд додани оила дар давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон тадбирҳои зиёди мушаххасро андешидааст. Нисбати оила бояд қайд кард, ки он қисми

ҷудонопазири сиёсати иҷтимоии давлат мебошад. Агар таҳлилҳои илмии рушди ҷомеаро ба назар гирем, пас қайд намудан зарур аст, ки имрӯз рушди иҷтимоӣ тамоми аҳолии ҷомеаро муттаҳид мекунад.

Чӣ тавре маълум аст, оила сарчашмаи асосӣ ва заминаи афзоиши солонаи аҳолии кишвар мебошад. Масъалаҳои гуногуни рушду инкишофи оила дар доираи сиёсати демографии давлат низ ҳаллу фасл мегарданд. Чунин ҳолатро аз таҳлилу баррасии асарҳои В.И. Медков ва Е.Б.Беева ба осонӣ мушоҳида намудан мумкин аст [1,8]. Инчунин, масъалаҳои гуногуни рушди оила ва механизмҳои сиёсии татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат дар доираи демографияи сиёсӣ низ таҳлилу баррасӣ мегарданд [14]. Моҳияти иҷтимоии сиёсати демографӣ асосан, аз унсурҳои асосии чунин самтҳои сиёсати давлатӣ иборат аст:

– таъсиррасонӣ ба шароити кор, муайян кардани ҳудуди синни қобили меҳнат, шуғли қисми қобили кори аҳолӣ, давомнокии рӯзи корӣ ва ҳафтаи корӣ, ғамхорӣ дар бораи ҳифзи меҳнат, тайёрии махсус, роҳнамоии касбӣ;

–беҳтар намудани шароити зиндагии ҳамаи қишрҳои аҳолӣ (баланд бардоштани музди меҳнати воқеӣ ё сатҳи даромад, беҳтар намудани шароити манзил, таъмини имконияти истифодаи хизматрасонии маишӣ ва дастовардҳои фарҳангӣ, хизматрасонии тиббӣ; зиёд кардани вақти холӣ ва ғ.);

–таъсир ба таҷдиди аҳолӣ (таҷдиди табиии наслҳо, ҳаракатҳои муҳоҷират, ҳаракатҳои иҷтимоӣ, муҳоҷирати аҳолӣ).

Дар маҷмуъ, ҳадафҳои сиёсати иҷтимоӣ одатан, ба ташаккули тартиби дилхоҳи таҷдиди аҳолӣ, махсусан оила, нигоҳдорӣ ё тағйири самтҳои рушди ҳаҷм ва сохтори аҳолӣ равона карда шудаанд. Мақсадҳо метавонанд дар шакли талаботи ҳадаф ё нишондиҳандаи мақсаднок, системаи нишондиҳандаҳо муқаррар карда шаванд, ки ба даст овардани онҳо ҳамчун татбиқи ҳадафҳои сиёсати иҷтимоӣ тафсир карда мешаванд.

Хусусияти бунёдии сиёсати иҷтимоӣ дар таъсиррасонӣ ба рушди равандҳои иҷтимоӣ на ба таври мустақим, балки ғайримустақим тавассути рафтори иҷтимоӣ, тавассути қабули қарорҳо дар соҳаи издивоҷ, оила, таваллуд, интихоби касб, шуғл ва ҷои зист зоҳир мегардад. Тадбирҳои сиёсати иҷтимоӣ ҳам ба ташаккули талаботи иҷтимоӣ, ки хусусияти рафтори иҷтимоиро муайян мекунанд ва ҳам фароҳам овардани шароит барои татбиқи онҳо таъсир мерасонанд.

Ҳамин тариқ, ҷиҳати татбиқи муваффақонаи сиёсати иҷтимоӣ дар муносибат ба таркиби демографии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои зерин андешида шудаанд: рухсатии пулакӣ; имтиёзҳои гуногун барои таваллуди кӯдак, аксар вақт вобаста ба шумораи онҳо; синну сол ва вазъи оила дар миқёси прогрессивӣ; қарзҳои имтиёзнок, имтиёзҳои андоз ва манзил– баланд бардоштани сатҳи таваллуд ва имтиёзҳо барои оилаҳои камбизоат.

Дар ин самт, инчунин, як қатор чораҳои маъмурӣ ва ҳуқуқӣ низ андешида шудаанд, ки онҳоро ба таври умумӣ дар шакли зерин муаррифӣ кардан мумкин

аст: санадҳои қонунгузорӣ, ки синну соли издивоҷ, талоқ, муносибат ба исқоти ҳамл ва пешгирии ҳомиладорӣ, вазъи моликиятро танзим мекунанд; модарон ва кӯдакон дар ҳолати пароканда шудани издивоҷ, тартиби кори занони коргар, чораҳои тарбиявӣ ва таблиғотӣ; ташаккули афкори ҷамъиятӣ, меъёрҳо ва стандартҳои рафтори иҷтимоӣ; муайян кардани муносибат ба меъёрҳои анъанавӣ ва урфу одатҳои динӣ; сиёсати банақшагирии оила; таълими ҷинсӣ барои ҷавонон; ошкорбаёнӣ доир ба масъалаҳои муносибатҳои ҷинсӣ.

Сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ дар асоси ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ ва соҳибкорӣ, фароҳам овардани шароити баробар барои ҳар як шаҳрванд дар таъмини некуаҳволиро ҳамчун мақсади асосӣ пайгирӣ менамояд. Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бисёр самтҳои ислоҳоти иқтисодӣ ба дастовардҳои муайян ноил гардидааст. Дар аксари деҳаҳо, ноҳияҳо, шаҳрҳо ва минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои татбиқи бомуваффақияти сиёсати иҷтимоӣ шароити зарурӣ фароҳам оварда шудааст.

Сиёсати давлатии иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шкли умумӣ дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ё шахсони ваколатдори онҳо таҷассум гардида, ҷиҳати бадастории ҳадафҳои асосии зерин равона карда шудааст:

–таъмини озодии ҳар як аъзои ҷомеа ва ҳуқуқи интихоби соҳаҳои меҳнатӣ, иҷтимоӣ, истеъмолӣ ва дигар соҳаҳои ҷомеа;

–таъмини ҳуқуқ ба кор ва таҷрибаи кори одилона тибқи натиҷаҳои ниҳоӣ;

– таъмини системаи фасеҳи муосири тайёрии касбӣ;

– таъмини кафолатҳои иҷтимоӣ ба аъзои алоҳидаи ҷомеа ва пеш аз ҳама, ба гурӯҳҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир (нафақахӯрони маъюб ва ғайра), дастгирии иҷтимоӣ ва кумак дар ҳолатҳои ҳаётӣ.

Масъалаҳои иҷтимоӣ ба монанди масъалаҳои иқтисодӣ ва энергетикӣ дорои хусусияти ҷаҳонӣ мебошанд, аз ин рӯ ҳалли ин проблемаҳоро метавон дар сатҳи Созмони Милали Муттаҳид (СММ) дар шакли созиш ва амалҳои ҳамоҳангшудаи стратегии ҳукуматҳои миллӣ ва созмонҳои байналмилалӣ ба роҳ монд. Амалан, тамоми ҷанбаҳои сиёсати демографию иҷтимоӣ дар шаклҳои гуногун ба манфиатҳои оила таъсир мерасонанд. Ба сиёсати давлатии оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои самти иҷтимоӣ, ба монанди муносибатҳои ҷинсӣ, тарбия ва таълим дар оила ва мактаб, омода кардани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ, дастгирии моддии оилаи ҷавон *(манзил, қарз, имтиёзҳо, рухсатии дарозмуддати пардохтшаванда барои ҳомиладорӣ, нигоҳубини кӯдакон)*, рушди хизматрасониҳои бисёрсоҳаи оилавӣ дохил мешаванд. Яке аз самтҳои асосии стратегӣ дар Тоҷикистон баланд бардоштани ҷойгоҳ ва нақши оила дар тарбияи кӯдакон ва ҷавонон мебошад.

Сохтори сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба монанди дигар фаъолияти сиёсии давлат аз ду ҷузъи муҳим ва бо ҳам алоқаманд, муаррифии

низоми ҳадафҳо, тахия ва татбиқи роҳу воситаҳои амалӣ намудани онҳо иборат аст. Тавре маълум аст, ҳадафҳои сиёсати иҷтимоии Тоҷикистон то ташаккули усули дилхоҳи таҷдиди аҳолӣ, нигоҳдорӣ ё тағйир додани самти рушди соҳа, ҳаҷм ва сохтори аҳолӣ, рушди таваллуд, фавт, таркиби оилавии аҳолӣ, муҳоҷирати дохилӣ ва хориҷӣ, хусусиятҳои сифатии аҳолӣ рафта мерасад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба такмили масъалаҳои сиёсати иҷтимоӣ ба таври доимӣ диққати зарурӣ равона менамояд. Танҳо дар солҳои охир дар Тоҷикистон даҳҳо санадҳои меъёрӣ қабул карда шуданд. Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои муҳимтарини мақомоти дахлдори давлатӣ ба такмили сиёсати иҷтимоӣ нигаронида шудаанд. Мақсад аз қабули ҳуҷҷатҳои расмӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз он иборат аст, ки бо дарназардошти манфиатҳои миллии Тоҷикистон асосҳои сиёсати иҷтимоиро дар кишвар муайян намоянд. Ин манфиатҳо, пеш аз ҳама, дар дигаргуниҳо, ки ба рушди муносиби иҷтимоию иқтисодии кишвар, коҳиши нобаробарии даромад, камбизоатӣ ва бекорӣ нигаронида шудаанд, зоҳир мегардад

Дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ аҳолии кишвар аз панҷуним то даҳ миллион нафар афзоиш ёфт. Дар ҳамин ҳол, дар ин давра истеҳсоли маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ коҳиш ёфт. Ба гуфтаи Сарвари давлат, вазъи ғайримуқаррарии иҷтимоӣ ба вуҷуд омадааст, ки дар он захираҳои иқтисодии мавҷуда танҳо барои мақсадҳои истеъмолӣ, на ба таҳкими иқтидори кишвар ва рушди устувори иҷтимоӣ сарф карда мешаванд. Ин дар навбати худ боиси афзоиши шумораи бекорон ва камбизоатӣ, афзоиши ҷинояткорӣ ва паст шудани сатҳи маълумот дар ҷомеа мегардад.

Ҳамин тариқ, самтҳои асосии сиёсати иҷтимоӣ дар Тоҷикистон бо чунин самтҳои муҳим, ба монанди рушди оила, шуғли аҳолӣ, танзими равандҳои муҳоҷират, ба вуҷуд овардани ҷойҳои корӣ, баланд бардоштани маърифатнокии ҷавонон, тандурустӣ, тайёрии касбӣ, хазматрасонии манзилӣ ва амнияти иҷтимоӣ алоқаманд мебошад.

## АДАБИЁТ

1. Бреева, Е.Б. Основы демография [Текст]/Е.Б. Бреева.–М.: Издательство «Дашков и К», 2004. –352 с.

2. В Китае опубликована Белая книга "Борьба с бедностью: опыт и вклад Китая" [Электронный ресурс]. –URL: https://ria.ru/20210408/bednost–1727407582.html (дата обращения: 13.05.2022 г.)

3. Гафарова, М.К. Демократическая власть важный фактор развития личности женщины [Текст] / М.К. Гафарова. – Душанбе: Ирфон, 2004. –С.3.

4. Доренко, К.С. Современная социальная политика стран Европейского Союза: проблемы и перспективы развития [Текст]/К.С. Доренко // Юридическая наука. –2017. –№3. –С.166-172.

5. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2016.

6. Лексин, В.Н. Государство и регионы. Теория и практика государственного регулирования территориального развития [Текст] / В.Н. Лексин, А.Н. Швенов. – М.: УРСС, 2016. –368 с.

7. Маркс К., Энгельс Ф. Сочинения. изд. 2-е. Т.21 [Текст]. –М.: Изд-во политической литературы, 1961. –С.70.

8. Медков, В.М. Демография [Текст] / В.М. Медков. – М.: ИНФРА-М, 2004. –332 с.

9. Нуров Н.А. Семья как основное направление государственной политики Республики Таджикистан [Текст] / Н.А. Нуров // Вестник Педагогического университета. –2015. –№4. –С.100-104.

10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 23.04.2014 [Захираи электронӣ]. –URL: http://president.tj/node/6598 (санаи муроҷиат: 25.09.2022)

11. Паёми Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 23.01.2015 [Захираи электронӣ]. –URL: http://president.tj/node/8136 (санаи муроҷиат: 25.09.2021)

12. Паёми Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20.01.2016 [Захираи электронӣ]. –URL: http://president.tj/node/10585 (санаи муроҷиат: 15.09.2022)

13. Паленина, С.В. Участие женщин в политике: практики и перспективы [Текст] / С.В. Паленина. –Душанбе, 2007. –255 с.

14. Сакаев, В.Т. Политика и демография: проблемы взаимодействия и взаимозависимости [Текст] / В.Т. Сакаев. – Казань: Изд-во Казан. ун-та, 2016. – 244 с.

15. Социальная политика и социальная работа в изменяющиеся России [Текст] / Под ред. В.Я. Смирновой, П. Романова. –М.: ИНИОН РАН, 2002. –С.11.

16. Социальная политика: парадигмы и приоритеты [Текст] / Под общ. ред. В.И. Жукова. –М.: Союз, 2000. –С.56.

17. Фирсов М.В. Теория социальной работы [Текст] / М.В. Фирсов, В.Г. Студенова. –М.: ВЛАДОС, 2009. –С.137.

18. Хакимов, Ш. Право семьи и правовае положение женщин в законодательстве Таджикистана [Текст] / Ш. Хакимов. – Душанбе, 2001. –256 с.

19. Эмомалӣ Раҳмон. Уфуқҳои истиқлол [Матн] / Э. Раҳмон. –Душанбе: Ганҷ-нашриёт, 2018. – 436 с.

20. Юнусова, С.О. Женщина и закон [Текст] / С.О. Юнусова. – Душанбе, 2002. –190с.

# ФОРМИРОВАНИЕ ОСНОВНЫХ НАПРАВЛЕНИЙ СОЦИАЛЬНОЙ ПОЛИТИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ

**МАХМАДИЗОДА НОЗИМ ДАВЛАТМУРОД,**
доктор философских наук, профессор кафедры онтологии и теории познания философского факультета Таджикского национального университета
734025, Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 17;
Тел.: (+992) 918-99-70-90; e-mail: nozim2985@mail.ru

**КУРБОНЗОДА ДАЛЕР КУРБОН,**
соискатель кафедры политологии Кулябского государственного университета имени Абуабдуллохи Рудаки
735360, Таджикистан, город Куляб, улица С.Сафарова 16;
тел.: (+992) 988-05-07-03; e-mail: juraev.daler.1995@mail.ru

*Социальная политика является одной из важнейших сфер деятельности государственных и общественных институтов, и в зависимости от изменения социальной структуры меняется и ее проявление. В основе этих тенденций лежит изменение потребностей различных слоев общества и появление новых социальных групп. После распада Советского Союза Республика Таджикистан обрела государственную независимость и одновременно начала процесс формирования независимого государства. По двум причинам Республика Таджикистан была вынуждена не только поставить свою социальную политику на первой план, но и пересмотреть ее и адаптировать к потребностям времени, чтобы она могла служить удовлетворению потребностей народа. Во-первых, после распада Советского Союза Республика Таджикистан перешла от социалистически-коммунистической структуры к капиталистически-демократической. Такая ситуация требует адаптации модели социальной политики государства к социальной структуре страны. Во-вторых, в первые годы независимости в Республике Таджикистан разразилась гражданская война, и все сферы общественной жизни, особенно социальная, столкнулись с тяжелым кризисом. Под влиянием экономического кризиса уровень бедности в стране возрастал. В таких условиях возникла необходимость в такой социальной политике, которая могла бы вывести страну из социально-экономического кризиса. С этой целью Правительством Республики Таджикистан за годы независимости страны были приняты долгосрочные и среднесрочные стратегические программ, и цели, сформированы важнейшие направления социальной политики государства.*

***Ключевые слова:*** *социальная политика, социальные проблемы, социальное развитие общества, социальное государство, демографические процессы, семья как социальный институт, здоровье, образование.*

## FORMATION OF THE MAIN DIRECTIONS OF SOCIAL POLICY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN DURING THE YEARS OF INDEPENDENCE

**MAHMADIZODA NOZIM DAVLATMUROD,**
Doctor of Philosophy, Professor of the Department of Ontology and Theory of Knowledge, Faculty of Philosophy, Tajik National University
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 17;
tel.: (+992) 918-99-70-90; e-mail: nozim2985@mail.ru

**QURBONZODA DALER QURBON,**
Competitor of the Department of Political Science of the Kulyab State University named after Abuabdullokhi Rudaki
735360, Tajikistan, city of Kulyab, S.Safarov street 16;
tel.: (+992) 988-05-07-03; e-mail: juraev.daler.1995@mail.ru

*Social policy is one of the most important areas of activity of state and public institutions, and depending on changes in the social structure, its manifestation also changes. These trends are based on the changing needs of various segments of society and the emergence of new social groups. As a result of the collapse of the Soviet Union, the Republic of Tajikistan gained state independence and at the same time began the process of forming an independent state. For two reasons, the Republic of Tajikistan was forced not only to put its social policy first, but also to revise it and adapt it to the needs of the time so that it could serve the needs of the people. First, after the collapse of the Soviet Union, the Republic of Tajikistan moved from a socialist-communist structure to a capitalist-democratic one. This situation requires adaptation of the state's social policy model to the social structure of the country. Secondly, in the first years of independence, a civil war broke out in the Republic of Tajikistan, and all spheres of public life, especially social, faced a severe crisis. Under the influence of the economic crisis, the level of poverty in the country increased. In such conditions, a need arose for a social policy that could lead the country out of the socio-economic crisis. To this end, the Government of the Republic of Tajikistan, over the years of the country's independence, adopted long-term and medium-term strategic programs and goals, and formed the most important directions of the state's social policy.*

***Keywords:*** *social policy, social problems, social development of society, welfare state, demographic processes, family as a social institution, health, education.*

УДК: 008

# АВЛАВИЯТҲОИ СТРАТЕГИИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**НЕЪМАТОВ ИКРОМИДДИН**,
номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734003, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33;
тел. (+992) 907-70-58-75, e-mail: i.nemat@mail.ru

**МИРЗОЕВ ҶУРАБЕК АБДУЛОВИЧ,**
номзади илмҳои таърих, ходими калони илмии шуъбаи таърихи навтарини Пажуҳишгоҳи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33;
тел: 2-21-72-10; e-mail: mirzoev-dzhurabek@mail.ru

*Дар мақола баъзе масъалаҳои умдаи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар инъикоси таърихнигорони ватанӣ мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор гирифтаанд. Дар он муаллифон махсусан ба инъикоси самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол ва нақши муваффақи байналмилалии бунёдгузори сиёсати хориҷии давлати тозабунёди тоҷикон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон диққати махсус додаанд. Илова бар ин, ба масъалаи ҳамкории дутарафаи судманд бо давлатҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) ва бо созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, инчунин, роҳандозии сиёсати минтақавии Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки аз авлавиятҳои сиёсати хориҷӣ маҳсуб меёбанд, таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *соҳибихтиёрӣ, истиқлоли давлатӣ, Эъломия дар бораи Истиқлолияти давлатӣ, ваҳдати миллӣ, сиёсати хориҷӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳавзаҳои сиёсӣ, дипломатияи тоҷик, ҳамкории дутарафаи судманд, созмонҳои байналмилалӣ, муносибатҳои дипломатӣ.*

Баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ вазъи геополитикии минтақа ва ҷаҳон ба куллӣ тағйир ёфт. Бар асари ин таҳаввулот дар Осиёи Марказӣ панҷ ҷумҳурии мустақил таъсис ёфт, ки бояд мустақиман ба таҳкими сохторҳои давлатии хеш пардохта, роҳи рушди минбаъдаи худро муайян мекарданд. Тибқи назари мутахассисон дар назди давлатҳои навтаъсиси Осиёи Марказӣ се

роҳи рушд меистод: 1) роҳи русиягӣ, яъне ҷумҳуриҳои Осиёи Марказиро мебоист рӯ ҷониби Федератсияи Русия оварда, дар ин замина сиёсати давлатии хешро роҳандозӣ намоянд; 2) роҳи дохилиминтақавӣ, яъне панҷ ҷумҳурии Осиёи Марказӣ муттаҳид гардида, як иттиҳоди минтақавии сиёсӣ ва иқтисодӣ барпо намоянд; 3) роҳи пешбурди сиёсати хориҷии бисёрсамта [2, с.149-180]. Аз ин бармеояд, ки ҷиҳати дарёфти имконоти эҳтимолии рушд кишварҳои Осиёи Марказиро зарур буд, ки бо нуктасанҷӣ ваояндабинии амиқ муносибат намоянд.

Дар солҳои 90-уми асри XX аксари кишварҳои Осиёи Марказӣ роҳи сеюмро интихоб намуданд, зеро Фератсияи Русия ба ҳалли мушкилоти дохилии хеш машғул буд ва наметавонист, ки ҷумҳуриҳои Осиёи Марказиро ба таври бояду шояд дастгирӣ намояд. Барои интихоби роҳи дуюм носозгорӣ ва ноиттифоқии ҷумҳуриҳои минтақа ва ҳамзамон, даъвои абарқудратии Қазоқистон ва Ӯзбекистон мушкилоту монеа эҷод мекард. Аз ин рӯ, аксари ҷумҳуриҳо дар сиёсати хориҷии худ сиёсати бисёрсамтаро роҳандозӣ намуда, Қазоқистон ба кишвари Чин, ки сарҳади муштарак дорад ва Иттиҳоди Аврупо моил гардид. Ӯзбекистон бошад, майли бештар ба Туркия ва Аврупо, Тоҷикистон ва Туркманистон ба Эрон ва дигар кишварҳои аврупоӣ рӯ оварданд. ИМА гоҳе ба Қирғизистон ва гоҳе ба Ӯзбекистон ворид шуда, ҳатто базаҳои ҳарбии хешро дар ин кишварҳо муваққатан ҷойгир кард. Вале аз ибтидои асри XXI вазъи геополитикии минтақа аз нав тағйир ёфт. Қирғизистон базаҳои ҳарбии ИМА-ро аз қаламрави худ берун намуд. Ӯзбекистон низ дар ҳодисаҳои Андиҷон ИМА-ро гунаҳкор дониста, муносибаташро сард кард ва ба ҷониби Федератсияи Русия майл намуд. Кишварҳои Осиёи Марказӣ алҳол бо Ҷумҳурии Мардумии Чин ҳамкориҳои густурдаи сиёсӣ ва иқтисодиро, бахусус дар доираи Созмони Ҳамкории Шанхай, ба роҳ мондаанд.

Баъд аз ба даст омадани Истиқлоли давлатӣ Тоҷикистон низ дар радифи дигар давлатҳои навтаъсиси Осиёи Марказӣ ҳамчун субъекти мустақили байналмилалӣ ба низоми муносибатҳои ҷаҳонӣ ворид гардид, ки ин бозгашти давлати тоҷикон баъд аз садсолаҳо ба арсаи сиёсати байналхалқӣ маҳсуб меёбад. Дар таърихи фаъолияти байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳалаи нав оғоз ёфт. Асосҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар “Баённома оид ба Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва дигар қонунҳо тарҳрезӣ шудааст: *«Дар муносибатҳои байналмилалӣ ба ҳайси субъекти мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ баромад карда, дар фаъолияти худ барои ба даст овардани сулҳи пойдор, маҳв кардани силоҳи зарравӣ, роҳ надодан ба истифодаи неруи ҳастаӣ дар ҳалли баҳсҳо ва ихтилофот дар байни давлатҳои соҳибистиқлол, ҳамкориро дар байни онҳо барои ҳалли масоили ҷаҳонӣ, ки дар назди инсоният истодаанд, инкишоф медиҳад. Ҷумҳурии Тоҷикистон худро барои ба имзорасонии мустақими тавофуқномаҳо ва*

*шартномаҳои дуҷониба ва ҳамаҷонибаи баробарҳуқуқ ва ба манфиати тарафайн, ки манфиатҳои ягон давлатҳои соҳибистиқлолро халалдор намесозад, бо кулли шарикон бе ҳеҷ гуна шарту шароити қаблӣ кушода эълон мекунад»* [15, с.175].

Ҳанӯз солҳои аввали Истиқлоли давлатӣ Тоҷикистон аз ҷониби зиёда аз 40 давлати дунё ба расмият шинохта шуда, ба узвияти созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ шомил гардид. Аммо ба рушди минбаъдаи муносибатҳои хориҷии Тоҷикистон ҷанги шаҳрвандӣ, ки баҳори соли 1992 оғоз ёфт, халал ворид намуд. Раванди ташаккулёбии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити вазнини ҷанги шаҳрвандӣ, буҳрони иҷтимоию иқтисодӣ, нокифоягии мутахассисони касбии дипломатӣ ва нарасидани таҷрибаи кофӣ барои муайян намудани дурнамои сиёсати хориҷӣ амалӣ мегардид.

Рушди бемайлони муносибатҳои хориҷии Тоҷикистон баъд аз Иҷлосияи таърихии 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз ёфт. Ҳанӯз 28-уми декабри соли 1993 дар Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазъи асосии сиёсати хориҷии Тоҷикистонро чунин изҳор дошт: *«Дар вақти таҳия сохтани консепсияи сиёсати берунии кишварамон мо бояд ба назар бигирем, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи маҳалли ҷуғрофӣ, мавқеи геосиёсӣ ва манофеи иқтисодиаш ба панҷ ҳавзаи сиёсӣ дохил мешавад.*

*Ҳавзаи якум, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аст, ки бо вуҷуди душвориҳои солҳои аввали ташаккулёбӣ, ба сӯйи таҳкими равобити ҳамаҷониба тамоюли ботинӣ дорад.*

*Ҳавзаи дувум, Осиёи Марказист, ки кунун рӯ ба робитаҳои ваҳдати иқтисодию сиёсӣ қарор дорад.*

*Ҳавзаи сеюм, фазои зисту амали давлатҳои ҳамсояи форсизабон аст, ки ҳанӯз ба ягон иттиҳоди муштараки сиёсӣ ё иқтисодӣ нарасида бошанд ҳам, онҳоро нафақат ҳамбастагии таърихӣ ва мазҳабию фарҳангӣ, балки дурнамои воқеии рушди миллӣ ба ҳам ҷалб мекунад.*

*Ҳавзаи чаҳорум, доираи нуфузи давлатҳои мусалмоннишини Шарқ аст, ки онҳоро нафақат ягонагии дину оин ва суннатҳои руҳонӣ, балки имконот ва эҳтиёҷоти рушди миллӣ низ ба ҳам мепайванданд.*

*Ниҳоят, ҳавзаи панҷум, ҷомеаи байналмилалист, ки ҳамбастагии зоҳирию ботиниаш беш аз пеш қувват мегирад ва ҳам оҳиставу пайваста ба сӯйи тамаддуни воҳиди умумибашарӣ роҳ мепаймояд»* [14].

Асосгузор ва роҳбари сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ибтидои асри XXI сиёсати «дарҳои боз»-ро роҳандозӣ намуда, эълон дошт, ки дарҳои Тоҷикистон барои тамоми кишварҳои дунё, ки нияти барқарор намудани муносибатҳои дӯстона ва судмандро доранд, кушода аст.

Бояд зикр кард, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи дастуру нишондодҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амал намуда, дар сиёсати хориҷии хеш муносибатҳои дутарафа ва бисёрсамтаи босуботу судмандро, пеш аз ҳама, бо давлатҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) густариш дод. Ҳанӯз дар солҳои аввали Истиқлоли давлатӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз мусоҳибаҳояшон бо рӯзноманигори маҷаллаи «Россия» Ю.Кушко инкишофи бемайлони муносибатҳои байналмилалиро дар доираи давлатҳои пасошуравӣ барои Тоҷикистон афзалиятнок ҳисобида, чунин таъкид мекунад: *«Тоҷикистон ба таҳкими муносибатҳои байнидавлатӣ дар чорчӯби Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, пеш аз ҳама, бо Русия аҳаммияти хосса зоҳир менамояд» [9, 253]*. Сипас Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияҳои Ассамблеяи Генералии Созмони Миллали Муттаҳид дар солҳои 1993–1997 суханронӣ намуда, самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян кард. Ҳамчунин, 30-юми сентябри соли 1994 муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар Иҷлосияи 49-уми Ассамблеяи Генералии СММ афзалиятнок будани муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо кишварҳои узви ИДМ иброз дошта, аҳаммияти ду самти фаъолияти ҳукуматро дар чорчӯби Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) таъкид кард, ки манзури ӯ муносибатҳои муштараку судманд бо Русия ва давлатҳои Осиёи Марказӣ буд [11, 128].

Дар ин суханронӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маротибаи якум афзалиятнокии муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо кишварҳои ИДМ зикр намуд. Дар айни ҳол ӯ изҳор кард, ки *“аҳаммияти ҳар ду самти фаъолияти мо дар доираи ИДМ барои Тоҷикистон баланд аст. Сухан дар бораи муносибатҳо бо Русия ва давлатҳои Осиёи Марказӣ меравад»* [11, 128]. Русия, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, инчунин, ИМА дар қатори давлатҳое номида шуданд, ки ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи ибтидоии ҷанги шаҳрвандӣ нисбатан дастгирии зиёд намуданд.

Изҳороти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз минбари СММ ақидаи қаблан баёншударо оид ба афзалиятнокии рушди муносибатҳои байналмилалӣ дар фазои баъдишуравӣ барои Тоҷикистон тасдиқ намуд: *«Тоҷикистон ба таҳким намудани муносибатҳои байнидавлатӣ дар доираи ИДМ ва қабл аз ҳама, бо Русия диққати махсус медиҳад. Русия кишвари абарқудрати ҷаҳонӣ мебошад, ҳалқаи мустаҳкамкунандаи Иттиҳоди мо мебошад. Ва мо дар Тоҷикистон рушди минбаъдаи худро бо роҳи бунёдкорӣ бе муносибатҳои байнидавлатии солим, инкишофёбандаю пурарзиши байни Русия ва Тоҷикистон тасаввур карда наметавонем»* [9, 253].

Дар худи ҳамин ҷо масъалаи амният, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва умуман, барои минтақа ниҳоят муҳим ба шумор мерафт, ёдрас карда шуд, ки бо бесуботии низомию сиёсӣ дар Афғонистон вобаста буд. Масъалаи мазкур дар

идомаи солиёни дароз яке аз масъалаҳои марказии байналмилалӣ барои Тоҷикистон боқӣ монд. Зикр намудан лозим аст, ки Тоҷикистон қазияи Афғонистонро доимо таҳти таваҷҷуҳ қарор медошт ва аллакай дар оғози солҳои 1990-ум онро ҳамчун таҳдиди дар миқёси ҷаҳонӣ дошта таъриф додааст: *«Моҷарои Афғонистон худ тамоюли хатарноки ба вуҷуд омадани воҳидҳои ҷуғрофии худсарро эҷод менамояд, ки метавонанд ба пойгоҳи терроризми байналмилалӣ, интишори бемуҷозоти аслиҳа ва маводи мухаддир табдил ёбад»* [10,18].

Таҳким ва тавсеаи муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои узви ИДМ, бахусус, Русия ва давлатҳои навтаъсиси Осиёи Марказӣ бо дарназардошти он, ки ин кишварҳо дар гузаштаи начандон дур шомили як низоми воҳиди сиёсӣ ва иқтисодӣ буда, шаҳрвандони ин ҷумҳуриҳоро риштаҳои маҳками умумияти аҷдодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ мепайвандад, яке аз авлавиятҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Роҳбарони давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон шароитҳои таърихии ба вуқуъ пайвастаро хуб дарк карда, ҳанӯз 21 декабри соли 1991 ба узвияти ИДМ, ки 8 декабри ҳамон сол зимни як нишасти сарони се давлати собиқ Шуравӣ– Русия, Украина ва Беларус дар бешазори Беловежск созмон ёфта буд, шомил гардиданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Русия ҳанӯз аз 8 апрели соли 1992 муносибатҳои дӯстонаи дипломатӣ барқарор кард. Роҷеъ ба муҳиммияти нигоҳдошти муносибатҳои дуҷониба бо Русия таърихнигори барҷастаи тоҷик Ҳайдар Пирумшоев барҳақ қайд кардааст, ки ҳарчанд Тоҷикистони соҳибистиқлол аз мадди назари созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, махсусан СММ дур намонда бошад ҳам, дар ин вазъияти барои ҷумҳурӣ ниҳоят вазнин, ки хавфи аз байн рафтани давлат ва якпорчагии ҳудудӣ ба миён омада буд, нигоҳ доштани ҳамкориҳои зич бо Русия хеле муҳим ва тақдирсоз буд [8, 252].

Бояд тазаккур дод, ки афзалияти ширкати ҳарбии Русияро дар Тоҷикистон ҳанӯз соли 1998 академик Раҳим Масов дар мақолаи худ «Россия и Таджикистан» [10] қайд карда буд. Ба ақидаи ӯ, ҳузури ҷузъу томҳои Артиши Русия Тоҷикистонро аз ҳуҷуми эҳтимолии хориҷӣ эмин нигоҳ дошт [6, 25].

Ба нақши ширкати ҳарбии Русия дар солҳои аввали Истиқлоли давлатӣ баҳои баланд дода, Зафар Сайидзода аз ҷумла чунин қайд менамояд: «Ҳузури неруҳои ҳифзи сулҳи Русия ва сарҳадбонони русиягӣ дар марзи Тоҷикистону Афғонистон боло гирифтани хушунатро дар мамлакат ҷилавгирӣ намуд» [12, 74]. Ӯ равобити дуҷонибаи сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангиро бо давлатҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) яке аз самтҳои муҳимтарини сиёсати хориҷии Тоҷикистон арзёбӣ намуда, ҳамкориҳои мустақим ва густурдаи Тоҷикистонро бо ҳар яке аз ин давлатҳо мушаххасан инъикос намудааст [12, 72–110].

Самти дигари афзалиятноки сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамкориҳои Тоҷикистон бо созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамкорӣ миёни Тоҷикистон ва бонуфузтарин созмони ҷаҳонӣ– Созмони Милали Муттаҳид (СММ), ки аз 2 марти соли 1992 ибтидо мегирад, сол то сол дар ҳоли рушд ва тавсеа қарор дорад. Чи тавре маълум аст, СММ бузургтарин ниҳоди ҷаҳонӣ буда, 193 кишвари дунёро муттаҳид месозад ва ба қавли собиқ намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СММ Рашид Олимов: *«Дар фаъолияти хеш чор ҳадафро пайгирӣ менамояд: нигоҳдории сулҳ ва амнияти байналмилалӣ, рушди муносибатҳои аҳлона дар байни миллатҳо, татбиқи ҳамкории байналмилалӣ доир ба ҳалли мушкилоти байналмилалӣ ва қарор доштан дар маркази ба мусолиҳат омадани миллатҳо»* [1, 13].

Мавриди қайд аст, ки маҳз тахти сарпарастии ин ниҳоди ҷаҳонӣ ва давлатҳои кафили минтақа, ба хотири ба даст омадани сулҳу субот дар Тоҷикистон 8 даври музокира миёни тоҷикон анҷом пазируфт ва билохира, сулҳи деринтизор пойдор гардид. Ба ақидаи муҳаққиқи сиёсати хориҷии Тоҷикистон Зафар Сайидзода: *«Бисёре аз сиёсатмадорону таҳлилгарони муътабари дунё таҷрибаи сулҳофаринии тоҷиконро падидаи нодир номида, таъкид кардаанд, ки ин таҷрибаро мешавад барои хомӯш кардани манбаи муноқишаҳои дохилии кишварҳои гуногуни ҷаҳон истифода кард»* [12, 170]. Дар ҳақиқат, таҷрибаи сулҳофаринии тоҷикон падидаи беназир буда, нақши СММ баҳри ба даст омадани он хеле арзишманд ва бузург аст. Муҳимтарин таълифот, ки доир ба ин масъала ва умуман, ҳамкории Тоҷикистону СММ бахшида шудааст, китоби «Таджикистан–ООН» [1] ба ҳисоб меравад. Муаллиф ва мураттиби ин асар собиқ намояндаи доимии Тоҷикистон дар СММ Рашид Олимов буда, дар он маҷмуи маводҳое, ки фаъолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ин ниҳоди ҷаҳонӣ аз соли 1992 то соли 2000 инъикос мекунанд, гирд оварда шудааст. Дар ин таълифот, инчунин, суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазири корҳои хориҷӣ ва Намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СММ дар Ассамблеяи Генералӣ ва иҷлосияҳои Шурои Амнияти СММ ворид гардидаанд. Махсусан, кӯшишу талошҳое, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кумаки ин созмони ҷаҳонӣ баҳри хотима бахшидани ҷанги шаҳрвандӣ, истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллӣ дар мамлакат ба анҷом расониданд, дар маркази таваҷҷуҳи муаллиф қарор гирифтаанд.

Дигар созмони бонуфузи байналмилалие, ки Тоҷикистон бо он ҳамкориҳои зич дорад, Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) ба ҳисоб меравад. Воқеан, ин созмон нахустин созмони байналмилалиест, ки Тоҷикистон ҳанӯз 26 феврали соли 1992 ба он ҳамроҳ шуда буд. Ҳамкориҳои судманди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин ниҳоди ҷаҳонӣ дар китоби «Таджикистан–ОБСЕ: диалог и сотрудничество» [13], ки тахти назари собиқ Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамрохон Зарифӣ соли 2009 ба

табъ расидааст, инъикос гардидаанд. Дар таълифоти номбурда маводҳо доир ба ҳамкориҳои зичи кишвари мо бо САҲА маълумот медиҳанд, мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор ёфтаанд. Бояд қайд кард, ки ин асар нахустин таълифоти маҷмуи маводҳо роҷеъ ба ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин ниҳоди ҷаҳонӣ ва фаъолияти намояндагии он дар ҷумҳурӣ буда, аз 5 боб иборат аст. Дар он марҳалаҳои зуҳур ва фаъолияти САҲА, таърих ва самтҳои ҳамкориҳои Тоҷикистон бо ин созмони бонуфуз инъикос гардидаанд. Маводҳои китоб хеле арзишманд ва нодиранд. Арзишманд будани маводҳои китоб, пеш аз ҳама, дар он аст, ки муаллифони онҳо мустақиман дар раванди ҳамкориҳои дуҷониба ширкат доштанд ва роҳандозони сиёсати хориҷии кишвар ба шумор мераванд.

Доир ба ҳамкориҳои судманди Тоҷикистону САҲА муҳаққиқони дигар низ, аз қабили Талбак Назаров [7], Ҳамрохон Зарифӣ [3], Зафар Сайидзода [12], инчунин, асари дастаҷамъии «История таджикского народа» [4] маълумот додаанд, вале азбаски дар ҳаҷми як мақола мавриди таҳлил қарор додани ҳамаи онҳо аз имкон берун аст, танҳо бо овардани баъзе фикру ақидаҳои Зафар Сайидзода иктифо мекунем. Муаллиф дар китоби *«Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ»*, ки як боби алоҳидаи он ба масъалаи ҳамкориҳои байналмилалии Тоҷикистон бахшида шудааст, қайд мекунад, ки Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо дафтари намояндагии худро дар Тоҷикистон ҳанӯз 17 феврали соли 1994 боз карда буд, имрӯз ин ниҳоди ҷаҳонӣ «дар Тоҷикистон панҷ дафтар дорад, ки дар шаҳрҳои Хуҷанд, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа, Ғарм ва Шаҳритӯс воқеъ мебошанд» [9,196]. Ба ақидаи ӯ, ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо «дар се ҳавза – ҳарбию сиёсӣ, иқтисодиву экологӣ ва инсонӣ» амалӣ мегарданд [12, 197].

Ҳамкориҳои Тоҷикистон бо САҲА имрӯз дар сатҳи баланд қарор доранд ва ҷониби Тоҷикистон дар оянда низ баҳри густариши равобит бо ин созмони ҷаҳонӣ ба хотири расидан ба ҳадафҳои рушди устувор талош хоҳад кард.

Давлати Тоҷикистони соҳибистиқлол бо дигар созмонҳои байналмилалӣ– Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ, Созмони Ҳамкории Шанхай, Созмони Ҳамкории Исломӣ, Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ (ЭКО), Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ ва Иттиҳоди Аврупо (ИА) ҳамкорӣ ва равобити густурда дорад, ки аз ҷониби муҳаққиқон ва таҳлилгарони сиёсати хориҷӣ ҳадалимкон инъикос гардидаанд.

Самти дигари афзалиятноки муносибатҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозии сиёсати минтақавӣ мебошад. Дар ин ҷода Тоҷикистон ҳам дар чорчӯби созмонҳои минтақавӣ ва ҳам дар чорчӯби ҳамкориҳои расмии дуҷониба сиёсати худро пеш аз ҳама бо кишварҳои Осиёи Марказӣ– Ӯзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон ва Туркманистон, бо кишварҳои форсизабони минтақа–Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Ҷумҳурии Исломии

Афғонистон, инчунин, бо Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷумҳурии Исломии Покистон, Ҷумҳурии Туркия ва бо Ҷумҳурии Ҳиндустон амалӣ месозад.

Авлавияти минтақавӣ дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар суханрониҳои Сардори давлат ҳамчун муайянкунандаи самти сиёсати хориҷии кишвар ва асноди марбут ба он инъикос гаштааст.

Мавриди зикр кард, ки баъди воқеаҳои 11 сентябри соли 2001 дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (ИМА) вазъи сиёсӣ ва геополитикии ҷаҳон тағйир ёфт. Дар ин замина нақши минтақаи Осиёи Марказӣ боло рафта, дастёбӣ ба манбаъҳои табиии он рақобати нави геополитикиро таҳти унвони «Бозии нави бузург» ба бор овард. Маҳз бо дарназардошти боло рафтани мақоми минтақа ва таваҷҷуҳи қудратҳои ҷаҳонӣ ба он, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазифаи танзими консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба миён гузошт. Бо қарори Коллегияи Вазорати корҳои хориҷиии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 июни соли 2001 гурӯҳи корӣ таъсис ёфта, лоиҳаи санади мазкурро омода намуд, ки 24 сентябри соли 2002 аз ҷониби Президенти кишвар тасдиқ гардид. Дар ин санад бартарияти минтақавӣ дар бахши «Авлавиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъкид карда шуд [7, 68].

Бояд тазаккур дод, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи дастуру нишондодҳои асосгузори сиёсати хориҷӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва санаду меъёрҳои ҳуқуқии мавҷуда амал намуда, дар муносибат бо кишварҳои ҳамсоя ва минтақа сиёсати дӯстӣ, ҳамсоягии нек, ҳамзистии осишта ва дахолат накардан ба корҳои дохилии якдигарро пеша кардааст.

Умуман, роҳандозии сиёсати минтақавӣ низ яке аз афзалиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар ин замина ҳамкориҳои фароху домангустурда, пеш аз ҳама, бо ҷумҳуриҳои собиқ шуравии Осиёи Марказӣ, кишварҳои форсизабони минтақа ва инчунин, бо кишварҳои ҳамсарҳад, дӯст ва шарики боэътимод, амсоли Чин, Ҳиндустон ва Покистон, вусъат ёфтааст.

Яке аз самтҳои дигари афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо кишварҳои исломӣ ва роҳи рушди муносибатҳои мутақобилаи судманди тиҷоративу иқтисодӣ бо онҳо мебошад. Мувофиқи Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон: *«Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати «дарҳои кушода», сулҳхоҳона ва беғараз буда, зимни татбиқи он, Тоҷикистон омода аст бо ҳамаи кишварҳои дуру наздик робитаҳои дӯстона ва эътирофи манфиатҳои тарафайнро дар асоси эҳтироми ҳамдигар, баробарӣ ва ҳамкориҳои мутақобилан судманд густариш диҳад"*[5].

Албатта, сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иртибот ба кишварҳои исломӣ бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ, нақши омили исломӣ

дар дохили мамлакат, ҳамчунин, ҷойгоҳи он дар ҳаёти сиёсии кишварҳои шарик асос ёфтааст.

Зикр кардан бамаврид аст, ки мо таърихан ҷузъи ҷаҳони ислом ва тамаддуни бузурги исломӣ мебошем. Аз ин рӯ, равобити васеъ ва судманд бо кишварҳои мазкур таҳкими дӯстӣ ва ҳамкорӣ миёни халқҳои ин кишварҳо дар ҳама ҷабҳаҳо аз ҷумлаи афзалиятҳои муҳимтарини сиёсати хориҷии мо мебошад. Таърих гувоҳ аст, ки замоне кишварҳои мусалмонӣ дар соҳаҳои илму фарҳанг пеш рафта буданд, таассубу хатарзои хурофотро чун монеаи ҷиддӣ канор мегузоштанд ва дӯстию ҳамкории наздикро арзиши бузург медонистанд. Онҳо дорои тамаддуни оламгир ва соҳиби нуфузу мақоми баланд буданд.

Усули асосии ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои исломӣ ва кишварҳои мусалмонӣ дар пояҳои баробарӣ ва бародарӣ аст, ки бар асоси умумиятҳои фарҳангӣ ва таърихии мусалмонон бино шудааст. Тоҷикистон мушорикат ва ҳамкориҳои худро бо ин созмонҳо ва кишварҳо дар чаҳорчӯби тарҳу лоиҳаҳои гуногуни иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бар роҳ мондааст. Муҳтавои ин ҳамкорӣ ва дарвоқеъ, сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон худ инъикоскунандаи ҳимоят аз манфиатҳои иқтисодӣ ва дар баъзе мавридҳо вуруди расмӣ ба созмонҳои байналмилалии исломӣ аст. Тоҷикистон ба он афзалият медиҳад, ки худро ба унвони як кишвари дунявию демократӣ нишон диҳад. Моҳиятан дунявӣ будани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамаи созишномаҳое, ки имзо мешавад, зикр мегардад.

Ҳамин тариқ, бо ҷамъбандии таҳлили хусусиятҳои сиёсати Тоҷикистон бо кишварҳои ҷаҳони ислом ин нуктаро зикр кардан мумкин аст, ки ҷумҳурӣ тайи солҳои соҳибистиқлолӣ ба як субъекти мукаммали муносибатҳои байналмилалӣ табдил ёфтааст. Тоҷикистон ҳамчун як кишвари мусалмонӣ бо низоми дунявии давлатӣ, ширкаткунандаи фаъоли раванди ҳамгирой мебошад, ки Созмони Ҳамкории Исломӣ, Бонки Исломии Рушд ва дигар ташкилотҳои исломӣ амалӣ мекунанд.

## АДАБИЁТ

1. Алимов, Р. Таджикистан–Организация Объединенных Нации: Выступления, документы и материалы 1993-2000 годы / Р. Алимов. – М.: Международное отношение, 2001. – 376 с.

2. Бжезинский, З. Великая шахматная доска. Господство Америки и его геостратегические императивы/З.Бжезинский.–М.: Международные отношения, 2000. – С.149-180.

3. Зарифи, Х. Многовекторная дипломатия Таджикистана / Х. Зарифи. – Душанбе: Офсет, 2010.–352 с.

4. История таджикского народа. Т.VI. (Новейшая история) / под общей редакции Масова Р.М. -Душанбе: Империал-Групп, 2011. – 688 с.

5. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [сарчашмаи электронӣ]. https://mfa.tj/tg/main/view/988/konsepsiyai-sijosati-khorijii-jumhurii-tojikiston (Санаи муроҷиат: 11.11.2020).

6. Масов, Р.М. Россия и Таджикистан/Р.М. Масов//Россия в исторических судьбах таджикского народа. – Душанбе: Шарқи озод, 1998. – 156 с.

7. Назаров, Т. Дипломатияи муосири тоҷик / Т. Назаров, А. Сатторзода. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 224 с.

8. Пирумшоев, Х. Таджикистан–Россия: Исторический опыт сотрудничества в 90-е годы и его перспективы/Х. Пирумшоев//Концептуальные вопросы истории и историографии таджикского народа. (Сборник статей). Часть 1.– Душанбе: Ирфон, 2014. – 528 с.

9. Раҳмонов, Э.Ш. Мусоҳиба бо мухбири маҷаллаи «Россия» Ю.Кушко / Э.Ш. Раҳмонов // Тысяча лет в одну жизнь. Сб. выст., интервью и статей). – Душанбе: Ирфон, 2003. – 653 с.

10. Раҳмонов, Э.Ш. Суханронӣ дар Иҷлосияи 49-уми Ассамблеяи Генералии СММ, Ню Йорк, 30 сентябри с. 1994 / Э.Ш. Раҳмонов// Тысяча лет в одну жизнь (Сб. выст.).–Душанбе: Ирфон, 2003.–С.18.

11. Саидов, З. Таджикистан на рубеже тысячелетий: реализация национальных интересов на международной арене / З.Саидов, А. Сабуров. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 404 с.

12. Сайидзода, З. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ / З. Сайидзода. – Душанбе: Контраст, 2016. – 216 с.

13. Таджикистан – ОБСЕ: диалог и сотрудничество. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 324 с.

14. Шарифзода, А. Эмомалӣ Раҳмон ва ҷомеаи ҷаҳон / А.Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 372 с.

15. Эъломия дар бораи соҳибистиқлолии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дипломатияи Тоҷикистон. Бюллетени иттиллоотӣ.–2002. - № 2. – С. 175.

## СТРАТЕГИЧЕСКИЕ ПРИОРИТЕТЫ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**НЕЪМАТОВ ИКРОМИДИН,**
кандидат исторических наук, доцент кафедры дипломатии и международных отношений Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан
734003, Таджикистан, город Душанбе, ул. Саида Носира 33;
тел. (+992) 907-70-58-75; e-mail: i.nemat@mail.ru

**МИРЗОЕВ ДЖУРАБЕК АБДУЛОВИЧ,**
капитал, на наш взгляд, интеллектуальный и социальный потенциал, как индивидуального характера ума, а также организации в целом, который приносит своему владельцу прибыль, пропорциональную проявлению или реализации потенциальных способностей человека. Как известно национальный человеческий капитал (на макроуровне) обогащается и развивается в результате затрат государства и общества на образование, здравоохранение, культуру и т.д. Хотя инвестиция в обеспечении человеческого капитала приносит полезности и эффекта в долгосрочной перспективе, но уровень важности этих инвестиций для экономики страны без преувеличения огромно, что осознано в полной мере от простого домохозяйства до государственного уровня. Поэтому инвестиции или затраты на социальные сферы достигают значительный часть расхода государственного бюджета во всех стран мира, и в республике в частности.

Как видно из данных таблицы 2, в период 2010–2022 гг. объем расходов государственного бюджета республики увеличилось от 1019,5 до 6240,8 миллион сомони. Его удельный вес в общем объеме расходов государственного бюджета увеличилось от 15,18 до 18,1%, или более чем на 2,9 процентный пункт.

**Таблица 2.**

**Динамика государственных расходов (бюджетных расходов) в сфере образования республики**

| Годы | Всего расходы в сфере образование, миллион сомонӣ | В % к всего расода бюджета |
|---|---|---|
| 2010 | 1019,5 | 15,18 |
| 2011 | 1592,4 | 18,59 |
| 2012 | 1540,6 | 16,9 |
| 2013 | 2111,6 | 18,2 |
| 2014 | 2353,9 | 17,8 |
| 2015 | 2539,3 | 15,8 |
| 2016 | 3093,7 | 16,9 |
| 2017 | 3572,6 | 16,0 |
| 2018 | 3702,6 | 15,3 |
| 2019 | 4338,6 | 18,2 |
| 2020 | 4311,4 | 17,3 |
| 2021 | 5259,9 | 17,9 |
| 2022 | 6240,8 | 18,1 |
| 2022, к 2010, % | 6,2 раз | 2,9 п.п |

**Источник:** Статистический ежегодник Республики Таджикистан, 2023, с. 400- 407.

Развёртывание экономики знаний, где человеческий капитал является главным двигателем, зависит от уровня развития сферы высшего профессионального образования. Данная сфера является высокотехнологическим, поскольку она занимает существенное место по критерию расходов на НИОКР [12]. «Сфера высшего профессионального

образования как высокотехнологичная и наукоемкое отрасль, направлена на создание образовательного продукта, являющаяся наиболее совершенным продуктом на базе накопленных знаний, новых теорий и разработок. Другими словами для её создания используются самые лучшие теории, материалы и новые технологии образовательного процесса». [7, 35-43].Именно в этой сфере происходит полное или завещающий этап формирование человеческого капитала, как накопленные знания, умения и способности, который в дальнейшем в процессе социально-экономической деятельности способствует повышение высокому уровню качественного развития субъектов экономики. Таким образом, человеческий капитал является не только главный ресурсом высокотехнологичной отрасли, но и носителем знаний, без которых невозможно формирование и развитие экономики знаний.

Как свидетельствует данные таблицы 3, в период 2010–2022 гг. число учреждений сферы высшего образования в республике увеличилось от 33 до 46 единиц, число их студентов увеличилось от 151,7 до 218,1тыс. человек, или более чем на 43,7%. Число студентов на 10000 населения в 2023 году составил 218 тыс. человек, что по сравнение 2010 увеличился на 16 тыс. человека. Таким образом, наблюдается тенденция роста специалистов высшего образования в экономике странны, что улучшает качественный состав национального человеческого капитала.

**Таблица 3.**

**Число учреждений сферы высшего профессионального образования и их студентов**

| **Год** | **Число учреждений сферы высшего образование** | **Число студентов тыс. человек** | **Приходится на 10000 населений, человек** |
|---|---|---|---|
| 2010 -2011 | 33 | 151,7 | 202 |
| 2011 -2012 | 33 | 152,2 | 200 |
| 2012 -2013 | 34 | 150,1 | 188 |
| 2013 -2014 | 33 | 159,4 | 195 |
| 2014-1015 | 38 | 165,3 | 198 |
| 2015-2016 | 38 | 176,5 | 206 |
| 2016-2017 | 39 | 186,9 | 214 |
| 2017-2018 | 39 | 195,7 | 219 |
| 2018-2019 | 39 | 209,8 | 232 |
| 2019-2020 | 40 | 229,6 | 249 |
| 2020-2021 | 41 | 239,5 | 244 |
| 2021-2022 | 46 | 218,1 | 218 |
| 2020-2022 в % к 2010/2011 уч.год. | 139,9 | 143,7 | 107,9 |

**Источник:** Статистический ежегодник Республики Таджикистан, 2023, с. 53.

Широкое использование человеческого капитала в экономике способствует повышению предельной производительности совокупного (материального и нематериального) капитала, параллельно с увеличением его объемов. Таким образом, в процессе использования человеческого капитала проявляется действия закона растущей предельной полезности. По мере развития интеллектуального капитала субъектов экономики всё более повышается эффективность и объем наращивания объемов вещественно-денежного капитала. Инвестиция в новых разработках, на основе материализации новых идей. Превращение идей в материальную форму и их внедрение в жизнь высококвалифицированными специалистами создали компании-гиганты подобно Microsoft или Google, главное богатство этих компаний является мозги их создателей и сотрудников.

По мере развития роль и значение человеческого капитала как главного ресурса экономики знаний возникли и получили развитие новые способы управления человеческим капиталом, который на уровне субъектов экономики и национальной экономики в целом порождали понятие «менеджмент знаний». Появление менеджмента знаний, также относится к ключевым чертам экономики знаний. Управление знаниями или менеджмента знаний является важной частью менеджмента любой предприятий, объединяющиеся в действия, связанные с аккумулированием, накоплением или формированием знаний, их распространением и использованием для обеспечения развития инновационной деятельности и обучением персонала. Управление знаниями можно рассматривать как управленческая деятельность и искусство его капитализации, создание стоимости из нематериальных активов предприятий, как целенаправленный управленческий процесс соединение знаний в стоимость. Управление знаниями как любой тип управления формирует определенный набор инструментов (технологии, создание порталов и т.д.), а также общая философия развития предприятия, нацеленная на формирование «обучающуюся», «интеллектуальную» организацию.

Экономике знаний соответствуют иные, по сравнению с традиционной экономикой по порядку взаимодействий участников рыночного обмена. В отличие от традиционного разделения труда между производителями и потребителями знания при участии посредника, порождает формирование новой системы, где потребитель знания непосредственно сам участвует в его создании. Иными словами, современные потребители являются активным участниками производственного процесса для того, чтобы обеспечить соответствие свойства и качества товара своим требованиям. Данный тезис исходит из трудов Э. Тоффлера, который называл субъектов нового типа «просьюмерами» (prosumer — синтез англ. "producer" (производитель) и "consumer" (потребитель), означающий «производящий потребитель»). В

условиях экономики знаний в воспроизводственном процессе производитель и потребитель постоянно меняются ролями: потребитель приобретает возможность прямо влиять на уровень предложения; производитель оказывает влияние на спрос. В действительности сегодня потребители_высказывают идеи и предъявляют требования для улучшения характеристик тех или иных товаров, а производители естественно учитывают это в своей производственной деятельности. В результате такого взаимодействия первые получают от вторых именно желаемый продукт, а вторые, от сотрудничества с потребителями снижают уровень риска не востребованности своего продукта. В теоретическом аспекте в данном случае рыночное равновесие, должно быть более устойчивым, поскольку снижается уровень неопределенности рыночного поля, возникает более согласованное взаимодействие на основе учета интереса другой стороны.

И наконец, тенденция к гуманизации экономического роста является особенность формирующейся экономики знаний. Концептуальной базой выработки экономической политики государств становится устойчивое долгосрочное развитие. «Устойчивым развитием» следует рассматривать не просто механический рост объемов производства экономических благ, но формирование новых, прогрессивных пропорций, направленных на удовлетворение потребности или нужд человека (а не только создание громадной машины по поглощению его времени, сил и ресурсов). Этот новый тип развития должно базироваться на теории ноосферы русского ученого В.И. Вернадского, что означает «разумно управляемое со развитие человека, общества и природы, при котором удовлетворение жизненных потребностей людей осуществляется без ущерба для интересов конкретных людей, природы и будущих поколений» [3,33-34]. Концепция ноосфера - «непрерывно расширяющаяся в пространстве и во времени сфера разума и духа, сфера основанной на их жизнедеятельности земной цивилизации, разума и духа, ядром которой служит историческая биосфера Земли» [4, 33-34].

Введение количественных критериев в концепцию ноосферы, на наш взгляд, повысит её конструктивный аспект, ускорит дальнейшее развитие концепции ноосферы не только в теоретическом, но и в прикладном плане. Ноосферою, «устойчивое» развитие следует рассматривать как путь к формированию ноосферы новой цивилизации, где научное знание в первую очередь становится не умозрительной (тезисы «классной доски»), а как преобразующая сила, которая открывает новые возможности перед социально-экономической системы общества. Выше перечисленные особенности экономики систематизирована, которая представлен на рисунке 4.




**Рисунок 4 Особенности экономики знаний как системного феномена**

Таким образом, выделенные и анализированные основные черты экономики знаний в республике показывают значимость и уровень выраженности некоторых параметров или черт в республике и тенденции неуклонного его развития. В рамках реализации основных пунктов Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года активизации, ориентир на формирование нового социального и инновационное-ориентированного типа экономики является стратегическим приоритетом в научно-практическом и в политическом уровне.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Белл Д. Грядущее постиндустриальное общество. Опыт социального прогнозирования. М.: Academia, 1999. С.20.

2. Иноземцев ВЛ. За пределами экономического общества / ВЛ. Иноземцев. - М.: Academia - Наука, 1998.

3. Лукьянчиков Н. Н. Как спасти человечество от экологической катастрофы // Научные труды Международного союза экономистов и Вольного экономического общества России. В 6 т. –СПб., 1999. –Т. 6. –С. 33-34.

4. Лукьянчиков Н. Н. Как спасти человечество от экологической катастрофы // Научные труды Международного союза экономистов и Вольного экономического общества России. В 6 т. –СПб., 1999. –Т. 6. –С. 33-34

5. Князев Ю. Как определить современное общество: постиндустриальное, информационное, общество знаний, научно-инновационное? Общество и экономика, № 10, 2006. С. 153.; Мирсаидов А.Б., Джумабоев Х.К Совершенствование методики мониторинга и оценки налоговых льгот, стимулирующих инвестиционно-

инновационную деятельность субъектов экономики// Экономика Таджикистан № 1, 2023, с 12-24,

6. Макаров В.Л. Экономика знаний: уроки для России. Экономическая наука современной России. Экспресс- выпуск, 2003, №1 (11) (а). –С. 19.

7. Мирсаидов А.Б. Институциональние аспекты инновационного развития учреждений социального сектора экономики//Экономика Таджикистан, 2017. №2, с 35-43

8. Мирсаидов А.Б., Муртазоев О.К. Механизмы формирование и развитие инновационные региональные промышленные системы – Душанбе: Ирфон, 2019, 188 с. –С .12-13.

9. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года, с. 8.

10.Статистический ежегодник Республики Таджикистан, 2017, с 348; Статистический ежегодник Республики Таджикистан, 2023 –С. 400-407

11.http://khovar.tj/2017/08/il-om-on-atoev-tedodi-istifodabarandagoni-intnrnet-dar-to-ikiston-ba-2-3-mln-nafar-rasid/

**12.**Leslie L. The Economic Value of Higher Education. N.-Y.: MeMillan Publish- ing Company. 1988. P. 40

## ТАМОЮЛҲОИ УМУМӢ ВА ОМИЛҲОИ РУШДИ ПАРАМЕТРҲОИ АСОСИИ ИҚТИСОДИЁТИ ДОНИШ ДАР ТОҶИКИСТОН

**МИРСАИДОВ АВРОР БОБОЕВИЧ,**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директори
Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ
734024, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Айнӣ 44;
тел: (+992) 90-444-60-12; e-mail: chirad-68@mail.ru

**ҲУСЕЙНЗОДА АРДАШЕР ФАРҲОДӢ,**
ассистенти кафедраи молия ва бонкии Донишгоҳи давлатии Данғара
735320, Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Марказӣ 25;
тел: (+992) 93-100-73-65; e-mail: husenzoda1998@gmail.ru

*Дар мақола мазмун ва хусусиятҳои асосии ташаккул ва рушди иқтисодиёти дониш баррасӣ шудааст. Барои арзёбии раванди ташаккули параметрҳои бунёдии иқтисодиёти дониш дар Тоҷикистон тамоюлҳо ва мушкилоти кунунии рушди иқтисоди ҷумҳурӣ, ки бо ин раванд алоқаманданд, муайян карда шудаанд. Ин далели он аст, ки бо ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ раванди таҳия ва татбиқи афзалиятҳои миллӣ ва илмию техникӣ дар сатҳи давлатӣ вусъат ёфта, иқтидори илмию истеҳсолӣ ҳамчун яке аз омилҳои асосии ташаккули иқтисодиёти дониш муайян гардидааст. Ба хислатҳои асосии характернокии иқтисодиёти донишафзудани нақши*

*донишҳои назариявӣ, илмӣ (аз ин пеш абстракть, умумӣ, кодификатсия); инкишофи шабака ва хусусияти глобалии муносибатҳои байни субъектҳои гуногуни хоҷагидорӣ ва таҳияи мантиқи ин муносибатҳо; идоракунии дониш, афзудани нақш ва аҳаммияти сармояи инсонӣ, гуманизатсияи истеҳсолот, афзоиши куллӣ омилҳои иҷтимоии рушди иқтисодӣ ва ғайра таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад:*

***Калидвожа:*** *иқтисод, иқтисодиёти дониш, инноватсия, сармояи инсонӣ, афзалиятҳои илмию техникӣ, иқтисодиёти шабакавӣ, соҳибкории инноватсионӣ, идоракунии дониш, гуманизатсияи истеҳсолот.*

## GENERAL TRENDS AND DEVELOPMENT FACTORS MAIN PARAMETERS OF THE KNOWLEDGE ECONOMY IN TAJIKISTAN

**MIRSAIDOV AVROR BOBOEVICH,**
Doctor of Economic Sciences, Professor, Deputy Director of the Institute of Economics and Demography of NAST
734024, Tajikistan, Dushanbe city, Aini ave. 44;
tel. (+992) 90-444-60-12.; e-mail: chirad-68@mail.ru-

**HUSSEYNZODA ARDASHER FARHODI**
Dangara State University, assistant at the Department of Finance and Banking
735320, Tajikistan, Khatlon region, Dangara district, Markazi str. 25;
tel. (+992) 93-100-73-65; e-mail: husenzoda1998@gmail.ru

*The article examines the content and main features of the formation and development of the knowledge economy. To assess the process of formation of the fundamental parameters of the knowledge economy in Tajikistan, current trends and problems in the development of the republic's economy associated with this process have been identified. This is justified by the fact that with the acquisition of state independence, the process of development and implementation of national, scientific and technological priorities at the state level unfolds and scientific and production potential is strengthened, as one of the key factors in the formation of the knowledge economy. Particular attention is paid to the main characteristic features of the knowledge economy: the increasing role of theoretical, scientific knowledge (previously abstract, generalized, codified); development of the network and global nature of interactions between various economic entities, and the development of the logic of these interactions; the emergence of knowledge management, knowledge management, the increasing role and importance of human capital, the humanization of production, and the overall increase in social factors of economic growth.*

***Keywords:*** *economics, knowledge economy, innovation, human capital, scientific and technical priorities, network economy, innovative entrepreneurship, knowledge management, humanization of production.*

УДК: 339.138

# ТАШАККУЛИ СТРАТЕГИЯИ МОЛИИ КОРХОНАҲОИ ТИҶОРАТӢ ҲАМЧУН ҚИСМИ ТАРКИБИИ МАРКЕТИНГ

**ТОЛИБОВ ҚОБИЛҶОН ҚОСИМОВИЧ,**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
734061, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ ½;
тел.: (+992) 918-61-81-77; e-mail: tolibov_74@mail.ru;

**АБДУРАҲМОН ҲАКИМЗОДА,**
муаллими калони кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
734061, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ ½;
тел.: (+992) 907-70-48-90; e-mail: hakimzod-90@mail.ru;

*Дар мақола муаллифон ташаккули стратегияи молии корхонаҳои тиҷоратиро ҳамчун қисми таркибии маркетинг мавриди омӯзиш ва арзёбӣ қарор додаанд. Муаллифон қайд кардаанд, ки дар шароити муосири ноустувори молиявӣ корхона бояд натанҳо ба тағйирёбии муҳити беруна, балки тағйироте, ки онҳоро ба миён меоваранд, пешбинӣ намояд. Аз ин лиҳоз, таҳияи стратегияи молӣ дар муҳити бозории рақобатнокияш баланд вазифаи муҳимми идоракунӣ мегардад. Ташаккули стратегияи молӣ барои корхонаи тиҷоратӣ яке аз вазифаҳои асосии идоракунии стратегӣ ба шумор рафта, имкон медиҳад, ки дар асоси баҳодиҳии тақозои истеъмолкунандагон ба ташкили номгӯйи молии самаранок натиҷаи фаъолияти он баланд бардошта шавад.*

***Калидвожаҳо:*** *бозор, маркетинг, стратегия, стратегияи маркетинг, стратегияи молӣ, корхонаҳои тиҷоратӣ, маркетинги стратегӣ, бозори мақсаднок.*

Корхонаҳои муосири тиҷоратӣ, ки дар шароити рақобати баланд ва муҳити бозории рушдкунанда фаъолият мекунанд, таъмин ва нигоҳдории рақобатпазирии худро метавонанд танҳо ҳангоми дуруст таҳия намудани стратегияи молӣ ба даст оваранд. Он мавқеи махсусро дар маркетинг ҳамчун қисми таркибии сиёсати молӣ дар низоми идораи фаъолияти истеҳсолию фурӯшии корхона ишғол менамояд. Стратегияи молии дуруст таҳиягардида ба сифатан қонеъ гардонидани тақозои истеъмолкунандагон равона карда шудааст. Таҳқиқоти гузаронидаи мо нишон медиҳад, ки стратегияи молӣ қисми таркибии маркетинг буда, амалан ҳамеша ба хислат ва хусусиятҳои алтернативаҳои

таркибии маҷмуи маркетинг таъсир мерасонад. Дар зинаи стратегии рушди ширкати тиҷоратӣ стратегияи молӣ афзалияти рақобатии муҳим ба шумор меравад.

Ба муҳиммияти баланди қарорҳо дар соҳаи ташаккули стратегияи молӣ нигоҳ накарда, дар фаъолияти амалӣ равиши яктарафа ба раванди мазкур ҷой дорад. Дар робита ба ин ҳадаф, таҳқиқоти гузаронидашуда омӯзиши мушкилот, ки бо истифода аз равишҳои стратегии корхонаҳои тиҷоратӣ робита доранд, ба ҳисоб меравад.

Воситаи асосии стратегии идоракунии рушди ташкилот стратегияи маркетингӣ ба шумор меравад. Равишҳои гуногун ба муайян намудани мафҳуми стратегияи маркетингӣ вуҷуд дорад. Аксари муаллифон ду омезиши вожавии стратегияи маркетингӣ ва маркетинги стратегиро истифода бурда, ба хулосае омадаанд, ки ба ақидаи Е.П.Голубкова розӣ шаванд, ки ӯ қайд намудааст: “Стратегияи маркетингӣ ҳамон маркетинги стратегӣ аст” [2].

Мувофиқи тасдиқи муҳаққиқ Э.А. Уткин, стратегияи маркетинг: “Қисми таркибии тамоми идоракунии стратегии корхона ва нақшаи фаъолияти соҳибкорӣ мебошад”. Вазифаи асосии он нигоҳдорӣ ва рушди раванди истеҳсол, имкониятҳои зеҳнии кормандони ширкат дар баланд бардоштани номгӯй ва сифати молҳои истеҳсолшаванда, азхуд кардани бозорҳои нав, афзоиши фурӯш ва дар ниҳояти кор баланд бардоштани самаранокии фаъолият мебошад [4].

Аммо як зумра муаллифон мафҳуми “стратегияи маркетингӣ”-ро ҳамчун маҷмуи чорабиниҳои байни ҳам алоқаманд арзёбӣ намуда, бо ёрии онҳо ширкат умедвор мешавад, ки вазифаҳои гузошташудаи худро иҷро менамояд. Масалан, муҳаққиқ О.Уолкер стратегияи маркетингиро ҳамчун “захираҳои бозории самараноки тақсимотӣ ва ҳамоҳангкардашудаи навъҳои фаъолият барои иҷрои вазифаҳои ширкат дар бозори молии муайян баррасӣ намудааст” [3]. Ин аломатро низ яке аз мутахассисони барҷаста дар соҳаи маркетинг Ф. Котлер дар асари худ қайд намудааст: “Стратегияи маркетингӣ–нақшаи мантиқии чорабиниҳои маркетингӣ буда, тавассути он ширкат умедвор аст вазифаҳои маркетингии худро иҷро намояд” [5].

Аз рӯйи ақидаи муҳаққиқ Ф.Котлер стратегияи маркетингӣ аз се қисм таркиб ёфтааст, ки дар расми 1 оварда шудааст.




**Расми 1. Тавсифи моҳиятии стратегияи маркетингӣ аз рӯйи ақидаи Ф. Котлер.**

Аз рӯйи равишҳои пешниҳодгардида тасдиқ кардан мумкин аст, ки муаллиф дар асоси стратегияи маркетингӣ маҷмуи маркетингро ҷой намудааст. Бо ин стратегияи маркетингии бевосита ба фурӯши молҳо дар бозор робита дошта, хусусияти фавриро мегирад. Дар “Луғати муосири иқтисодӣ” стратегияи маркетинг ҳамчун “чораҳои маркетингии ширкат доир ба пешбурди устувори молҳои худ дар бозор бо дарназардошти муайян намудани ҳадафҳо, таҳлил, банақшагирии чорабиниҳои маркетингӣ ва назорати он муайян карда шудааст” [4].

Як зумра муаллифон стратегияи маркетингро ҳамчун банақшагирии маҷмуи маркетинг (маркетинг микс) дида баромадаанд. Масалан, муҳаққиқ С.Е. Чернов чунин мешуморад: “Стратегияи маркетинг барои ҳар як бозори ҳадафнок бо муайян намудани дастурҳои стратегӣ доир ба маҳсулот, шабакаҳои тақсимот, усулҳои пешбурд, нарх ва дигар унсурҳои маҷмуи маркетинг, инчунин, бо буҷети маркетинг таҳия карда мешавад” [3].

Ба ақидаи мо, як қатор муҳаққиқон стратегияи маркетингиро ҳамчун таҳияи барномаи маркетингии самаранок барои бозори мақсадноки мушаххас муайян намудаанд. Мисол, муҳаққиқ Г.Л.Багиев чунин мешуморад: “Стратегияи маркетинг барномаи генералии фаъолияти маркетингӣ дар бозорҳои мақсаднок буда, самтҳои асосии фаъолияти маркетингии ширкат ва воситаҳои маҷмуи маркетинг (маркетинг микс)-ро, ки тавассути он чорабиниҳои маркетингӣ барои ба даст овардани мақсадҳои гузошташуда таҳия ва амалӣ карда мешаванд [4].

Аз гуфтаҳои болозикр бармеояд, ки ҳангоми амалисозии стратегияи маркетинг асоси онро эҳтиёҷоти истеъмолкунандагон ташкил медиҳад. Маҳз ошкор кардани талабот ва дар оянда қонеъ гардонидани он асоси стратегияи маркетингиро ташкил медиҳад.

Дар асоси гуфтаҳои боло мо чунин мешуморем, ки қисми таркибии моҳиятии стратегияи маркетингиро барои стратегияи молии маркетинг, ки асоси онро воситаҳои идоракунии стратегии ташкилоти тиҷоратӣ: таҳияи чорабиниҳои самараноки маркетингӣ, пешбурди мол дар бозор, барномаи фаъолияти маркетингии корхона, ноил шудан ба ҳадафҳои маркетинг, интихоби бозори мақсаднок, қонеъ кардани талаботи истеъмолгарон, мубориза барои истеъмолкунандагон тавассути қонеъгардонии талаботи онҳо ва муайян намудани харидорони имконпазир ташкил медиҳанд, ки истифода бурдани онҳо мумкин аст.

Мо чунин мешуморем, ки истифода набурдани стратегияи молии корхонаҳои тиҷоратӣ ба ноустувории сохтори номгӯй, ки таҳти таъсири омилҳои ҷории тасодуфӣ, аз даст додани назорати рақобатпазирӣ ва самаранокии тиҷоратии молҳо оварда мерасонад.

Стратегияи молӣ қисми таркибии сиёсати хоҷагидорӣ ва маркетингии корхона ба шумор меравад [4]. Тибқи он принсипи "молро бояд харидор интихоб кунад" дар омезиш бо пешниҳод намудани имкониятҳои интихоби васеъ барои харидорон бевосита аз истеҳсолот оғоз мегардад. Низоми тарҳсозӣ, моделсозӣ, дизайн, механизми ҳавасмандгардонӣ ва ташкили истеҳсолот бояд ба харидори имконпазири мушаххас нигаронида шавад.

Аз гуфтаҳои боло хулоса бароварда, аз нигоҳи мо вазифаҳои таҳияи стратегияи молӣ чунин шуда метавонанд, ки дар расми 2 оварда шудааст.




**Расми 2. Вазифаҳои асосии таҳияи стратегияи молӣ.**

Ҳангоми ташаккули стартегияи молӣ зарур аст, ки як қатор шартҳои зерин риоя карда шаванд:

- ✓ Муаррифии амиқи ҳадафҳои истеҳсолот;
- ✓ Фурӯш ва содирот барои оянда;
- ✓ Стратегияи фаъолияти истеҳсолӣ-фурӯшии корхона;
- ✓ Донистани бозор ва хусусиятҳои талаботи он;
- ✓ Муайян кардани имкониятҳо ва захираҳои ҷорӣ ва баъдӣ.

Азбаски муваффақияти бозорӣ маҳаки асосии баҳогузории фаъолияти корхона мебошад, имкониятҳои бозории он сиёсати молиро дуруст ва пайдарпай амалӣ месозад. Он дар асоси омӯзиши бозор, ояндаи рушди корхона иттилооти авваларо барои ҳалли масъалаҳоли вобаста бо ташаккул, идоракунӣ ва мукаммалгардонии он ба даст меоварад.

Стратегияи молӣ самти дарозмуддати корхонаро муайян карда, он барои оянда ва ҳалли вазифаҳои асосӣ пешбинӣ гардидааст. Ин асоси сиёсати тиҷоратии ширкатҳо ба ҳисоб меравад.

Омилҳои таъсиррасони стратегияи молиро ба ду гурӯҳ: дохилӣ ва берунӣ ҷудо мекунанд. Дар ин замина, омилҳои дохилӣ маҳдудиятҳоеро инъикос мекунад, ки бо қабули қарор доир ба ташаккули стратегияи молӣ робита дорад. Омилҳои берунӣ имкони интихоби стратегия ва тактикаи муайянро дар бар мегиранд. Ҳар яке аз ин гурӯҳҳои омилҳо боз бо ду зергурӯҳ ҷудо мешаванд, ки дар расми 3 оварда шудааст.




**Расми 3. Омилҳои асосие, ки ба ташаккули стратегияи молӣ таъсир мерасонанд.**

Аммо, ба андешаи мо, номгӯйи омилҳои зерин, ки ба ташаккули стратегияи молӣ таъсир мерасонанд, нопурра буда, онро бояд нисбатан мукаммал намуд. Мо ақидаи мутахассисон доир ба маркетингро дастгирӣ намуда, тавсия медиҳем, ки ҳангоми таҳияи он амалисозии стратегияи молӣ ба равишҳои амалияи тиҷоратии санҷидашудаи зерин, ки барои соҳибкорон нисбатан муфид аст, такя намоем:

1. Шартан муҳим аст, ки махсусан, агар сухан дар бораи молҳои силсилавӣ ва оммавӣ равад, бояд онҳо дар назари харидор аз молҳои ширкатҳои

рақиб тавассути услуби ширкатӣ, борҷома, ранг ва дизайн фарқи афзалиятнок дошта бошанд;

2. Як қатор молҳое, ки корхонаҳо истеҳсол мекунанд, дар ҳолатҳои муайян мувофиқи мақсад аст, ки як молро интихоб намоем, ки метавонад барои бештари харидорон ҷолиб бошад;

3. Макетинги тафриқавиро истифода бурда, кӯшиши ташкил намудани гуногунии ҳамон як молро барои сегментҳои гуногуни бозор пешниҳод намуда, барномаи мувофиқи маркетингиро таҳия карда, нуфузи бештарро дар бозор ба даст оварем;

4. Натиҷаҳои баландро ҳангоми бо моли нав ба бозори нав баромадан мумкин аст, ки ба даст оварем;

5. Ҷустуҷӯйи соҳаҳои нави истифодабарии молҳое, ки аллакай истеҳсол шудаанду бо чорабинии васеи рекламавӣ ва дигар чорабиниҳо доир ба ҳавасмандгардонии фурӯш нигоҳ дошта мешаванд, қобили қабул аст;

6. Афзалияти бозориро бо роҳи ҷудо намудани молҳои худ аз рӯйи сифат, ки аз молҳои рақиб фарқкунанда, аз ҳисоби хусусиятҳои истеъмолии махсусан сифатан беҳтар кардашуда, афзалияти маводи ашёи хом, маҷмуи хизматрасониҳои бо мол пайваста, ба даст овардан мумкин аст;.

Стратегияи молиро аз шартҳои воқеии фаъолияти корхона, хусусиятҳои муҳити маркетингии беруна ҷудо кардан ғайриимкон аст. Аммо таҷриба нишон медиҳад, ки корхонаҳои тиҷоратии дар шароити якхелаи иқтисоди бозорӣ қарордошта мушкилоти молии худро гуногун ҳал мекунанд.

Баъзеҳо бесару сомон будани худро нишон медиҳанд, дигарон бошанд, ақидаи маркетингро ба инобат гирифта, роҳҳои ояндадорро ёфта, стратегияи молиро таҳия намуда, ба муваффақиятҳои нав ноил мегарданд. Дар шароити муосири рақобат зарур аст, ки стратегияи молӣ бо дарназардошти ояндаи рушди фаъолияти корхона ташаккул дода шавад.

Ҳамин тариқ, стратегияи молӣ барои ташаккули нақшаҳои сиёсати сармоягузорӣ, инноватсионӣ ва кадрӣ асос шуда метавонад. Ҳамзамон, стратегияи молӣ дар робита бо ҳамаи унсурҳои стратегияи умумии иқтисодӣ, ки имкон медиҳад, ки ҳалли муносиби хоҷагидориро дар шароити бозории муосир муайян намоем, қарор дорад.

Аз ҷониби мо алгоритми стратегияи молӣ барои корхонаи тиҷоратӣ таҳия гардидааст, ки дар расми 4 нишон дода шудааст.




**Расми 4.–Алгоритми таҳияи стратегияи молии корхонаи тиҷоратӣ.**

Хулоса, таҳияи стратегияи молии корхонаи тиҷоратӣ айни замон асоси раванди идоракунӣ мегардад. Дар шароити имрӯзаи ноустувори молиявӣ корхона бояд натанҳо ба тағйирёбии муҳити беруна, балки тағйироте, ки онҳоро ба миён меоранд, пешгӯйӣ намояд. Аз ин лиҳоз, таҳияи стратегияи молӣ дар муҳити бозории рақобатнокияш баланд вазифаи муҳимми идоракунӣ мегардад, зеро зарур аст, ки механизмҳои фаъоли банақшагирии стратегиро таҳия намоем. Он имкон медиҳад, ки боздеҳи иқтисодиро аз истифодаи захираҳои маҳдуди корхона ба даст оварем.

Ташаккули стратегияи молӣ барои корхонаи тиҷоратӣ яке аз вазифаҳои асосии идоракунии стратегӣ ба шумор рафта, имкон медиҳад, ки дар асоси баҳодиҳии тақозои истеъмолкунандагон ба ташкили номгӯйи молии самаранок натиҷаи фаъолияти он баланд бардошта шавад.

## АДАБИЁТ

1. Гребеник Л.Г. Методические подходы к формированию стратегии торгового менеджмента организаций потребительской кооперации [Текст] / Л. Г. Гребеник

//Вестник Белгородского университета потребительской кооперации. – 2009. – № 4 (2). – С. 107–114.

2. Голубков Е. П. Управление сбытовой деятельностью фирмы [Текст] / Е. П. Голубков // Маркетинг в России и за рубежом. – 2012. – № 4. – С. 38–43.

3. Гришкова Н.С. Развитие торгового маркетинга в организациях потребительской кооперации [Текст]: дис.…канд. экон. наук / Н. С. Гришкова. – Белгород: Изд-во БУПК, 2006. – 250 с.

4. Гришкова Н. С. Приоритетные направления формирования торговой стратегии как составляющей операционного маркетинга / Н. С. Гришкова, Т. Н. Байбардина//Вестник Белгородского университета кооперации, экономики и права. – 2015. – №4 (56). – С. 232–241.

5. Котлер Ф. Основы маркетинга [Текст]/Ф. Котлер Г. Армстронг, Д. Сондерс, В. Вонг: пер. с англ. – 2-е Европ. изд. – М.; СПб. : Издательский дом «Вильямс», 2006. – 944 с.

6. Маркетинговая стратегия [Текст]: курс MBA: пер. с англ. / О. Уолкер-мл., Х. Бойд-мл., Ж.-К. Ларше, Дж. Маллинз. – М.: Вершина, 2006. –492 с.

7. Мозговая Ю. А. Построение стратегической карты целей хозяйствующих субъектов [Текст]/Ю.А. Мозговая М.Е.Ледовская// Международный журнал прикладных и фундаментальных исследований. – 2014. – № 2–2. – С.146–147.

8. Роздольская И.В. Компаративный анализ понятия «маркетинговый потенциал» и его функциональное содержание как экономической категории [Текст] / И. В. Роздольская М. Е. Ледовская // Вестник Белгородского университета кооперации, экономики и права. – 2013. – № 3. – С. 75–81.

## ФОРМИРОВАНИЕ ТОВАРНОЙ СТРАТЕГИИ КОММЕРЧЕСКИХ ПРЕДПРИЯТИЙ КАК НЕОТЪЕМЛЕМАЯ ЧАСТЬ МАРКЕТИНГА

**ТОЛИБОВ КОБИЛДЖОН КОСИМОВИЧ,**
доктор экономических наук, доцент кафедры экономики и организация бизнеса
Таджикского государствевнного университета коммерции
Таджикистан, город Душанбе, улица Дехоти ½;
тел.: (+992) 918-61-81-77; e-mail: tolibov_74@mail.ru;

**АБДУРАХМОН ХАКИМЗОДА,**
старший преподователь кафедры менеджмента и маркетинга Таджикского
государственного университета коммерции
Таджикистан, город Душанбе, улица Дехоти ½;
тел: (+992) 907-70-48-90; e-mail: hakimzod-90@mail.ru;

*В статье авторами изучено и исследовано формирование товарной стратегии коммерческих предприятий как составной части маркетинга. Авторы отмечают, что в современных нестабильных финансовых условиях предприятие должно прогнозировать не только изменения внешней среды, но и изменения, которые их вызывают. В связи с этим разработка товарной стратегии в условиях высокой конкуренции на рынке становится важной задачей управления. Формирование товарной стратегии для коммерческого предприятия является одной из основных задач стратегического управления, позволяющей на основе оценки потребительского спроса на создание эффективного товарного ассортимента повысить результативность его деятельности.*

***Ключевые слова:*** *рынок, маркетинг, стратегия, маркетинговая стратегия, товарная стратегия, коммерческие предприятия, стратегический маркетинг, целевой рынок.*

## FORMATION OF THE PRODUCT STRATEGY OF COMMERCIAL ENTERPRISES AS AN INTEGRAL PART OF MARKETING

**TOLIBOV QOBILJON QOSIMOVICH,**
Doctor of Economics, Associate Professor of the Department of Economics and Business Organization of the Tajik State University of Commerce
734061, Tajikistan, Dushanbe city, Dekhoti str. ½;
tel: (+992) 918-61-81-77; e-mail: tolibov_74@mail.ru;

**ABDURAHMON HAKIMZODA,**
senior lecturer at the Department of Management and Marketing of the Tajik State University of commerce
734061, Tajikistan, Dushanbe city, Dekhoti str. ½;
tel: (+992) 907-70-48-90; e-mail: hakimzod-90@mail.ru.

*In the article, the authors studied and investigated the formation of the product strategy of commercial enterprises as an integral part of marketing. The authors note that in today's unstable financial conditions, an enterprise must predict not only changes in the external environment, but also the changes that cause them. In this regard, the development of a product strategy in a highly competitive market becomes an important management task. The formation of a product strategy for a commercial enterprise is one of the main tasks of strategic management, which allows, based on an assessment of consumer demand for the creation of an effective product range, to increase the effectiveness of its activities.*

***Keywords:*** *market, marketing, strategy, marketing strategy, product strategy, commercial enterprises, strategic marketing, target market.*

УДК: 001.894 (575.3)

# ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ФАЪОЛИЯТИ ИХТИРОЪКОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ: ДУРНАМО ВА РУШД

**ИСМОИЛЗОДА МИРЗО ҲАЙДАРБЕК,**
директори Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734002, Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ 14 а;
тел.: (+992 37) 221-47-60); e-mail: mirzobekismailov@gmail.com.

**НАЗАРОВ БАҲОДУР ИСМОИЛОВИЧ,**
сармутахассис–коршиноси Раёсати санҷиши давлатии ихтироот ва намунаҳои саноатии Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон
734002, Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ 14 а;
тел.: (+992) 93-532-10-02); e-mail: bahodur@ncpi.tj

*Мақсади асосии гузаронидани таҳлили вазъи фаъолияти ихтироъкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз фарогирии маҷмуии ҳолати пешниҳоди аризаҳо ва гирифтани ҳуҷҷатҳои муҳофизатӣ ба ихтироъ дар давоми солҳои 1993-2022 иборат аст.*

*Қисми дигари мавзуъ ба муқоисаи маълумоти омории соҳаи ихтироъкорӣ дар кишвар бахшида шуда, ҳамзамон, таҳлили вазъ ва саҳми аҳолии ҷумҳурӣ дар соҳа, фаъолнокии ихтироъкорӣ ва инчунин, ҳолати татбиқи ихтироот дар амалияро ҳамчун нишондоди тиҷоратикунонии онҳо дар солҳои охирини давраи таҳлилшаванда дар бар мегирад.*

*Дар натиҷаи баҳогузории вазъи соҳа бо таҳлили нишондиҳандаҳо пешниҳодҳо ҷиҳати рушди соҳаи ихтироъкорӣ дар кишвар бо нишон додани омилҳои ба бартарафкуни ниёздошта анҷом дода шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *фаъолияти ихтироъкорӣ, ихтироъ, аризадиҳанда, ҳуҷҷатҳои муҳофизатӣ ба ихтироъ, патент, нахустпатент, патенти авруосиёӣ, синфбандӣ.*

Яке аз нишондиҳандаҳои рушди ҷомеа офариниши неъматҳои моддию маънавӣ баҳри беҳтар кардани шароити иҷтимоию иқтисодии мардум мебошад. Дар навбати худ пайдоиши неъматҳои моддию маънавӣ ба қатори мавҷудияти сарватҳои табиӣ ва дигар сарватҳои дарихтиёрбуда аз сатҳи сифатнокии донишҳо ва андешаронии солими аъзои ҷомеа, махсусан донишмандон, мутахассисони соҳаҳои гуногун ва дигар аҳли эҷод, вобастагӣ дорад, ки аз

қатори онҳо навоварон ва ихтироъкоронро ба таври алоҳида ҷудо кардан мебояд.

Маҳз ҳамин қабил аз аҳли ҷомеа бо фаъолияти кошифона, навоварона ва ихтироъкоронаи худ дар офариниши неъматҳои моддию маънавӣ фаъолона ширкат варзида, дар баъзе мавридҳо, тавре таърих шаҳодат медиҳад, бидуни ҷуброни заҳмати худ ба инсоният неъматҳои пурарзиш ва таҳавулотоварро пешниҳод намудаанд. Нуқтаи муҳим он аст, ки бо пешниҳоди натиҷаи заҳматҳои таҷрибавӣ ва илмии худ онҳо номи худро дар саҳифаи ҳаёти инсоният абадӣ гардонидаанд. Аз қабили чунин афроди бузург олимони барҷаста: Абуалӣ ибни Сино, Муҳаммад ибни Мӯсо ал-Хоразмӣ, Умар ибни Иброҳими Хайём, Сай Лун, Шен Ко, Сзен Гулян, Дин Ду, Ян Ванде, Архимед, Герон, Ленонардо да Винчи, Джеймс Ватт, Никола Тесла, Михаил Ломоносов, Алберт Энштейн, Сергей Королёв, Лазар Сербин, Андрей Нартов, Иван Ползунов, Георг Симон Ом ва садҳо дигар донишмандонро аз миллату халқиятҳои гуногуни қитъаҳои олам ёдрас шудан мумкин аст. Чунин афрод бо зеҳни баланди худ дар беҳшавии рӯзгори инсоният саҳми пурбаҳо гузоштаанд.

Боиси қайд аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати нақши баланди аҳли зеҳну маърифат дар рушди ҷомеа, дастгирии аҳли илм, ва ашхоси дорои зеҳни воло, махсусан, дар самти пешрафти илмҳои дақиқ, рушди фаъолияти навоварию ихтироъкорӣ ва тарбияи насли оянда дар ин руҳия дастуру тавсияҳои арзишмандро ироа намудаанд, аз ҷумла: «*Илм дар шароити муосир нақши калидӣ дошта, ба рушду тараққиёти давлат мусоидат менамояд. Мутаассифона, дар кишвари мо ихтироъкорӣ ва навоварӣ ҳанӯз кам буда, бозёфтҳо дар илмҳои дақиқ ва техникиву технологӣ назаррас нестанд. Дар замоне, ки илму технология бо суръати кайҳонӣ пеш меравад, дар илми тоҷик навгонӣ ва ташаббусҳои илмӣ кам ба мушоҳида мерасанд, афроди лаёқатманд, ихтироъкор ва навҷӯ ба ҷодаи илмҳои дақиқ ҷалб карда намешаванд ва мавзуъҳои фармоишӣ барои талаботи давлат равона намегарданд.*

*Дар мамлакат дар шароити имрӯза рушди илмҳои бунёдӣ муҳим ва афзалиятнок буда, пешбурди корҳои илмиву таҳқиқотӣ вазифаи аввалиндараҷаи олимони ин соҳа маҳсуб меёбад, ки он беҳбудии ҷиддӣ мехоҳад. Бо мақсади беҳтар намудани натиҷаи корҳои илмиву таҳқиқотӣ дар ин самт ва истифодаи амалии онҳо дар рушди истеҳсолоти ватанӣ пешниҳод менамоям, ки дар сохтори Академияи илмҳо Маркази таҳқиқоти технологияи инноватсионӣ таъсис дода шуда, донишмандони техникаю технология, ҷавонони болаёқат ва ихтироъкор ба корҳои илмиву пажуҳишӣ ҷалб карда шаванд. Бовар дорам, ки минбаъд олимони мо дар доираи стратегияву барномаҳои давлатӣ таҳқиқот бурда, ба масъалаи тарбияи муҳаққиқони*

*ҷавони ихтироъкору навовар эътибори ҷиддӣ медиҳанд".* (Иқтибос аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, шаҳри Душанбе, 22.12.2016). «*Сармояи инсонӣ ҳамчун муҳаррики пуриқтидор ба пешрафти инноватсия ва технологияҳои нав мусоидат мекунад ва бинобар ин, илми муосири ватанӣ бояд ҷавононро бештар ба илмомӯзӣ, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва таҳқиқи масъалаҳои иқтисоди рақамӣ сафарбар намояд. Махсусан, вусъат додани раванди ихтироъкорӣ, азхудкунии технологияҳои инноватсионӣ ва ҷорӣ кардани онҳо дар истеҳсолот вазифаи аввалиндараҷаи олимони кишвар маҳсуб меёбад*». (Иқтибос аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, шаҳри Душанбе, 22.12.2017) [1].

Қайд кардан зарур аст, ки дастуру тавсияҳо ва дар маҷмуъ, таваҷҷуҳи Пешвои миллат ба соҳаи мазкур натанҳо бо нуктаҳои дар боло дарҷшуда, инчунин, дар дигар мавридҳо низ ироа гардидаанд ва мақсади асосии ёдоварӣ, аз дарҷ намудани нақши арзишманди онҳо дар рушди соҳа иборат мебошад.

Заминаи ҳуқуқӣ барои иҷрои пайваста ва барои давраҳои муайян равонагардида, ки танзими самти фаъолияти ихтироъкорию навоварӣ, ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқҳои аҳли эҷод (махсусан, дар фаъолияти навоварию ихтироъкорӣ) бо иҷрои муқаррароти онҳо анҷом дода мешавад аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон  сарчашма мегирад. Ҳамзамон, танзимкуниҳоро бо дигар санадҳо, аз қабили Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 3), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ихтироъ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 декабри соли 2014, №767 «Дар бораи таъсиси Шурои миллӣ оид ба ҳамоҳангсозӣ ва рушди соҳаи моликияти зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2014 «Дар бораи Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июни соли 2021, №210 дар бораи тасдиқи «Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» дар бар мегирад. Вобаста ба ин, нуктаи муҳимро аз муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ менамоем, ки дар моддаи 40-уми он чунин қайд гардидааст: «*Ҳар шахс ҳуқуқ дорад озодона дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа, эҷоди бадеӣ, илмӣ ва техникӣ ширкат варзад, аз дастовардҳои онҳо истифода кунад. Сарватҳои фарҳангӣ ва маънавиро давлат ҳимоя мекунад. Моликияти зеҳнӣ таҳти ҳимояи қонун аст»* [2].

Дар қатори танзимкунӣ бо заминаи ҳуқуқӣ, бо супоришҳо ва дастгириҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабиниҳои гуногун, аз қабили форумҳо, озмунҳо ва дигар чорабиниҳои омӯзишӣ роҳандозӣ гардида, дар оянда низ амалӣ карда мешаванд. Вобаста ба ин самт, баргузории Озмуни ҷумҳуриявии «Илм–фурӯғи маърифат», «Форуми ихтироъкорони Ҷумҳурии Тоҷикистон»,

Озмуни ҷумҳуриявии «Ихтироъкори беҳтарини Тоҷикистон», Фестивал-Озмуни ҷумҳуриявии «Навоварон ва ихтироъкорони наврас ва ҷавон», «Ҳафтаи илм, технология, инноватсия ва ихтироъкории наврасону ҷавонони шаҳри Душанбе», семинар-машваратҳо дар доираи мавзуи «Асосҳои моликияти зеҳнӣ» ва дигар чорабиниҳои монандро ёдрас шудан зарур аст.

Вобаста ба вазъи ихтироъкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд тазаккур дод, ки заминаи муҳими таҳлил бо дарназардошти мавҷудияти заминаи ҳуқуқӣ ва дастгириҳои давлатӣ нишондиҳандаҳои соҳа мебошад. Бо ин мақсад ҷиҳати хулосабарорӣ ва пешниҳоди дурнамо дар рушди соҳа як қатор таҳлилҳои омории нишондиҳандаҳо оварда мешаванд [3].

**Ҷадвали 1**

## Маълумоти оморӣ
## доир ба пешниҳоди ариза барои гирифтани ҳуҷҷати муҳофизатӣ ба ихтироъ (патент)
## дар солҳои 1993-2022

| р/т № | Соҳаи ихтироъ* | Солҳо (теъдоди ариза), миллӣ/хориҷӣ | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1993 | 1994 | 1995 | 1996 | 1997 | 1998 | 1999 | 2000 | 2001 | 2002 | 2003 | 2004 | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016* | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | |
| 1. | Қонеъгардонии талаботи ҳаёти инсон | | | | 4 | | | | 1 | 18 | | | 3 | | | | | | | | | 1 | | | | | 1 | 1 | | | 1 | 30 |
| 2. | Тиб | 1 | 29 | 8 | 44 | 16 | 22 | 11 | 21 | 32 | 19 | 11 | 13 | 17 | 12 | 9 | 8 | 5 | 2 | 4 | | 1 | | | | 5 | | | | 4 | 1 | 295 |
| 3. | Кишоварзӣ | | 10 | 6 | 5 | 2 | 2 | 8 | 3 | 3 | 7 | 4 | 3 | 2 | | | 2 | | 2 | | | | 1 | | | | | | | | | 60 |
| 4. | Байторӣ | | | | 4 | 2 | 4 | 4 | 3 | | 1 | 4 | 3 | | | | 5 | | | | | | | | | | | | | | | 30 |
| 5. | Ҷараёнҳои гуногуни технологӣ | | | 1 | | 4 | 1 | | | 1 | 1 | | 1 | 1 | 1 | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | 12 |
| 6. | Интиқолдиҳӣ | | 5 | | 7 | 1 | | | | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | 14 |
| 7. | Кимиё | | 82 | 22 | 44 | 26 | 6 | 7 | 4 | 4 | 3 | 3 | 1 | 1 | 3 | 7 | | | | | 1 | 1 | 2 | 1 | | | | 1 | | | | 219 |
| 8. | Металлургӣ | | 17 | 4 | 14 | | | | 1 | 1 | 1 | | | | | 1 | | 2 | 1 | | 1 | | | | | | | | | | | 43 |
| 9. | Саноат (аз ҷумла хӯрокворӣ) | | 11 | 2 | | 1 | 1 | | 5 | 6 | | 2 | 2 | 5 | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | 36 |
| 10. | Нассоҷӣ | 1 | | | | 7 | | 3 | | 4 | | 1 | | 1 | 1 | 1 | | 1 | | | | | | | | | | | | | | 20 |
| 11. | Сохтмон | | 4 | | 15 | 5 | 2 | 1 | 2 | 4 | 1 | 3 | 4 | 1 | | 2 | 4 | | | | | | | | | | | | 1 | | | 49 |
| 12. | Корҳои кӯҳӣ | | | | 1 | | | | | | | | | | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | 2 |
| 13. | Механика | | 13 | 13 | 10 | 1 | 5 | 5 | 8 | 2 | 3 | 2 | 2 | 1 | | 1 | 5 | 1 | | 1 | 1 | | | | | | | 1 | 8 | 5 | | 88 |
| 14. | Мошинасозӣ | 1 | | | | | | | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | 2 |
| 15. | Гармидиҳӣ | | 2 | 2 | 1 | | | | | | | | | | 2 | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | 8 |
| 16. | Физика | 1 | 6 | 6 | 14 | 5 | 1 | 4 | 4 | 1 | 1 | 1 | 1 | 4 | 4 | 1 | 1 | | 2 | | | | 1 | | | 1 | 1 | | | | 1 | 57 |
| 17. | Барқ | 1 | 9 | 1 | 10 | 3 | 2 | | | 1 | | | 1 | 2 | | | | | 1 | | | | 1 | | | | | | | | | 56 |
| Ҳамагӣ, аз он ҷумла миллӣ/хориҷӣ | | | 5 | 18 8 | 65 | 17 3 | 73 | 46 | 43 | 53 | 78 | 34 | 31 | 34 | 35 | 25 | 24 | 9 | 8 | 5 | 3 | 3 | 5 | 1 | | 6 | 2 | 3 | | | | 991 |
| | | 3/2 | 24/164 | 31/34 | 32/141 | 22/51 | 37/9 | 42/1 | 48/5 | 77/1 | 37/0 | 30/1 | 33/1 | 30/5 | 24/1 | 19/5 | 24/1 | 9/1 | 5/3 | 4/1 | 2/1 | 1/2 | 4/1 | 1/0 | | 6/0 | 0/2 | 0/3 | 0/9 | 0/9 | 0/3 | 534 / 457 |

* Соҳаҳо бо дарназардошти синфҳои бобҳои «Синфбандии байналмилалии патентӣ» (СБП) ҷудо карда шудаанд.
* Соли 2016 ариза пешниҳод нагардидааст

**Ҷадвали 2**

## Маълумоти оморӣ
## доир ба пешниҳоди ариза барои гирифтани патенти авруосиёӣ дар солҳои 2001-2022

| р/т № | Соҳаи ихтироъ* | Солҳо (теъдоди ариза) | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2001 | 2002 | 2003 | 2004** | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | |
| 1. | Қонеъгардонии талаботи ҳаёти инсон | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 2. | Тиб | 1 | 1 | 3 | | 1 | | 1 | | | | | 1 | | | 2 | 6 | 1 | 5 | 5 | 2 | 3 | 3 | 24 |
| 3. | Кишоварзӣ | | | | | | | | | | | | | | | | 1 | | 1 | 1 | | | | 3 |
| 4. | Байторӣ | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | 2 |
| 5. | Кимиё | 1 | | | | | | | | 1 | | | | | 1 | | | 1 | | | 1 | | | 5 |
| 6. | Металлургия | 1 | 1 | | | 1 | 1 | | 1 | 1 | 2 | | 1 | | 1 | | | | | | 4 | | | 14 |
| 7. | Саноат (аз ҷумла хӯрокворӣ) | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | 2 | | | 3 |
| 8. | Нассоҷӣ | | | | | | | | | | | | | | | 2 | | 1 | | | | 1 | | 4 |
| 9. | Сохтмон | 1 | | | | | | 1 | | | | 1 | | | | | | | 3 | | | 2 | | 8 |
| 10. | Корҳои кӯҳӣ | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 11. | Механика | 1 | | | | | | | | 1 | | | | | | | 2 | | | | | | | 4 |
| 12. | Гармидиҳӣ | | 1 | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | 2 |
| 13. | Физика | | | | | | | | 1 | | | | | | | | | | 1 | | 1 | | | 3 |
| 14. | Барқ | | | 1 | | | | | | | | | | 1 | | | 1 | | | | | | 1 | 4 |
| | Ҳамагӣ | 6 | 3 | 5 | | 2 | 1 | 2 | 2 | 3 | 2 | 1 | 2 | 1 | 2 | 4 | 10 | 3 | 10 | 6 | 10 | 6 | 4 | 79 |

* Соҳаҳо бо дарназардошти синфҳои бобҳои «Синфбандии байналмилалии патентӣ» (СБП) ҷудо карда шудаанд.
**Соли 2004 ариза пешниҳод нагардидааст.

**Ҷадвали 3**

## Маълумоти оморӣ доир ба пешниҳоди ариза барои гирифтани нахустпатент дар солҳои 2004-2022

| р/т № | Соҳаи ихтироъ* | Солҳо (теъдоди ариза), **миллӣ/хориҷӣ** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2004 | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | |
| 1. | Қонеъгардонии талаботи ҳаёти инсон | 1 | | | | 6 | 3 | | | 1 | | 2 | | | | | 1 | 6 | 2 | | 22 |
| 2. | Тиб | 2 | 9 | 8 | 29 | 29 | 55 | 39 | 41 | 28 | 25 | 26 | 39 | 33 | 45 | 22 | 39 | 44 | 48 | 50 | 611 |
| 3. | Кишоварзӣ | 3 | 7 | | 15 | 11 | 6 | 19 | 14 | 9 | 5 | 9 | 15 | 12 | 3 | 19 | 3 | 10 | 14 | 13 | 187 |
| 4. | Байторӣ | | 1 | 3 | 1 | 7 | 10 | 1 | | 3 | 10 | 4 | 7 | 4 | 3 | 3 | 9 | 4 | 2 | 7 | 79 |
| 5. | Ҷараёнҳои гуногуни технологӣ | | | | 3 | | | 5 | | | | | | 1 | 1 | 2 | 3 | 2 | 7 | 8 | 32 |
| 6. | Интиқолдиҳӣ | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | 2 |
| 7. | Кимиё | | 1 | | 5 | 10 | 3 | 16 | 15 | 10 | 3 | 10 | 6 | 17 | 15 | 18 | 22 | 16 | 8 | 25 | 200 |
| 8. | Металлургия | | | 1 | 5 | 7 | 2 | 13 | 8 | 11 | 5 | 6 | 5 | 9 | 2 | 6 | 14 | 7 | 15 | 16 | 132 |
| 9. | Саноат (аз ҷумла хӯрокворӣ) | 1 | | 7 | 8 | 11 | 6 | 11 | 12 | 4 | | 2 | 4 | 4 | | 2 | 3 | | 1 | 8 | 84 |
| 10. | Нассоҷӣ | 1 | 6 | | 2 | 4 | 5 | 3 | 6 | | | 3 | 2 | | 1 | 12 | 7 | 2 | 2 | 4 | 60 |
| 11. | Сохтмон | 2 | 4 | 2 | 2 | 1 | 1 | 9 | 12 | | 3 | | | | 3 | 3 | | 6 | 3 | 7 | 58 |
| 12. | Обтаъминкунӣ | | 1 | | | 1 | 1 | | | | | | | | | | | | | | 3 |
| 13. | Корҳои кӯҳӣ | | | | | 1 | 1 | | | | | | 1 | | | | | 1 | | 5 | 9 |
| 14. | Механика | | 1 | | 6 | 8 | 19 | 12 | 20 | 1 | 5 | 7 | 3 | | 2 | 4 | 3 | 4 | 1 | 1 | 97 |
| 15. | Мошинасозӣ | | 1 | | 3 | | | | | | 2 | | | | | | 1 | | 1 | 1 | 9 |
| 16. | Гармидиҳӣ | | | 1 | | 3 | | 2 | 1 | 1 | 6 | | 1 | 1 | | | | 1 | 1 | 1 | 19 |
| 17. | Физика | | | 2 | 10 | 1 | 11 | 7 | 7 | 2 | 4 | 2 | 6 | 4 | 4 | 5 | 5 | 7 | 11 | 5 | 93 |
| 18. | Барқ | 1 | | 2 | 1 | 7 | 16 | 13 | 7 | 1 | 1 | 4 | 5 | | 2 | 6 | 4 | 2 | 7 | 7 | 78 |
| Ҳамагӣ, аз ҷумла миллӣ/хориҷӣ | | 13 | 33 | 26 | 90 | 107 | 129 | 150 | 143 | 71 | 69 | 75 | 94 | 85 | 81 | 102 | 114 | 112 | 123 | 158 | 1775 |
| | | 13/4 | 33/0 | 26/0 | 90/2 | 107/0 | 129/1 | 147/3 | 143/0 | 71/0 | 66/3 | 73/2 | 94/0 | 85/2 | 80/1 | 100/2 | 113/1 | 112/0 | 122/1 | 158/0 | 1753/22 |

* Соҳаҳо бо дарназардошти синфҳои бобҳои «Синфбандии байналмилалии патентӣ» (СБП) ҷудо карда шудаанд.

Таҳлили ҷадвали 1 нишон медиҳад, ки тайи солҳои 1993–2022 аз ҷониби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гирифтани патент ба ихтироъ 534 ариза пешниҳод гардидааст. Нишондиҳандаи аз ҳама баланд дар таносуби соли пешниҳод ба соли 2001 рост меояд, ки 77 ададро ташкил додааст. Мутассифона, ин нишондиҳанда бо тағйирёбиҳои сол ба сол паст рафта, дар панҷсолаи охир (солҳои 2018–2022) ба сифр баробар гардидааст.

Бо вуҷуди ба сифр баробар шудани пешниҳоди ариза барои гирифтани патенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби шаҳрвандони кишвар дар давоми солҳои 2001–2022 барои гирифтани патенти авруосиёӣ, ки дар ҳашт давлат–узви Ташкилоти патентии авруосиёӣ (Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Озарбойҷон, Ҷумҳурии Арманистон, Ҷумҳурии Қазоқистон, Туркманистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон) амал мекунад, 79 ариза пешниҳод карда шудааст (ниг. ҷадвали 3). Нишондиҳандаи аз ҳама баланд дар ин бахш дар солҳои 2010, 2018 ва 2020 дида мешавад, ки дар ҳар як соли ишорашуда 10 ариза пешниҳод шудааст. Соҳае, ки дар тамоми давраи таҳлилшаванда пешсаф аст, ин соҳаи тиб бо пешниҳоди 24 ариза мебошад. Мавқеи дуюмро бошад, соҳаи кимиё ишғол намудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қатори патент ба ихтироъ дигар ҳуҷҷати муҳофизатӣ, аниқтараш нахустпатент ба ихтироъ низ дода мешавад [4]. Фарқи «патент» ба ихтироъ ва «нахустпатент» ба ихтироъ дар он аст, ки барои гирифтани патент экспертиза барои ҷавобгӯй будан ба се талаботи патентпазирӣ–навӣ, сатҳи ихтироъкорӣ ва дар саноат татбиқшавандагӣ гузаронида шуда, ҷиҳати муайянсозии навӣ, ҷустуҷӯйи пурра (бо пайгирии талаботи «минимуми PCT (PCT–Шартнома дар бораи ҳамкориҳои патентӣ)») бо «навии яқини ҷаҳонӣ (абсолютная мировая новизна)» анҷом дода мешавад. Нисбати гирифтани нахустпатент талаботи патентпазирӣ – навӣ ва дар саноат татбиқшавандагӣ санҷида шуда, ҷиҳати муайянсозии навӣ – ҷустуҷӯйи нисбӣ бо «навии нисбии ҷаҳонӣ (относительная мировая новизна)» дар манбаи маълумотии ихтирооти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамзамон, дар сарчашмаҳои иттилоотии дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас гузаронида мешавад.

Ҳамин тариқ дар давоми давраи солҳои 2004-2022 ба Идораи патентии Ҷумҳурии Тоҷикистон 1775 адад ариза барои гирифтани нахустпатент ворид гардидааст, ки 1749 адади он аз ҷониби шаҳрвандони кишвар пешниҳод шудаанд (ниг. ҷадвали 2).

Нишондиҳандаи баланд дар ин самт ба соли 2022 рост меояд, ки дар ин сол 158 адад ариза пешниҳод гардидааст. Нишондиҳандаи наздик ба ин рақам дар соли 2010 дида мешавад, ки ба 150 адад баробар аст.

Дар панҷсолаи охири давраи таҳлилшаванда сатҳи пешниҳоди ариза барои гирифтани нахустпатент ба ихтироъ дар ҳолати муътадили болоравӣ

қарор дошта, солҳои 2018, 2019, 2020, 2021 ва 2022 мутаносбан 102,114, 112, 123 ва 158 адад аризаро дар бар мегиранд.

Соҳаҳои пешсаф (тибқи Синфбандии байналмилалии патентӣ (СБП)) дар пешниҳоди ариза дар давоми давраи таҳлилшаванда аз қатори панҷ соҳае, ки зиёдтар ариза пешниҳод шудааст, соҳаи тиб бо пешниҳоди 610 адад ариза, соҳаи кимиё бо пешниҳоди 200 адад ариза, соҳаи кишоварзӣ бо пешниҳоди 186 адад ариза, соҳаи металлургия бо пешниҳоди 131 адад ариза ва соҳаи механика бо пешниҳоди 97 адад ариза мебошанд.

**Ҷадвали 4**

## Маълумоти оморӣ
## доир ба патентҳои додашуда дар солҳои 1994-2022

| р/т № | Соҳаи ихтироъ* | Солҳо (теъдоди патентҳо), **миллӣ/хориҷӣ** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1994 | 1995 | 1996 | 1997 | 1998 | 1999 | 2000 | 2001 | 2002 | 2003 | 2004 | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020** | 2021 | 2022 | |
| 1. | Қонеъгардони и талаботи ҳаёти инсон | | 5 | 1 | 1 | | 18 | 1 | | 1 | | | 3 | | | | | | | | | | | | | | | | | | 30 |
| 2. | Тиб | 5 | 3 | | 6 | 4 | | 13 | 10 | 13 | 14 | 10 | 4 | 9 | 6 | 2 | 3 | | 5 | | | 1 | | | | 1 | | | 1 | | 110 |
| 3. | Кишоварзӣ | 8 | | | 2 | 3 | 2 | 7 | 3 | | 1 | | | | 1 | | | 1 | | | | | | | | | | | | | 28 |
| 4. | Байторӣ | | | | 3 | 1 | 1 | | 3 | | | 3 | 4 | | | | | | | | | | | | | | | | | | 15 |
| 5. | Ҷараёнҳои гуногуни технологӣ | | 1 | 1 | 4 | 1 | | 1 | 1 | 1 | | | | | 2 | | 1 | | | | | 1 | | | | | | | | | 15 |
| 6. | Интиқолдиҳӣ | 3 | | | 1 | 1 | | | | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | 3 | | 9 |
| 7. | Кимиё | 45 | 13 | 2 | 13 | 13 | 10 | 14 | 12 | 4 | 1 | 4 | | 4 | 3 | 1 | 1 | | | | | | | 1 | 1 | | | | | | 142 |
| 8. | Металлургия | 8 | 2 | | 1 | 1 | | 1 | 1 | 2 | 1 | | 1 | 1 | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | 20 |
| 9. | Саноат (аз ҷумла хӯрокворӣ) | 9 | | 1 | | 1 | 1 | | | | 3 | | 3 | 1 | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | 21 |
| 10. | Нассоҷӣ | 2 | | 1 | | | 4 | 2 | | | | 1 | | | 1 | | 1 | 1 | | | | | | | | | | | | | 13 |
| 11. | Сохтмон | 3 | | | 5 | 2 | 2 | 1 | 1 | 1 | | 1 | 2 | | | | 1 | | | | | | 1 | | | | | | | | 20 |
| 12. | Корҳои кӯҳӣ | | | | | | | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | 1 |
| 13. | Механика | 4 | | | 5 | 3 | 1 | 1 | 1 | | 2 | | | | | 2 | 2 | 1 | | 1 | 2 | | | | | | | | | | 25 |
| 14. | Мошинасозӣ | 1 | 1 | | | | | | | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | 3 | 8 | 14 |
| 15. | Гармидиҳӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | 3 |
| 16. | Физика | | | 1 | 8 | 3 | 3 | 1 | | | 1 | | 3 | | 5 | | | | | | | | | 1 | | | 1 | | | | 27 |
| 17. | Барқ | 1 | 1 | 1 | 1 | 4 | | | 1 | 2 | 1 | | | | | | 1 | | | | | | | 1 | 1 | | | | | | 13 |
| Ҳамагӣ, аз он ҷумла миллӣ/хориҷӣ | | 90 | 26 | 8 | 50 | 38 | 42 | 43 | 33 | 27 | 24 | 19 | 20 | 15 | 22 | 5 | 10 | 3 | 5 | 1 | 2 | 2 | 1 | 3 | | 1 | | | | | 507 |
| | | 10/80 | 8/18 | 2/6 | 20/30 | 9/29 | 18/24 | 18/25 | 16/17 | 18/9 | 22/2 | 13/6 | 20/0 | 12/3 | 17/5 | 3/2 | 8/2 | 0/3 | 5/0 | 0/1 | 0/2 | 1/1 | 1/0 | 2/1 | 0/1 | 1/0 | 0/1 | | 0/7 | 0/8 | 223/284 |

* Соҳаҳо бо дарназардошти синфҳои бобҳои «Синфбандии байналмилалии патентӣ» (СБП) ҷудо карда шудаанд.
** Соли 2020 патент дода нашудааст

**Ҷадвали 5**

**Маълумоти оморӣ**
**доир ба патентҳои авруосиёии додашуда дар солҳои 2003–2022**

| р/т № | Соҳаи ихтироъ* | Солҳо (теъдоди ариза) | | | | | | | | | | | | | | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2003 | 2004 | 2005 | 2008 | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2021 | 2022 | |
| 1. | Тиб | | 2 | | | | | | | | | 3 | 1 | 1 | 3 | 2 | 12 |
| 2. | Кишоварзӣ | | | | | | | | | | | | 1 | | | | 1 |
| 3. | Байторӣ | | | 1 | | | | | | | | | | | | 1 | 2 |
| 4. | Ҷараёнҳои гуногуни технологӣ | 2 | | | | | | | | | | | | | 1 | | 3 |
| 5. | Кимиё | | 1 | | | | | | 1 | | | | | | 2 | 2 | 6 |
| 6. | Металлургия | 1 | | | 1 | | | 2 | | | 2 | | | | | 1 | 7 |
| 7. | Саноат (аз ҷумла хӯрокворӣ) | | 1 | | | | | | | | | | | | | 2 | 3 |
| 8. | Нассоҷӣ | | | | | | | | | | | 1 | 1 | | | | 2 |
| 9. | Сохтмон | | | | | | | | | | | | 1 | | 1 | 1 | 3 |
| 10. | Корҳои кӯҳӣ | | | | | | | | | | 1 | | | | | | 1 |
| 11. | Гармидиҳӣ | 1 | 1 | | | | | | | | 1 | | | | | | 3 |
| 12. | Физика | | | | 1 | 1 | 1 | | | 1 | | | | | | | 4 |
| 13. | Барқ | | 1 | | | | | | | | | | | 1 | | | 2 |
| Ҳамагӣ | | 4 | 6 | 1 | 2 | 1 | 1 | 2 | 1 | 1 | 4 | 4 | 4 | 2 | 7 | 9 | 49 |
| * Соҳаҳо бо дарназардошти синфҳои бобҳои «Синфбандии байналмилалии патентӣ» (СБП) ҷудо карда шудаанд. | | | | | | | | | | | | | | | | | |

Тавре аз таҳлили ҷадвали 4 бармеояд, дар маҷмуъ, аз соли 1994 то соли 2022 шаҳрвандони кишвар ҳамагӣ 223 адад патент гирифтаанд, ки нишондиҳандаи зиёдтарин бо нишондоди 22 адад ба соли 2003 рост меояд. Дар панҷсолаи охир бошад (солҳои 2018-2022), ҳолати ягона ин соли 2018 мебошад, ки ҳамагӣ 1 адад патент дода шудааст.

Вобаста ба гирифтани патентҳои авруосиёӣ нишондиҳанда дар маҷмуъ, аз соли 2003 то соли 2022 ба 49 адад баробар буда (ҷадвали 5) аз ҳама бештар соли 2022 ба теъдоди 9 адад патенти авруосиёӣ ба даст оварда шудааст. Дар давоми панҷсолаи охири давраи таҳлилшаванда бо вуҷуди камшави ба 2 адад дар соли 2019 нисбати соли 2018 (4 ададро ташкил медод) дар солҳои 2021 ва 2020 нисбати гирифтани патентҳои авруосиёӣ болоравӣ ба назар мерасад, ки мутаносибан 7 ва 9 ададро ташкил медиҳад. Соҳаи пешсаф дар ин нишондиҳанда соҳаи тиб бо ба даст овардани 12 адад патентҳои авруосиёӣ дар маҷмуъ, дониста мешавад.

**Ҷадвали 6**

## Маълумоти оморӣ
## доир ба нахустпатентҳои додашуда дар солҳои 2004-2022

| р/т № | Соҳаи ихтироъ* | Солҳо (теъдоди нахустпатентҳо), **миллӣ/хориҷӣ** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2004 | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | |
| 1. | Қонеъгардонии талаботи ҳаёти инсон | | | | | 1 | 1 | 8 | | | | | 1 | 1 | | 2 | 4 | 6 | 2 | 2 | 27 |
| 2. | Тиб | 2 | 3 | 8 | 17 | 33 | 37 | 37 | 24 | 24 | 25 | 29 | 30 | 26 | 18 | 42 | 24 | 44 | 35 | 35 | 493 |
| 3. | Кишоварзӣ | 1 | 5 | 1 | 3 | 14 | 1 | | 12 | 3 | 5 | 6 | 7 | 9 | 9 | 7 | 11 | 10 | 4 | 3 | 111 |
| 4. | Байторӣ | | | 2 | 1 | 3 | 4 | 1 | | 1 | | 2 | 5 | 2 | 3 | 2 | | 4 | | 3 | 29 |
| 5. | Ҷараёнҳои гуногуни технологӣ | 1 | | 2 | 1 | 2 | | 6 | 1 | 1 | 3 | 4 | | 1 | | 2 | | 4 | 3 | | 35 |
| 6. | Интиқолдиҳӣ | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | 2 |
| 7. | Кимиё | | | 3 | | 11 | 2 | 13 | 7 | 1 | 12 | 5 | 10 | 11 | 8 | 10 | 10 | | 19 | 13 | 135 |
| 8. | Металлургия | | | 1 | 2 | 5 | 6 | 11 | 7 | 5 | 6 | 2 | 9 | 6 | 9 | 9 | 8 | 7 | 8 | 11 | 110 |
| 9. | Саноат (аз ҷумла хӯрокворӣ) | | | 3 | 8 | 7 | 9 | 3 | 5 | 1 | 2 | 2 | 3 | | | 4 | 2 | | 1 | 4 | 54 |
| 10. | Нассоҷӣ | | 4 | 3 | 3 | 2 | 3 | 2 | 3 | 1 | | 2 | 2 | 3 | | 1 | 9 | 2 | 3 | 1 | 44 |
| 11. | Сохтмон | | 3 | 2 | 3 | | | 10 | 10 | | 3 | | | | | 6 | 2 | 6 | 6 | 8 | 59 |
| 12. | Обтаъминкунӣ | | | 1 | | | 2 | | | | | | | | | | | | | | 3 |
| 13. | Корҳои кӯҳӣ | | | | | | | | | | | | 4 | 1 | 1 | | | 1 | 1 | | 8 |
| 14. | Механика | | | | | 2 | | | | | | | 4 | 1 | | | | 4 | 1 | 1 | 19 |
| 15. | Мошинасозӣ | | | | 2 | 3 | 7 | 18 | 11 | 4 | 1 | 4 | 1 | | | | | | 2 | 3 | 56 |
| 16. | Гармидиҳӣ | | | 6 | 1 | 2 | 1 | | 1 | 1 | | 3 | 1 | | 1 | | | 1 | 1 | 3 | 21 |
| 17. | Физика | | | 1 | | 11 | 9 | 10 | 6 | 3 | | 4 | 4 | 3 | 2 | 4 | 5 | 7 | 7 | 5 | 81 |
| 18. | Барқ | | 1 | 1 | 2 | 8 | | 2 | 4 | | 1 | 2 | 2 | 5 | 1 | 4 | 4 | 2 | 7 | 3 | 47 |
| Ҳамагӣ, аз ҷумла миллӣ/хориҷӣ | | 6 | 16 | 34 | 43 | 104 | 82 | 121 | 91 | 45 | 58 | 65 | 83 | 69 | 52 | 99 | 80 | 114 | 101 | 95 | 1134 |
| | | 6/0 | 16/0 | 33/1 | 43\0 | 101/3 | 81/1 | 121/0 | 91/0 | 45/0 | 55/3 | 62/3 | 83/0 | 67/2 | 52/0 | 98/1 | 80/1 | 114/0 | 101/0 | 95/0 | 1319/15 |

* Соҳаҳо бо дарназардошти синфҳои бобҳои «Синфбандии байналмилалии патентӣ» (СБП) ҷудо карда шудаанд.

Тибқи таҳлили ҷадвали 6 дар давраи таҳлилшаванда шаҳрвандони кишвар 1319 адад нахуспатент гирифтаанд. Нишондиҳандаи баландтарин дар соли 2020 дида мешавад, ки 114 ададро ташкил медиҳад. Ба қатори панҷгонаи пешсаф соҳаҳои тиб, кимиё, кишоварзӣ, металлургия ва гармидиҳӣ шомиланд, ки мутаносибан дар ин соҳаҳо 493 адад, 135 адад, 111 адад, 110 адад ва 81 нахустпатент ба даст оварда шудааст.

Шумораи шаҳрвандони ба фаъолияти ихтироъкорӣ машғулгардида дар панҷ соли охир (солҳои 2018–2022) бо тақсимоти синусолӣ ва гендерӣ

***Ҷадвали 7***

| СОЛИ 2018 | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| р/т № | Категория | То 35 сола | 36-50 сола | Аз 51 сола боло | Ҳамагӣ | Эзоҳ |
| 1. | Мардҳо | 103 | 71 | 112 | 286 | **Зинаи синнусолӣ:* поёнӣ - 16; болоӣ 82;<br>***Сину соли миёна:* 49 |
| 2. | Занҳо | 20 | 16 | 11 | 47 | |
| Ҳамагӣ | | *123* | *87* | *123* | 333 | |
| СОЛИ 2019 | | | | | | |
| 1. | Мардҳо | 105 | 65 | 86 | 256 | **Зинаи синнусолӣ:* поёнӣ 18, болоӣ 83;<br>***Сину соли миёна:* 46 |
| 2. | Занҳо | 18 | 16 | 11 | 45 | |
| Ҳамагӣ | | 123 | 81 | 97 | 301 | |
| СОЛИ 2020 | | | | | | |
| 1. | Мардҳо | 161 | 98 | 148 | 407 | *Зинаи синусолӣ:* поёнӣ 18, болоӣ 83;<br>*Сину соли миёна:* 41 сола |
| 2. | Занҳо | 36 | 21 | 20 | 77 | |
| Ҳамагӣ | | 197 | 119 | 168 | 484 | |
| СОЛИ 2021 | | | | | | |
| 1. | Мардҳо | 137 | 87 | 130 | 345 | **Зинаи синнусолӣ:* поёнӣ 18, болоӣ 83;<br>***Сину соли миёна:* 46 сола |
| 2. | Занҳо | 28 | 29 | 16 | 73 | |
| Ҳамагӣ | | 165 | 116 | 146 | 427 | |
| СОЛИ 2022 | | | | | | |
| 1. | Мардҳо | 135 | 137 | 138 | 410 | **Зинаи синнусолӣ:* поёнӣ 16, болоӣ 77;<br>** *Сину соли миёна:* 46 сола |
| 2. | Занҳо | 37 | 30 | 17 | 84 | |
| Ҳамагӣ | | 172 | 167 | 155 | 494 | |

Тавре аз таҳлили ҷадвали 7 бармеояд, шумораи шаҳрвандони ба фаъолияти ихтироъкорӣ машғулбуда дар давраи панҷсолаи таҳлилшаванда мутаносибан 333 нафарро дар соли 2018, 301 нафарро дар соли 2019, 484 нафарро дар соли 2020, 427 нафарро дар соли дар соли 2021 ва 494 нафарро дар соли 2022 ташкил додааст. Дар маҷмуъ, динамикаи афзоиш дар охири давра (соли 2022) нисбати аввали давра (соли 2018) муътадил буда, соли 2022 нисбати соли 2018 зиёдшавии шумораи ихтироъкорон ба 161 нафар баробар шудааст.

Тибқи тақсимоти гендерӣ (занон ва мардон) саҳми занон аз шумораи умумӣ дар солҳои таҳлилшаванда, мутаносибан 14% дар соли 2018, 15% дар соли 2019, 16% дар соли 2020, 17% дар соли 2021 ва 20% дар соли 2022 ташкил додааст, ки бо вуҷуди кам будан аз таносуб ба шумораи мардон сол то сол

афзоиш ёфта, саҳми ҷавонон аз шумораи умумӣ 37% дар соли 2018, 37% дар соли 2019, 40% дар соли 2020, 38% дар соли 2021 ва 35% баробар гардидааст, ки нишондиҳандаи аз ҳама баланд 40% -ро дар соли 2022 ташкил додааст.

Зинаи поёнии синнусолӣ аз 16 сола ва болои аз 83 сола иборат буда, новобаста аз кам шудан нисбати аввали давра синну соли миёнаи ихтироъкорон ба 46 сола баробар гаштааст.

Яке аз нишондиҳандаҳои самаранокии ихтироъҳои патентнокшуда татбиқи амалии онҳо дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар ба шумор меравад. Вобаста ба ин, ҳолати татбиқи ихтироъҳои дар давоми солҳи 2012-2022 ба даст овардашуда мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

**Омори ихтироъҳои татбиқшуда**
**(Ихтироъҳое, ки дар давоми солҳои 2012–2022 ҳифз шудаанд)**




Таҳлили диаграмма нишон медиҳад, ки дар давоми солҳои 2012–2022 аз теъдоди 866 адад ихтироъҳои хифзшуда (5 патент ва 861 нахустпатент) 186 адад ихтироъ дар амал татбиқ гардидааст. Бештари ихтироъҳои татбиқшуда ба соҳаи тиб таалуқ доранд, ки 98 ададро (1 патент, 97 нахустпатент) ташкил медиҳанд. Мавқеъҳои дуюм, сеюм ва чорумро соҳаҳои химия, кишоварзӣ ва металлургӣ ишғол намудаанд, ки мутаносибан ихтироъҳои татбиқшуда дар ин соҳаҳо 16 адад, 15 адад ва 14 ададро ташкил медиҳад.

Ҷиҳати натиҷагирӣ, пешниҳоди хулосаҳо ва дурнамои рушди соҳа якчанд мавқеи муҳимро иловатан қайд менамоем.

Тибқи таҳлил тайи панҷсолаи охири давраи таҳлилшаванда пешниҳоди ариза барои гирифтани ҳуҷҷати муҳофизати ба ихтироъ аз ҷониби шаҳрвандони кишвар сол то сол афзоиш ёфта истодааст, ки ин нишондиҳанда

мусбат арзёбӣ мегардад. Агар ба давраи таҳлилшаванда дар маҷмуъ, назар намоем, нишондиҳандаи баландтарин дар солҳои 2010 бо пешниҳоди 154 адад ва соли 2022 бо пешниҳоди 158 ариза ба назар мерасанд (ҷадвали 3).

Ба назари мо, сабабҳои чунин болоравии нишондиҳандаҳо дар давоми ин ду сол дар қатори рушди пай дар пайи соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ ба эълон гардидани соли 2010 «Соли маориф ва фарҳанги техникӣ» (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 сентябри соли 2009, «Дар бораи соли маориф ва фарҳанги техникӣ эълон намудани соли 2010») ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. ш. Душанбе, 26.12.2019) аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мансуб дониста мешавад.

Бо вуҷуди болоравии маҷмуии пешниҳоди ариза барои гирифтани ҳуҷҷатҳои муҳофизатӣ ба ихтироъ (патент, патенти авруосиёӣ ва нахустпатент) доир ба пешниҳоди ариза бо воситаи Низоми ҳамкориҳои патентӣ (PCT), қайд кардан зарур аст, ки аз давраи ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин низом аз ҷониби шаҳрвандони кишвар ягон адад ариза пешниҳод нагардидааст.

Ҳолати татбиқи ихтироъҳо ҳам диққати ҷиддиро талаб менамояд. Тавре дар боло оварда шудааст (ниг. Диаграмма) аз теъдоди 866 адад ихтироъҳои дар давоми солҳои 2012–2022 ҳифзшуда ҳамагӣ 186 адад ихтироъ (5 патент ва 861 нахустпатент) ё худ 21% дар амал татбиқ гардидааст, ки қонеъкунанда намебошад *(ин ҳам дар он ҳолате, ки санади баъзе ихтироъҳо хусусияти якдафъаинаи озмоиш ё татбиқи амалиро доро буда, он қадар васеъ истифода нагардидаанд)*.

Ҳолати ҷалби насли ҷавони кишвар ба фаъолияти ихтироъкорӣ низ беҳбудиро талаб менамояд, чунки тавре аз маълумоти ҷадвали 7 бармеояд, синну соли миёнаи ихтироъкорон ҳануз ҳам дар ҳудуди 41–46 сола қарор дорад, ки ин нишондиҳанда, бо вуҷуди шумораи зиёди насли ҷавон дар шумораи умумии аҳолии кишвар, қонеъкунанда нест.

Ба қатори ин омилҳои дигаре ҷой доранд, ки ба зиёдшавии ихтироъҳо ва дар сатҳи қаноаткунанда қарор гирифтани соҳаи ихтироъкорӣ дар кишвар, махсусан дар ҷараёни коркард, ҳифзу ҳимоя ва татбиқи амалии ихтироъҳо монеъа эҷод менамоянд, аз ҷумла:

1. Набудани таваҷҷуҳи ихтироъкорони ватанӣ ҷиҳати ба даст овардани ҳифзи ихтироъ тариқи низоми байналмилалии Шартнома дар бораи ҳамкориҳои патентӣ (низоми PCT). Яке аз сабабҳои чунин ҳолат дар надоштани маълумоти кофӣ нисбати ин низом ва бартариятҳои он (аз он ҷумла имконият пешниҳоди ихтироъ ба «бозори васеъ»-и соҳа) дониста мешавад;

2. Норасоии мутахассисон–патентшиносон дар муассисаҳои илмӣ ва илмиву таҳқиқотӣ. Мавҷудияти ин ҳолат ба ҷараёни барасмиятдарории

аризаҳои муассисаҳои номбаршуда барои гирифтани ҳуҷҷати муҳофизатӣ ба ихтироъ ва ҳамзамон, гузаронидани таҳқиқоти патентӣ пеш аз коркард ва дар ҷараёни коркарди ихтироот таъсири манфӣ мерасонад;

3. Надоштани маълумоти кофӣ доир ба роҳҳои самараноки таҳлили талаботи бозорӣ ва тиҷоратикунонии ихтироот аз ҷониби ихтироъкорон дар раванди коркарди ихтироъ, роҳҳо ва имкониятҳои гирифтани ҳифзи васеътари ихтироот;

4. Нокифоя будани маълумот доир ба коркарди ихтироот дар соҳаи «иқтисоди сабз», «иқтисоди рақамӣ» ва дигар соҳаҳои ба таври замонавӣ зарурӣ дар кишвар;

5. Нокифоя будани чорабиниҳои тарғиботт ва ташвиқотӣ дар байни ҷавонон оид ба мавқеи фаъолияти ихтироъкорӣ дар рушди шахсият ва ҷомеа;

6. Дар аксари ҳолатҳо анҷом дода нашудани таҳқиқоти патентӣ пеш аз коркарди корҳои илмӣ ва илмӣ-таҳқиқотие, ки натиҷаи интизории онҳо ба даст овардан ё худ коркарди ихтирои навро дар назар дорад.

Вобаста ба ҳалли масъалаҳои зикршуда роҳандозии як қатор чорабиниҳо пешниҳод карда мешавад, ки дар ин масъала Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо дигар мақомоти дахлдори соҳа метавонад нақши муҳимро дошта бошад, аз он ҷумла:

1. Иҷрои пайдарпайи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти рушди соҳа;

2. Дар маҷмуъ, бо самаранокии баланд (махсусан) ба иҷро расонидани мақсадҳои «Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030»;

3. Гузаронидани курсҳо ва семинарҳои омӯзишӣ барои ихтироъкорон вобаста ба низомҳои васеъ ва самараноки ҳифзи ихтироъҳо (махсусан, низоми байналмилалии Шартнома дар бораи ҳамкориҳои патентӣ (низоми PCT);

4. Ҷалби мутахассисони муассисаҳои илмӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ, махсусан кормандони самти коркарди натиҷаҳои илмӣ (раёсатҳо ва шуъбаҳои илм, илм ва инноватсия ва ғайра) ва фарогирии онҳо ба курсҳои омӯзишии «Асосҳои моликияти зеҳнӣ» ва «Ҳифзи объектҳои моликияти саноатӣ» дар кафедраи байнидонишгоҳии ҳифзи объектҳои моликияти саноатии Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

5. Баргузории семинар-машварат ва ё мизи гирд бо иштироки ихтироъкорон, дорандагони ҳуҷҷатҳои муҳофизатӣ ҷиҳати муайянсозии сатҳи маълумотнокии онҳо дар самти тиҷоратикунонии ихтироот, мушкилоти самт ва ҳамзамон коркарди пешниҳодҳо ҷиҳати ҳали мушкилоти ҷойдошта;

6. Ҷамъоварии маълумот ва тартибдиҳии рӯйхати патентшиносони (мутахассисон дар самти патентноккунии ихтироот) муассисаҳои илмӣ, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва корхонаҳои истеҳсолие, ки дар сохторашон бахшҳои конструкториро доро мебошанд;

7. Ҷиҳати равонасозӣ ва гузоштани вазифаҳо барои рушди ихтироъкорӣ, ҷамъоварӣ ва пешниҳод намудани ихтироъҳо аз таҷрибаи ҷаҳонӣ дар соҳаи «иқтисоди сабз», «иқтисоди рақамӣ» ва дигар соҳаҳои зарурӣ, ки дар тиҷоратикунонӣ муваффақ гардидаанд;

8. Коркарди механизми ҳамкориҳо бо муассисаҳо, ташкилоту идораҳо ва бахши хусусӣ, ки метавонанд дар тиҷоратикунонии ихтирооти ватанӣ ҳамчун омили мусоид баромад намоянд, махсусан, дар самти бароҳмонии «стартапҳо» барои ҷалби сармоя ва сармоягузорон бо истифодаи таҷрибаи пешрафта;

9. Коркарди пешниҳодҳо доир ба барқароркунии фаъолияти «Шурои ҷамъияти ихтироъкорон ва беҳсозон (ратсионализаторон)»;

10. Вусъат бахшидани ҳамкориҳо байни муассисаҳои илмӣ ва илмиву таҳқиқотӣ, марказҳо ё муассисаҳои кор бо наврасону ҷавонони боистеъдод ва мақомоти дар ҳифз ва ҳимояи моликияти зеҳнӣ мувazzафбуда;

11. Коркарди механизми беҳтар ва замонавии муаррифии ихтирооти дар Ҷумҳурии Тоҷикистон офаридашуда дар ҳамкорӣ бо марказҳои «Интиқоли технологияҳо» ҳам дар дохил ва ҳам дар хориҷ;

12. Вусъат бахшидани чорабиниҳо дар самти алоқамандии илм ва истеҳсолот;

13. Ошкорсозӣ ва коркарди механизми бартарафсозии монеаҳо дар фаъолияти ихтироъкорӣ, махсусан, дар самти таъминоти маводҳо ва воситаҳои озмоишӣ барои гузаронидани таҷрибаҳо дар раванди коркарди ихтироъҳо.

## АДАБИЁТ


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. шаҳри Душанбе, 22.12.2016, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, шаҳри Душанбе, 22.12.2017 [Сарчашмаи электронӣ]. www.prezident.tj (санаи муроҷиат 15.05.2023).

2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Манбаи маълумотии ихтирооти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Сарчашмаи электронӣ. МД ММПИ].

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ихтироъ».

5. Маҷмуаи омории «Шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 январи соли 2022» 2017 [Сарчашмаи электронӣ]. https://www.dushanbe.tj/articles/1009-a-olii-to-ikiston-ba-10-million-nafar-rasid (санаи муроҷиат 06.06.2023).

# АНАЛИЗ СОСТОЯНИЯ ИЗОБРЕТАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ: ПЕРСПЕКТИВЫ И РАЗВИТИЕ

**ИСМОИЛЗОДА МИРЗО ХАЙДАРБЕК,**
директор Государственного учреждения «Национальный патентно-информационный центр» Министерства экономического развития и торговли Республики Таджикистан
734002, Таджикистан г. Душанбе, улица Айни 14 а;
тел: (+992 37) 221-47-60); e-mail:mirzobekismailov@gmail.com.

**НАЗАРОВ БАХОДУР ИСМОИЛОВИЧ,**
главный специалист-эксперт отдела государственной инспекции изобретений и промышленных образцов Государственного учреждения «Национальный патентно-информационный центр» Министерства экономического развития и торговли Республики Таджикистан
734002, Таджикистан г. Душанбе, улица Айни 14 а;
тел: (+992) 93-532-10-02); e-mail:bahodur@ncpi.tj

*Основной целью проведения анализа состояния изобретательской деятельности в Республике Таджикистан является комплексное освещение состояния подачи заявок и получение охранных документов на изобретение в течение 1993-2022 годов.*

*Другая часть темы посвящена сопоставлению данных в области изобретательства в стране и в то же время включает в себя анализ состояния вклада населения республики в эту область, изобретательской активности, а также состояния внедрения изобретений на практике как показатель их коммерциализации в последние годы анализируемого периода.*

*В результате оценки состояния отрасли с анализом показателей были сделаны предложения по развитию изобретательской отрасли в стране с указанием факторов, которые необходимо устранить.*

***Ключевые слова:*** *изобретательская деятельность, изобретение, заявитель, патент, малый патент, евразийский патент, классификация.*

# ANALYSIS OF THE STATE OF INVENTIONAL ACTIVITY THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IS IN THE PERIOD OF INDEPENDENCE: PROSPECTS AND DEVELOPMENT

**ISMOILZODA MIRZO HAYDARBEK,**
Director of the State Institution "National Patent Information Center" of the Ministry of Economic Development and Trade of the Republic of Tajikistan.
734002, Tajikistan, Dushanbe city, Aini str. 14 a;
tel: (+992 37) 221-47-60); e-mail: mirzobekismailov@gmail.com.

**NAZAROV BAHODUR ISMOILOVICH,**
Chief Specialist-Expert of the Department of State Inspection of Inventions and Industrial Designs of the State Institution "National Patent Information Center" of the Ministry of Economic Development and Trade of the Republic of Tajikistan,
734002, Tajikistan, Dushanbe city, Aini str.14 a;
tel: (+992) 93-532-10-02); e-mail: bahodur@ncpi.tj

*The main purpose of analyzing the state of inventive activity in the Republic of Tajikistan is to provide comprehensive coverage of the state of filing applications and obtaining protection documents for inventions during 1993-2022.*

*The other part of the topic is devoted to a comparison of data in the field of invention in the country and at the same time includes an analysis of the state of the contribution of the population of the republic in this field, inventive activity, as well as the state of the implementation of inventions in practice as an indicator of their commercialization in the last years of the analyzed period.*

*As a result of assessing the state of the industry with an analysis of indicators, proposals were made for the development of the inventive industry in the country, indicating the factors that need to be eliminated.*

***Keywords**: inventive activity, invention, applicant, patent, small patent, Eurasian patent, classification*

УДК: 550.338.64.

# ТАҲЛИЛИ АСОСҲОИ МЕТОДОЛОГИИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗӢ

**ОДИНАЕВ АМИН ИБРОҲИМОВИЧ,**
сардори Раёсати таҳлилӣ масъалаҳои соҳибкорӣ ва рушди бахши хусусии МТС-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89;
тел. (+992) 988-55-26-90; e–mail: o-amin@mail.ru

*Дар мақола принсипҳои асосии ташкил ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, бо дарназардошти гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ инчунин, роҳу усулҳои самаранокии иқтисодӣ, тиҷоратӣ, технологӣ, иҷтимоӣ ва экологии фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи мазкур таҳлилу арзёбӣ ва асоснок карда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *соҳибкории кишоварзӣ, методология, тиҷорат, экология, самаранокии иқтисодӣ, диверсификатсия, Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, иқтисоди бозоргонӣ.*

Мушаххас намудани асосҳои методологӣ шарти зарурии татбиқи самараноки ҳар як фаъолият, бахусус соҳибкорӣ, дониста мешавад. Масъалаҳои методологии илмро олимони соҳаҳои гуногун васеъ муҳокима карда, ҳалли онро ҷустуҷӯ мекунанд. Аммо мафҳуми методология, ба қавли А.М. Новиков ва Д. А.Новиков набояд бо фаъолияти илмӣ маҳдуд шавад. Ба қавли онҳо, методология чун маҷмуи муносибатҳои асосӣ ба ҳама намудҳои фаъолияти истеҳсолии инсон: амалӣ, таълимӣ, бадеӣ ва бозӣ дахл дорад [1].

Таҳияи методологияи фаъолияти соҳибкорӣ бояд, пеш аз ҳама, дар доираи тавзеҳи мафҳумҳои асосӣ сурат гирад. Бо дарназардошти равишҳои муқарраршуда ба соҳибкорӣ ва ғояҳои муосир дар бораи фаъолияти инсон, соҳибкорӣ бояд чун фаъолияти истеҳсолӣ иқтисодӣ, ки мустақилона бо таваккали худ ҷиҳати ба даст овардани натиҷаҳои объективӣ ё субъективии нав, инчунин, ноил гардидан ба манфиати шахсӣ ва ҷамъиятӣ равона карда шудааст, дониста шавад [2].

Мутобиқан, мафҳуми асосии дигар методологияи фаъолияти соҳибкориро метавон чун таълимот дар бораи сохтор, ташкил, усул ва воситаҳои чунин фаъолияти иқтисодии одамон муайян кард. Муайян сохтани асосҳои методологии фаъолияти соҳибкорӣ мисли ҳама гуна фаъолияти дигар маънои муайян кардани хусусиятҳои асосии он, принсип, захира, шароит, омил, меъёр, сохтори мантиқӣ, раванд ва вақтро дорад.

Хусусиятҳои асосии фаъолияти соҳибкорӣ, аввалан, хусусиятҳои ба ҳар як фаъолияти меҳнатӣ хос (назариявӣ ва амалӣ, инфиродӣ ва коллективӣ) ва дуюм, хусусиятҳои худи фаъолияти соҳибкорӣ мебошанд.

Дар адабиёти махсус қайд карда мешавад, ки аломатҳое, ки ба ҳама гуна фаъолияти меҳнатӣ хосанд, аз инҳо иборат мебошанд:

– беҳамтоӣ ва пешгӯйинашаванда, мавҷудияти озодии ирода ва дар айни замон маҳдудкунии имкониятҳои бо захираҳои мавҷуда муайяншуда;

– қобилияти мутобиқ шудан ба шароити тағйирёбандаи муҳити зист ва вокуниш ба мушкилот;

– қобилияти гузоштани мақсад (дар ҳолати фаъолияти истеҳсолӣ), қобилияти таҳияи шаклҳои гуногуни гузоштани мақсад ва амалӣ намудани он;

– қобилияти муқовимат ба тамоюлҳои харобиовари беруна ва дохилӣ; қобилияти худташкилкунӣ ва рушд [3].

**Хусусиятҳои хосси фаъолияти воқеии соҳибкорӣ:**

– мустақилият дар қабули қарор, ҳассосият ба нав, тамаркуз ба гирифтани натиҷа, қобилияти эҷодкорӣ ва амалӣ кардани ғояҳо;

– майл ба таваккал, омодагӣ ба ухдаи худ гирифтан, афзалият ба рушди босуръат ва навоварӣ, фаъолияти мақсаднок ва биниши имкониятҳои аз дигарон пинҳоншуда [4].

Албатта, ба нуқтаи назари иброзшудаи Б. Карлоф доир ба хусусиятҳои хосси фаъолияти соҳибкорӣ розӣ шудан мумкин аст, вале ба назари мо дар шароити иқтисодиёти бозорӣ ва ҷаҳонишавӣ ба назар нагирифтани рақобати нокомил аз ҷониби абарқудратҳо метавонад натиҷаҳои соҳибкориро ба нести оварад. низ дониста мешавад.

Равшан аст, ки фаъолияти соҳибкорӣ бояд ба принсипҳои ташкили фаъолияти истеҳсолӣ: иерархия, якпорчагӣ (интегратсия, пайдоиш), коммуникативӣ (ошкорӣ), таърихӣ ва кифояият мувофиқ бошад. Мутобиқи принсипи иерархия фаъолияти соҳибкорӣ бояд дар сатҳҳои оперативӣ (иҷроӣ), тактикӣ (фаъолият) ва стратегӣ (эҷодӣ) сурат гирад.




Схемаи 1.2.1. Принсипҳои асосии фаъолияти соҳибкорӣ.
Таҳияи муаллиф [5].

Соҳибкор бояд омода бошад, ки вазифаҳои дахлдорро мустақилона иҷро кунад, ё ин вазифаҳоро ба дигар иштирокчиён вогузор намояд. Барои татбиқи принсипи якпорчагӣ (ҳамгирой, пайдоиш), ки мукаммалии иҷрои вазифаҳои соҳибкорро тавсиф мекунад, соҳибкор бояд дониш ва малакаашро дар гузоштани мақсад, муайян кардани роҳ ва воситаҳои расидан ба он, қобилияти ворид намудани ислоҳот, расидан ба мақсадро дошта бошад. Ҳамзамон, тайёрии касбии соҳибкор бояд ба ӯ имкон диҳад, ки фаъолияти маърифатӣ, дигаргунсозанда (амалӣ ва тарҳрезӣ), арзишмандӣ, коммуникативӣ ва эстетикиро амалӣ намояд.

Принсипи коммуникативӣ (ошкорӣ), ки мавқеи соҳибкорро тавсиф мекунад, маънои зарурати ворид шудан ба ҳамкорӣ бо субъектҳои дигарро дорад. Ин дониш ва малакаҳоеро талаб мекунад, ки дар заминаи он робитаи тиҷоратӣ ва инсонӣ, шарикӣ ва дӯстӣ бо дигарон барқарор гардад.

Принсипи таърихӣ, ки амалисозии фаъолияти соҳибкориро дар як маврид тавсиф мекунад, донистани таҷрибаи қаблии инсоният дар соҳаҳои интихобшуда ва дигар соҳаҳои фаъолият, инчунин, ҷамъ овардани таҷрибаи шахсии соҳибкор, ба низом даровардан ва дар амал татбиқи онро талаб мекунад.

Принсипи кифояият, ки таркиби фаъолияти соҳибкориро тавсиф мекунад, аз ҷониби В.Р. Эшби пешниҳод гардидааст, ки он ҳангоми ташкили системаи ҳалли масъалае, ки мураккаб аст, барои системаи сохташаванда боз ҳам бештар ҷустуҷӯ намудан лозим аст [6]. Мутаносибан, соҳибкор бояд ҳадафҳое гузорад, ки барои ноил шудан ба онҳо сатҳи маҳорат ва таҷрибаи андӯхтаи иштирокчиён кифоя аст. Барои ҳалли ҳама гуна мушкилот, ӯ бояд чандин пешниҳоди гуногуни омода кунад.

Албатта, риояи принсипҳои зикргардидаи фаъолияти соҳибкорӣ амри зарурӣ дониста мешаванд, зеро онҳо таъсири бевосита доранд, вале ба андешаи мо, дар шароити Тоҷикистон, бахусус, нигоҳ доштани фаъолияти рақобатпазиру устувор дар доираи СУС риояи ҳатмии принсипи диверсификатсия барои фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, ниҳоят муҳим ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад [7]. Зеро дар чунин шароит мо наметавонем сатҳи сарақобатпазирии истеҳсоли маҳсулоти ватаниро нисбат ба маҳсулоте, ки аз хориҷи кишвар бо арзиши нисбатан пасттар ворид мегарданд таъмин намоем. Чунин вазъ ба ноустувори фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва дар ниҳоят муфлис шудани онҳо метавонад боис гардад. Масалан, солҳои охир коҳишёбии ҳаҷми истеҳсоли пахта ба назар мерасад. Даст кашидани соҳибкорон аз парвариши пахта аз ҷумлаи сабабҳои асосии вазъи баамаломда дониста мешавад, зеро аксари соҳибкорон аз истеҳсоли он натанҳо фоида, балки зарари иқтисодӣ мебинад. Бинобар ин, соҳибкорро зарур

аст, ки равияи истеҳсолии худро дигар намояд. Татбиқи ин принсипҳо на дар алоҳидагӣ, тасодуфӣ, балки бояд системавӣ сурат гирад.

Зикр кардан ба маврид аст, ки соҳибкорӣ яке аз захираҳои асосии стратегӣ ва манбаи дохилии рушди иқтисоди миллӣ эътироф шудааст, аммо мушкилоти методологияи фаъолияти соҳибкорӣ ба қадри кофӣ таҳия нашудааст, зеро барои ин ҳанӯз шароити зарурӣ фароҳам оварда нашудааст.

Самаранокӣ категорияи мураккаби иқтисодӣ буда, таъсири мутақобилаи шароитҳои табиӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии фаъолияти субъекти соҳибкориро инъикос менамояд. Самараи умумии фаъолияти соҳибкорӣ аз рӯйи дараҷаи ба даст овардани мақсади гузошташуда муайян карда мешавад. Ҳадафи асосии таъмини рушди фаъолияти соҳибкорӣ, пеш аз ҳама, қонеъ гардонидани маҷмуи талаботи иҷтимоию иқтисодии худи соҳибкор, бахусус дар заминаи баланд бардоштани самараи фаъолият, рақобатпазирӣ дар куллли соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, аз ҷумла соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад.

Чунин ҳадафи умумӣ дар низом ё доираи мақсадҳое, зуҳур меёбад, ки манфиатҳои иқтисодиро инъикос мекунанд. Ҳадафи нав барои соҳибкор омили ҳавасмандкунанда мебошад. Бо вуҷуди ин, аксари соҳибкорон ба эътирофи муваффақияти худ ниёз доранд, онҳо қодиранд, ки тамоми айб ва нокомиҳоро ба уҳдаи худ гиранд.

Ҳангоми муайян кардани меъёри самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ бояд ба назар гирифта шавад, ки неъматҳои моддӣ дар натиҷаи истифодаи якҷояи ҳамаи омилҳои истеҳсолот ба вуҷуд оварда мешавад. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ба истифодаи оқилонаи захира ва тавозуни онҳо вобастааст. Дар баробари ин, натиҷаи ниҳоии молиявӣ дар шароити бозор асосан бо истифодаи технологияҳои сарфакунандаи захираҳо ва татбиқи сиёсати салоҳиятноки маркетингӣ, яъне, ба сатҳи идоракунӣ алоқаманд аст.

Нишондиҳандаҳои алоҳидае, ки баргардонидани ҳатто омилҳои муҳимтарин, аз қабили замин, меҳнат, сармояро тавсиф мекунанд, дараҷаи самаранокиро пурра тавсиф намоянд. Меъёри самаранокии иқтисодӣ бояд моҳияти муносибатҳои иқтисодиро дар ҷараёни такрористеҳсолкунӣ инъикос намояд.

Ҳамин тавр, ҳангоми барассии масъалаи самаранокии истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти алоҳида ҳамчун меъёр истифода бурдани маблағи даромаде, ки аз ҳисоби воҳиди хароҷоти умумӣ гирифта мешавад, зарур аст.

Дар фаъолияти соҳибкории кишоварзӣ меъёри самаранокии иқтисодӣ афзоиши даромади умумӣ бо роҳи истифодаи оқилонаи ҳамаи унсурҳои истеҳсолот, аз қабили меҳнат, замин, захираҳои моддию техникӣ, молиявӣ имконпазир аст. Нишондиҳандаҳои самаранокии истифодаи захираҳо дар

нишондиҳандаҳои самаранокии истеҳсолот зоҳир шуда метавонанд дар шакли ҷисмонӣ ва ҳам пулӣ пешниҳод карда шаванд.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки масъалаи самаранокии соҳибкории кишоварзӣ хеле мураккаб аст, зеро вай бояд самараи фаъолияти гуногуни одамонро дар ҷараёни истеҳсоли неъматҳои моддӣ инъикос намояд. Бинобар ин, мураккабӣ ва гуногунҷанбаи категорияи самаранокӣ ба мо имкон намедиҳад, ки як меъёри ченкунии онро муайян кунем ва моро водор месозад, ки самаранокиро ба як қатор намудҳо ҷудо намуда, мафҳуми ҳар яки онҳоро ба таври алоҳида шарҳ диҳем.

Дар соҳибкории кишоварзӣ навъҳои зерини самараи иқтисодиро ҷудо мумкин аст: ҳиссаи он дар сохтори маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ, соҳаҳои алоҳидаи кишоварзӣ, фаъолияти иқтисодии хоҷагиҳои алоҳида, шӯъбаҳои дохилихоҷагӣ; самараи истеҳсолоти навъҳои алоҳидаи маҳсулот ва фаъолияти алоҳидаи хоҷагидорӣ, самаранок истифода бурдани захираҳои гуногун. Соҳибкории кишоварзиро метавон ҳамчун системаи иҷтимоию иқтисодӣ муаррифӣ кард, ки аз зерсистемаҳои функсионалӣ (технологӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ) ва ташкилӣ (шаклҳои идоракунӣ) иборат аст.

Самаранокии технологӣ, меъёрӣ ва воқеӣ вуҷуд дорад. Самаранокии технологӣ дар харитаи технологии истеҳсоли ин ё он зироат инъикос ёфтааст. Харитаи технологие, ки аз ҷониби соҳибкорони кишоварзӣ таҳия шудааст, сатҳи стандартиро барои шароити мушаххаси истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ тавсиф мекунад. Нишондиҳандаҳои самаранокии технологӣ барои арзёбии самаранокии унсурҳои системаҳои зироаткорӣ ва чорводорӣ истифода мешаванд. Сатҳи самаранокии технологӣ бо роҳи муқоисаи маълумоти воқеӣ бо нишондодҳои стандартии мувофиқ муайян карда шуда, онҳо ҳамчун сатҳи истеҳсоли маҳсулот ба сатҳи оқилонаи шиддат ё шароити миёнаи обу ҳаво мувофиқанд.

Самаранокии иқтисодӣ дараҷаи татбиқи манфиатҳои иқтисодиро инъикос намуда, бо системаи нишондиҳандаҳои арзишие, ки самаранокии истеҳсол ва фурӯши маҳсулотро тавсиф мекунанд (арзиш, маҳсулоти умумии бо нархҳои ҷорӣ, даромади умумӣ, фоида, даромаднокӣ, нишондиҳандаҳои вазъи молиявии корхонаҳо) чен ва арзёбӣ карда мешавад.

Меъёри самаранокии иқтисодӣ ноил шудан ба нишондиҳандаҳои фаъолияти молиявӣ фаҳмида шуда, қобилияти амалӣ намудани такрористеҳсолкунии васеъро тавсиф мекунанд.

Самаранокии иҷтимоӣ ҳолати иҷтимоӣ, дараҷаи ноил шудан ба сатҳи меъёрии рушди ҷомеаи иҷтимоию ҳудудии деҳотро тавсиф намуда, маҷмуи аҳолии деҳотро ба қаламрави муайяни аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта муносибати ягона доранд ва бо нишондиҳандаҳои дараҷаи зиндагонии аҳолӣ баҳо дода мешаванд. Меъёри самаранокии иҷтимоӣ дараҷаи ноил шудан ба

сатҳи меъёрии рушди ҷомеаи иҷтимоию ҳудудии деҳот доништа мешавад, яъне, нишондиҳандаҳои демографӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дараҷаи зиндагонии аҳолӣ.

Самараи ҷамъиятӣ бо тараққиёти иҷтимоии соҳибкории коллективии соҳаи кишоварзӣ бевосита алоқаманд буда, дар ҳалли масъалаҳои зерин ифода меёбад:

– кам ва барҳам додани меҳнати вазнини дастӣ, якранг ва камихтисос, инчунин, таъмини бехатарӣ, риояи меъёрҳои санитарӣ ва таъсиси ҷои нави корӣ корӣ;

– расондани ёрӣ ба кормандони корхонаҳо (аз ҷумла ҷавонон) дар самти баланд бардоштани ихтисос, дараҷаи маълумоти умумӣ ва мадании онҳо;

– бехтар намудани хизмати тиббӣ ба коргарон ва оилаҳои онҳо, ҳамзамон, таъмини рушди соҳаи хизмати маишӣ дар деҳот;

– беҳтар намудани шароити зист, инкишофи муассисахои томактабӣ, беҳтар намудани низоми истироҳати меҳнаткашон ва аъзоёни оилаи онҳо;

– инкишофи варзиш, ғамхорӣ ба ветеранҳои ҷангу меҳнат, нафақахурон, маъюбон ва дигар гуруҳҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолии деҳот.

Самаранокии экологӣ бо нигоҳ доштани муҳити табиӣ, сатҳи истифодаи захираҳои табиӣ, баланд бардоштани муҳити зист ва кам кардани шиддатнокии экологии маҳсулоти истеҳсолшуда, беҳтар кардани сифати маҳсулот тавсиф карда мешавад. Меъёри самаранокии муҳити зист дар пешгирии таназзул ва беҳтар беҳтар намудани муҳити зист, баланд бардоштани муҳити зисти истеҳсолот ва сифати маҳсулот тавсиф меёбад. Дар баланд бардоштани сифати заминҳои ҳосилхез (суст кардани ҷараёни эрозияи замин, бодхӯрдашавӣ, беҳ кардани агротехникаи хок, кам кардани фоизи заминхои шӯр ва олудашавии хок бо радионуклеидҳо, пестидидҳо ва ғайра олудашуда) аҳаммияти махсус дорад.

**Самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ бо нишондиҳандаҳои зерин тавсиф карда мешавад:**

– маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳисоби як як сокини кишвар, корманди соҳаи кишоварзӣ, ба воҳиди алоҳидаи замини кишт;

– маҳсулоти умумии кишоварзӣ бо нархҳои муқоисашаванда ба як сокини кишвар ва воҳиди замини кишоварзӣ;

– сатҳи таъмини аҳолии мамлакат бо маҳсулот, аз ҷониби як корманди соҳаи кишоварзӣ, инчунин, беҳтар намудани муҳити табиӣ.

**Самаранокии иқтисодии соҳибкорӣ дар минтақаҳо бо нишондодҳои зерин алоқаман аст:**

– маҷмуи маҳсулоти кишоварзии минтақавӣ ба як сокини вилоят, як корманд ва як воҳид замини кишоварзӣ;

– маҳсулоти умумии кишоварзӣ бо нархҳои муқоисашаванда ба як сокини вилоят, воҳиди замини кишоварзӣ;

– дараҷаи истеҳсоли маҳсулоти асосии озука ба дараҷаи меъёри истеъмолии онҳо;

– нишондиҳандаҳои муҳофизат ва беҳтар намудани муҳити табиӣ, сифати маҳсулот.

**Самаранокии тиҷоратии соҳибкории кишоварзӣ бо нишондиҳандаҳои зерин тавсиф карда мешавад:**

– вазъи молиявии истеҳсолкунандаи мол (устувории молиявӣ, қобилияти пардохтпазирӣ, даромаднокӣ);

– дараҷаи маблағгузории асосӣ ба рушду тараққиёти соҳаи иҷтимоию мадании деҳот;

– ба кор андохтани заминҳои нав, беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда, обёрӣ ва хушконидани заминҳои ботлоқ.

Нишондиҳандаҳои самаранокии технологӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ ба ҳалли масъалаҳои (мақсадҳои) истеҳсолоти кишоварзӣ–истеҳсолӣ маҳсулот (самаранокии технологӣ), таъмини шароити рушди иқтисодӣ (самаранокии иқтисодӣ), фароҳам овардани шароит барои рушди иҷтимоии инсон (самаранокии иҷтимоӣ), бехтар намудани сифати маҳсулот, ҳифзи муҳити зист (самаранокии экологӣ) равона гардидааст.

Нишондиҳандаҳои самаранокии технологӣ барои арзёбии самаранокии унсурҳои системаи кишоварзӣ ва чорводорӣ истифода шуда, дараҷаи истифодаи замин, захираҳои меҳнатӣ ва моддиро дар раванди истеҳсолот инъикос мекунанд. Барои муайян кардани самараи технологӣ нишондиҳандаҳои арзиши аслии маҳсулоти умумии кишоварзӣ бо нархҳои муқоисашаванда ба ҳар 100 гектар замини таъйиноти кишоварзӣ, замини кишт, ба ҳар як коргар солона ба ҳисоби миёнаи 1000 сомонӣ воситаҳои асосии истеҳсоли кишоварзӣ истифода мешаванд.

Нишондиҳандаҳои самаранокии иқтисодӣ муносибатҳои истеҳсолиро дар раванди истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, инчунин, имкони амалӣ намудани раванди такрористеҳсолӣ инъикос намуда, бо нишондиҳандаҳои хароҷот: арзиш, даромади умумӣ, фоида, нишондиҳандаҳои вазъи молиявии корхона (даромаднокӣ, қобилияти пардохт, устувории молиявӣ) баҳо дода мешаванд.

Барои муайян намудани самараи иқтисодии ин ё он зоти чорво (парранда) ба мақсад мувофиқ аст, ки нишондиҳандаҳои даромади умумӣ ва фоида аз ҳар гектар зироат, сар чорво (паранда), ки барои таҳлили муқоисавии самараи чорво (паранда) имконият медиҳанд.

Нишондиҳандаҳои самаранокии иҷтимоӣ дараҷаи ноил шудан ба сатҳи баланди зиндагии аҳолиро аз рӯи нишондодҳои гуногун тавсиф намуда, ин категорияи мураккаби иҷтимоию иқтисодиро дар якҷоягӣ инъикос мекунанд. Муҳимтарин нишондиҳандаи муайянкунандаи самараи ҷамъиятӣ аз инҳо иборат мебошанд: дараҷаи даромади умумӣ, музди мехнат, инчунин, нишондиҳандаҳои демографии такрористеҳсолкунии аҳолӣ, таносуби байни таваллуд ва фавт. Ҳамзамон, таҳлили муносибати байни даромади умумии ҳақиқӣ ва ҳаҷми сабади истеъмолӣ, ҳаҷми хизмати пулакӣ, сатҳи воқеии истеъмоли молҳои гуногун ва ғайра.

Нишондиҳандаҳои самаранокии муҳити зист барои арзёбии самаранокии тадбирҳои ҳифзи муҳити зист, таъсири онҳо ба ҳолати муҳити табиӣ, сифати маҳсулот ва унсурҳои иқтидори захираҳои экологӣ истифода мешаванд. Дар низоми нишондиҳандаҳои самаранокии муҳити зист истифодаи зарибҳои таносуби нишондиҳандаҳои воқеии ифлосшавӣ унсурҳои муҳити табии (замин, об, ҳаво, хок, ҷангал) бо меъёри (ҳадди иҷозат) ба мақсад мувофиқ аст.

Ҳангоми баҳогузории самаранокии истифодаи захираҳо нишон-диҳандаҳои ҳосилнокии замин, зироат, ҳосилнокии меҳнат ва ғайра истифода мешаванд. Барои арзёбии самаранокии хароҷот, арзиш, боздеҳии фонд, даромаднокӣ ва дигар нишондиҳандаҳо истифода мешаванд. Дар самти арзёбии самаранокии соҳибкории кишоварзӣ нишондиҳандаҳои натуравӣ: ҳосил, ҳосилнокии маҳсулот, ширдӯшӣ ба ҳисоби аз як сар чорвои ширдеҳ, наслгирӣ, баррагирӣ аз 100 сар чорво, истеҳсоли асал аз як оилаи замбӯр ва ғайра васеъ истифода мешаванд. Онҳо одӣ ва хуб муқоисашавандаанд, аммо истифодаи онҳо аз сабаби гуногунии захираҳои истифодашуда ва маҳсулоти истеҳсолшуда маҳдуд аст.

Усулҳои муосири баҳогузории самаранокии истеҳсолот дар соҳибкории кишоварзӣ таҳлили нишондиҳандаҳоро истифода мебаранд, ки дар заминаи даромад ба як сомонӣ хароҷот асос ёфтаанд.

Самаранокии истеҳсолот дар соҳибкорӣ бо системаи васеи нишондиҳандаҳо тавсиф гардида, бо роҳи муқоиса намудани ҳаҷми навъҳои гуногуни маҳсулот ва даромад бо ҳаҷми захираҳо ва хароҷоти истифодашуда ба даст оварда мешавад. Нишондиҳандаҳои зерини самаранокии соҳибкории кишоварзӣ дар амалияи кори иқтисодӣ васеъ истифода мешаванд: маҳсулнокии чорво; ҳосилнокии меҳнат; ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ, ҳосилнокии меҳнат; ҷуброни хароҷот; даромаднокии истеҳсолот ва ғайра.

Ба сифати нишондиҳандаи умумии омории самаранокии соҳибкорӣ сатҳи даромаднокӣ баромад намуда, дар доираи он дараҷаи истеҳсоли маҳсулоти алоҳида аз рӯйи соҳаҳои алоҳида ҳисобу китоб карда мешавад. Он таносуби фоидаро ба арзиши умумии маҳсулоти фурӯхташуда, хароҷоти умумии истеҳсоли як навъи маҳсулот ё арзиши миёнаи солонаи фондҳои асосӣ ва муомилоти мол ифода мекунад.

Дараҷаи даромаднокии фаъолияти истеҳсолӣ, ки умуман, барои соҳибкорӣ ҳисоб карда мешавад, аз се омили асосӣ – тағйир ёфтани сохтори маҳсулоти фурӯхташуда, арзиши аслии он ва нархи миёнаи фурӯш вобаста аст.

Нишондиҳандаҳои даромаднокӣ натиҷаҳои ниҳоии тиҷоратро нисбат ба фоида пурратар тавсиф мекунанд, зеро арзиши онҳо муносибати байни таъсир ва захираҳои мавҷуда ё истеъмолшударо нишон медиҳад. Онҳо барои арзёбии фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳамчун воситаи сиёсати сармоягузорӣ ва нархгузорӣ истифода мешаванд.

Ҳамин тавр, барои ҳамаҷониба омухтани самараи соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ низоми аниқи нишондиҳандаҳое зарур аст, ки самтҳои гуногуни фаъолияти истеҳсолиро инъикос мекунанд. Бинобар ин, вазифа аз он иборат аст, ки дар асоси кам кардани нишондиҳандаҳои гуногуни сифатӣ, ки истифодаи омилҳои алоҳидаи истеҳсолотро ба як нишондиҳанда тавсиф мекунанд, нишондиҳандаи умумии самаранокии истехсолот ба даст оварда шавад. Дар баробари ин, имкони тафсири иқтисодӣ, мутаносиб будани он дар зинаҳои гуногуни идоракунӣ, эътимоднокии кофии баҳоҳои миқдорӣ ва сифатии онҳоро таъмин кардан зарур аст. Аз сабаби шартӣ будани натиҷаҳои ба даст овардашуда муайян кардани нишондиҳандаи умумии самара хеле душвор аст.

Дар сатҳи минтақавӣ бошад, ба сифати нишондиҳандаҳои умумии самаранокии соҳибкорӣ чунин нишондиҳандаҳо истифода мешаванд:

–арзёбии самаранокии технологӣ–арзиши маҳсулоти умумии кишоварзӣ бо нархҳои муқоисашаванда ба 100 гектар замини таъиноти кишоварзӣ;

–баҳои самаранокии иқтисодӣ – зариби фарогире, ки вазъи молиявии минтақаро инъикос намуда, дар тавозун ҳамчун таносуби арзиши доройӣ ва ухдадориҳои ҷорӣ муайян карда мешавад;

–тавсифи самаранокии иҷтимоӣ–зариби ҳаётӣ (маблағ бо дарназардошти аломати таваллуд ва фавт);

–тавсифи самаранокии экологӣ–баланд бардоштани сифати экологии маҳсулот.

Истифодаи нишондиҳандаҳои мушаххас ба мақсаду вазифаҳои самаранокии соҳибкории кишоварзӣ бештар ба мавҷуд будани захираҳои истеҳсолӣ, таносуб ва дараҷаи истифодаи онҳо вобастааст.

Баҳисобгирии натиҷаҳои фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳими дигари методологӣ ба ҳисоб меравад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳоло шакли мавҷудбудаи ҳисоботи фаъолияти соҳибкории кишоварзӣ, ки ҳар сол ду маротиба ба шуъбаҳои омори ҷамоатҳои деҳот пешниҳод карда мешуд, қариб ки иҷро намегардад. Аз сабаби зиёд будани шумораи ХДФ кормандони омори ҷамоатҳои деҳот, ки як штати кориро ташкил медиҳад, имкон надоранд, ки ҳисботро доир ба масълаи мазкур саривақт ҷамъоварӣ ва натиҷагирӣ намоянд. Бинобар ин, аз ин ҷо ба шуъбаҳои омори сатҳи ноҳиявӣ, шаҳрӣ ва кишвар аксар вақт ҳисоботи тахмини ва беасос пешниҳод мегардад. Чунин вазъ ба тезутунд шудани муносибати байни соҳибкорон ва нозирони кумитаи андоз боис мегардад, зеро мақомоти андоз даромади соҳибкоронро дар заминаи чунин ҳисоботҳо муайян намуда, дар натиҷа аксари соҳибкорон беасос қарздор карда мешаванд. Тибқи талаботи мавҷуда, хоҷагиҳои аҳолӣ ҳамасола ду маротиба доир ба кишти зироат ва чамъоварии ҳосил ба ҷамоатҳои деҳот бояд ҳисобот пешкаш намоянд. Вале таҳлилҳо нишон доданд, ки доир ба ин масъала на ҳисоботи дақиқ, балки рақамҳои тахминӣ ҳамчун ҳисобот пешниҳод карда мешаванд, ки инъикоскунандаи ҳақиқат нест. Аз ин лиҳоз, бо

истифода аз технологияи муосири компютерӣ ҷорӣ намудани шакли ягонаи пешниҳоди ҳисобот дақиқ ва саривақтӣ аз натиҷаҳои фаъолияти ҳар як соҳибкор ба шуъбаҳои омор соле ду маротиба мувофиқи мақсад дониста мешавад. Танҳо дар чунин сурат имкони гирифтани пеши роҳи изофанависӣ, инчунин, вайронкунии тартибот ва ҳаллу фасли дигар масъалаҳо дар ин самт ҷой дорад.

Ҳамин тавр, таҳқиқи асосҳои методологии фаъолияти соҳибкорӣ имкон дод, ки чунин хулосабандӣ намоем [8]:

– Ҳарчанд ки фаъолитяи соҳибкорӣ чун муҳаррики рушди иқтисоди миллӣ эътироф шуда бошад ҳам, вале асосоҳои методологияи фаъолияти соҳибкорӣ ба қадри кофӣ таҳия нашудааст, зеро то ба ҳол моҳият ва мафҳуми фаъолияти соҳибкорӣ пурра маълум нест. Муайян намудани асосҳои методологии фаъолияти соҳибкорӣ мисли ҳама гуна фаъолияти дигар маънои муайян кардани хусусиятҳои асосии он, принсипҳо, захираҳо, шароит, омилҳо, меъёрҳо, сохтори мантиқӣ, раванд ва вақтро дар бар мегирад.

– Хусусиятҳои асосии фаъолияти соҳибкорӣ бояд ба принсипҳои иерархия, якпорчагӣ (ҳамгирой, пайдоиш), коммуникативӣ (ошкорӣ), таърихӣ ва кифояият мувофиқ бошад. Мо дар баробари принсипҳои маъмулии дар адабиёти иқтисодӣ ҷойдошта, барои иқтисодиёти соҳаи кишоварзии мамлакат принсипи диверсификатсияро чун навоварии илмӣ илова намудем, ки риояи ҳатмӣ ва саривақтии он дар шароити кунунӣ соҳибкоро аз таназзули иқтисодӣ эмин нигоҳ медорад.

– Риояи ҳатмии ҳамаи принсипҳои зикргардида ба рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ муҳим дониста мешаванд, вале ба андешаи мо дар шароити муосир, бахусус СУС, риояи ҳатмии принсипи диверсификатсия, ҳангоми ташкили фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, ҳамчун усули муосире, ки самаранокии баланди ташкили истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии рақобатпазиру ба содирот нигаронидашударо таъмин менамояд, амри зарурӣ мебошад.

– Дар шуъбаҳои омор ва ҷамоатҳои деҳот ҷорӣ намудани шакли ягонаи пешниҳоди ҳисоботи саривақтӣ аз натиҷаҳои фаъолияти ҳар як субъекти соҳибкорӣ соле ду маротиба яке аз масъалаҳои муҳими дигари методологӣ дар самти рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ дониста мешавад.

## АДАБИЁТ


1. Новиков А.М., Новиков Д. А. Методология. М. : СИНТЕГ, 2007–668;
2. Каган М.С. Человеческая деятельность. М. : Политиздат, 1974–С.220;
3. Волкова В.Н., Денисов А.А. Основы теории систем и системного анализа. 2-е изд. СПб. : СПбГТУ, 1999–С.510;
4. Карлоф Б. Деловая стратегия: концепция, содержание, символы. М. : Экономика, 1993–367;
5. Эшби У.Р. Введение в кибернетику. М. : Мир, 1966– 420;
6. Таҳия муаллиф;
7. Хулосаи муаллиф;
8. Хулосаҳои ниҳоии муаллиф.

# АНАЛИЗ МЕТОДОЛОГИЧЕСКИХ ОСНОВ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В СЕЛЬСКОМ ХОЗЯЙСТВЕ

**ОДИНАЕВ АМИН ИБРАГИМОВИЧ,**
начальник Управления исследований проблем предпринимательства и развития частного сектора ЦСИ при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Рудаки 89,
тел.(+992) 988-55-26-90; e–mail: o–amin@mail.ru

*В статье оценена и обоснована основные принципы организации и развития предпринимательской деятельности в сфере сельского хозяйства с учетом перехода к рыночной экономике, а также пути и методы повышения экономической, коммерческой, технологической, социальной и экологической эффективности предпринимательской деятельносте в данной сфере.*

***Ключевые слова:*** *сельскохозяйственное предпринимательство, методология, бизнес, экология, экономическая эффективность, диверсификация, Всемирная торговая организация, рыночная экономика.*

# ANALYSIS OF THE METHODOLOGICAL FOUNDATIONS OF ENTREPRENEURIAL ACTIVITY IN AGRICULTURE

**ODINAEV AMIN IBROHIMOVICH,**
Head of the Department of analysis of entrepreneurship issue and development of the private sector of the Center for strategic research under the President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 89;
tel.(+992) 988-55-26-90; e–mail: o-amin@mail.ru

*The article evaluates and substantiates the basic principles of organization and development of entrepreneurial activity in the field of agriculture, taking into account the transition to a market economy, as well as ways and methods of increasing the economic, commercial, technological, social and environmental efficiency of entrepreneurial activity in this area.*

***Keywords:*** *agricultural entrepreneurship, methodology, business, ecology, economic efficiency, diversification, World Trade Organization, market economy.*

УДК 65.9.2.24

# КОНЦЕПТУАЛЬНЫЕ ПОДХОДЫ К ИССЛЕДОВАНИЮ ФУНКЦИОНИРОВАНИЯ СЕГМЕНТИРОВАННОГО РЫНКА ТРУДА

**АЗИМОВА МАДИНА ТУРДЫЕВНА,**
кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой международной экономики Технологического университета Таджикистана
734061, Таджикистан, г. Душанбе, Н.Каробоев 63/3;
тел: (+992) 909-90-50-62; e-mail: madina.azim@mail.ru

*В данной статье рассмотрено развитие концепций сегментации рынка труда и выделен современный подход к сегментации рынка труда. Основной приоритет теории сегментации заключается в том, что рынок труда разделен на определенные сегменты, которые формируются под воздействием экономических, политических и социальных сил, а также указываются причины сегментации и различия в характеристиках отдельных участников рынка труда. Концептуальные подходы к исследованию функционирования сегментации рынка труда разделяют работников на сегменты рынка труда. Используемые методы исследования основаны на системном и логическом анализе работ научных исследователей*

***Ключевые слова:*** *рынок труда, сегментация, квалификация, человеческий капитал.*

В экономической литературе существует множество исследований сегментации рынка труда, ведутся споры о том, что являются рынок труда сегментированным, то есть, разделен ли он на отдельные сегменты с различными характеристиками. Этот вопрос привлекает интерес многих научных исследователей до сего времени.

Изначально исследования теории сегментации рынка труда представляли собой форму проявления общественного разделения труда. В произведениях Ксенофонта [5], в частности «Домострой», изложены его экономические взгляды относительно устройства и ведения рабовладельческого хозяйства. Здесь он впервые проводит различия между трудом так называемых «свободных рабочих мест», считая их руководителями, и трудом рабов, считая их исполнителями. То есть уже в этот период впервые было осуществлено деление труда на управленческий и исполнительный (умственный и физический), что положило начало исследованиям сегментированного рынка труда.

Концептуальные основы сегментации рынка труда начали разрабатываться со второй половины XVIII в. Научные взгляды основоположников классической

политэкономии А.Смит, У. Петти, Д.Рикардо, Ж.Б. Сэя[1], подчеркнули преимущества разделения и специализации труда, описав механизм функционирования рынка труда, где обратили внимание на разницу в оплате труда в зависимости от квалификации работника. Очевидно, что это стимулировала рост различных профессий в отраслях экономики, которые заложили теоретические основы исследований рынка труда и его сегментирования.

Далее представители классических экономических теорий Кэрнс Дж.Э., А. Маршалл, представили концепцию неконкурирующих групп и объяснили, что рынок труда сегментирован на различные сегменты, где каждый работник работает на совершенно разных рынках, они рассматривали работников как группы людей, относящихся к различным профессиональным категориям (ремесленники, сотрудники небольших розничных фирм, высококвалифицированные производители и специалисты) [9].

Основная идея этой концепции заключается в том, что на уровне отдельных неконкурирующих групп конкуренция между работниками происходит в пределах их уровня занятости. Доминирующие условия конкуренции в одном сегменте не влияют на работников в других сегментах. Именно это соображение отражает концепцию разделенного рынка труда.

Представители неоклассической теории, Ж. Дебре П.Самуэльсон, утверждали, что на рынке труда существует совершенная конкуренция, заработная плата является единственным механизмом контроля рынка труда, они также утверждали, что работники и рабочие места не являются идентичными и имеют сходные характеристики [11].

В отличие от неоклассиков, последователей кейнсианского экономического подхода, позднее последовал институциональный подход, которые поддерживали идею, что рынок труда управляется государством и политическими инструментами, а предложение всегда соответствует спросу на рынке труда как естественный баланс. Они приводили аргументы в пользу того, что заработная плата не может быть регулятором рынка. Институционалисты в основном обращали внимание на анализ внутреннего рынка труда, а также на влияние квалификации или профессиональных навыков работника.

Главный идеолог американского институционализма Т. Веблен критиковал классическую экономическую модель за абстрактные идеи и создание вечных законов, как слишком далекую от реальной жизни. Они не смогли описать человека как личность, существующую в определенной общественной среде[3]. Кейнсисты в своей классической точке зрения поднимают главную проблему, связанную с низким уровнем образования работников, отсутствием профессиональной подготовки, что влияет на безработицу и нестабильность на рынке труда.

Однако дальнейшие развитие экономической ситуации в мире, связанно роли инвестиций в человеческий капитал. Исследователи Г. Беккер, Т. Шульц и Я. Минсер подчеркивали, что для существования дуализма необходимо, чтобы в разных секторах сопоставимым работникам платили разную зарплату[11]. Г.С. Беккер под человеческим капиталом он понимал запас знаний работника, в процессе трудовой деятельности которого формируется прирост дохода[2].

Очевидно, что вклад последователей этой теории в сегментацию труда был весомым, поскольку наиболее значимыми участниками рынка труда являются люди, обладающие индивидуальными компетенциями, а также человеческим капиталом, который определяет общие и профессиональные знания, навыки и другие характеристики человека. Несомненно, на современном рынке труда человеческий капитал имеет огромное значение; образование, квалификация, знания, навыки, опыт и постоянное совершенствование становятся наиболее значимыми характеристиками в рабочей среде. Все вышеперечисленные элементы также являются наиболее значимыми и имеют конкурентные преимущества для работника, что определяют его успешную интеграцию на рынок труда.

Истоки концепций современной сегментации рынка труда берут свое начало во второй половине XX в., однако идея несовместимых сегментов была разработана до появления теории сегментации рынка труда. Значительный вклад в теорию сегментированного рынка труда внесли также Дж. Данлоп, П. Дерингер, М.Пиоре, Д. Гардон и другие. В своей работе «Внутренние рынки труда и анализ рабочей силы» П. Дерингер и Дж. Пиоре [9] обосновали основные положения внутреннего рынка труда, применение которых способствует проведению эффективной кадровой политики государством. Это послужило основой для появления термина дуалистический рынок труда, что является основой для возникновения проблем, которые необходимо обсудить при сегментации рынка труда, чтобы определить причины сегментации, важность характеристик различных сегментов на рынке труда.

П. Дерингер характеризуя данные сегменты рынка труда, отмечает, что: «Первичный рынок труда характеризуется высокой заработной платой, хорошими и безопасными условиями труда, устойчивый рабочих мест, возможности карьерного роста, включение сотрудников в решение проблем и т.д. Вторичный рынок труда определяется противоположностью первичного рынка труда. Здесь доминирующими характеристиками являются следующие: низкая заработная плата, плохие условия труда, высокая текучесть кадров, частая безработица, ограниченные возможности карьерного роста, низкие требования к квалификации»[9.]. Следует отметить, что эти два рынка не функционирует самостоятельно и изолированно друг от друга, несмотря на их различия, а находятся в тесной взаимосвязи и взаимозависимости. Несомненно, разработка

теории стала основой для дальнейшего развития теорий сегментации и их интерпретации.

В современной научной экономической литературе встречается еще один новый динамичный подход к сегментации рынка труда. Очевидна, что идея создания третьего сегмента элитарного может дополнить классическую дуалистическую концепцию сегментации рынка труда. В этой теории существование третьего сегмента рынка труда обосновывается появлением новых групп профессий, в которых специфические и организованные рынки обеспечивают непрерывность занятости квалифицированных работников.

Этой теории придерживается П. Остерман и Д. Тремблей, которые выделяют на рынках труда не два, а три сегмента. Верхний первичный рынок, состоящий из профессиональных систем и университетских специалистов, наделенных определенной мобильностью и знаниями, и опытом, не связанными с одной фирмой, что дает им больше возможностей для заключения сделок на рынке труда. Нижний первичный рынок с системой занятости промышленного типа (рабочие, служащие и технический персонал), где внутренняя и межфирменная мобильность невелика, но где заработная плата, условия труда и социальная защита четко определены трудовым законодательством и коллективными договорами. И, наконец, вторичный рынок труда, который определяется классическим образом, в отличие от двух других, где имеется низкая заработная плата, отсутствие гарантий стабильного рабочего места, отсутствие социальной защиты, плохие условия труда, отсутствие профсоюзов и т. д. В этом сегменте можно наблюдать феномен гендерной дискриминации, поскольку большинство его участников зачастую составляют женщины.

Л.С. Крыжанова считает, что «это деление является традиционным и существенно дополняется другими видами структурной дифференциации – по формам собственности, социально–демографическим группам, профессиональным и отраслевым группам населения, – так и нетрадиционными видами» [7]. Л.С. Крыжанова считает разделение рынка труда на:

«элитарный» (высокооплачиваемые профессионалы, как правило, в возрасте до 35–40 лет в областях менеджмента, маркетинга, бухгалтерии, юриспруденции и ряде других областей, связанных с «большим» и «средним» бизнесом);

«основной» (большинство работников и профессий «формального» сектора);

«маргинальный» (тяжелые и низкооплачиваемые, временные и нерегулярные работы для неквалифицированных работников, нелегальных мигрантов, лиц без определенного места жительства и др., как правило, в «неформальном секторе».

Сегодня мы уже видим, что существование третьего элитарного сегмента рынка труда обосновывается появлением новых групп профессий, где определяющим фактором этих тенденций являются технологические изменения.

Следовательно, к работнику предъявляются все новые и более сложные требования, поэтому профессиональное совершенствование и приобретение новых знаний и навыков становятся одним из важнейших приоритетов на рынке труда.

В своем исследовании Е.Э.Головчанская в области управления персоналом сегментирует руководителей предприятия три сегмента: к высшему и среднему уровню относят всех руководителей -директоров организаций и других линейных руководителей – начальников цехов и иных структурных подразделений, а также функциональных отделов [4].

Современная теория сегментации показывает, что рынок труда разделен на определенные сегменты, которые формируются под воздействием экономических, политических и социальных сил, она также указывает на то, что сегментация вызывает различия в характеристиках отдельных сегментов рынка труда. После того как сегменты рынка труда определены, важным вопросом становится их относительное социально-экономическое положение. Различия в условиях труда следует ожидать, исходя из динамики с одной стороны, производственной структурой страны и спросом на рабочую силу, и, с другой стороны, ее предложением рабочей силы, то есть характеристиками доступной рабочей силы.

Однако различия в условиях труда между сегментами, которые имеют схожие характеристики с точки зрения навыков, занятий и опыта, указывают на то, что результаты рынка труда определяют другие факторы, указывая на возможность сегментации рынка труда. Эти факторы могут включать институциональные условия, экономический цикл в стране или стратегии работодателей, которые создают более или менее благоприятные условия для конкретных групп работников: например, путем использования гибких форм занятости для задач, не связанных с их основной деятельностью.

Таким образом, проведенный теоретический анализ позволил выделить сущность сегментации рынка труда и ее характеристики, определить современные трактовки сегментации рынка труда и привести в систему фундаментальные теории сегментации рынка труда, сформировавшие основное представление о сегментации рынка труда.

Исследование теоретических основ формирования и развития сегментации рынка труда позволит нам обосновать, что большинство исследователей связывают возникающие проблемы с экономическими и политическими факторами, но и уделяют значительное внимание анализу характеристикам рабочей силы. На основе современного подхода к сегментации рынка труда можно сказать, что рынок труда анализируется в гораздо более широком аспекте, то есть комплексно, не ограничиваясь несколькими влияющими факторами, а включая гораздо большее их количество. Особое внимание следует уделить важности инвестиций в человеческий капитал. Отечественные авторы,

исследующие проблему сегментации рынка труда, утверждают, что «становление рынка труда, его атрибутов, принятие мер государственной политики на нем и теоретической концепции самого рынка труда с учетом таких сегментов рынка труда, как спрос и предложение, последствия их несбалансированности и безработица происходят одновременно [ 5,.ст 256].

В рамках реализации «Концепции развития продуктивной занятости в Республике Таджикистан на период до 2040 года», где главной целью политики государства является обеспечение стабильной, эффективной занятости трудовых ресурсов внутри страны, обеспечение спроса на высокооплачиваемые рабочие места, снижение количества безработных до минимума.

Следовательно, социально-экономическое развитие Республике Таджикистан в основном должно определяется качеством человеческого капитала и способностью в конечном итоге использовать имеющиеся человеческие ресурсы, применяя различные формы распространения инноваций, науки и технологий.

Исследование основ теории сегментации рынка труда выявило существенные различия во взглядах различных экономических школ в разные периоды. Во-первых, согласно установкам представителей классической, неоклассической экономической школы, очевидно, что работники и рабочие места однородны, социальные проблемы не рассматриваются, потенциал человеческого капитала малозначим. Во-вторых, с конца XX века роль инвестиций в человеческий капитал становится важной для экономического развития. В этот период использование рабочей силы зависело от характеристик человеческого капитала (общие и профессиональные знания (образование), профессиональные навыки и т. д.), которые помогают человеку играть свою роль в организации. Рабочая сила обладает неоднородными характеристиками.

Авторы не только связывают возникающие проблемы с экономическими и политическими факторами, но и уделяют значительное внимание анализу характеристик рабочей силы. На основе современного подхода к сегментации рынка труда можно сказать, что рынок труда анализируется в гораздо более широком аспекте, то есть комплексно, не ограничиваясь несколькими влияющими факторами, а включая гораздо большее их количество. Особое внимание следует уделить важности инвестиций в человеческий капитал. Поэтому возможности использования рабочей силы во многом зависят от человеческих характеристик (общих и профессиональных знаний, образования, профессиональных навыков и т.д.), которые помогают человеку играть свою роль в организации. Такая позиция значительно отличается от позиции представителей классической, неоклассической школы. Подведя итоги, можно сказать, что в настоящее время рынок рассматривается как социально -экономическая система.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Антология экономической классики/ У. Петти, А. Смит, Д. Рикардо.– М.: Эконов, Ключ, 1993.- 486 с.
2. Беккер Г. Экономический взгляд на жизнь. Лекция лауреата Нобелевской премии в области экономических наук за 1992 г./ Вестник С.-Петербургского университета, серия 5., вып.3, 1993
3. Веблен Т. (1984). Теория праздного класса. М.: Прогресс.
4. Головчанская, Е. Э. Сегментирование профессионального рынка труда в современных условиях/ Е.Э. Головчанская // Управление персоналом - 2009. - № 5. - С. 94-103.
5. Гоибназарзода С. М. Проблемы эффективного функционирования и регулирования рынка труда Республики Таджикистан в условиях трансформации: теория, методология и практикадисс…докт. экон. наук 08.00.10./ Гоибназарзода С. М..-Д.,2023.
6. Ксенофонт. Воспоминания о Сократе. М.: Наука 1993-с.197
7. Крыжанова Л.С. Сегментация рынка труда//Вестник Кыргызско-российский славянский университет -2012.-Т.12.№6.- 151-156с
8. Маршалл А. Принципы экономической науки. В 3-х тт. /А.Маршалл.-М.:Прогресс,1993
9. Doeringer, P. Internal labor markets and manpower analysis. - Lexington: Heath Lexington Books, 1971
10. Samuelson P. 1965. Professor Samuelson on Theory and Realism: Reply//American Economic Review. Vol. 55, N 5
11. Becker G. Health as human capital: synthesis and extensions // Oxford Economic Papers. 2007. Vol. 59, № 3. C. 379–410. Mincer J. Investment in Human Capital and Personal Income Distribution //
12. Journal of Political Economy. 1958. Vol. 66, № 4. P. 281–302. Schultz T. Human Capital: Policy Issues and Research Opportunities. Human Resources. Cambridge : NBER, 1972.


# МУНОСИБАТҲОИ КОНЦЕПТУАЛИИ ОМУЗИШИ ФАЪОЛИЯТИ БОЗОРИ СЕГМЕНТИИ МЕҲНАТ


**АЗИМОВА МАДИНА ТУРДИЕВНА,**

н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисодиёти байналмилалии

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

734061, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 63/3;

тел: (+992) 909-90-50-62; e-mail: madina.azim@mail.ru



*Ин мақола таҳияи консепсияҳои сегментатсияи бозори меҳнатро баррасӣ намуда, равиши муосирро ба сегментатсияи бозори меҳнат нишон*

*медиҳад. Афзалияти асосии назарияи сегментатсия аз он иборат аст, ки бозори меҳнат ба қисмҳои алоҳида тақсим мешавад, ки дар зери таъсири неруҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ ташаккул ёфта, инчунин, сабабҳои сегментатсия ва фарқи хусусиятҳои иштирокчиёни алоҳидаи бозори меҳнатро нишон медиҳад. Равишҳои консептуалии омӯзиши фаъолияти сегментатсияи бозори меҳнат коргаронро ба сегментҳои бозори меҳнат ҷудо мекунанд. Усулхои таҳкикоти истифодашуда ба таҳлили муназзам ва мантиқии кори муҳаққикони илмӣ асос ёфтаанд*

***Калидвожаҳо:*** *бозори меҳнат, сегментатсия, тахассус, сармояи инсонӣ.*

## CONCEPTUAL APPROACHES TO STUDYING THE FUNCTIONING OF A SEGMENTED LABOR MARKET

**AZIMOVA MADINA TURDIEVNA,**
Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of International Economics, Technological University of Tajikistan
734061, Tajikistan, Dushanbe city, N.Karoboev str. 63/3;
tel: (+992) 234-79-87; e-mail: madina.azim@mail.ru

*This article considers the development of labor market segmentation concepts of labor market segmentation and highlighted the modern approach to labor market segmentation. The main priority of the segmentation theory is that the labor market is divided into certain segments, which are formed under the influence of economic, political and social forces, and the reasons for the segmentation and differences in the characteristics of individual labor market participants. Conceptual approaches to the study of the functioning of labor market segmentation divide workers into labor market segments. The research methods are used based on the system and logical analysis of the works of scientific researchers*

***Keywords:*** *labor market, segmentation, qualification, human capital.*

**УДК: 338.2**

# МЕХАНИЗМҲОИ ТАШКИЛӢ-ИҚТИСОДӢ ТАНЗИМИ ДАВЛАТӢ БОЗОРИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ: ТАҶРИБАИ ХОРИҶӢ

**ҲАМДАМЗОДА ХУРСАНД АКБАР,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи фаъолияти бонкии
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
735140, Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67;
тел.: (+992) 918-73-36-39; e-mail: khursand77@mail.ru

**ХОЛНАЗАРОВ МИРЗОШАРИФ ҲАҚНАЗАРОВИЧ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молияи
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
735140, Тоҷикистон, шаҳри Бохтар кӯчаи Айнӣ 67;
тел.: (+992) 93-511-77-37; e-mail: Kholnazarov8282@mail.ru

*Дар ин мақола механизмҳои ташкилию иқтисодии танзими давлатии бозори маҳсулоти кишоварзӣ таҳқиқ ва арзёбӣ карда шудааст. Муаллифон қайд менамоянд, ки аз омӯзиши таҷрибаи рушди равандҳои ҳамгироӣ дар комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ бармеоянд, ки дар иқтисоди бозаргонӣ сохторҳои ҳамгироӣ тамоми пайвандҳои истеҳсоли маҳсулоти ниҳоиро муттаҳидкунанда манфиатовар буда, ҷараёни тамаркузи истеҳсолот ба баланд бардоштани самаранокӣ ва коҳиш додани хароҷот мусоидат мекунад. Дар корхонаҳои калон ҳампайвандии истеҳсолот барои такмили тамоми равандҳои технологӣ, рушди низоми илмии парвариши чорво, беҳтар намудани сифати хӯрок ва нигоҳдории чорво, механиконии комплексӣ, ки маҳсулнокӣ ва истеҳсоли самаранокро таъмин мекунанд, замина фароҳам меоварад.*

***Калидвожаҳо:*** *кишоварзӣ, бозори маҳсулот, чорводорӣ, сармоягузорӣ, танзими давлатӣ, инноватсия, идоракунӣ, нархгузорӣ, самаранокӣ, ҳамгироӣ, комплекси агросаноатӣ.*

Бозори кишоварзӣ муносибатҳои иқтисодиро дар соҳаи мубодилаи маҳсулоти кишоварзӣ инъикос карда, он ба сифати танзимгари истеҳсолоти кишоварзӣ амал менамояд. Кишоварзӣ барои аксари соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ манбаи асосии истеҳсоли маводи хӯрокворӣ ва ашёи хом ба ҳисоб меравад. Дар ин замина ба рушди он ҳамеша афзалият дода шуда, маҳз дар ҳамин асос метавон ба баъзе муваффақиятҳои назаррас ноил шуд. Аммо суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти аввалиндараҷа на ҳамеша талаботи

ҷомеаро қонеъ менамояд, ки ин омил ба равандҳои босуботи технологӣ дар даврони муосир алоқамандӣ дорад.

Бо дарназардошти ин раванди муташаккил зарурати муттаҳид кардани самтҳои асосии кишоварзӣ бо бахшҳои саноат, сохтмон, нақлиёт, тиҷорат ва зарурати танзими ҳадафи ниҳоӣ–истеҳсоли маҳсулоти хушсифат ва расонидани он ба истеъмолкунандагон пеш меояд.

Дар корҳои илмии муҳаққиқ И.Фасихов масъалаҳои зарурияти таъсиси комплекси агросаноатӣ ва самаранокии иқтисодии он ба таври васеъ таҳқиқ карда шудаанд [1, 150].

Муаллиф дар асоси маълумоти зиёди илмӣ нишон медиҳад, ки дар даҳсолаи охир дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсоли намудҳои асосии озуқаворӣ ба таври назаррас коҳиш ёфтааст.

Сабабҳои асосии сар задани буҳрон дар соҳаҳои гӯшту шир ин дигаргуниҳои манфӣ дар робитаҳои истеҳсолӣ ва иқтисодии байни корхонаҳо, нобаробарии нархҳо ба маҳсулоти кишоварзиву саноатӣ, монополияи корхонаҳои коркард ва шабакаи тақсимот, инчунин қобилияти пасти харидории аҳолӣ мебошад.

Ба ақидаи муаллиф барои ҳалли ин масъала дар сатҳи сохтори ҳамгироӣ пурра истифода намудани омилҳои нерӯи инноватсионии зерин зарур мебошад: истифодаи таҷрибаи пешқадами хориҷӣ, диверсификатсияи истеҳсолот, манфиатдории мутахассисон дар рушди фаъолияти инноватсионӣ, иштирок дар барномаҳои гуногуни сатҳи давлатӣ ва минтақавӣ [2, 141-146].

Аз омӯзиши таҷрибаи рушди равандҳои ҳамгироӣ дар комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ бармеояд, ки дар иқтисоди бозаргонӣ сохторҳои ҳамгироӣ тамоми пайвандҳои истеҳсоли маҳсулоти ниҳоиро муттаҳидкунанда манфиатовар буда, ҷараёни тамаркузи истеҳсолот ба баланд бардоштани самаранокӣ ва коҳиш додани хароҷот мусоидат мекунад. Дар корхонаҳои калон ҳампайвандии истеҳсолот барои такмили тамоми равандҳои технологӣ, рушди низоми илмии парвариши чорво, беҳтар намудани сифати хӯрок ва нигоҳдории чорво, механиконии комплексӣ, ки маҳсулнокӣ ва истеҳсоли самаранокро таъмин мекунанд, замина фароҳам меорад.

Ба ақидаи академик Ҷ.С.Пиризода комплекси ширӣ ва хӯрокворӣ бояд фарогири як низоми пайдарпайи соҳаҳои аз ҷиҳати технологӣ ва иқтисодӣ пайвасти хоҷагиҳои ширӣ, саноати ширӣ, инчунин инфрасохтори иҷтимоӣ ва бозор бошад, ки вазифаи муштарак–истеҳсол, коркард, фурӯши шир ва маҳсулоти шириро вобаста ба талаботи ҷомеа ва истифодаи оқилонаи манбаъҳои озуқаворӣ ба танзим дарорад [3, 25].

Зеркомплекси хӯроки ширӣ як қатор хусусиятҳо доро буда, ин раванд ба таври васеъ дар принсипҳои умумии рушд ва тақсимоти соҳаҳои комплекси

ширӣ ва хӯрокворӣ ифода меёбад. Муаллиф таъкид мекунанд, ки чорводории ширӣ соҳаи пешбари зеркомплекси мазкур буда, тараққиёти он ба иқтисодиёти тамоми соҳаи кишоварзӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад [4, 41-51].

Парвариши чорвои ширдеҳ заҳматталаб буда, ин соҳаи ҳаётан муҳим меҳнати зиёдро дар асоси низоми мукаммал талаб мекунад. Чорвои ширдиҳанда бояд аз ғизои хушсифат ва каллориядор баҳравар гардида, табиати мусоид дар рушди соҳаи мазкур замина фароҳам меорад. Барқарорсозии шароити мусоиди табиӣ ба самаранокии саноат таъсири назаррас таъсир дорад. Агар соҳаи кишоварзӣ ба устувории истеҳсолот алоқаманд бошад, пас соҳаи чорводорӣ вобаста ба шароити мувофиқ ва комплекси мукаммали роҳандозӣ ба дастовардҳо ноил мегардад. Инчунин, хусусияти дигари самти чорвои ширдиҳанда аз он иборат аст, ки маҳсулоти ин соҳа бояд фавран ба коркарди саноатӣ бароварда шуда, он ба меъёрҳои муайяни байналмилалӣ ҷавобгӯй бошанд. Таваҷҷуҳи корхонаҳои кишоварзӣ мустақиман ба фаъолияти пурсамари саноати коркард ва истеҳсоли маҳсулоти баландсифати коркард алоқаманд аст. Ҳамзамон, фаъолияти истеҳсолию хоҷагии саноати коркард аз сифати ашёи хоми кишоварзӣ ва дараҷаи таъминоти он сахт вобаста аст. Ҳамин тавр, фаъолияти пурсамари корхонаҳои коркарди шир ба кори муназзами истеҳсолкунандагони шир низ алоқамандии зич дорад.

Муҳаққиқи рус В.И. Фролов принсипҳои зерини ташкили муносибатҳои истеҳсолиро дар зерсохтори шир бозгӯйӣ менамояд:

– афзалияти истеъмолкунанда аз талаботи истеҳсолӣ (аз ҷиҳати ҳаҷм ва сифати маҳсулот);

– мувозинати истеҳсол ва коркарди шир;

– муносибкунии минтақаҳои ашёи хом бо дарназардошти кам кардани масофаи интиқол;

– наздик шудани коркард ба истеҳсолот;

– кам шудани муҳлати таҳвил;

– иҷрои дурусти шартномаҳои таъминот аз ҷониби тарафҳо;

– мувозинати таъминоти моддию техникӣ ва технологии истеҳсолот дар ҳамаи марҳилаҳо [5, 19-22].

Самаранокии фаъолияти комплекси агросаноатӣ дар асоси дурустӣ ва роҳандозии мунтазами робитаҳои муътадил, муносибатҳои байни бахшҳо, хусусияти онҳо дар сатҳи байниминтақавии истеҳсолот муайян карда мешавад. Такмили ин муносибатҳо ба робитаҳои гуногуни иқтисодӣ, асноди маъмурӣ, санадҳои қонунгузорӣ асос ёфта, он бояд хусусиятҳои ҳар як минтақа, таърихи он, сохтори иқтисодӣ, шакли идора ва ғайраро мадди назар гирад.

Тавре муҳаққиқ И.Фасихов қайд менамояд, танзими давлатӣ дар давраи гузариш ба бозор бояд ба принсипҳои қатъиян риояшаванда асос ёбад: низоми муайяни корӣ дар соҳаи кишоварзӣ; такмили маҷмуи ҳадафҳои иқтисодӣ ва

иҷтимоӣ; барқарорсозии робитаҳои иқтисодӣ; танзими барнома; мукаммалии механизмҳои танзимкунанда; маҷмуи иштироки ихтиёрӣ ва ҳатмӣ дар барномаҳои мақсаднок; иштироки саҳомии истеҳсолкунандагон дар маблағгузории ин барномаҳо; кафолати шартӣ ва дастгирии мақсадноки истеҳсолкунандагон ва ғайра [1, 118].

Ба ақидаи мо, дар шароити бозорӣ низоми танзими давлатии соҳаи кишоварзӣ андешидани тадбирҳои зеринро фаро мегирад:

1. Кумаки молӣ. Аз ҷониби давлат истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ барои ҳар як воҳиди маҳсулоти истеҳсолшаванда кумаки моддӣ мегиранд. Масалан, бо вуҷуди он ки тибқи қоидаҳои муқаррарнамудаи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ҳаҷми дастгирии мустақими истеҳсолкунандагон бояд кам карда шавад, аммо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон субсидияҳои мустақим барои харид ва дастгирии чорвои зотӣ ба таври зарурӣ ҷудо карда мешаванд.

2. Ҷуброни қисми хароҷот. Ба корхонаҳои кишоварзӣ ҷуброн кардани як қисми арзиши неруи барқ, сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ, қисмҳои эҳтиётии техникаи кишоварзӣ ва дигар захираҳои моддӣ.

3. Қарз ва андозбандии имтиёзнок. Ба ҷойи додани қарзи имтиёзнок, давлат метавонад як қисми хароҷотро барои хизматрасонии қарзҳои тиҷоратӣ ба корхонаҳои агротиҷоратӣ ҷуброн кунад ва меъёри андозро барои кишоварзӣ коҳиш диҳад.

4. Иҷораи таҷҳизот ва чорво. Аз сабаби сатҳи баланди фарсоиши воситаҳои асосӣ давлат барои корхонаҳои агросаноатӣ метавонад шакли лизингиро ташкил намояд.

5. Идоракунии барномавӣ. Қабул ва татбиқи барномаҳои давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ яке аз воситаҳои асосии танзими давлатӣ мебошанд. Масалан, пас аз қабули «Барномаи ислоҳоти соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025» дар соли 2020 вазъ дар ин соҳа рӯ ба беҳбудӣ ниҳодааст.

6. Мусоидат дар ҳамгироии амудӣ ва ҳамоҳангсозӣ дар заминаи шартнома, таъсиси ташкилотҳои махсусгардонидашуда тавассути ҳамкории истеҳсолкунандагон, коркардкунандагон ва фурӯшандагони маҳсулоти гӯштӣ ва ширӣ, ки талаботро ба маҳсулоти истеҳсолшуда кафолат медиҳад. Робитаҳои тарафайн метавонад дар шакли ҳолдинг, гурӯҳҳои агросаноатӣ, ассотсиатсияҳо ва ғайра сурат гирад. Самти нисбатан ояндадор дар рушди равандҳои ҳамгироӣ шартнома бастан аст. Ғайр аз он, давлат интегратсияро тавассути қабули заминаи дахлдори меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин, истифодаи имтиёзҳои қарзӣ ва андоз роҳандозӣ менамояд.

7. Назорати сифат ва иҷозатномадиҳии маҳсулот. Воситаи мазкур низоми шаҳодатномаи фаъолият ва маҷмуи расмиёти тафтишотро, ки қонун муқаррар

кардааст, фаро мегирад. Назорати сифат ба давлат имкон медиҳад, ки аз бозор маҳсулоти қалбакии дорои сифати пастдоштаро, ки барои саломатии аҳолӣ хатарнок аст, берун созад. Иҷозатномадиҳиро давлат ҳамчун як воситаи ҷамъоварии маълумот дар бораи вазъи бозор ва рафъи рақобаткунандагони манфӣ истифода мекунад.

8. Ҳамкории фурӯш. Ин восита ба давлат имкони мадди назар гирифтани пешниҳодоти иштирокчиёни бозори истеҳсолот (фермерҳо ва хоҷагиҳои фермерӣ)-ро фароҳам меорад. Ҳамкориҳои худро рушд дода, давлат воридоти маҳсулоти ширӣро афзун мегардонад.

Бо вуҷуди истеҳсоли мунтазами навъҳои асосии маҳсулоти ширӣ корхонаҳои коркарди соҳа ба норасоии шири хом мувоҷеҳ шуданд. Аз таҳқиқи ин раванд метавон хулосабарорӣ намуд, ки дар ҳаҷми умумии шири дар кишвар истеҳсолшаванда ҳиссаи хоҷагиҳои аҳолӣ ва деҳқонӣ (фермерӣ) меафзояд (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1**

**Динамикаи истеҳсоли шир дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 1991–2022**

| | 1991 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ | 587,2 | 949,9 | 983,0 | 1000,6 | 1020,9 | 1042,6 | 1064,2 |
| Корхонаҳои кишоварзӣ | 280,6 | 16,8 | 16,3 | 16,9 | 17,3 | 16,8 | 14,9 |
| Хоҷагиҳои аҳолӣ | 306,6 | 897,3 | 929,2 | 944,9 | 964,4 | 984,2 | 1002,3 |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ | - | 35,8 | 37,5 | 38,8 | 39,2 | 41,6 | 47,0 |

**Манбаъ:** Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистан//Маҷмуаи оморӣ.–Душанбе, Агентии оморӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. – С. 262-292.

Назар ба маълумоти оморӣ ҳиссаи онҳо дар соли 2022-ум 98%-ро ташкил додааст. Гузариш ба ҳаҷми истеҳсолот душвориҳои муайянеро дар кори корхонаҳои саноати ширӣ ба миён меорад: сифати шири хом, чун қоида, ба стандартҳои дахлдор ҷавобгӯй нест, дар расондани он ба нуқтаи коркард мушкилот вуҷуд дошта, барои рафъи онҳо чораҷӯйиҳо лозим аст.

Таҳлили муносибатҳои байнисоҳавӣ дар иқтисодиёти миллӣ ва комплекси агросаноатӣ нишон медиҳад, ки дар натиҷаи ислоҳот ба соҳаи чорводорӣ зарари калони иқтисодӣ расонда шуд. Дар ин самт муҳаққиқ З. Абдуллоев дуруст қайд мекунад, ки дар натиҷаи ин ислоҳот қисми зиёди биноҳо хароб шуда, сатҳи механиконии хоҷагиҳо коҳиш ёфтааст. Аз рӯйи ҳаҷм, самаранокии истеҳсолот ва таҷҳизоти техникии он ба ҳисоби миёна 25 сол ба ақиб партофта шуда, имрӯз бозорро танҳо аз ҳисоби нархҳои баланд ва паст намудани сатҳи истеъмол метавон таъмин намуд [6, с. 78].

Ба ақидаи мутахассиси соҳаи мазкур В.П. Гешел яке аз самтҳои мураккаб низоми зеркомплекси хӯрокворӣ муносибатҳои иқтисодии байни корхонаҳои кишоварзӣ ва саноати ширӣ мебошад. Номукаммалии нархҳои харид ва дигар фишангҳо дар соҳаи мазкур талошҳои пешрафтро халалдор сохта, номувозинатиро дар рушди истеҳсол ва коркарди шир ба миён меорад [7, 7-10].

Ҳангоми таҳлили ҳолати ҷории зеркомплекси хӯрокворӣ, сабабҳои муҳимтарини буҳрон ин монополиякунонии корхонаҳои коркард ва тиҷорат нисбат ба истеҳсолкунандагони кишоварзӣ мебошанд. Дар асарҳои профессор М.Файзуллоев ба масъалаҳои монополияҳо дар соҳаи коркард ва тиҷорати маҳсулоти хӯрокворӣ диққати махсус дода шудааст [8, 101-106].

Бо гузашти солҳо муносибатҳои агросаноатӣ дар асоси низоми қаблан банақшагирифта барҳам дода шуданд. Аммо азбаски механизмҳои нави иқтисодии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба вуҷуд наомадааст, сохторҳои мавҷударо наметавон мутобиқи талаботи иқтисоди бозаргонӣ пурра барҳам дод. Назар ба ақидаи муҳаққиқ А.А. Солеҳзода, гузариши корхонаҳои коркард ба иқтисоди бозоргонӣ бояд дар марҳалаҳои муайян: азнавсозии сохтории соҳаҳои марбута, танзими муносибатҳои байнисоҳавӣ, муқаррар намудани назорати давлатӣ барои баробарии нархҳо, рушди системаи андоз ва ғайра амалӣ гарданд [9, 83].

Пас аз роҳандозӣ намудани нархҳои озод дар муносибатҳои кишоварзӣ ва саноат амиқтар шудани фарқи нархҳо ба назар расид. Низоми мавҷудаи нархҳои харид, хариди яклухт ва чакана номунтазамиро дар соҳаи мазкур ба миён овард. Ин раванд бо як қатор ҷанбаҳои манфӣ тавсиф карда мешавад: бо суръати баланд болоравии нархҳои захираҳои моддию техникӣ нисбат ба афзоиши нархҳои хариди маҳсулоти кишоварзӣ, нисбат ба соҳаи кишоварзӣ хеле зиёд шудани фоида дар бахшҳои коркард ва номутаносибии нархи маҳсулоти зироатӣ ва чорво.

Ба андешаи муҳаққиқ М.Д. Элдиев, номутобиқатии нархҳои маҳсулоти ғайрикишоварзӣ (саноатӣ) ва энергия сабаби асосии паст шудани истеҳсоли шир дар мамлакат буд. Суръати афзоиши нархҳои неруи барқ нисбат ба маҳсулоти кишоварзӣ ду маротиба зиёдтар аст. Дар натиҷа, арзиши маҳсулоти асосии чорводорӣ нисбат ба нархи фурӯш зуд афзоиш ёфта, ин омил ба паст шудани даромаднокии истеҳсоли маҳсулоти асосии ширӣ оварда расонид [10, 17-21].

Низоми мавҷудаи нархгузорӣ дар зеркомплекси хӯрокворӣ ба он оварда расонид, ки истеҳсолкунандагони шир бояд акнун маҳсулоти худро ба корхонаҳои коркард бо нархҳое, ки такрористеҳсоли оддии онро таъмин намекунанд, фурӯшанд. Муҳаққиқ В.Четвертаков дар таҳқиқоти худ қайд мекунад, ки вазъи истеҳсолоти муосир бештар дар асоси сохтор, сатҳ ва дараҷаи нархҳои паст муайян карда мешавад [11, 17-18].

Дар кишварҳои фаъол дар зотпарварӣ (Аврупо, Амрикои Шимолӣ ва Марказӣ) дар бист соли охир саршумори чорвои калон кам шудааст, шумораи фермаҳои ширӣ ба таври назаррас коҳиш ёфтааст, аммо маҳсулнокии чорво афзудааст. Ин омил ба идомаи парвариши дурусти чорвои ширдеҳ, аз ҷумла такмил додани низоми ғизодиҳии чорво, афзун намудани зотҳои сермаҳсул ва баланд бардоштани самаранокии корҳои зотпарварӣ вобаста аст. Рушди саноати ширӣ дар бисёр кишварҳо бо роҳи тамаркуз ва махсусгардонии истеҳсолот вобастагӣ дорад.

Дар кишварҳои Аврупои Ғарбӣ раванди босуръати васеъкунии соҳаи шир идома дорад. Тибқи маълумоти Федератсияи байналмилалии ширӣ, шумораи корхонаҳои ширӣ дар даҳ соли охир (2010–2020) 30 дарсад коҳиш ёфтааст. Масалан, дар Дания ва Шветсия бузургтарин корхонаҳои ширии MDFood ва «Alia» тақрибан 70% таъминоти шириро дар мамлакат бар дӯш доранд. Ҳашт ширкати бузургтарини ИМА зиёда аз 50% истеҳсоли панир, тақрибан 30% ширро бар зиммаи худ гирифтаанд. Дар Франсия консерни BSN-Gervais Danone зиёда аз 1/3 панирро дар кишвар истеҳсол мекунад. Иттиҳодияи «Иттифоқи ширии Норма» дар ҳамдастӣ бо ҷамъияти саҳомии "Preval" зиёда аз 20% равған, 1/6-и шири хушкро дар кишвар истеҳсол мекунад. Дар Ҷопон се ширкати бузургтарин 60 дарсади ширро аз истеҳсолкунандагони кишоварзӣ мехаранд.

Ҳамин тариқ, дар низоми мавҷудаи истеҳсолот ва коркарди шир мушкилот на дар мавқеи монополияи корхонаҳои бузурги коркард, балки дар низоми муносибатҳои байни онҳо ва истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ мебошад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки роҳандозии робитаҳои мутақобилан судманди корхонаҳои кишоварзӣ бо дигар субъектони муносибатҳои бозаргонӣ дар соҳаи кишоварзӣ самараи иқтисодии онҳоро ба таври назаррас афзоиш хоҳад дод.

Яке аз нақшҳои асосиро дар кишварҳои хориҷӣ дар рушди соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла зеркомплекси ширӣ, танзими давлатии даромади деҳқонон, сохтори истеҳсолоти кишоварзӣ, бозори кишоварзӣ, ташаккули сохтори иҷтимоии деҳот, муносибатҳои байнисоҳавӣ ва байниҳукуматӣ бо мақсади фароҳам овардани шароити устувори иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ ташкил медиҳад.

Айни замон дар Иёлоти Муттаҳида маблағҳои давлатӣ барои рушди истеҳсолоти кишоварзӣ бо ҳисоби воҳидҳои истеҳсолӣ нисбат ба ҳамаи соҳаҳои дигари ҷаҳонӣ 30 дарсад бештарро ташкил мекунад. Дар Фаронса тақрибан аз се ду ҳиссаи масрафи буҷет ба эҳтиёҷоти иҷтимоии деҳот ва дастгирии нархҳои маҳсулоти кишоварзӣ рост меояд. Дар ИМА фармоишҳои

бузурги давлатӣ дар хариди шир амалӣ карда мешаванд, инчунин, барномаҳои махсуси кумаки ғизоӣ барои одамони камдаромад роҳандозӣ мегарданд.

Дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ ва коркард дар асоси танзими чараёни воридоти маҳсулоти озуқаворӣ амалӣ карда мешавад. Тамоми кишварҳои Аврупои Шарқӣ барои ҳифзи бозори озуқавории худ чораҳои амалӣ андешидаанд.

Танзими давлатии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар кишварҳои пешрафтаи олам дар самтҳои зерин амалӣ карда мешавад:

–ҳифзи муҳити зист, истифодаи захираҳои замин ва об, корҳои мелиоративию заҳбурканӣ барои беҳбудии сифати замин ва ғайра;

– танзими инфрасохтори истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ бо дарназардошти таъиноти иҷтимоӣ.

Дар шароити иқтисоди бозаргонӣ яке аз самтҳои муҳимтарини танзими давлатӣ дастгирии буҷети соҳаи кишоварзӣ мебошад. Ҳамин тавр, дар ИМА субсидияҳои (кумакҳои моддӣ)-ро ба таври зайл метавон тасниф намуд:

а) бевосита: пардохт ба фермерҳо ва корхонаҳои коркард барои қисми замин, саршумори чорво; ҷуброн барои меъёри пасткардашудаи андоз аз фурӯш; хароҷоти нигоҳдории маҳсулот; пардохти ҷубронпулӣ барои барномаҳои кам кардани чорво; кумаки молиявӣ (субсидия);

б) бавосита: тавассути пардохти хароҷот барои тадқиқоти илмӣ, суғуртаи зироатҳо ва маҳсулот, масрафи нақлиёт барои хариди давлатӣ; ҷуброни қисме аз арзиши сохтмони пулҳо (купрукҳо), роҳҳо ва нақбҳо дар деҳот.

Дар ин кишвар ёрии моддӣ дар имтиёзҳои андоз, пардохтҳои ба таъхир гузошташуда аз рӯйи қарзҳо, аз ҳисоб баровардани қарзҳо дар назди давлат, қарзҳои бедарсад ва имтиёзнок низ амалӣ карда мешаванд. Қисми зиёди кумакҳо (40 дарсади маблағҳои буҷет) аз ҷониби хоҷагиҳои нисбатан калон ба даст оварда мешаванд.

Аз таҳлили корҳои илмии соҳаи иқтисод бармеояд, ки дар раванди ислоҳоти комплекси ширӣ се омил ба миён омада, онҳо ба вазъ ва сатҳи рушди истеҳсол, коркард ва фурӯши маҳсулоти ширӣ таъсири манфӣ мерасонанд:

1. Тақвияти назорати нархи маҳсулоти хоҷагиҳои ширии корхонаҳои кишоварзӣ, ки боиси афзоиши арзиши аслии маҳсулот мегардад; кам шудани даромади аҳолӣ ва талабот ба пардохт ба маҳсулоти хӯрокворӣ; сатҳи пасти дастгирии молиявии давлатӣ ба корхонаҳои ширӣ; сиёсати ғайрифаъоли давлатӣ (пардохтҳо, квотаҳо) барои маҳсулоти воридотии ширӣ аз хориҷа;

2. Дигаргуншавии муносибатҳои истеҳсолӣ ва иқтисодӣ байни иштирокчиёни зеркомплекси ширӣ, нархгузории инфиродӣ аз ҷониби корхонаҳои саноатии ширӣ ва шабакаи тақсимот, ки даромади истеҳсолкунандагони мустақими он дар хоҷагиҳои деҳқонӣ аз истеҳсоли шир даҳ маротиба бештар аст;

3. Аз байн бурдани заминаи моддию техникии зеркомбинати ширӣ дар ҳамаи марҳалаҳои истеҳсол, коркард ва фурӯши маҳсулоти ширӣ, ки ин омил боиси кам шудани истеҳсолот, истифодаи нокифояи саноати коркард ва кам шудани ҳаҷми фурӯши маҳсулоти ширӣ мегардад.

Барои самарабахшии соҳаи мазкур бояд дар самти фаъолияти зеркомплекси хӯроквории чораҳои зерин андешида шаванд:

– коҳиши истеҳсоли ширро аз байн бурдан ва фароҳам овардани шароит барои афзоиши минбаъдаи он бо мақсади таъминоти эҳтиёҷоти аҳолӣ ба маҳсулоти ширӣ бо нархи дастрас;

– дар заминаи ба эътидол овардани раванди истеҳсолот ва тадбирҳои дастгирии давлатӣ, барҳам додани зиён ва омилҳои пардохтнопазирии корхонаҳои кишоварзӣ, беҳтар намудани вазъи молиявӣ ва иқтисодии истеҳсолкунандагони ҳама шаклҳои ҳуқуқии моликият.

Аз омӯзиши таҷрибаи давлатҳои пешрафта дар ташкил ва танзими истеҳсоли маҳсулоти ширӣ бармеояд, ки бо вуҷуди сатҳи гуногуни рушди иқтисодиро доро будан дар бисёр кишварҳои хориҷӣ ба истеҳсоли маҳсулоти ширӣ бо дарназардошти даромаднокии фаъолияти истеҳсолкунандагони маҳсулоти ширӣ ба аҳолӣ дар танзими нархҳои иҷтимоӣ кумаки молиявӣ расонида мешавад.

Дар рушди саноати умумии шир чанд раванди асосиро метавон фарқ кард. Аз ҷумла ҳамоҳангсозии истеҳсоли шир дар кишварҳои пешрафта, ки эҳтиёҷоти онҳоро ба шир ва маҳсулоти ширӣ пурра қонеъ намуда, барои содироти ин маҳсулот заминаи мусоид ба вуҷуд меорад.

Пешрафти илмӣ ва техникӣ дар хоҷагиҳои ширии кишварҳои пешрафта ва рӯ ба инкишоф ҷараёни тоза касб намудааст. Дар кишварҳои рӯ ба инкишоф истеҳсоли шир аз ҳисоби зиёд шудани саршумори чорвои ширӣ афзоиш меёбад, аз ин рӯ, тамоми афзоиши саршумори чорво дар ҷаҳон бештар ба ин кишварҳо рост меояд. Дар кишварҳои пешрафта (истеҳсолкунандагони пешрафта) афзоиши истеҳсоли шир аз ҳисоби зиёдшавии маҳсулнокии чорвои душоӣ бо кам намудани саршумори чорво ба амал омада, ин омил аз афзоиши миқдори ширдиҳии чорво вобастагӣ дошта, дар натиҷа саршумори чорво кам ва истеҳсоли шир хеле зиёд мегардад.

Афзоиши маҳсулнокӣ дар кишварҳои пешрафта асосан аз ҳисоби ғизои дурусти чорво, иқтидори генетикӣ ва интихоби қатъии зоти чорво амалӣ гардонида мешавад. Чунин тарзи идоракунӣ ва корбурди соҳа имкон дод, ки маҳсулнокии як модагов дар як сол то даҳ ҳазор кило зиёд карда шавад (дар ИМА, Исроил, Канада ва ғайра). Такмили дастовардҳои илмӣ ва истеҳсолӣ, ҳамоҳангсозии онҳо нишондиҳандаҳои ин соҳаро афзун мекунад.

Омилҳои асосии пешрафти соҳаи саноати ширии кишварҳои пешрафта аз ташаккули технологияҳои муосир дар самти хӯроквории ва нигоҳубини чорвои

ширдиҳанда (тайёр кардани ғизои хушсифат), рушди бахши биотехнологӣ бо мақсади ташкили сатҳи баланди зотпарварӣ (парвариши чорвои зотиии сермаҳсул) алоқамандӣ дорад.

Ба таври намуна метавон гуфт, ки дар давлати Исроил ҷорӣ намудани муҳандисии генетикӣ боиси ба вуҷуд овардани навъи сермаҳсули чорво гардида, аз он дар як сол то 10 ҳазор литр шир гирифтан мадди назар дошта мешавад. Солҳои охир дар ин кишвар бо истифода аз дастовардҳои илмӣ ва техникӣ сатҳи истеҳсолот ба таври назаррас боло рафтааст.

Идоракунии саноат ва равандҳои технологӣ бо истифода аз таҷҳизоти компютерӣ ва мошинҳои электронӣ–ҳисоббарор имкон медиҳад, ки сатҳи худкорӣ ва дараҷаи истеҳсоли шир баланд бардошта шавад ва дар ин замина сифати маҳсулоти ширӣ беҳтар гардад.

Корхонаҳои коркарди саноати ширӣ дар кишварҳои пешрафта (ИМА, Канада, Фаронса, Нидерланд ва ғайра) барои кормандони соҳа музди баланд муқаррар мекунанд, аз ин рӯ, истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ даромади иловагӣ низ доранд. Аз ҷониби дигар, давлат роҳандозии технологияҳо, воситаҳо ва таҷҳизоти муосирро барои гирифтани маҳсулоти хушсифат кафолат медиҳад. Ҳамзамон, дар ин кишварҳо доираи коркарди маҳсулоти ширӣ, аз қабили шир, йогурт, саршир (қаймоқ), панир ва ғайра мунтазам меафзояд. Ҳамин тариқ, истеҳсоли шири камравған (0,5-4,0%) дар Фаронса ва Финландия 60% аз тамоми ҳаҷми умумии истеҳсол, дар ИМА ва Дания–47%, Олмон–38%-ро ташкил медиҳад.

Дар Тоҷикистон истеҳсоли шири камравған 1,0–1,5% аз як дарсади ҳаҷми умумии истеҳсол зиёд нест. Афзоиши истеҳсоли маҳсулоти ширии камравған дар кишварҳои пешрафта ба сатҳи баланди фарҳанги ғизоӣ ва имконоти ташкили ғизои солим барои аҳолӣ вобаста дониста мешавад.

Дар кишварҳое, ки соҳаи саноати ширӣ рушд ёфтааст, доираи васеи маҳсулоти ширӣ на танҳо аз миқдори зиёди истеҳсолот ва сифати баланди ашёи ширӣ, балки инчунин, сохтори мушаххаси коркарди он вобаста мебошад.

Таҷрибаи ИМА дар ташкили маҳсулнокии соҳаи истеҳсоли шир лоиқи омӯхтан мебошад. Соли 2018 дар ин соҳа як комплекси нави ширӣ сохта шуд, ки бо он бо имконоти ташкилӣ, технологӣ ва техникӣ фарқ мекунад. Дар Висконсин як фермаи ширӣ бо иқтидори лоиҳавии 1250 сар дар қитъаи 28 га замин сохта шудааст *(дар ин коргоҳ истеҳсоли тамоми ҷараёни шир махсусгардонидашуда мебошад).* Дар маҷмуъ, коргарони ин ферма 23 нафарро ташкил дода, 10 нафари онҳо кироякор мебошанд. Рӯзи кории танзимгарони соҳа 8 соатро ташкил намуда, аз он 7 соат барои ширдушӣ ва як соат барои тоза кардани макони чорводорӣ ҷудо карда мешавад.

Дар ин хоҷагӣ дар як сол аз 14,9 то 15,2 ҳазор тонна шир истеҳсол мешавад. Ба ҳисоби миёна, як гови зотӣ дар як рӯз 36 кг ва ҳама якҷоя 41 тонна

шир дар як рӯз медиҳанд. Ҳосили миёнаи солонаи шир аз 13200 то 13500 кг мебошад. Ҳама чорвои хушзоти ҷавон дар дурӯзагӣ ба дигар фермерҳо фурӯхта мешаванд (арзиши як гӯсола 100 доллар аст), фермерҳо онҳоро дар вақти муайян парвариш ва баъдан бар ивази маблағ ба коргоҳи истеҳсоли ширӣ бармегардонад. Интихоби чорвои зотии сершир барои ферма натанҳо аз ҷиҳати маҳсулнокӣ ва сифат, балки вобаста ба дараҷаи ширдиҳии онҳо амалӣ мегардад. Дар гардани ҳар як гови сершир чип мавҷуд буда, дар он маълумот доир ба маҳсулнокӣ, вазни зинда, ҳолати физиологии чорво сабт шудааст. Ҳангоми насб кардани мошини ширдушӣ дастгоҳ ғизонокии шир, сифат, ҳарорат ва олудашавии ширро дар алоҳидагӣ бозгӯйӣ менамояд. Пас аз тоза кардан шир ба қубурҳои сард интиқол ёфта, дар он ба ҳолатӣ сардӣ мегузарад, баъдан ба зарфи 23-тоннагӣ рехта мешавад. Пас аз ин, тибқи шартнома зарф ба корхонаи коркарди шир барои тақсимот интиқол дода мешавад. Барои чунин хоҷагӣ, ки дар миқёси тиҷорати ширӣ даромади назаррас мегирад, системаи шартномавии муносибатҳои тиҷоратӣ муфидтар аст. Даромади умумии ин хоҷагӣ 8 миллион доллар ҳисоб карда шудааст, ки ин миқдор маблағ аз сердаромадии фермаҳои ширӣ дар хоҷагиҳои калон шаҳодат медиҳад. Раванди сармоядорӣ дар соҳаи кишоварзии ИМА суръат мегирад. Ҳамин тавр, хоҷагии фермерӣ истеҳсоли ширро дар минтақаи худ ба инобат гирифта, вобаста ба дастовардҳои бузурги худ бозорҳои нав меҷӯяд.

Кооперативҳо аз хусусияти хосси кишоварзӣ мебошад. Ба таври мисол, дар Нидерландия ба кооперативҳои ширӣ 90 дарсади таъминоти ширӣ барои корхонаҳои саноати ширӣ рост омада, дар Шветсия 98 дарсади шир дар асоси ҳамкорӣ истеҳсол карда мешавад. Кооперативҳои ширӣ асосан дар асоси пояҳои минтақавӣ ташаккул ёфта, онҳо робитаҳои устувори истеҳсолӣ ва иқтисодиро байни истеҳсолкунандагони хурду миёна, корхонаҳои коркарди шир ва бозор таъмин мекунанд. Ин кооперативҳо як қисми ассотсиатсияҳои миллӣ ва иттиҳодияҳо мебошанд, ки истеҳсол ва фурӯши ширро дар кишвар ҳамоҳанг месозанд ва бо мақсади баланд бардоштани самаранокии истеҳсол ва коркарди шир хизматрасонии машваратиро роҳандозӣ менамоянд.

Ҳамин тавр, дар Шветсия, асоси кооперативро доир ба истеҳсол ва коркарди шир хоҷагии оилавӣ ташкил медиҳад. Фермер ҳангоми ҳамроҳ шудан ба кооператив (ба таври ихтиёрӣ) ҳиссаи саҳмро мутаносибан ба ҳаҷми истеҳсолот медиҳад ва розӣ аст, ки маҳсулотро танҳо ба кооперативи худ супорад. Ғайр аз ин, ба фермер кафолати хариди шир дар доираи имтиёзҳои андозӣ дода шудааст. Пас аз ҷамъбасти натиҷаҳо, охири моҳ, кооператив як қисми фоидаро аз рӯйи маҳсулоти воридшуда пардохт менамояд. Тавассути муҳокима дар маҷлисҳои умумӣ, фермер дар идоракунӣ ва фаъолияти хоҷагии кооператив фаъолона ширкат меварзад. Ҳамоҳангсозандаи фаъолияти чунин кооперативҳо асосан корхонаҳои коркард мебошанд.

Дар Финляндия фермерҳо намудҳои гуногуни робитаҳои кооперативиро истифода мебаранд: кооперативҳои фермерӣ, таҳвили маҳсулоти ширӣ аз рӯйи шартнома *(иртиботи байни фермер ва коркардкунанда ё фурӯшандаи маҳсулот),* ҳамкории байни фермерон дар тақсими техника ва таҷҳизот, ҳамкорӣ байни фермерон дар расонидани хизматрасонӣ ва ғайра. Дар ҳама навъҳои робитаҳои кооперативӣ хоҷагӣ чун воҳиди мустақил амал менамояд. Қаблан дар хоҷагиҳои сершумори оилавӣ миқдори ками шир истеҳсол мешуд, аммо на ҳама фермерон таҳвил ва фурӯши ширро ба истеъмолкунанда таъмин карда метавонистанд. Барои ҳалли ин мушкилот деҳқонон бо кооперативҳо дар доираи минтақаҳои маъмурӣ ба муттаҳид шудан оғоз карданд. Мошини ширкашонӣ дар ҳар ду рӯз ба як хоҷагӣ ташриф меоранд *(дар он ҷо зарфҳои хунукнигаҳдоранда–моликияти кооператив)* ва ширро ҷамъ мекунанд. Хароҷоти нақлиёт барои ҳамаи аъзои кооператив, новобаста аз ҳаҷми шир ва масофаи гуногун, якхела аст. Илова ба ҷамъоварии шир, хадамоти кооперативӣ машваратҳои технологҳоро доир ба парвариши чорвои ширӣ, таҷҳизоти ширӣ ва инчунин, таъмини захираҳо таҳлил ва баррасӣ менамояд.

Дар ИМА 80 дарсади фермерон дар кооперативҳои маркетингии соҳаи истеҳсоли шир ва харид муттаҳид шудаанд. Такмили воситаҳои нақлиёт ва усулҳои таҳвили шир ба рушди рақобат байни фермерон ва коркардкунандагони шир аз ҷиҳати ҷуғрофӣ мусоидат менамояд. Кооперативҳо маҳсулоти истеҳсолкардаашонро мефурӯшанд, бо коркардкунандагони шир барои нархҳои мутақобилан муфидро муқарар намудан, музокирот мекунанд. Ҳамчунин, онҳо вазифаҳои назорати сифатро низ иҷро мекунанд ва таҷҳизотро барои фермаҳои ширӣ мефурӯшанд. Бисёре аз кооперативҳо вазифаи инфиродии ҷамъоварии ширро дар вақти муайян ва баъзе корхонаҳои коркарди маҳсулот доранд.

Дар бисёр кишварҳои Аврупо ҳамкории маркетингӣ ба роҳ монда шудааст, ки он ба фаъолияти пурсамари бозори шир мусоидат мекунад. Бо вуҷуди ин, бояд дар назар дошт, ки ҳар як кишвар хусусияти хосси фурӯши маҳсулоти ширӣ дорад.

Дар Дания як хусусияти хоси фурӯши маҳсулоти ширӣ самти содиротии он мебошад. Дар ин давлати пешрафта тақрибан 70 дарсад маҳсулоти ширӣ содирот гардида, ба сатҳи сифати ашёи хом ва маҳсулоти тайёр эътибори зиёд дода мешавад.

Дар Британия Шурои маркетингии ширӣ ба фурӯши маҳсулоти ширӣ масъул буда, он ашёи хом мехарад, фурӯши яклухт ва чаканаи маҳсулоти шириро роҳандозӣ менамояд. Таъмини шир аз фермерҳо ба истеъмолкунандагон асосан тавассути се бахш амалӣ мегардад:

– шир дар хоҷагиҳои фермерӣ бевосита дар шакли панир, ки ба савдои чакана меравад, аз рӯйи шартнома бо шуроҳои минтақавӣ коркард карда мешавад;

– шир ба нуқтаҳои ҷамъоварии ширӣ аз ҷониби фермаҳо расонида шуда, он поксозӣ мегардад ва баъдан ба мағозаҳои фурӯш интиқол меёбад;

– шир аз корхонаҳои коркард тавассути низоми савдои яклухт ворид гардида, фурӯши маҳсулоти ширӣ тавассути фурӯшгоҳҳои бузург ва мағозаҳои махсус ба роҳ монда мешавад.

Дар ИМА қисми асосии маҳсулоти ширӣ дар биржаҳо фурӯхта мешавад. Дар ин давлат низоми хоссаро дар фурӯш ва таҳвили молу маҳсулот мушоҳида менамоем. Ба таври намуна нархи равған дар асоси гуфтушунидҳои нуқтаҳои маъруфи тиҷорат дар асоси таъиноти нархҳои биржаҳои тиҷоратии Чикаго ва Ню-Йорк муқаррар карда мешавад ва нуқтаи нархгузории панир–Биржаи миллии панир дар Грин Бэй, штати Висконсин мебошад. Дар ин кишвар Ассотсиатсияи ширии Амрико фермерони ширӣ, коркардкунандагон ва технологҳои соҳаи мазкурро муттаҳид намуда, он ба фурӯш ва танзими таъминоти молу маҳсулоти ширӣ дар кишвар машғул мебошад. Айни замон асоси фурӯши маҳсулоти шириро ба истеъмолкунандагон нуқтаҳои бузурги фурӯшӣ (супермаркетҳо) бар зимма доранд.

Бо дарназардошти хусусиятҳои худ соҳаи кишоварзӣ аз ҷумла чорводории ширӣ бидуни танзими давлатӣ ва дастгирии молиявӣ роҳандозӣ намегардад. Аз ин рӯ, бисёр кишварҳои пешрафта механизми самарабахши иқтисодии танзими давлатиро коркард намуда, субсидияҳои буҷет, маблағгузории давлатӣ, қарзҳои имтиёзнок, механизми дақиқи нархгузорӣ, низоми андоз, инчунин ҳавасмандкунии содироти маҳсулотро ба таври мукаммал роҳандозӣ намудаанд.

Яке аз фишангҳои асосии таъсири давлат ба низоми мавҷудаи соҳаи шир дар шароити нави иқтисодӣ ин барқароркунии нарх мебошад. Таъмини нархҳои ҳадди ақали шир дар ферма тавассути хариди давлатии миқдори муайяни маҳсулоти ширӣ сурат мегирад.

Ҳамин тавр, дар ИМА сатҳи муайяни нархҳо барои танзими даромади истеҳсолкунандагони шир нигоҳ дошта мешавад. Барои таъмини ҳадди ақалли даромаднокии хоҷагидорон барномаи хариди давлатии шир бо нархҳои кафолатнок пешбинӣ шудааст. Харидории давлатии шир вобаста ба сатҳи муқарраргардида фарқ мекунад *(онҳо ду навъи нархи дастгирӣ: мақсад ва гаравро истифода мебаранд).* Бар замми ин, рушди соҳаи шир дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бо боҷи воридотӣ сахт алоқамандӣ дошта, содироти маҳсулоти ширӣ аз ҳисоби субсидия роҳандозӣ мешавад. Барномаи дастгирии озуқаворӣ ба кишварҳои дигар дар рушди соҳаи ширӣ аҳаммияти аввалиндараҷаро касб менамояд.

Дар Иттиҳоди Аврупо ва ИМА нақшаи нигаҳдошти нархҳои маҳсулоти ширӣ мавҷуд аст. Нақшаи мазкур нархҳои мақсаднок ва пешбинишуда, ки дар сатҳи нисбатан баланд муқаррар карда шудаанд, нархи кумакхарҷиҳо барои маҳсулоти содиротӣ ва ғайраро фаро мегиранд. Бояд қайд намуд, ки нархҳои кафолатдор дар ин самт на аз рӯйи маҳсулоти кишоварзӣ–шир, балки барои маҳсулоти коркардшуда–равған ва хокаи шир муқаррар карда мешаванд. Агентиҳои миллии интервенсионӣ равғанро дар асоси рақобат бо нархи баробар ба 90 дарсади он мехаранд. Хокаи шир дар давраи истеҳсоли шир аз 1 март то 31 август харида мешавад. Тарҳҳои гуногун барои истифодаи маҳсулоти ширии зиёдатӣ истифода мешаванд: равғанро бо нархи арзон ба саноати нонпазӣ, барои истеҳсоли яхмос, барои истеъмол дар артиш ё кумак ба гурӯҳҳои камдаромад метавон фурӯхт.

Дар Ҷопон истеҳсоли шир, тиҷорати равған ва хокаи шир бояд таҳти назорати қатъии давлатӣ қарор гирад. Нархҳои стандартӣ барои коркард дар ин кишвар муқаррар карда шудаанд, ки дар асоси он давлат ба харидан мудохила мекунад. Дар дастгирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ташкили механизми молиявию қарзӣ дар кишварҳои хориҷӣ аҳаммияти бузург дорад. Давлатҳои пешрафта барои рушди соҳаи мазкур маблағҳои калони буҷетӣ, субсидияҳо ҷудо мекунанд. Солҳои охир кишварҳои пешрафта микдори субсидияҳоро ба соҳаи кишоварзӣ зиёд карданд, ки он аз се як ҳиссаи даромади истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзиро ташкил медиҳад. Ҳамин тариқ, ҳиссаи кумакҳои мустақим ва ғайримустақим дар нархи фурӯши маҳсулоти истеҳсолшуда дар Швейтсария 82%, дар Норвегия 75% ва Ҷопон 74 дарсадро ташкил кардааст [12, 146].

Дар Финландия субсидияҳо вобаста аз ҳаҷм ва макон (минтақа)-и истеҳсоли шир ҷудо карда мешаванд. Дар қисми шимолии ин кишвар субсидияҳои «нақлиётӣ» пардохта мешаванд, ки хароҷоти зиёди ҷамъоварии ширро аз қаламрави хоҷагиҳо ҷуброн мекунанд. Субсидияҳои минтақавӣ низ барои як бахши истеҳсолот ба истеҳсолкунандагони шир пардохт карда мешаванд. Фермерони ширӣ дар минтақаҳои иқлимаш номусоид дар ҳаҷми 20 дарсади хароҷот барои хариди хӯроки чорво субсидия мегиранд [13, с. 14-16].

Бояд қайд кард, ки бисёр кишварҳои пешрафта содироти маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла ширро фаъолона роҳандозӣ менамоянд. Бо мақсади ҳимояи истеҳсолкунандагони мол давлат ба воридоти маҳсулоти хӯрокворӣ боҷи баланд мегузорад. Ҳифзи тарифии маҳсулоти кишоварзӣ дар Ирландия – 48%, Полша–53%, Кореяи Ҷанубӣ – 67%, Россия–14%, Қазоқистон–7% ва Тоҷикистон–7 дарсадро ташкил медиҳад.

Низоми ташкил ва танзими давлатии истеҳсоли шир ва маҳсулоти ширӣ дар Канада раванди махсусро касб менамояд. Қонунҳои махсуси қабулкардаи

Парлумон ва қарорҳои Ҳукумат нишон медиҳанд, ки таъмини аҳолии кишвар бо маҳсулоти ширӣ яке аз самтҳои афзалиятноки давлат ҳисобида мешавад.

Шуъбаҳои тиҷорати ширӣ ба сифати кооперативҳои истеҳсолкунандагон ва коркардкунандагон буҷети худро аз ҳисоби ҷудо кардани 1,2 доллар барои як гектолтери шири истеҳсолшуда *(барои фермер, истеъмолкунанда)* таҳким мебахшанд.

Идораҳо истеҳсоли ширро аз ҷониби фермерон назорат мекунанд ва дар як моҳ ду маротиба сифати тозагии онро месанҷанд, инчунин, ширро аз ферма ба коркард интиқол медиҳанд (одатан, ҳар рӯз). Ҳафтае як маротиба, бо дарназардошти ҳаҷми содироти шир ва таркиби равғани он ба ҳисоби фермер маблағ интиқол дода мешавад (миқдори равған 3,6%). Барои шир ба андозаи баланд фурӯхташуда 48–58% нархи кафолатдодашуда пардохта мешавад.

Маъмурият ва кооперативҳо барои хариди шир аз ҳисоби Комиссияи шири Канада маблағ мегиранд. Ҳама хароҷоти ҳамлу нақли ширро аз ферма ба завод шуъбаҳои дахлдор ва кооперативҳо пардохт мекунанд. Комиссияи ширӣ дар Канада ҳаҷми истеҳсол ва гардиши хокаи ширро назорат мекунад, тавассути кооперативҳо ё шуъбаҳои тиҷорати ширӣ маблағи кафолатдоштаи маҳсулоти истеҳсолкардаашонро тибқи иҷозатнома ва андозаи муайян пардохт мекунад. Равған ва хокаи ширро аз саноати хӯрокворӣ бо нархҳои ягонаи асосӣ харидорӣ мекунанд.

Пас аз бастабандӣ ё истифодаи ин маҳсулот барои истеҳсоли маҳсулоти дигар арзиши равған ва хока ба арзиши ниҳоӣ маҳсулоти истеъмолӣ илова карда мешавад. Ба ин тартиб, раванди истеҳсоли шир ва доираи назорату идоракунии ин соҳа дар асоси фурӯши маҳсулот ба танзим дароварда мешавад.

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноати ширӣ ба қонеъгардонии талаботи аҳолии кишвар бо маҳсулоти ширӣ нигаронида шудааст. Ҳамзамон, сатҳи нархҳои дастраси шир ва маҳсулоти ширӣ барои аҳолӣ қобили қабул буда, он ҷуброни хароҷоти истеҳсол ва коркарди ширро кафолат медиҳад, инчунин ба фермерон ва кормандон имкони гирифтани даромади мувофиқро фароҳам меорад.

Сатҳи босуботи истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ва танзими нисбии нарх дар хариди аввалияи шир, равған, хокаи шир, муайян кардани андозаҳо барои истеҳсоли ин маҳсулот ва муқаррар кардани нархи муносиб аз ҷониби монополияи давлатӣ таъмин карда мешавад. Аз ин рӯ, дар ин шароити муносиб истеҳсолкунандагон ва кормандони соҳаи шир барои зиндагии шоиста интихоби роҳи дуруст–паст кардани арзиши маҳсулотро пеша менамоянд. Коҳиши шумораи фермаҳои ширӣ, зиёд шудани ҳаҷми истеҳсоли шир, равған, хокаи шир, зиёд шудани ҳосилнокии чорвои ширдиҳанда нишон медиҳад, ки ҳам истеҳсолкунандагону кормандон аз рӯйи низоми муайян ва такмилёфта амал менамоянд.

Бо кам шудани теъдоди фермаҳои ширӣ (кам шудани саршумори гову гӯсфандҳо) сатҳи афзоиши истеҳсоли шир аз ҳисоби маҳсулнокии ба назар мерасад. Афзоиши маҳсулнокӣ, аз як тараф, бо интихоби зоти пурсамари ҳайвонот ва васеъ гардидани иқтидори генетикии онҳо дар тамоми соҳаи чорводории кишвар тавассути бордоркунии сунъӣ, аз тарафи дигар, бо роҳандозии ғизои баландсифат ба даст оварда мешавад.

Аз таҷрибаи кишварҳои пешрафта бармеояд, ки самарабахши бозори шир ва маҳсулоти ширӣ аз такмили заминаи моддии тамоми соҳаҳо ва шохаҳои зеркомплекси ширӣ ва озуқаворӣ, тавозун дар онҳо таъмин карда мешавад; рушди ҳамкориҳои байниҳукуматӣ ва ҳамгироӣ; такмил додани инфрасохтори коркард ва тиҷорат; тадбирҳои танзими давлатии марҳилаҳои асосии истеҳсолот барои рушди соҳаи мазкур имкон фароҳам меорад.

Бо дарназардошти вазъи соҳа ва бахшҳои комплекси ширӣ ва хӯрокворӣ дар Тоҷикистон ва таҷрибаи кишварҳои пешрафта дар соҳаи коркарди саноатии ашёи ширӣ ташкили инфрасохтор ва танзими давлатии бозори шир мувофиқи матлаб мебошад.

## АДАБИЁТ

1. Фасихов, И.С. Формирование стратегии экономической безопасности в условиях трансформации национальной экономики (на примере продовольственной безопасности Республики Таджикистан). Монография / И.С. Фасихов. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 150 с.

2. Ҳамдамзода Х. А. Принсипҳо ва тарзи таҳияи стратегияи рушди чорвои ширӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2022. – №1/4(104). – С. 141-146.

3. Пиризода Ҷ.С. Асосҳои назариявию методии бунёди кластерҳои агросаноатии минтақавӣ //Вестник национального университета. – Душанбе, 2013. – №2/8(125). – С. 25.

4. Грядов С. Организационно-правовые формы сельскохозяйственных предприятий: оценки и перспективы // АПК: экономика, управление. – 1999. – №9. – С. 45-51.

5. Фролов В.И. Принципы функционирования различных типов сельскохозяйственных кооперативов // АПК: экономика, управление. – 1997. – №8. – С. 19-22.

6. Абдуллоев З.Р. Ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ. – Душанбе: Маориф, 1996. – 303 с.

7. Гешель В.П. Развитие экономических отношений в производстве, переработке и реализации животноводческой продукции // Экономика с.-х. и перерабатывающих предприятий. – 1995. – №3. – С. 7-10.

8. Файзуллоев М.К. Анализ современного состояния и перспективы развития инновационного потенциала национальной экономики// Вестник таджикского национального университета. – 2016. – №2(53). – С. 101-106.

9. Солеҳзода А.А., Фасеҳзода И.С. Назарияи таҳлили таъмини бехатарии озуқаворechi Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташаккули стратегияи он // Монография. – Душанбе, 2019. – 190 с.

10. Эльдиев М.Д. Ценообразование в АПК в условиях перехода к рыночным отношениям // Экономика с.-х. и перерабатывающих предприятий. – 1997. – №5. – С. 17-21.

11. Четвертакова В. Совершенствование ценообразования в АПК // Международный с.-х. журнал. – 2003. – №4. – С. 17-18.

12. Багмут А.А. Проблемы развития кооперации и интеграции в агропромышленном комплексе. Дис. насоиск. учен, степ, д-ра экон. наук. – Краснодар, 1997. – 260 с.

13. Глебов И.П. Эффективность развития интеграционных связей в молочном подкомплексе // Экономика с.-х. и перерабатывающих предприятий. – 1997. – №10. – С. 14-16.

## ОРГАНИЗАЦИОННО-ЭКОНОМИЧЕСКИЕ МЕХАНИЗМЫ ГОСУДАРСТВЕННОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ РЫНКА СЕЛХОЗПРОДУКЦИИ: ЗАРУБЕЖНЫЙ ОПЫТ

**ХАМДАМЗОДА ХУРСАНД АКБАР,**
кандидат экономических наук, доцент кафедры банковской деятельности Бахтарского государственного университета имени Носира Хусрава
735140, Таджикистан, город Бохтар, улица Айни 67;
тел.: (+992) 918-73-36-39; e-mail: khursand77@mail.ru

**ХОЛНАЗАРОВ МИРЗОШАРИФ ХАКНАЗАРОВИЧ,**
кандидат экономических наук, доцент кафедры финансов Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава
735140 ,Таджикистан, город Бохтар, улица Айни 67;
тел.: (+992) 93-511-77-37; e-mail: Kholnazarov8282@mail.ru

*В данной статье исследуются организационно-экономические механизмы государственного регулирования рынка сельскохозяйственной продукции. Автор отмечает, что из изучения опыта развития интеграционных процессов в АПК Республики Таджикистан и зарубежных стран следует, что в рыночной экономике возникают интеграционные структуры, объединяющие все звенья производства конечной продукции, продукция приносит пользу, а процесс концентрации производства способствует повышению*

*эффективности и снижению затрат. На крупных предприятиях интеграция производства создает основу для совершенствования всех технологических процессов, развития научной системы животноводства, улучшения качества кормов и ухода за животными, комплексной механизации, обеспечивающей производительность и эффективность производства.*

***Ключевые слова:*** *сельское хозяйства, рынок продукции, животноводства, инвестиция, государственное регулирование, инновации, управление, ценообразование, эффективность, интеграция, агропромышленный комплекс.*

## ORGANIZATIONAL AND ECONOMIC MECHANISM STATE REGULATION AGRICULTURAL PRODUCTS MARKET: FOREIGN EXPERIENCE

**HAMDAMZODA KHURSAND AKBAR,**
Candidate of Economic Sciences, Senior Lecturer of Department of Banking of Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav
735140, Tajikistan, Bokhtar city, Aini str., 67;
tel: (+992) 918-73-36-39; e-mail: khursand77@mail.ru

**KHOLNAZAROV MIRZOSHARIF HAQNAZAROVICH,**
Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Senior Researcher, Department of finans of Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav.
735140, Tajikistan, Bokhtar city, Aini str. 67;
tel: (+992) 93-511-77-37; e-mail: Kholnazarov8282@mail.ru

*This article examines the organizational and economic mechanisms of state regulation of the agricultural market. The author notes that from studying the experience of development of integration processes in the agro-industrial complex of the Republic of Tajikistan and foreign countries, it follows that in a market economy, integration structures arise that unite all links in the production of final products, the products are beneficial, and the process of concentration of production helps to increase efficiency and reduce costs. At large enterprises, the integration of production creates the basis for improving all technological processes, developing a scientific system of animal husbandry, improving the quality of feed and animal care, and comprehensive mechanization that ensures productivity and production efficiency.*

***Keywords:*** *agriculture, product market, livestock farming, investment, government regulation, innovation, management, pricing, efficiency, integration, agro-industrial complex.*

УДК: 368

# БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИИ СУҒУРТА ВА ОМИЛҲОИ ТАЪСИРРАСОНИ ОН

**МУМИНОВ АБДУКАРИМ БЕГОВИЧ,**
н.и.и. дотсент кафедраи фаъолияти гумрукии
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
734067, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14;
тел: (+992) 115-73-83-83; e-mail: muminov-abdukarim@mail.ru

*Дар мақола масъалаҳои вазъи бозори хизматрасонихои суғурта ва омилхои таъсиррасони он мавриди омӯзиш карор гирифтаанд. Муаллиф бозори суғуртаро низоми махсуси муносибатҳои байни суғурташавандаҳо ва ширкатҳои суғурта барраси намуда, таъкид кардааст, ки вазъи иқтисоди бозорӣ, сатҳу механизми рушди он бо истифода аз ду мафҳуми заминагузор - тақозо ва арза тавсиф карда мешаванд. Барои муайян кардани дараҷаи таъсиррасонии омилҳо ба фаъолияти ширкатхои сугурта, омилҳои нархӣ ва гайринархиро гурӯҳбанд намудааст. Фурӯши хизматрасонии суғурта аз лиҳози сохтори технологи баррасӣ гардида, ду самти он, яъне раванди шахси ё бешахси ёрирасон ё водорсозии мизоҷи эҳтимолӣ барои харидани ҳимояи суғуртавӣ чудо шудаанд. Ҳамчунин, амалҳои миёнаравони суғурта ба манфиати суғуртакунанда ва барои таъмини расидагӣ ба ҳадафи тиҷоратии он асоснок карда шудааст.*

***Калидвожахо:*** *бозори сугурта, ташкилоти сугурта, низоми фурӯш, тақозо, арза, хизматрасонии сугурта, таваррум, сохибкори.*

Бозори суғурта маҷмуи муносибатҳои байни ташкилоти суғурта ва мизоҷони онҳо мебошад. Ҳимояи суғуртавӣ, яъне хизмате, ки ташкилоти суғурта мерасонанд, моли хосси бозори суғурта мебошад. Мисли ҳар мол, хизматрасонии суғурта арзиши истеъмолӣ ва арзиши худро дорад. Арзиши истеъмолии хизматрасонии суғурта аз таъмини ҳимояи суғурта иборат аст. Дар сурати фаро расидани ҳолати суғуртавӣ ин ҳимояи суғуртавӣ дар шакли талофии суғурта ё таъмини суғурта таҷасссум мегардад. Арзиши хизматрасонии суғурта дар мукофоти суғурта, ки суғуртакунанда ба суғурташаванда медиҳад, ифода меёбад. Он бояд барои пӯшондани даъвоҳои имконпазир дар давоми давраи суғурта; пӯшондани хароҷоти ширкати суғурта барои пешбурди кор; таъмини ҳаҷми муайяни фоида кофӣ бошад. Хусусияти асосии хизматрасонии суғурта ғайримоддӣ будани он аст ва ин арзёбии хосиятҳои сифати онро аз сӯйи истеъмолгар душвор гардонида, аз як тараф,

барои қонеъ гаштан аз моликияти ин мол халал мерасонад, аз тарафи дигар, барои суғуртакунанда намоиш додани онро ба суғурташаванда имконнопазир мегардонад. Зимнан вижагии хоси хизматрасонии суғурта ин аст, ки харидор судмандии хизматрасонии суғуртаро танҳо пас аз фарорасии ҳолати суғуртавӣ ва аз ҷониби суғуртакунанда иҷро гардидани уҳдадориҳо дар нисбати ҷуброни зарари суғурташаванда баҳо дода метавонад. Дар сурати фаро нарасидани ҳолати суғуртавӣ суғурташаванда мумкин аст, саҳван чунин гумон кунад, ки пулро беҳуда сарф кардааст. Маҳз зарурати ҳалли ин муаммо сохтани низоми босамари фурӯш бо истифода аз дастовардҳои маркетинги муосирро металабад, зеро дар суғурта принсипи «пешпардохт» амал мекунад, ва водор намудани суғурташаванда ба пардохти музди хизматрасонии то ҳол нарасида мушкил аст. Пешпардохт барои суғуртакунанда муфид буда, ба он имкон медиҳад то захираҳои ба ин тарз ҷамъшударо барои сармоягузории муваққатӣ бо мақсади гирифтани фоида истифода барад, аммо барои суғурташаванда муфид нест, зеро истеъмоли арзиши муфид дар зарфи вақт пароканда мешавад. Нафъи бевоситаи хизматрасонии суғурта метавонад тавассути нархи ин ҳимоя зоҳир шавад– ҳар қадаре ки нарх пасттар бошад, ҳамон андоза рағбати суғурташаванда барои харидани хизматрасонии суғурта бештар мешавад.

Маҳакҳои таъйинкунанда барои суғурташаванда ҳангоми интихоби суғутакунанда инҳо мебошанд: арзиши хизматрасонии суғурта; сифати хизматрасонии суғурта; эътибор *(тамғаи молӣ, бренд)*-и суғуртакунанда. Баробар бо афзудани рақобат дар бозорҳо, суръати вокуниши суғуртакунанда ба тағйирёбии талаботи суғурташавандаҳои эҳтимолӣ ва ихтисори муҳлати танзими талаботи суғурташавандаҳо барои пардохти зарар хосияти асосии сифати хизматрасонии суғурта мегардад, ки ин ифодагари хосияти дигари хизматрасонии суғурта - доимӣ набудани он мебошад.

Ба ин васила, бозори суғурта низоми махсуси муносибатҳои байни суғурташавандаҳо ва ширкатҳои суғурта мебошад. Чуноне ки маълум аст, вазъи иқтисоди бозорӣ, сатҳу механизми рушди он бо истифода аз ду мафҳуми заминагузор–тақозо ва арза тавсиф карда мешаванд. Тақозо ба хизматрасонии суғурта, мисли ҳар моли дигар, талаботи суғурташавандаҳоро ба хизматрасонии мазкур инъикос мекунад. Тақозо ба хизматрасонии суғурта ин ҷамъи пулҳоест, ки харидорон (суғурташавандаҳо) омодаанд барои қонеъсозии талаботи худ барои ҳимояи шахс, амвол, масъулият дар асоси қонун сарф намоянд.

Аз нуқтаи назари иқтисодӣ, тақозо бо қобилияти пардохти суғурташавандаҳои эҳтимолӣ маҳдуд мешавад. Дар шароити сатҳи пасти даромади аҳолӣ ва камбуди захираҳои молиявии корхонаҳо хароҷот барои суғурта дар яке аз ҷойҳои поинтарин меистанд [1, 160]. Баръакс, дар шароити иқтисодии хуб ҳиссаи хароҷот барои суғурта меафзояд.

Талабот ба хизматрасонии суғурта аз рӯйи дараҷаи дарки онҳо ба талаботи аввалиндараҷа дохил намешаванд, бинобар ин, ташаккули тақозо ба суғурта кори мушкилеро барои интиқоли ин талабот аз сатҳи даркнашуда ба сатҳи даркшуда талаб мекунад. Ҳангоми паст будани сатҳи қобилияти пардохт, муштарӣ хоҳиши барои суғурта сарф кардани пулро надорад, агар талаботи аз ин муҳимтараш пурра қонеъ нашуда бошанд. Барои он ки даромади мавҷуда дар қатори самтҳои дигар барои суғурта низ харҷ шавад, чандин шартҳо лозиманд, ки муҳимтаринашон, дар баробари қобилияти пардохт, бохабарии муштарӣ дар бораи суғурта, сатҳи тафаккури иқтисодӣ ва фарҳанги суғуртавӣ (бимавӣ) мебошанд.

Нарх дар бизнеси суғурта (бима) омили ҳалкунандаи тақозо нест. Нарх муайянкунандаи асосии тасмими қатъии муштарӣ барои суғуртакунӣ набуда, танҳо метавонад ба интихоби ширкат ё маҳсули суғурта таъсир расонад. Омилҳои ғайри нархии бозори суғурта (бима) инҳо мебошанд:

– шумораи суғурташавандаҳо ва объектҳои эҳтимолии бима (суғурта), яъне андозаи майдони суғурта (тақозо ба он вобастагии мустақим дорад);

– даромадҳои суғурташавандагони эҳтимолӣ (вобастагии мустақим);

–арзиши механизмҳои алтернативии идораи хатар, аз ҷумла худсуғуртакунонӣ, таҳвили хатар ва ҳоказо (вобастагии мустақим);

–барои суғуртакунонии дарозмуддати ҳаёт–нархи ҳамин гуна хизматрасонии бонкҳои амонатӣ, фондҳои ғайридавлатии нафақа ва дигар рақибони ширкатҳои суғурта (вобастагии мустақим);

– андозбандии ҳаққу пардохтҳои суғуртавӣ (андозбании имтиёзнок тақозоро меафзояд);

– мавҷуд будани талаботи қонунҳо ё шартномаҳо (масалан, иҷора) барои суғурта кардани гурӯҳи муайяни объектҳо (вобастагии мустақим);

эҳтимоли таваррум (коҳишёбии тақозо);

– меъри дарсади бонк *(дар кӯтоҳмуддат – вобастагии мустақим: чӣ қадаре ки нархи қарз гаронтар бошад, ҳамон қадар фоида аз истифодабарии қарз барои пӯшондани зарари ғайри чашмдошт камтар ва имкони бастани шартнома ҷаззобтар мегардад;*

*– дар дарозмуддат – вобастагии баръакс: чӣ қадаре ки дарсади қарз болотар бошад, ҳамон қадар ҷамъ овардани маблағ дар суратҳисобҳои бнкӣ барои худсуғуртакунӣ нисбат ба хизматрасонии суғуртакунандаҳо муфидтар хоҳад буд).*

Бо таваҷҷуҳ ба он, ки талаботи мизоҷ ба ҳимояи суғуртавӣ дар ҷои якум намеистад, агар андозаит даромади воқеии мизоҷ паст шавад, тақозо ба суғуртакунонӣ ба осонӣ коҳиш меёбад. Аз ин ҷо боз як вижагии муҳими бозори суғурта зоҳир мешавад, ки он бештар аз соҳаҳои дигар таъсири оқибатҳои

бухронии иқтисодиёт, масалан таваррум ва камшавии мизоҷони қобили пардрхтро эҳсос мекунад.

Дар давраҳои бесуботии иқтисод ва буҳронҳо тақозо ба хизматрасонии одии суғурта–суғуртакунонии амвол аз оташ, автомобилҳо ва масъулияти гражданӣ ва ҳоказо коҳиш меёбад *(зеро ки дар шароити буҳрон барои суғурташаванда ёфтани маблағи калон барои барқарорсозии амвол ё ҷуброни зарар душвортар аст) ва тақозо ба ҳама навъҳои дигар кам мешавад [2,* 15]. Дар давраи рушди иқтисодӣ тақозо ба суғуртаи хатарҳои молиявӣ (дар ростои инкишофи умумии фаолияти соҳибкорӣ) ва маҳсулоти дорои самти сармоягузорӣ, аз ҷумла суғуртакунонии дарозмқуддати ҳаёт афзоиш меёбад (зеро дар ин давраҳо суғурташавандаҳо даромади хубро пешниҳод карда метавонанд).

Суғурташавандаҳо дар ин ҳангом чун собитсози худкор амал мекунанд, яъне ҳаҷми барзиёди пулро ба бозори суғурта кашида, "гармшавии" иқтисод ва буҳронро бозмедоранд.

Хусусиятҳои арза дар бозори суғурта аз ин иборатанд, ки ба ҳайси барандагони суғуртакунандаҳо баромад мекунанд, яъне шахсони ҳуқуқие, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун ҳуқуқи (иҷозатномаи) иҷрои фаъолияти суғуртаро ба даст овардаанд [3, 75]. Ба ҳаҷму сохтори арза омилҳои рақобати байни суғуртакунандаҳо, сатҳи хароҷот барои пешбурди фаъолияти суғурта ва омилҳои дигари бангари вазъи бозори суғурта дар лаҳзаи муайяни замон таъсири муҳим мерасонанд.

Омилҳои арзаи бозори суғурта инҳо мебошанд:

– шумораи суғуртакунандаҳо (вобастагии мустақим);

– меъёри миёнаи бозории хароҷот барои пешбурди кор ва ставкаи музди комиссионӣ (вобастагии ғайримустақим);

– сохтори ва вазъи молиявии бозор – ҳаҷми бозори суғурта ва суғуртаи такрорӣ, вазъи ҷузъдонҳои суғуртаи ширкатҳо, андозаи воситаҳои худии суғуртакунандаҳо, сатҳи тамаркузи сармоя (вобастагии мустақим);

– зарарнокии навъҳои суғурта (вобастагии ғайримустақим), дараҷаи хатар (вобастагии ғайримустақим), даромаднокӣ ва фоиданокии амалиёти суғурта (вобастагии мустақим);

– сатҳи назорати суғурта (вобастагии ғайримустақим);

– андозбандии ташкилоти суғурта (вобастагии ғайримустақим);

– меъёри дарсади бонк (дар давраи кӯтоҳмуддат–вобастагии ғайримустақим: ҳар қадаре, ки даромаднокии саҳмгузорӣ ба соҳаҳои дигар бештар бошад, ҳамон андоза рағбати сармоягузорӣ ба бизнеси суғурта камтар аст, дар давраи дарозмуддат вобастагии мустақим: ҳар қадаре, ки даромади имконпазир бештар бошад.

Дар шароити тезутундшавии рақобат дар бозори суғурта (бима) маҳз фурӯши хизматрасонии суғурта, дар ниҳояти кор сатҳи тақозо ба хизматрасонии суғуртаро муайян мекунад. Бинобар ин, ширкати суғурта зимни амалигардонии фаъолияти худ бояд ба равандҳои ташкил ва такмили низоми фурӯши хизматрасонии суғурта таваҷҷуҳи махсус зоҳир намояд. Идораи низоми фурӯши хизматрасонии суғуртаро бояд чун як низоми мураккабе баррасӣ кард, ки дар он хизматрасонии суғурта, намояндагони каналҳои гуногуни фурӯши хизматрасонии суғурта, ширкати суғурта ва истеъмолгари фаъол бо ҳам ҳамкории зич доранд [6, 65]. Хусусияти низоми мазкур ин аст, ки бо ёрии афзори алоҳида низоми босамару қонеъкунандаи суғурташаванда бо он ташкил карда шавад.

Гарави муваффақият дар ин аст, ки суғурташаванда бояд аз ин ширкат қаноатманд бошад, то ин ки минбаъд ҳам бо ҳамин ширкат ҳамкорӣ кунад. Фурӯши хизматрасонии суғурта аз лиҳози сохтори технологии худ раванди печидаест, ки онро аз ду ҷиҳат баррасӣ кардан мумкин аст:

– раванди шахсӣ ё бешахси ёрирасонӣ ё водорсозии мизоҷи эҳтимолӣ барои харидани ҳимояи суғуртавӣ;

– амалҳои миёнаравони суғурта (бима) ба манфиати суғуртакунана, барои таъмини расидагӣ ба ҳадафи тиҷоратии он.

Нақшаи низоми фурӯши хизматрасонии суғурта дар расми 1 тасвир ёфтааст, маҷмуи амалҳои суғуртакунанда барои бастани шартномаҳои нав ва аз сар гирифтани шартномаҳои қаблан амалкунандаи суғурта мебошад, ки иртиботи мутақобилаи ҳамаи ҷонибҳои фаъолият, тобеияти возеҳ, роҳбарӣ ва назорати амалиро талаб мекунад.




**Расми 1.** Низоми фуруши хизматрасонии суғурта.

Низоми фурӯшро чун маҷмуи алоқаманди сохторҳои ташкилӣ, шабакаҳои фурӯш, каналу тенологияҳои фурӯш муайян кардан мумкин аст. Технологияҳои фурӯшро шартан ба чор гурӯҳ тақсим метавон кард: аз лиҳози маҳсул, аз ҷиҳати муносибат ба шартномаи суғурта, аз рӯйи сатҳи автоматизатсия ва аз лиҳози каналҳои фурӯш.

Фурӯшҳои мустақим тавассути шуъбаҳои дафтари асосӣ ё тавассути шуъбаҳои алоҳидаи суғуртакунанда (филиалҳо, ҷойҳои кории алоҳида, нуқтаҳои фурӯш), тариқи телефон, почта ё интернет амалӣ карда мешаванд [5, с.95]. Фурӯши мустақим чандон босамар ҳисобида намешавад, зеро он ба тавассути фарогирии шумораи ками муштариён ва сарфи вақти зиёд барои хизматгузорӣ ба онҳо, он қадар самаранок ҳисобида намешавад. Ҳамзамон, он нишонаҳои ҷаззобам дорад, ки аз онҳо самтнокӣ ва мунтахабии таъсир ба мизоҷи эҳтимолиро метавон ном бурд, ки ба талаботи мизоҷон мувофиқ аст; инчунин имкони додани иттилооти пурра ба муштарӣ дар бораи мавзуи муҳокима, қабули қарорҳои ғайристандартӣ доир ба шартҳои суғурта, тамини муштарӣ бо кумаки машваратии мутахассисони самтҳои гуногун, ки дар дафтар кор мекунанд. Камбудии ин канал вобастагии пурраи суғуртакунанда ба иродаи муштарӣ далели мурочиат барои бастани шартномаи суғурта ё мурочиати он ба ҳамин ширкати суғурта ё агенти он мебошад. Натиҷаи фурӯши хизатрасониҳои суғурта дар каналҳои фурӯш дар соли 2021 дар расми 1 оварда шудаанд.




**Диаграммаи 1**. – Сохтори каналҳои фурӯши маҳсулоти суғуртаи чакана дар соли 2021 бо %.

Дар бозори хизматрасонии суғуртаи ҷумҳурӣ як қатор мушкилот вуҷуд доранд, ки муҳимтарини онҳо номутаносибии байни тақозо ва арзаи хизматрасонии суғурта мебошад. Нишондиҳандаҳои асосии тақозо ва арзаи

суғурта дар ҷумҳурӣ нишон медихад, ки солҳои 2017–2021 ҳаҷми мукофоти ҷамъшудаи суғурта ба 1 ширкати суғурта аз 7,3 то ба 16,7 млн. сомонӣ афзоиш ёфт. Ин афзоиш бо сабаби ба миқдори панҷто ихтисор шудани ташкилотҳои воқеъ шуд. Ҷамъи мукофотҳои ҷамъовардаи суғуртакунандагон дар ҳудуди ҷумҳурӣ с. 2021 нисбат ба соли 2017 ба 75,1 % афзуда 283,9 млн. сомониро нисбат ба 162,1 млн. сомонии с. 2017 ташкил дод [4,10–12]. Саҳми мукофотҳои суғурта (бима) дар ММД дар давраи мавриди таҳлил аз 0,25 до о,29 ё ба 0,004 дарсад зиёд шуд. Миқдори мукофоти суғурта ба як нафари аҳолӣ аз 58,5 %, ё аз 18,1 то 28,7 сомонӣ боло рафт, ки ин аз ба эътидол омадани вазъ дар бозори суғурта дарак медиҳад. Ҳаҷми ҳаққҳои ҷамъоваришудаи суғурта асосан аз ҳисоби афзоиши суғуртаи шахсии ихтиёрӣ (ғайр аз суғуртаи ҳаёт) ва навъҳои ҳатмии суғурта зиёд шудааст.

Ҳоло шартан ду манбаи тақозо ба хизматрасонии суғуртаро ҷудо кардан мумкин аст. Манбаи якум бахши ғайридавлатии иқтисод аст, ки табиатан бино бар беҳимоя будан ва надоштани имкони дарёфти кумаки молиявии давлат ба суғурта ниёзманд мебошад. Вале аҳволи молиявии ғайриқаноатбахши бисёре аз корхонаҳо дар шароити давраи гузариш ба афзоиши саросарии тақозо аз ин ҷониб мусоидат намекунад. Бисёр мегӯянд, ки талаботи даркшуда вуҷуд дорад, вале чун қоида маблағи пули озоде нест, ки барои суғурта харҷ кунанд. Лекин нишондиҳандахо гувоҳӣ медиҳанд, ки аз соли 2017 то 2021 даромади пулии аҳолӣ 2,1 баробар афзуда, афзоиши миёнаи ҳарсола зиёда аз 27,5%-ро ташкил додааст. Яъне даромади ширкатҳои суғурта дар давраи таҳлил ба ҳисоби миёна беш аз 18,4 % зиёд шудааст. Баъди соли 2019 коҳиши суръати афзоиши даромади ташкилоти суғурта ба чашм мерасад. Чунонки мебинем, суръати афзоиши ҳаҷми даромади ташкилоти суғурта дар давраи солҳои 2017–2021 аз суръати афзоиши даромади пулии аҳолӣ бештар буд, лекин баъди соли 2019 раванди баръакс дида мешавад. Агар ба мазмуни ин нишондиҳандаҳои рақамӣ назар кунем, маълум мешавад, ки хулосаҳои пешакӣ ба иштибоҳ мебаранд. Дарвоқеъ, афзоиши ҳаҷми даромади пулии аҳолӣ зиёдшавии воқеии даромади ташкилоти суғуртаро таъмин накард.

Барои ноил гардидан ба рушди устувори бозор тадбирҳои ташаккули тақозо ба хизматрасонии суғуртаро бояд амалӣ кард: таблиғи суғуртакунонии аҳолӣ, инкишоф додани фарҳанги суғуртавӣ; баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии тамоми қишрҳои аҳолӣ, мусоидат барои рушди минбаъдии соҳибкории хурду миёна; расондани ёрии ҳуқуқӣ ба шахрвандон дар масъалаҳои суғурта; таъсиси ниҳоди ғайрисудии танзими баҳсҳои байни ширкатҳои суғурта ва мизоҷони онҳо. Барои он ки даромадҳои дар ихтиёри аҳолӣ буда ба суғурта равон карда шаванд, ба фикри мо, як қатор шартҳо лозиманд, ки муҳимтарини онҳо дар баробари қобилияти пардохт, бохабарии муштарӣ аз суғурта, сатҳи тафакури иқтисодӣ ва фарҳанги суғуртавӣ

мебошанд. Дар ҷомеаи аврупоӣ масъалаи ташаккули тақозо ба суғурта матраҳ нест, тафаккури дахлдори соҳибкорон ва аҳолӣ аллакай ташаккул ёфтааст. Шартҳои тақозои устувор ба суғурта мавҷуд будани муносибатҳои марбути моликияти хусусӣ, инчунин, возеҳ ва шаффоф будани фаъолияти суғурта мебошанд.

**АДАБИЁТ**


1. Насырова Г.А. Институциональное обеспечение системы регулирования страховой деятельности: дис. д–ра. экон. наук: 08.00.10 / Насырова Гульмира Анатольевна.–СПб., 2016. 386 с.
2. Никулина Н.Н. Роль финансового аналитика в систематизации опасностей финансовых потерь страховщика//Страховое дело.–2008. №6. С.14–22.
3. Раджабов Р.К. Выбор эффективных форм финансово–кредитной поддержки предприятий малого и среднего предпринимательства / Р.К. Раджабов//Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. Душанбе: Сино, 2014, №2/11 (155). –С.74 – 78.
4. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022, с. 423.
5. Рузиев А.Б. Формирование рынка страховых услуг в сельском хозяйстве Таджикистана. Дис. кан. экон. наук по спец. 08.00.05. Душанбе, 2011. 165 с.
6. Рушди бозори суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлил ва тавсияҳо. Ҳисоботи гурӯҳи корӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2014. 95 с.
7. Савин А.Г. Страхование рисков предпринимательской деятельности: гражданско–правовое регулирование: Автореф. дис. кан. юрид. наук. // Савин А.Г. Волгоград, 2012. 26 с.


## РЫНОК СТРАХОВЫХ УСЛУГ И ЕГО ВЛИЯЮЩИЕ ФАКТОРЫ


**МУМИНОВ АБДУКАРИМ БЕГОВИЧ,**

к.э.н., доцент кафедрой таможенной деятельности

Таджикский государственный финансово–экономический университет

734067, Таджикистан, город Душанбе, ул. Нахимова 64/14;

тел: +992-115-73-83-83; e–mail: muminov–abdukarim@mail.ru



*В статье рассматривается состояния рынка страховых услуг и факторы, влияющие на нее. Автор рассматривая, страховой рынок как особую систему отношений между страхователями и страховыми компаниями подчеркивает, что состояние рыночной экономики, уровень и механизм ее развития описываются с помощью двух фундаментальных понятий – спроса и предложения. Для определения степень влияния этих*

*факторов на деятельность страховых компаний, сгруппирована ценовые и неценовые факторы. Продажа страховых услуг рассматривается с точки зрения технологической структуры и выделяются два ее направления, то есть личный или обезличенный процесс помощи или убеждения потенциального клиента купить страховую защиту. Также действия страховых посредников в интересы страховщика и достижения его коммерческой цели обоснованы.*

***Ключевые слова:*** *страховой рынок, страховая организация, система продаж, спрос, спрос, страховая услуга, инфляция, предпринимательства.*

## INSURANCE SERVICES MARKET AND ITS INFLUENTIAL FACTORS

**MUMINOV ABDUKARIM BEGOVICH,**
Candidate of Economic Sciences–Associate Professor,
Department of Customs Activities of the
Tajik State Financial and Economic University
734067, Tajikistan, Dushanbe city, Nakhimov str. 64/14;
tel: +992-115-73-83-83; e–mail: muminov–abdukarim@mail.ru

*The article examines the state of the insurance market and the factors influencing it. The author, considering the insurance market as a special system of relations between policyholders and insurance companies, emphasizes that the state of the market economy, the level and mechanism of its development are described using two fundamental concepts – supply and demand. To determine the degree of influence of factors on the activities of insurance companies, price and non–price factors are grouped. The sale of insurance services is considered from the point of view of the technological structure and its two directions are distinguished, that is, the personal or impersonal process of helping or persuading a potential client to buy insurance protection. Also, the actions of insurance intermediaries in the interests of the insurer and the achievement of its commercial goals are justified.*

***Keywords:*** *insurance market, insurance organization, sales system, demand, demand, insurance service, inflation, entrepreneurship.*

УДК: 336+338(100-87)+338+502/504+631/638(100+87)

# МЕХАНИЗМҲОИ ТАЪМИНИ САРМОЯГУЗОРИҲО БА РУШДИ ЭКОЛОГӢ-ИҚТИСОДИИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ: ТАҶРИБАИ ДАВЛАТҲОИ ХОРИҶӢ

**АРАБОВ ФИРДАВС ПӮЛОДОВИЧ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи
менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17;
тел: 918-72-28-29; e-mail:firdavs300@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур механизмҳои таъмини сармоягузориҳо дар рушди экологию иқтисодии соҳаи кишоварзӣ бо истифода аз таҷрибаи давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта мавриди арзёбӣ қарор дода шудааст. Дар ин самт таҷрибаи сармоягузорӣ ба рушди устувори соҳаи кишоварзӣ, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, ҷорӣ намудани тахфифҳо, додани қарзҳои имтиёзнок, амалӣ намудани чорабиниҳои мелиоративӣ ва беҳдоштӣ дар заминҳои кишоварзӣ, қабули стратегияҳо ва барномаҳои сармоягузорӣ ва дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ таҳлил карда шудааст. Инчунин, муайян карда шудааст, ки дар давлатҳои пешрафта барои ҷорӣ намудани технологияи инноватсионӣ ва рақамикунонии истеҳсолоти соҳаи кишоварзии давлат қисми зиёди масрафи дар ин самт равонашуда пӯшонида мешавад. Барои роҳандозӣ намудани таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ пешниҳодҳои мукаммал карда шудааст, ки ҳангоми амалӣ шудани онҳо соҳаи кишоварзии мамлакат дар самти ба роҳ мондани технологияи инноватсионӣ дар минтақа пешсаф хоҳад шуд. Дар ин мақола аз методҳои муқоисавӣ, таҳлилӣ ва диалектикӣ истифода шудааст. Ҳамзамон, дар раванди таҳқиқот методи ҳамгироишуда имкон дод, ки омилҳои дохилӣ ва берунӣ, равандҳои дастгирии давлатӣ ва рақамикунонии соҳаи кишоварзӣ ва зарурати танзими экологию иқтисодии ин соҳа муайян карда шавад.*

***Калидвожаҳо:*** *рушди устувори соҳаи кишоварзӣ, амнияти озуқаворӣ, таҷрибаи хориҷӣ, сармоягузорӣ, маблағгузорӣ, дастгирии давлатӣ.*

Омӯзиши масъалаи таъмини сармоягузориҳо ба рушди экологию иқтисодии соҳаи кишоварзӣ дар маркази таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва олимони соҳаи иқтисодӣ қарор дорад. Ин ба он алоқаманд аст, ки бидуни ҷалби сармоягузорӣ рушди устувори соҳаи кишварзӣ, дастрасӣ ба ғизои солим, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва таъмини ҷойҳои корӣ дар деҳот имконпазир нест.

Дастрасӣ ба амнияти озуқаворӣ ва таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти ғизои солим ва аз ҷиҳати экологӣ тоза яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати давлатӣ ва

талаботи аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад, ки дар конститутсияи бисёр кишварҳо сабт шудааст [1, с.122]. Таъмини пурраи аҳолӣ бо маҳсулоти асосии ғизоӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар мадди назари созмонҳои байналмилалӣ ва ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор гирифта, ҳар як давлат кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки сатҳи камбизоатиро коҳиш дода, иқтисодиёти худро рушд диҳад ва дар ин баробар сатҳи некуаҳволии аҳолиро таъмин намояд. Ин ҳадафҳо танҳо дар доираи истифодаи самаранок ва ҳадафмандонаи захираҳои табиӣ, аз ҷумла захираҳои замин ва об дар соҳаи кишоварзӣ бо ҷалби сармоягузориҳо ба рушди экологию иқтисодии он, ба даст оварда мешавад.

Стратегияҳои давлатӣ дар самти рушди уствори соҳаи кишоварзӣ дар кишварҳои тараққикарда ба якчанд принсипҳои умумӣ асос ёфтаанд, ки иштироки давлатро дар ҳалли мушкилоти истеҳсолоти кишоварзӣ тавассути дастгирии ҳамаҷонибаи барномаҳои давлатӣ дар бар мегирад, аз қабили дастгирии соҳаҳои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, муносибати мунтазами илмӣ ба ташаккули сиёсати кишоварзӣ, таваҷҷуҳ ба фаъолияти комплекси агросаноатӣ ҳамчун асоси устувории соҳаи иҷтимоию иқтисодӣ, ҳалли масъалаҳои экологии соҳаи кишоварзӣ ва маблағгузорӣ ба рушди устувори он.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар мамлакатҳои иқтисоди бозорӣ таъмини сармоягузориҳо ба соҳаи кишоварзӣ аз ҳисоби маблағҳои худи корхонаҳои кишоварзӣ ва буҷаи давлатӣ амалӣ карда мешавад. Ҳар як давлат бо қабули қонунҳо, стратегияҳо ва барномаҳои соҳавӣ ба соҳаи кишоварзӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир менамоянд. Аз ин рӯ, ба таври муфассал баррасӣ намудани таҷрибаи давлатҳои мутараққӣ дар татбиқи раванди сармоягузорӣ ба рушди экологию иқтисодии соҳаи кишоварзиро дида мебароем.

Яке аз давлатҳое, ки бозори дохилии худро ба пуррагӣ бо маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ва озуқаворӣ таъмин менамояд ва дар ин баробар ба дигар давлатҳои содиротӣ ин маҳсулотро ба роҳ мемонад, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба ҳисоб меравад. ИМА яке аз калонтарин истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар ҷаҳон ба шумор рафта, дар истеҳсол ва бозори ҷаҳонӣ бо озуқа таъмин намудани бисёр навъҳои маҳсулоти кишоварзӣ мавқеи пешсафро ишғол мекунад. Дар ИМА зиёда аз 3 миллион хоҷагии фермерӣ ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ машғул мебошанд [12, 65]. Бояд гуфт, ки Вазорати кишоварзии ИМА заминҳои обёришаванда ва истифодаи оқилонаи онҳоро ҳамеша зери назорат гирифта, ба рафъи оқибатҳои манфии экологӣ *(қатъи таназзули замин, пешгирии олудашавии замин ва захираҳои об бо пасмондаҳои нуриҳои минералӣ ва пестисидҳо ва ғайра)* диққати махсус медиҳанд.

Дар ИМА маблағгузориҳо аз буҷаи федеролӣ барои корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои фермерӣ дар шакли пардохтҳои бевоситаи накдӣ,

қарзҳои имтиёзнок, карзҳои бедарсад ва пардохтҳои бебозгашт ҷудо карда мешаванд. Субсидияҳои кишоварзӣ дар ИМА тавассути механизми дастгирии иқтисодӣ амалӣ карда мешаванд, ки аз 20 то 80 дарсади арзиши маҳсулоти кишоварзиро ташкил медиҳанд.

Яке аз самтҳои пурзӯр намудани фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ такмили механизми андозбандӣ мебошад, ки аз инҳо иборат аст:

–андоз аз фоида (даромади соф)-и ширкатҳо;

–андоз аз амволи ғайриманқул, аз ҷумла замин;

–сармоя, ё афзоиши сармояи асосӣ;

–андоз аз арзиши иловашуда;

–суғуртаи иҷтимоии меҳнати кироя;

–андозҳои аксизӣ.

Ин андозҳо дар ИМА тақрибан 3 дарсади масрафи умумии кишоварзиро ташкил медиҳанд. Ислоҳоти системаи андоз, ки дар кишварҳои пешрафта имтиёзҳо фароҳам меорад, ба ҳавасмандгардонии фаъоли андозӣ барои пешрафти илмию техникӣ мусоидат намуда, маблағгузории иловагии сармояро талаб мекунад [7, 238].

Сатҳи воқеии субсидияҳои давлатӣ дар соҳаи кишоварзии ИМА 130 млрд. долларро ташкил медиҳад, ки аксари онҳо бо чораҳои «қуттии сабз» танзим карда мешаванд [15, 70]. Ин ба он нигаронида шудааст, ки идоракунии экологии соҳаи кишоварзӣ ва истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар доираи ин иқдом ба роҳ монда мешавад. Дастгирии буҷавӣ тадбирҳои мустақим *(пардохти хароҷоти обёрии заминҳо, ҳифз ва нишоҳдории онҳо, истифодаи экологии замин ва об, паст кардани сатҳи газҳо)* ва тадбирҳои ғайримустақим *(умумӣ ё яке аз хароҷоти тадқиқот)*-ро дар бар мегирад. Одатан, субсидияҳо 25 дарсади арзиши аслии маҳсулоти соҳаи кишоварзиро ташкил медиҳад.

Вобаста ба омӯзиши таҷрибаи ИМА дар самти сармоягузорӣ ва дастгирии давлатӣ ба рушди устувори соҳаи кишоварзӣ хусусиятҳои мусбати онро пешниҳод менамоем:

–ба шарофати дастгирии фаъолонаи давлат ба соҳаи кишоварзӣ ва истифодаи экологии он майдони заминҳои обёришаванда ба 40 дарсади заминҳои корам расидааст;

–дар ИМА мақомоти федералӣ ва мунисипалӣ ба корхонаҳои кишоварзӣ барои таҷдиди системаҳои ирригатсионӣ қарзҳои имтиёзнок пешкаш намуда, барои гузаштан ба технологияҳои каммасрафи обёришаванда қарзҳои бедарсад пешниҳод менамоянд;

–соли 2022 Департаменти кишоварзии ИМА (USDA) барои коҳиш додани партовҳои ба иқлим зараровар аз кишоварзӣ ва ҷангал тақрибан 3 млрд. доллар сармоягузорӣ карда, маблағгузории ибтидоиро се маротиба афзоиш медиҳад.

Барномаи мазкур саноати кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангали ИМА-ро ҳамчун як кишвари пешсаф дар ҷаҳон қарор медиҳад;

–вазорати кишоварзӣ механизмҳои сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзии ИМА ва берун аз кишвар, масалан, дар қитъаи Африқо: грантҳо, шартномаҳо ва дастгирии бучавӣ барои донишгоҳҳо ва лабораторияҳои илмии амалӣ таҳия ва васеъ истифода мебарад. Инчунин, тақсимоти ҳифзи патент ва дигар ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ ба ширкатҳои хусусӣ, сарпарастии фондҳои мукофотӣ, ки ба иштирокчиёни барнома аз рӯйи натиҷаҳои кори онҳо мукофотпулӣ медиҳанд ва барномаи таҳқиқоти навовариҳои тиҷорати хурд (SBIR) истифода мешаванд. Дар ИМА хеле муҳим аст, ки технологияи инноватсия дар соҳаи кишоварзӣ ҷорӣ карда шавад, зеро он ба ҳалли мушкилоти амнияти озуқаворӣ кишвар зич алоқаманд аст.

Давлатҳои Аврупо низ дар самти таъмини сармоягузорӣ ба рушди экологию иқтисодии соҳаи кишоварзӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд. Дар кишварҳои Аврупои Ғарбӣ шаклҳои гуногуни иштироки давлат бо бахши хусусӣ ва соҳаи кишоварзӣ мавҷуданд [8, 68]. Аз ҷумла дар Ҳолланд 65 дарсади масоҳати обёрии заминҳо аз ҳисоби барномаҳои давлатӣ маблағгузорӣ карда шуда, 35 дарсади боқимондаро корхонаҳои кишоварзӣ бо истифода аз қарзҳои имтиёзноки дарозмуддат дар муҳлати зиёда аз сӣ сол пардохт мекунанд [6, 760]. Деҳқон ҳар сол бояд 5 дарсади маблағи гирифтаашро бо назардошти андоз баргардонад. Бонкҳои соҳавӣ дар самти соҳаи кишоварзӣ амал мекунанд, ки қарзҳои дарозмуҳлатро ба муҳлати аз 20 то 40 сол бо дарсади паст ба корхонаҳои кишоварзӣ пешниҳод менамоянд.

Таъмини сармоягузориҳо ба рушди экологӣ-иқтисодии соҳаи кишоварзӣ дар Фаронса бо чандин имтиёзҳо, аз қабили таъмини фоидаи доимии корхонаҳои кишоварзӣ бо дастгирии давлатӣ, роҳандозии имтиёзҳои андозӣ ва қарзӣ, имтиёҳо дар самти истифодаи экологии заминҳои кишоварзӣ, амалӣ карда мешавад [16, 141]. Дар ин кишвар низоми муассири ҳавасмандгардонии сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ вуҷуд дорад, ки ба рушди соҳаҳои афзалиятнок ва пешбари кишоварзӣ роҳандозӣ карда шудааст.

Дар Фаронса пешниҳоди ҳавасмандгардонӣ ба сармоягузорон асосан интихобӣ аст, ки бо се роҳ ифода меёбад. Дар самти аввал барои кишварҳои Иттиҳоди Аврупо низоми мусоиди сармоягузории хориҷӣ пешбинӣ шудааст. Дуюм, додани имтиёзҳо ба сармоягузороне, ки дар минтақаҳои суст рушдкардаи кишвар сармоягузорӣ мекунанд. Ниҳоят, сеюм дар тафовути равшани байни сармоягузориҳои ғайримустақим ва мустақим ва афзалият ба охирин ифода карда мешавад. Ин ва дигар имтиёзҳо имкон фароҳам овардааст, ки маҳсулоти соҳаи кишоварзии Фаронса бозори дохилии худро таъмин намуда, ба дигар давлатҳо содирот карда мешаванд.

Дар Британияи Кабир ба корхонаҳои кишоварзие, ки заминҳоро обёрӣ мекунанд ва технологияи инноватсионии обрёриро ҷорӣ менамоянд, то 50 дарсади хароҷоти корхона бо субсидияҳои давлатӣ пӯшонида мешаванд. Сохторҳои маъмурии маҳаллӣ, инчунин, ҳуқуқ доранд, ки ба андозаи 20–50 дарсади арзиши сохтмони иншооти обёрӣ ва ирригатсиониро бо дотатсияи давлатӣ пардохт намоянд.

Ҳукумати Бритония аз ҳисоби маблағҳои грантӣ барои техникаи сабз ва устувори кишоварзӣ дар соли 2022-юм 25 млн. фунт стерлинг ҷудо кардааст. Деҳқонон дар он ҷо метавонанд сармоягузориро дар ҳаҷми аз 35 то 500 ҳазор. фунт стерлинг барои роҳандозии таҷҳизоти нав, аз қабили системаҳои рақамии инноватсионӣ ва тракторҳои автоматӣ ба даст оваранд [11, 202]. Ин маблағҳо танҳо 40 дарсади ҳаҷми масрафи корхонаҳои кишоварзиро мепӯшонад ва 60 дарсади дигар аз ҳисоби худи корхонаҳо пардохт карда мешавад. Ин грантҳо барои осон кардани хариди техникаи нав ва аз ҷиҳати экологӣ тоза нигаронида шудаанд, ки метавонанд дар фаъолияти ҳаррӯзаи хоҷагӣ ва умуман, дар муҳити зист тағйироти мусбат эҷод кунанд.

Италия як минтақаи дорои соҳаи кишоварзии хеле пешрафта ба ҳисоб меравад. Дар сохтори маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ тақрибан 92 дарсад маҳсулоти соҳаи заминдорӣ ва кишоварзӣ, 2,5 дарсад чорводорӣ, 1,2 дарсад ҷангал, 3,4 дарсад моҳидорӣ рост меояд [18]. Италия дар марҳалаи ҷорӣ намудани технологияи дақиқи инноватсионӣ дар соҳаи кишоварзӣ қарор дорад. Дар ин кишвар давлат корхонаҳои кишоварзие, ки технологияи инноватсионии обёрӣ ва рақамикунонии соҳаи кишоварзиро роҳандозӣ менамоянд, инчунин, корҳои мелиоративиро дар заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ мегузаронанд, хароҷоти пурраи онро (100 дарсад) пардохт менамояд. Вазифаҳои идоракунии системаҳои обёриро дар ин ҷо ассотсиатсияҳои деҳқонон иҷро менамоянд, ки захираҳои обро дар минтақаҳои муайян идора ва тақсим мекунанд.

Дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо миқдори зиёди сармоягузорӣ ба беҳтар намудани ҳолати экологии заминҳо ва баланд бардоштани ҳосилнокии он равона карда мешавад. Масалан, Фонди Аврупо ҳар сол ба тадбирҳои муҳофизати табиат, мелиоратсия, обёрии заминҳо ва дигар чорабиниҳои муҳофизатии соҳаи кишоварзӣ бо мақсади баробар кардани вазъи иқтисодии соҳаи кишоварзӣ бештар аз 17 дарсад аз маблағи умумии ин фондро ҷудо мекунад. Дар баробари ин, сарфи назар аз рақобати озоди бозорӣ, ҳангоми татбиқи сиёсати кишоварзӣ дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, онҳо маҳдудиятҳои муайяни институтсионалии моликияти заминҳои кишоварзиро барои категорияҳои алоҳидаи иштирокчиёни бозорӣ ҷорӣ намудаанд. Масалан, муассисаҳои молиявӣ аз имконияти харидан ё фурӯши қитъаҳои замине, ки барои ташкили истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ истифода мешаванд, қисман ё пурра маҳрум намудаанд. Ин омил ба он рабт дода мешавад, ки давлат маҷбур

аст барои кам кардани хатарҳои истифодаи нодурусти заминҳои кишоварзӣ танзими онро дар чорчӯбаи қонунгузорӣ пурзӯр намояд.

Бояд гуфт, ки ҳар як кишвари узви Иттиҳоди Аврупо усулҳои мушаххаси танзими маблағгузории давлатии соҳаи кишоварзиро бо истифода аз механизми ипотека истифода мебарад. Масалан, дар Белгия сохторҳои давлатӣ заминҳои кишоварзиро бо мақсади аз нав тақсим кардани онҳо дар байни истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ба даст меоваранд. Дар Ҳолланд заминро аз ҷониби муассисаҳои махсусгардонидашуда, ки ба ин мақсад ваколатдор шудаанд, бо нархи бозор мехаранд, ки онҳо инчунин, ваколати идоракунии муваққатии замин ва фурӯши онро бо мақсади истифодаи танҳо дар соҳаи кишоварзӣ доранд.

Ҳамин тавр, дар Иттиҳоди Аврупо вобаста ба истифодаи экологии заминҳои кишоварзӣ ҳамасола чораҳои зарурӣ андешида шуда, раванди сармоягузорӣ ва рушди соҳаи кишоварзӣ зери назари Иттиҳоди Аврупо қарор дорад. Ҷиҳатҳои мусбати механизмҳои сармоягузории соҳаи кишоварзӣ дар Иттиҳоди Аврупо инҳо ба ҳисоб мераванд:

–дар Иттиҳоди Аврупо барномаи давлатии «Рушди устувори соҳаи кишоварзӣ, соҳибкорӣ дар деҳот ва агробизнес» амал мекунад, ки дастрасии осон ба маблағгузорӣ барои соҳибкорони хурд, кооперативҳо ва корхонаҳои хурду миёна дар соҳаи кишварзӣ ва агробизнес барои ҳалли мушкилоти амнияти озуқавориро таъмин менамояд;

–дар Иттиҳоди Аврупо системаи самараноки дастгирии молиявии истеҳсолоти кишоварзӣ ташкил шудааст, ки ин, албатта, бо таҷрибаи ғании интегратсия ва бунёди заминаи қавӣ ва миқёси молиявӣ шарҳ дода мешавад. Ҳамин тариқ, дар соли 2021 Иттиҳодияи Аврупо барои дастгирии кишоварзӣ маблағи 58,5 млрд.евро ҷудо кардааст. Аз ин маблағ 41,5 млрд.евро (қариб 71 дарсад) барои дастгирии бевоситаи корхонаҳои кишоварзӣ равона гардидааст;

–барномаҳои рушди деҳот, лоиҳаҳои инфиродии кишоварзӣ ва ё дигар чорабиниҳоро дар деҳот дар асоси афзалиятҳои иқтисодӣ, экологӣ ё ҳудудӣ маблағгузорӣ карда мешавад. Сармоягузорӣ модернизатсияи хоҷагиҳо, грантҳо ба деҳқонони ҷавон, тадбирҳои агроэкологӣ, конверсияи органикӣ, агротуризм ва навсозии деҳотро дар бар мегирад. Ин тадбирҳо, ки қариб 25 дарсад маблағгузории умумиро ташкил медиҳанд, маъмулан, аз ҷониби фондҳои миллӣ, минтақавӣ ё хусусӣ якҷоя маблағгузорӣ шуда, дар тули якчанд сол амалӣ карда мешаванд. Ҳарчанд пардохтҳои мустақим ва чораҳои бозорӣ ҳамчун чораҳои ҷудогонаи дастгирӣ аз барномаҳои рушди деҳот баррасӣ шуда бошанд ҳам, онҳо барои расонидани кумаки муассиртарин ва мувофиқ ба деҳқонон дар саросари хоҷагии кишоварзии Иттиҳоди Аврупо торафт бештар муттаҳид карда мешаванд;

–хадамоти машваратии хоҷагиҳои кишоварзӣ амал мекунад, ки ба деҳқонон ва махсусан, деҳқонони ҷавон ва дигар заминдорон дар деҳот барои беҳтар кардани идоракунӣ ва баланд бардоштани самаранокии умумии корхонаҳои кишоварзӣ ё тиҷоратии онҳо кумак мерасонад. Тавре дар Низомномаи (ИА), №1306/2013 Парлумони Аврупо ва Шуро пешбинӣ шудааст, хадамоти машваратии хоҷагиҳои деҳқонӣ барои кумак расонидан ба деҳқонон ба арзёбии фаъолияти хоҷагидории онҳо ва пешниҳоди беҳбудиҳои зарурӣ дар робита ба талаботи қонунгузории идоракунӣ, пешниҳоди беҳтарини кишоварзӣ пешбинӣ шудааст. Шароити экологӣ, усулҳои кишоварзӣ, иқлим ва тадбирҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза, ки дар Низомномаи №1307/2013 пешбинӣ шудаанд, дигар тадбирҳои пешбининамудаи барномаҳои рушди деҳот, ки ба навсозии соҳаи кишоварзӣ, баланд бардоштани рақобатпазирӣ, ҳамгироии соҳавӣ, инноватсия, тамоюли бозор ва мусоидат ба соҳибкорӣ нигаронида шудаанд, таъмин менамояд;

–«...сиёсати аграрии Иттиҳоди Аврупо дар соҳаи дастгирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар он ифода меёбад, ки дар шароити муайян метавонад чораҳои иловагии дастгирӣ ҷорӣ карда шаванд ва Комиссия, мувофиқан, метавонад барномаҳои буҷетиро ислоҳ кунад. Ҳамин тариқ, дар моҳи майи соли 2020 Комиссияи Аврупо афзоиши буҷети Иттиҳоди Аврупоро аз сабаби буҳрони пандемияи “COVID–2019” асоснок кард» [17]. Пешниҳодҳои охирин ба воситаҳои дастгирии изтирории Иттиҳоди Аврупо барои солҳои 2020–2024 ва давраи 2021–2027 асос ёфтаанд. Комиссия инчунин пешниҳод мекунад, ки буҷети кунунии дарозмуддати худро бо мақсади ба ҳисоб гирифтани хароҷоти зиёд дар соли 2020 таҷдиди назар намояд.

Тайи ду даҳсолаи охир давалатҳои Осиё низ дар самти сармоягузорӣ ба рушди устувори соҳаи кишоварзӣ, истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза, татбиқи равандҳои инноватсионӣ дар ин соҳа ба дастовардҳои назаррас ноил шуданд.

Кроме того, разработана «Концепция цифровой экономики в Республике Таджикистан». Данная стратегия предусматривает постепенный, поэтапный переход к реализации внедрения цифровой трансформации в республике [9].

Также завершилась Государственная программа по развитию и внедрению информационно–коммуникационных технологий в Республике Таджикистан на 2014–2017 годы [10]. Не стоит забывать о главном проекте, которая существует для развития налогового администрирования это «Программа развития налогового администрирования в Республике Таджикистан на 2020–2025 годы».

**Таблица 1.**

**Государственные стратегические программы, направленные на совершенствование цифровизации и налоговое администрирования***

| Государственные стратегические программы (Проекты) | |
|---|---|
| Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года | до 2030 |
| Концепция формирования электронного Правительства в Республике Таджикистан | (2012–2020) |
| Среднесрочная программа развития Республики Таджикистан на 2021–2025 годы | 2021–2025 |
| Концепция цифровой экономики в Республике Таджикистан | 2018–2019 |
| Государственная программа по развитию и внедрению информационно-коммуникационных технологий в Республике Таджикистан на 2014–2017 годы | 2014–2017 |
| Проект реформирования налогового администрирования (в два этапа) | 2011–2019 |

| | |
|---|---|
| Программа развития налогового администрирования на 2020–2025 годы | 2020–2025 |
| Стратегия развития искусственного интеллекта в Республике Таджикистан на период до 2040 года | до 2040 года |

***Источник:** Составлено автором.

В налоговых органах постоянно-растущий объем информаций и методы хранения данных, а также использования и доступа к востребованной информации требуют постоянного усовершенствования [4].

В этой связи, создания Налогового кодекса в новой редакции обосновывается потребностью формирования условий для развития инвестиционной и предпринимательской деятельности в главных секторах экономики и обеспечения осуществления стратегических целей.

В целях обеспечения организованности процесса, а также создания программ и их применения в соответствии с изменениями и дополнениями в Постановлении правительства Республики Таджикистан от 28 декабря 2006 года №607 Налогового комитета при Правительстве Республики Таджикистан создано Государственное унитарное предприятие «Центр программирования налогового администрирования»[10].

Данное предприятие является Удостоверяющим [11] центром сертификации открытых ключей (далее – ЭЦП) при Налоговом Комитете при Правительстве Республики Таджикистан, имеющий в соответствии с законодательством Республики Таджикистан лицензии, дающие право осуществлять деятельность по обмену открытой и конфиденциальной информацией между налоговыми органами и пользователями в рамках ведения деятельности по обслуживанию средств, предназначенных для криптографической защиты конфиденциальной информации, а также проверки сертификатов открытых ключей электронной цифровой подписи.

Согласно закону Республики Таджикистан о электронной цифровой подписи под №320 от 30 июля 2007 года электронная цифровая подпись – это реквизит электронного документа, предназначенный для защиты электронного документа от подделки, полученный в результате криптографического преобразования информации с использованием закрытого ключа электронной цифровой подписи и позволяющий идентифицировать владельца сертификата ключа подписи, а также установить отсутствие искажения информации в электронном документе [12].

Используемые во взаимоотношениях между пользователями электронные документы, заверенные ЭЦП, являются оригиналами, имеют юридическую силу, подлежат хранению в хранилище юридически значимых документов и могут использоваться в качестве доказательств в суде, а также при рассмотрении споров в досудебном порядке [11].

Целью выше названного закона является обеспечения правовых условий использования электронной цифровой подписи в электронных документах, при соблюдении которых электронная цифровая подпись в электронном документе признается равнозначной собственноручной подписи в документе на бумажном носителе [12].

В соответствии с законодательством Республики Таджикистан на Налоговый комитет при Правительстве Республики Таджикистан возложено применения налоговой политики, налогового администрирования и государственная регистрация юридических и индивидуальных предпринимателей.

Одной из основных задач налоговых органов Республики Таджикистан по улучшению качества предоставляемых услуг на современном этапе является оптимизация процедур, связанных с государственной регистрацией юридических лиц и индивидуальных предпринимателей.

В рамках предпринимаемых мер в этом направлении с начала 2018 года Налоговым Комитетом реализован онлайн–сервис «Подача электронных документов на государственную регистрацию юридических лиц и индивидуальных предпринимателей», что дает возможность в электронном виде сформировать пакет необходимых документов и направить в налоговые органы для государственной регистрации нового субъекта.

Согласно с Законом Республики Таджикистан «О государственной регистрации юридических лиц и индивидуальных предпринимателей» от 19 мая 2009 года №508 государственная регистрация предпринимательской деятельности осуществляется со стороны налоговых органов по принципу «Единого окна» [6].

Единое окно была разработано для комплексного действия по устранению нормативных и процедурных барьеров в торговле, а также Концепция и программа создания «единого окна» по экспортным, импортным и транзитным процедурам [5].

Необходимо отметить, что государственная регистрация обеспечивает государственную защиту, поддержку и государственную гарантию деятельности субъектов предпринимательства в Республике Таджикистан.

В настоящее время срок регистрация юридических лиц, филиалов и представительств иностранных юридических лиц определено до 5 дней, и регистрация индивидуальных предпринимателей до 3 дней электронным способом представления соответствующих документов.

**Таблица 2.**

**Каналы регистрации и обслуживания (2021 финансовый год)***

| | |
|---|---|
| Типы регистрационных каналов, которые могут использовать налогоплательщики: | |
| i) Онлайн | ДА |
| ii) Телефон | ДА |
| iii) Электронная почта | ДА |
| iv) Обычная почта | ДА |
| v) Лично | ДА |
| vi) Другие | ДА |
| a) Контроль администрации по поступающим сервисным контактам | |
| b) Количество поступающих сервисных контактов (например, запросов), полученных по следующим каналам: | - |
| i) Онлайн с помощью аккаунта налогоплательщика | – |
| ii) Цифровым (например, чат, цифровой помощник) | 410 |
| iii) По телефонному звонку | 21124 |
| iv) По электронной почте | 326 |
| v) По обычной почте | 22354 |
| vi) Лично | 6732 |

***Источник:** составлено автором на основе отчета Международное исследование по управлению доходами (ISORA). 2022 г.

Также Налоговый Комитет ввел механизм электронного запроса для налогоплательщиков для запроса письма с целью подтверждения отсутствия налоговых задолженностей и подтверждения их регистрации в Налоговом Комитете. Кроме того, все заявки на получение патента теперь обрабатываются центральной системой, и все местные подразделения подключены к сети и установлены сканеры (для копий документов, удостоверяющих личность). База данных централизована, компьютеризирована и взаимодействует с другими подсистемами для регистрации налогов, оплаты и аудита.

Все лица старше 16 лет должны получить идентификационный номер налогоплательщика (ИНН) и обязаны регистрировать субъект предпринимательства только тогда, когда они начинают экономическую деятельность. Регистрация субъекта предпринимательства осуществляется в едином окне Налогового Комитета. Каждому зарегистрированному налогоплательщику присваивается уникальный девятизначный ИНН, включающий контрольную цифру.

В Налоговом комитете имеются документированные процедуры и специальный отдел тоесть «Отдел обслуживания налогоплательщиков», который обеспечивает распространение конкретной и общей обновленной информации. Регулярно проводится широкий спектр инициативных образовательных программ для налогоплательщиков.

Разработка Интегрированной информационной системы управления налогами (ITMIS) помогла оцифровать процесс регистрации, подачи налоговой декларации, электронной оплаты налогов, электронного выставления счетов-фактур по НДС, создания предварительно заполненных деклараций и перекрестного сопоставления сторонней информации.

В целом, количество электронных услуг для налогоплательщиков увеличено более чем на 85 единиц, и на данный момент информация поступает из Единого государственного реестра, подачи электронных налоговых деклараций и налоговых накладных на добавленную стоимость, просмотра отчетов, подготовки отчета по сверке, электронное открытие счета, подача деклараций государственными служащими, налоговый калькулятор (для налога на доходы , транспортного налога, налога на недвижимость, земельного налога, единого налога и патента), электронная форма Налоговые KSI для мобильных телефонов на Android платформы, чтобы получить информацию о идентификационном номере налогоплательщика, уплаты налогов были введены в практику через банковские карты и так далее.

В общем, эти показатели свидетельствуют об улучшении налогового администрирования, но, с другой стороны, это свидетельствует о необходимости дальнейшего улучшения качества налогового администрирования.

Исходя из этого была разработана Программа развития налогового администрирования, которая была предусмотрена в два этапа 2015-2019 годы и 2020–2025 годы [16].

Все налогоплательщики, зарегистрированные как пользователь «Личного кабинета налогоплательщика» имеют возможность использовать широко данный информационный ресурс для получения документов от налогового органа. В то же время принять данные от налоговых служб по средству личного кабинета физическое лицо сможет только после отправки в Налоговый комитет уведомления о применении личного кабинета налогоплательщика.

Таким образом, на основании приведенного анализа можно сделать вывод, что все выше изложенные и принятые программы направлены на внедрение и развития цифровой экономики, создания электронного правительства, который обеспечивает населению постепенный, поэтапный переход к реализации видения цифровой трансформации в том числе и в налоговой деятельности, что дает возможность населению и налоговым субъектам обмениваться информацией в режиме реального времени с государственными службами.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Воронова Е. Ю. Институциональные аспекты управленческого учета: автор. дис. …докт. экон. наук. 08.00.12. –Москва, 2012. –47 с. – С .3.

2. Гулов Ш.М. Методы и основные функции системы налогового администрирования в Республики Таджикистан //ELS. 2023. № апрель. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/metody-i-osnovnye-funktsii-sistemy-nalogovogo-administrirovaniya-v-respubliki-tadzhikistan (дата обращения: 25.11.2023).

3. Дейнега В.Н., Дзагоева М.Р. Институциональный подход к формированию налоговой политики // Известие вузов. Северо-Кавказский регион. Серия: Общественные науки. 2003. №S12. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/institutsionalnyy-podhod-k-formirovaniyu-nalogovoy-politiki (дата обращения 19.06.2023.)

4. Джураева М.Н. Налогообложение в свободных экономических зонах: зарубежный опыт управления и новые методы хозяйствования / Джураева М.Н, Курбонова М.С. // Наука и технологии - 2023 сборник статей Международной научно-практической конференции. Петрозаводск, 2023 Изд-во: Международный центр научного партнерства «Новая Наука». URL: https://elibrary.ru/item.asp?id=52663878

5. Европейская Экономическая Комиссия Организации Объединенных Наций. Регулятивные и процедурные барьеры в торговле в Таджикистане: ООН. Нью-Йорк и Женева, 2014. –С.16.

6. Закон Республики Таджикистан «О государственной регистрации юридических лиц и индивидуальных предпринимателей» от 19 мая 2009 года, №508.

7. Исматов, А. Ф. Цифровизация и использование цифровых технологий в налоговых органах / А. Ф. Исматов // Механизмы обеспечения финансовой устойчивости кредитных организаций в условиях индустриализации и инновационной экономики: Материалы международной научно-практической конференци. –Душанбе, Таджикистан, 10 февраля 2023 года. –Душанбе: Таджикский национальный университет, 2023.– С. 192-200.–EDN IMDYTM.

8. Концепция формирования электронного Правительства в Республике Таджикистан (2012-2020)». (30 декабря 2011 г. № 6431).

9. Концепция цифровой экономики в Республике Таджикистан. Утверждена постановлением Правительства Республики Таджикистан от 30 декабря 2019 года, №642.

10. Налоговый комитет при Правительстве Республики Таджикистан. Налоги – финансовая система Государства. Налоговые органы в период независимости Республики Таджикистан – Душанбе: 2011./под редакцией Председателя Налогового комитета при Правительстве Республики Таджикистан, Генерального советника налоговых органов Давлатова.Н.М. Составитель П.Юсурпов. - С.130.

11. О Порядке представления налоговой отчетности в электронной форме. Распоряжение Председателя Налогового комитета при Правительстве Республики Таджикистан от «26» января 2013 г. № 2-Ф.

12. Об электронной цифровой подписи. Закон Республики Таджикистан №320 от 30.07.2007 года URL: http://ncz.tj/content/ (Дата обращения 18.11.2020).

13. Постановления Правительства Республики Таджикистан «О Государственной программе развития и внедрения информационно-коммуникационных технологий в Республике Таджикистан на 2014-2017 годы» от 3 июля 2014 года, №428.

14. Постановление Правительства Республики Таджикистан от 30 сентября 2022 года № 483 О Стратегии развития искусственного интеллекта в Республике Таджикистан на период до 2040 года URL: https://-online.zakon.kz/Document/?doc_id=39315014

15. Цепилова Е.С., Горобинская В.И. Институциональный подход к характеристике налоговой политики государства// Экономика. Налоги. Право. 2017.№2.URL: https://cyberleninka.ru/article/n/institutsionalnyy-podhod-k-harak-teristike-nalogovoy-politiki-gosudarstva (дата обращения 19.06.2023.)

16. Central Asian Bureau for Analytical Reporting. Реформа налоговой системы Таджикистана. Электронный ресурс: URL: https://cabar.asia/ru/reforma-nalogovoj-sistemy-tadzhikistana

## МАСЪАЛАҲОИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ МАЪМУРИКУНОНИИ АНДОЗ ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИСОЗӢ

**ДАДОМАТОВ ДАЛЕРҶОН НИШОНБОЕВИЧ,**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирии
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, кӯч. Хебитат, хонаи 5;
тел: (+992) 92-856-66-65; e-mail: dalerdn@mail.ru

**КАСИРОВА ФАРАНГИС ҶУНАЙДУЛЛОЕВНА,**
муаллими калони кафедраи андоз ва андозбандии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17;
тел.: 992-917-37-42-24; kasirova89@bk.ru

*Дар мақола масъалаҳои идоракунии андоз дар шароити рақамисозӣ баррасӣ шудаанд. Қобили зикр аст, ки яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳдорӣ, таҳлил ва истифодаи оқилонаи маълумот дар бораи андозсупорандагон, инчунин амалиёте, ки*

*нисбат ба онҳо аз ҷониби мақомоти дахлдор амалӣ карда мешавад, мебошад. Вобаста ба ин, зарурати навсозии назорати андоз тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ дар фаъолияти мақомоти андоз ба миён омадааст. Базаи иттилоотии мақомоти андоз ҳамарӯза бо ворид намудани тағйиру тавзеҳот нав карда мешавад. Ба шарофати рӯзафзуни ҳаҷми иттилоот ва усулҳои нигоҳдории маълумот, инчунин истифода ва дастрасии иттилооти зарурӣ мунтазам такмил додани низоми андозбандӣ зарур аст.*

***Калидвожаҳо:*** *рақамикунонӣ, андоз, маъмурикунонии андоз, назорати андоз, муносибати институтсионалӣ, масъалаҳои институтсионалӣ, хизматрасониҳои электронӣ, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, иқтисодиёти рақамӣ, фарҳанги андозӣ, менталитети андоз.*

## INSTITUTIONAL ISSUES OF TAX ADMINISTRATION IN THE CONDITIONS OF DIGITIZATION

**DADOMATOV DALERJON NISHONBOEVICH,**
Doctor of economic sciences, associate professor, head of the accounting department of the Tajik State University of Law, Business and Politics
Tajikistan, Khujand city, Hebitat str., house 5;
tel: (+992) 92-856-66-65; e-mail: dalerdn@mail.ru

**KASIROVA FARANGIS JUNAYDULLOEVNA,**
senior lecturer of the Department of Taxes and Taxation, Tajik National University
734025, Tajikistan, Dushanbe sity, Rudaki ave. 17;
tel.: 992-917-37-42-24; e-mail: kasirova89@bk.ru

*The article discusses issues of tax administration in the context of digitalization. It is worth noting that one of the priorities of the Government of the Republic of Tajikistan is the rational storage, analysis and use of information about taxpayers, as well as operations carried out in relation to them by the relevant authorities. In this regard, there is a need to modernize tax control by introducing innovative technologies into the activities of tax authorities. The information base of tax authorities is updated every day with amendments and clarifications. Due to the ever-increasing volume of information and methods of storing data, as well as the use and access to demanded information, constant improvement of the tax system is required.*

**Keywords:** *Digitalization, tax, tax administration, tax control, institutional approach, institutional issues, electronic services, information and communication technologies, digital economy, tax culture, tax mentality.*

УДК: 336.22

# ҶАБҲАҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ АНДОЗБАНДИИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ

**ҲУСЕЙНОВ УМАРҶОН САИДАКБАРОВИЧ,**
ассистенти кафедраи менеҷменти Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33;
тел: (+992) 988-83-10-74; e-mail: umarjonhuseynov96@mail.ru

*Андоз ва андозбандӣ чун соҳаи фаъолият ва ҳамчун илм таърихи тулонии худро дорад, ки солҳои охир барои рушди ин соҳа ва боз ҳам содаву одӣ гардонидани ин соҳаи муҳим муҳаққиқон тамоми кӯшишҳои худро равона кардаанд. Барои дарк кардани вазъи муосир ва дурнамои рушди соҳаҳаои фаъолияти инсонӣ, аз ҷумла андозбандии соҳибкории истеҳсолӣ, таърихи ташаккул ва рушди он зарур аст.*

*Мақолаи мазкур ба омӯзиши ҷанбаҳои таърихӣ ва илмии ташакул ва рушди андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ бахшида шудааст. Муаллиф қайд кардааст, ки барқарорсозии низоми миллии андоз яке аз вазифаҳои муҳими иқтисодиёти давраи гузариш мебошад, лекин ҳалли он аз ташаккули соҳаҳои гуногуни давлатдории мустақил ва интихоби модели рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар вобастагӣ дорад. Бинобар ин, масъалаҳои гуногун дар шароити мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ ва надоштани таҷриба ба амал омада, ҳалли худро пайдо мекарданд. Дар мақола имкониятҳо, усулҳо ва монеаҳои дар бобати ташакукулёбии рушди соҳибкории истеҳсолӣ мавриди таҳқиқ ва арзёбӣ қарор гирифтааст.*

***Калидвожаҳо:*** *андоз, соҳибкорӣ, соҳибкории истеҳсолӣ, андозбандӣ, соҳибкории хуруду миёна, пул, буҷет, молия,бозор, мол, хизматрасонӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, тамға.*

Замони муосир бо чунин хусусиятҳое фарқ мекунад, ки дар он мақоми махсусро ислоҳоти куллии низоми андозбандӣ ишғол менамояд. Ҳамзамон, дар шароити ҳозира ҳамин гуна майле дар раванди иҷтимоию иқтисодӣ ба амал омада истодааст, ки дар он муттаҳидшавии таъсис ёфтани бозори умумии молу хизматҳо дар партави ҷаҳонишавӣ баръало маълум гардида истодааст. Дар ин раванд низоми андоз ҳамчун яке аз воситаҳо ва фишанги ҳифз намудани истеҳсолкунандагони ватанӣ ва роҳи ҳифзи худшиносии миллӣ баромад мекунад.

Назария ва методологияи андозбандӣ ва таъсири он ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ аз давраҳои қадим мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, дар

низоми молияи давлатии Темуриён андоз аз замин ба тариқи мол одатан сеяки ҳосилро ташкил мекард, ё аз рӯйи масоҳати замин ба тариқи пул ситонида мешуд. Замин дар он вақт ҳамҷун воситаи асосии пешбурди фаъолияти иқтисодӣ, алалхусус дар бахши кишоварзӣ, ҳисобида мешуд. Қайд кардан бамаврид аст, ки аз хироҷи замин бисёр андозҳои дигари иловагӣ бо шаклҳои гуногун ситонида мешуданд. Хусусияти ин давра аз он иборат буд, ки барои пурра кардани хазинаи молиявии давлат аз ҳар гуна навъҳои иловагӣ истифода бурда мешуд. Масалан, барои дарахтони ҳосилдори мевадиҳанда андози “сардарахтон”, “андози сарикасӣ”, “дудӣ”, «бегорӣ» ва ғайра муқаррар гардида, барои ситонидани андоз таъйинот доштанд.

Аз нигоҳи урбанизатсия амалияе ҷорӣ шуда буд, ки дар шаҳрҳо андозҳои сирф шаҳрӣ мавҷуд буд. Дар ин раванд ба тарзи ҳисоби андоз таваҷҷуҳи махсус дода мешуд, аз ҷумла аз 1/10 ҳиссаи гардиши мол ҳамчун маблағи андоз пардохт карда мешуд. Ҳамзамон, дар ин самт ҳокимон бо таври расмии худ аз шаҳриён андози иловагӣ меситониданд.

Аз рӯйи хусусиятҳои соҳавӣ дар ҳамон давраҳо андоз барои соҳаи тиҷорат ва ҳунармандӣ бо номи “тамға” истифода бурда мешуд, ки ин ҳамчун воситаи назорат аз рӯйи соҳибкории ҳамон давр ҳисобида мешуд.

Аз ин ҷо чунин бар меояд, ки дар давраи дигаргуниҳои амиқ ва динамикии якҷояшавӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тамоми доираҳои рушди ҷомеа робитаи зич ва омили таъсиррасон баромад мекунанд, ки ин масъала аз назари мо, омӯзиш ва таҳқиқи ҷабҳаҳои назариявию методологии андозбандии фаъолияти субъектҳои гуногуни иқтисодиётро дар робитаи зич бо соҳаҳои гуногуни рушди ҷомеа хеле муҳим гардонидааст. Аз ҷумла, соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва умумиҷамъиятӣ заруратеро ба миён овардаанд, ки хусусиятҳои ташаккул ёфтани низоми андозбандӣ аҳаммияти махсус пайдо карда, омӯзиши ин масъалаҳо ҳамчун шарти муҳимми рушди ҷомеа баромад мекунад. Ҳамин аст, ки имрӯзҳо тағйироти муносибатҳои ҳуқуқӣ ва буҷетӣ байни сатҳҳои гуногуни ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия, раванди ҳамгироии иқтисоди Тоҷикистон ба иқтисоди ҷаҳонӣ, сиёсати мувофиқро дар бунёд намудани андозбандии самаранок, одилона ва устуворро ба миён овардааст.

Тибқи ақидаи мутахасисон дар ин раванд барои дар сатҳи баланд ба роҳ мондани масъалагузорӣ ва амалигардонии низоми андозбандӣ, дигаргуниҳои таҷрибавӣ бармеояд. Дар робита ба ин, тавре аз таҷрибаи мамлакатҳои дорои иқтисодиёти бозаргонии тараққикарда, инчунин, баъзе мамлакатҳои Аврупои Шарқӣ, ки иқтисодиёташон дар давраи гузариш мебошанд, бармеояд, ки “инкишофи соҳаи соҳибкории хурд ба вусъати як қатор вазифаҳое мусоидат мекунад, ки барои тараққиёти прогрессивии иҷтимоию иқтисодӣ аҳаммияти калон доранд. Аз ҷумла, аз ҳисоби хусусигардонӣ, ташаккули сохтори бозории

иқтисод ва муҳити рақобат, пур кардани бозори мол ва хизматрасонӣ, шуғли аҳолӣ ва худмашғулшавии аҳолӣ, рушди иқтисодӣ, ташаккули синфи миёна, таҳкими маърифати тиҷоратӣ, аз ҷумла, интизоми андоз ба шумор мераванд” [6, с.24].

Барқарорсозии низоми миллии андоз яке аз вазифаҳои муҳимми иқтисодиёти давраи гузариш мебошад, лекин ҳалли он аз ташаккули соҳаҳои гуногуни давлатдории мустақил ва интихоби модели рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар вобастагӣ дорад. Бинобар ин, масъалаҳои гуногун дар шароити мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ ва надоштани таҷриба ба амал омада, ҳалли худро пайдо мекарданд. Аз солҳои 90-уми асри гузашта шаклҳои асосии сохтори ояндаи давлатдорӣ, модели рушди иқтисод ва низоми миллии андоз ба амал омад. Вобаста аз ташаккул ёфтани модели рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, роҳҳои мувофиқ ва мусоид интихоб гардида, ҳадафҳо ва вазифаҳои ислоҳоти иқтисодӣ вобаста аз механизмҳои нави идоракунӣ мавриди ҳаллу фасл қарор гирифтанд. Дар ин гуна шароит низоми андозии миллии мо бояд ба усулу тарзҳои андозбандии давлатҳои пешрафта ва собиқаи зиёди иқтисоди бозорӣ мутобиқ бошад. Айни замон, анъанаҳои миллию таърихии тайи асрҳо андӯхтаи андозбандӣ дар таҳия ва баррасӣ намудани заминаҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва омӯзиши масъалаи мазкур мавриди баҳсу мунозираҳо дар байни коршиносон ва олимони соҳа гардид. Чунки тибқи ақидаи мутахассисон, бидуни омӯзиши ин масъала устувории молиявии давлати соҳибистиқлол ғайриимкон мебошад. Масалан, тибқи ақидаи муҳаққиқ Т.Ф.Юткина: “Методологияи андозбандӣ соҳаи камтар таҳқиқшудаи муносибатҳои андоз дар Русия мебошад. Кӯшишҳои иқтисодшиносони академӣ одатан ба ҳалли мушкилоти татбиқшавандаи андоз нигаронида шудаанд. Дар баробари ин, баъзан фаромӯш мешавад, ки бидуни омӯзиши методологияи андозбандӣ муваффақияти ислоҳоти андоз ғайриимкон аст” [7, 11].

Ҳамин тариқ, методологияи андозбандӣ барои тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ муайянкунанда баромад мекунад. Масалан, тиҷорати хурд бояд, пеш аз ҳама, дар робитаи зич ба низомсозии таҷрибаи таърихии татбиқи шаклҳои гуногуни андоз асос ёбад. Бо дарназардошти истифодаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалии андоз, имкониятҳое ба амал меоянд, ки онҳо ҳамчун заминаи ташаккулёбии муносибатҳои андозбандӣ баромад мекунанд (ниг. ба расми 1).




**Расми 1.** - Заминаи ташаккулёбии назария ва методологияи муносибатҳои андозбандӣ. Таҳияи муаллиф.

Аз расми 1 бармеояд, ки ташаккулёбии назария ва методологияи муносибатҳои андозбандӣ барои тамоми соҳаҳо муҳим буда, дар байни онҳо фаъолияти соҳибкорӣ мақоми хосса дорад. Дар ин асос чорабиниҳои ташкилию ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва вобаста ба ин таъсис ёфтани назария ва амалияи андоз воситаи муҳимми ташаккул ёфтани манбаи андозбандӣ баромад мекунад. Аз назари мо, маҳз дар ҳамин замина муқаррароти вобастагии аломати натиҷавӣ ва омилҳои таъсиррасон барои тамоми соҳаҳо, аз ҷумла фаъолияти соҳибкорӣ, ҳамчун объекти омӯзиш аҳаммияти амалӣ дорад.

Ҳамин тариқ, ташкили ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии андозбандии соҳибкории истеҳсолӣ асосноккунии назариявӣ, илмӣ ва амалии онро ба миён оварда, дар асоси фарзияҳо оид ба омузиши андоз ҳамчун категорияи объективии иқтисодӣ дар низоми иқтисодӣ ҳамчун фишанги идоракунӣ баҳисоб мераванд. Чунки омӯзиши методологии низоми андозбандии сохибкории хурд аз назари мо, бо назардошти маҷмуи муқаррароти қонунҳои иқтисодӣ амалӣ гардонида мешаванд.

Хусусияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он бармеояд, ки имкониятҳои зиёди мавриди истифода қарор додани саноати коркардро дар бар мегирад. Аз ин ҳисоб, бо ташаббуси дастгирии давлат зарурате ба миён оварда шудааст, ки бо кӯшишҳои муташаккилона корҳоро дар самти тақвият бахшидани корхонаҳои

саноатии ватанӣ дар робита бо технологияи муосир инфрасохтори замонавиро таъмин намоянд. Масалан, “таъсис додани 30 парки технологӣ ва минтақаи саноатӣ дар шаҳру ноҳияҳои дурдасти мамлакат” [1,с.5] аз қабили чорабиниҳое ба шумор меравад, ки онҳо аз ҳисоби баланд бардоштани идоракунии давлатӣ ва дар ҳамкорӣ бо соҳибкорон шароитҳои мусоидро барои вусъат бахшидани иқтисоди миллӣ таъмин мегардонанд. Аз ҷумла дар доираи сиёсати давлатӣ “бунёди корхонаҳои саноати коркард, аз ҷумла дар шаҳри Душанбе аз оғози соли 2023 марҳала ба марҳала сохта, ба истифода додани чаҳор корхонаи то истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ коркард кардани филизоти қиматбаҳо” [1,6] муайян гардидааст, ки ҳамаи ин зарурати аз ҷиҳати методология ва назарияи пешбурди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ ва дар ин замина васеъ намудани зарфияти истеҳсолию хизматрасонӣ ва мувофиқан афзун гардидани манбаъҳои андозӣ ба миён меоварад.

Бояд қайд кард, ки механизми таъсиррасонӣ вобаста аз шароит ва муҳити амалӣ гардидани амалиёти иқтисодию молиявӣ дар доираи фаолияти мақомоти идоракунии субъектҳои иқтисодӣ алоқамандии зич дорад. Бинобар ин, ба эътибор гирифтани усулҳо ва омӯзиши онҳо дар робита ба идоракунии соҳибкории истеҳсолӣ хеле муҳим мебошад. Усулҳои таъсиррасонӣ ба фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ тавассути мақомоти маъмурӣ амалӣ мегардад, аз ҷумла бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, литсензиякунонӣ, андозбандӣ ва ғайра. Дар ин самт, аз назари мо, ташаккул додани заминаҳои меъёрии ҳуқуқии танзими хуқуқии фаъолияти соҳибкории истеҳсолиро аз нигоҳи воситаҳои танзими маъмурӣ ва иқтисодӣ шарҳ додан мумкин аст.

Воситаҳои маъмурии танзими фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши рушди истеҳсолот гуногун мебошанд. Механизми идоракунии давлатӣ дар ин самт, тавассути вазифагузории назди мақомоти иҷроияи худ фаъолияти соҳибкории истеҳсолиро дар ин ё он самт равон месозад, ки дар ин замина, ҳамоҳангии манфиатҳо дар доираи ҳадафҳои ҷорӣ ва стратегӣ хеле таъсирбахш баромад мекунанд. Раванди ин фаъолият расмиётро дар назар дошта, амалиёти вобаста ба рушди истеҳсолот нигаронидашуда ба қайд гирифта шуда, зери назорат ва танзими фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ мегардад.

Дар ин раванд воситаҳои иқтисодии танзими фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ низ гуногунҷабҳа буда, вобаста ба хусусиятҳои соҳавӣ имкониятҳои зиёди дарёфт намудани захираҳои иловагӣ дар самти баланд бардоштани иқтисодиёти миллӣ мақоми хосса дорад. Назария ва амалияи илми иқтисодӣ то ба имрӯз аз нигоҳи ташаккул ёфтани фарзияҳо ва консепсияҳои рушди иқтисодӣ бо мақсади ба роҳ мондани танзими иқтисодӣ, аз ҷумла, фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ чунин воситаҳои муҳимми идоракунӣ ва арзёбии фаъолияти субъектҳои иқтисодиро муайян кардааст, ки аз назари мо, дар

робита ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ истифода бурдани онҳо муфид мебошад (ниг. ба расми 2).




**Расми 2. Механизми рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва усулҳои муфидгардонии он.**

Ҳамин тавр, аз рӯйи мазмун ва мундариҷаи расми 2 бармеояд, ки рушди соҳибкории истеҳсолӣ вобаста аз хусусиятҳои амалӣ гардидан аз истифодабарии усулҳои батанзимдарорӣ, таҳлил ва назорат пайдарпайӣ ва робитаи зич ҷой дорад. Яъне ташаккул ёфтани рушди соҳибкории истеҳсолӣ аз иқтидори заминаи андозбандӣ ва усулҳои омӯзиши он вобаста аст. Акнун ин усулҳоро шарҳу тавзеҳ медиҳем.

Дурнамосозӣ дар самти рушди соҳибкории истеҳсолӣ имкониятҳоеро фароҳам меорад, ки барои тақвият ёфтани он захираҳои зеҳнӣ васеъ истифода бурда мешавад. Яъне усули мазкур дар доираи фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ воситаи рушдро аз ҳисоби маҷмуи ақида ва тасаввуроти олимон ва коршиносон бо мақсади кашф намудани қонунҳои низоми бозорӣ дар шарои номуайянӣ ва таҳдидҳои буҳронӣ таъмин мегардонад.

Раванди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ тақозои онро дорад, ки аз рӯйи ҳадаф ва вазифаҳои мушаххас кор ва фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ба роҳ монда шавад. Ҷиҳати тавсифие, ки аз назари мо дар ин самт муҳим мебошад, аз он иборат аст, ки дар доираи ҳамкориҳои ниҳодҳои давлатӣ ва хусусӣ механизми самараноки соҳибкории истеҳсолӣ амалӣ гардонида шавад. Дар ин самт банақшагирии фаъолияти корӣ ҳамчун шароити ҳамоҳангсози рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ баромад мекунад.

Авҷ гирифтани инфрасохтори истеҳсолию хизматрасонӣ шароити муҳимми васеъ гардидани заминаи андозбандӣ ва устувор гардидани молияи давлатӣ буда, соҳибкорӣ дар ин самт муҳаррики асосӣ ба шумор меравад. Дар навбати худ, рушди фаъолияти соҳибкорӣ аз реҷаи андозбандӣ вобастагии зич дорад.

Усулҳои мазкур имкониятҳои зиёди таҳқиқ ва дар амал татбиқ намудани чорабиниҳои давлатӣ мебошанд, ки дар баробари рушд ёфтани соҳибкории истеҳсолӣ имкониятҳоеро фароҳам меоваранд, ки хароҷоти маъмурии дар доираи механизми андоз баамаломадаро муфид мегардонад. Алалхусус, дар робита ба муфидгардонии истифода бурдани имтиёзҳо ва сабукиҳои андозию гумрукӣ, ки дар амалия онҳо серхарҷ буда, раванди кори хизматрасониҳои соҳибкориро мураккаб мегардонанд. Бинобар ин, ҳангоми баррасии масъалаҳои назариявӣ ва методологии рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ зарурате дар пеш меистад, ки ҳалли ин муаммоҳо дар робита ба низоми молиявию буҷетӣ мавриди таҳқиқ ва арзёбӣ қарор дода шавад. Пеш аз ҳама, категорияи андоз ва робитаи он бо дигар пардохтҳо ва хусусиятҳои он бояд ба таври тафриқавӣ мавриди истифодабарӣ қарор гиранд, ки аз назари мо, чунин мавқеъ дар баробари рушд додани фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ аз ҳисоби муфид гардидани хароҷоти андозӣ, татбиқи бaромаҳои давлатӣ ва “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” амалӣ гардонида мешавад. Чунки мафҳуми андоз аз нигоҳи назария ва методология, ибораи алоқамандии низоми муносибатҳои андозии байни субъектҳои андоз ва мақомоти давлатӣ буда, баъди аз нав тақсим кардани захираҳои молиявӣ ҳамчун фишанги таъсиррасон дар афзоиши молу хизматрасониҳо ва заминаи андозбандӣ баромад мекунад. Чӣ тавре ки дар “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” қайд гардидааст: “Нокифоя будани шароит барои фазои соҳибкорӣ, ки дар танзими барзиёд ва ғайрисамаранок, коррупсия, сарбории аз ҳад зиёди андозӣ ва душвориҳои маъмурикунонии андоз, сатҳи баланди монополизатсия, муҳофизати заифи ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ҳуқуқҳои соҳибкорон ифода меёбад» [3, с.28]. Яъне аз ин ҷо чунин бар меояд, ки дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои ҷамъиятии андозбандӣ тавассути сиёсати андози давлат дар асоси санадҳои стратегии давлатӣ ба роҳ монда мешавад. Ҳамин тариқ, маълум мегардад, ки дар ҳақиқат, омӯзиши соҳибкории истеҳсолӣ ва алоқамандии он бо низоми андозбандӣ асоси воқеӣ дошта, воситаи муҳимми истифодабарии фишанги идоракунӣ дар баланд бардоштани сатҳи соҳибкории истеҳсолӣ мебошад. Яъне дар заминаи асоснокгардонии амалияи андозбандӣ дар соҳаҳои соҳибкории истеҳсолӣ модели консептуалии назарияи андоз ҷой дорад. Дар ин самт ҳам коркарди умумӣ ва ҳам назарияҳои инфиродии масъалаи мазкур аз рафти омӯзиши соҳа бармеояд. Аз назари мо, чунин нуқтаҳои назари консептуалие, ки асоси назария ва методологияи рушди соҳибкории истеҳсолиро мегирад ба намуди зерин пешниҳод менамоем (ниг. ба расми 3).




**Расми 3.–Асосҳои консептуалии ташаккули моделҳои низоми андозбандӣ ва таъсири он ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ. Таҳияи муаллиф.**

Тавре аз расми 3 бармеояд, таркиби асосҳои консептуалӣ дар ташаккул ёфтани моделҳои низоми андозбандӣ аз инъикос намудани ҷиҳатҳои умумӣ ва инфиродӣ иборат мебошад. Аз назари мо, ба эътибор гирифтани чунин модели консептуалӣ ва дар алоқамандӣ истифода бурдани онҳо барои шарҳи мақом, аҳаммият ва вазифаҳои андоз дар пешбурди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ ва иқтисоди миллӣ хеле ҳалкунанда мебошад. Дар таҳқиқ ва муайян кардани заминаҳои эволютсионии назарияҳои андозбандӣ мавқеи намояндагони мактабҳои иқтисодии А.Смит, Д.Рикардо, К.Маркс, Ҷ.М.Кейнс, Ҷ.Милл, М. Фридман, А.Лаффер ва дигарон саҳми худро гузоштаанд, ки аз назари мо, истифода бурдани онҳо дар замони муосир аҳаммияти калон доранд.

Ҳамин тариқ, ақидаҳои дар боло қайдгардида аз нигоҳи зарурати мақоми андозбандӣ дар рушди иқтисоди миллӣ, аз ҷумла соҳибкории истеҳсолӣ, хеле бамаврид ва муфид буда, омӯзиши хусусияти таъсиррасонӣ вобаста ба шароитҳои ҷойдошта имкон медиҳад, ки дар низоми андозбандии миллӣ механизмҳоеро сафарбар намоем, ки онҳо фаъолияти соҳибкориро дар пешбурди иқтисодиёти миллии ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он таъмин намояд.

## АДАБИЁТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». –Душанбе, 23.12.2022.–С.5, С.6.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ” аз 02.01.20 с., -№1684.-7с.-С.1.

3. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. - Душанбе, 2016. –С.28.

4. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар мулоқот бо кормандони соҳаи саноати кишвар аз 21.01.2020.- С.3.

5. Қарори № 36 Шурои Вазирони РСС Тоҷикистон аз 28 феврали соли 1990.

6. Малис Н.И. Налогообложение субъектов малого предпринимательства / Н.И. Малис, О.О. Юшкова //Аудит и финансовый анализ. - 2002. - №1. - С. 24.

7. Юткина Т.Ф. Налоги и налогообложение: учебник / Т.Ф. Юткина. - М.: ИНФРА - М, 2002. - С. 11 (429с).

8. Врублевский О.В. Налоги и налогообложение / О.В. Врублевский, М.В. Романовский. - СПб.: Питер, 2002. – С. 16. (576с).

9. Сабуров Ш.А. Асосҳои ташкилдиҳии фаъолияти соҳибкорӣ, Душанбе, 2011.

10.Дыльнова З.М. Предпринимательство: экономический и социологический взгляд на проблему / З.М. Дыльнова // Вестник РУДН. Серия Социология. Саратов, Россия, 2006. - №1(9). - С. 84.

11.Шкурат М.В. Классическая политическая экономия о роли предпринимательского сектора в экономике / М.В. Шкурат // Бизнес в законе.- Северо-Кавказский федеральный университет, 2014. – С.102.

12.Иброхимов И.Р. Пути совершенствования налогово-бюджетной политики Таджикистана. Монография / И.Р. Иброҳимов.-Душанбе. – Ирфон, 2004. – 51с.

13.Ҳабибов С.Ҳ., Ҷамшедов М. Иқтисоди корона (ташкилот)-мои истесал. Қисми 1 (китоби дарсӣ) / С.Ҳ. Ҳабибов, М. Ҷамшедов. –Душанбе: Ирфон, 2014. – С.123.

14.Саидмуродов Дж.Л. Внешняя трудовая миграция в условиях трудоизбыточного региона: автореферат на соис. канд. экон. наук / Дж.Л. Саидмуродов. - Душанбе, 2013. - 25 с. - С. 8.

## ТЕОРЕТИКО-МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ НАЛОГООБЛОЖЕНИЯ ПРОИЗВОДСТВЕННО-ХОЗЯЙСТВЕННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

**ХУСЕЙНОВ УМАРДЖОН САИДАКБАРОВИЧ,**
ассистент кафедры менеджмента Академии государственного
управления при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саида Носир 33;
тел: (+ 992) 988-83-10-74; e-mail: umarjonhuseynov96@mail.ru

*Для понимания современного состояния и перспектив развития человеческой деятельности, в том числе налогообложения промышленного предпринимательства, необходимо знание истории его становления и развития. Налогообложение как сфера деятельности и как наука имеет давнюю историю, и в последние годы исследователи направляют все свои усилия на развитие этой сферы и ее упрощение.*

*Данная статья посвящена изучению историко-научных аспектов становления и развития налогообложения промышленно-хозяйственной деятельности. Автор отметил, что восстановление национальной налоговой системы является одной из важных задач переходной экономики. Однако ее решение зависит от формирования различных направлений самостоятельной государственности и выбора модели социально-экономического развития страны. В связи с этим возникали и находили решение различные вопросы в сложных социально-экономических условиях и отсутствии опыта.*

*В статье рассматриваются возможности, методы и препятствия, связанные с организацией развития промышленного предпринимательства.*

***Ключевые слова:*** *налог, предпринимательство, производственное предпринимательство, налогообложение, малое и среднее предпринимательство, деньги, бюджет, финансы, рынок, товары, услуги, экономическое, социальное, бренд.*

## THEORETICAL-METHODOLOGICAL ASPECTS OF TAXATION OF PRODUCTION BUSINESS ACTIVITY

**HUSEYNOV UMARJON SAIDAKBAROVICH,**
assistant of the department of management of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan
73405, Tajikistan, Dushanbe city, Said Nosir str. 33;
tel:(+ 992) 988-83-10-74; e-mail: umarjonhuseynov96@mail.ru

*To understand the current state and prospects for the development of human activity, including the taxation of industrial entrepreneurship, the history of its formation and development is necessary. Taxation as a field of activity and as a science has a long history, and in recent years, researchers have directed all their efforts to the development of this area and its simplification.*

*This article is devoted to the study of historical and scientific aspects of the formation and development of taxation of industrial and economic activities. The author noted that the restoration of the national tax system is one of the important tasks of the transition economy. However, its solution depends on the formation of various areas of independent statehood and the choice of a model for the socio-economic development of the country. In this regard, various issues arose and found solutions in difficult socio-economic conditions and lack of experience.*

*The article discusses the opportunities, methods and obstacles associated with organizing the development of industrial entrepreneurship.*

***Keywords:*** *tax, entrepreneurship, industrial entrepreneurship, taxation, small and medium-sized businesses, money, budget, finance, market, goods, services, economic, social, brand.*

УДК: 332.135

# РОҲҲОИ МУКАММАЛГАРДОНИИ АНДОЗБАНДИИ МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ЭРАҶИ ДИЛНАВОЗ,**
ассистенти кафедраи фаъолияти гумрукии факултаи молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, ш.Душанбе, маҳаллаи Буниҳисорак, бинои таълимии №8; тел: (+992) 919-56-56-65; e-mail: erajjon_11@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи роҳҳои мукаммалгардонии андозбандии минтақаҳои озоди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон меравад. Дар айни ҳол, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари эълон намудани ҳадафи 4-уми миллӣ–"Саноаткунонии босуръати кишвар" дар самти рушд ва мукаммал намудани минтақаҳои озоди иқтисодӣ аҳаммияти ҷиддӣ медиҳад, чунки минтақаҳои озоди иқтисодӣ яке аз самтҳои муҳимме дар иқтисодиёти мамлакат ба ҳисоб меравад, ки барои зудтар расидан ба ҳадафи чоруми миллӣ имконоти васеъ медиҳад. Дар рафти таҳқиқот маълум гардид, ки барои ташкили минтақаи самарабахши дорои низоми махсуси иқтисодӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон риояи принсипҳои гуногуни дар амалияи ҷаҳонӣ таҳияшуда зарур мебошад. Албатта, фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар натанҳо барои рушди саноат имкон медиҳад, балки дар баробари васеъ шудани фаъолияти онҳо пардохтҳои андозиву гумрукии онҳо низ зиёд мешаванд. Аз ин рӯ, мукаммал ва рушд додани фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ барои иқтисодиёти мамлакат зарур арзёбӣ мегардад.*

***Калидвожаҳо:*** *минтақаҳои озоди иқтисодӣ, мукаммалнамоӣ, рушди инфрасохтор, рақобатнокӣ, саноаткунонии босуръати кишвар, имтиёзҳо, андозбандӣ, имтиёзҳои гумрукӣ, шуғли аҳолӣ, содирот, воридот.*

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар рушди бисёр кишварҳои мутараққӣ ва рӯ ба инкишоф нақши муҳимро бозиданд, аммо бо дарназардошти марҳалаи кунунии рушди Тоҷикистон таҷрибаи кишварҳои ба истилоҳ нави саноатӣ ҷолибтарин ба назар мерасад.

Мукаммалгардонии ин навъи фаъолият *(яъне таъсисдиҳии минтақаи озоди иқтисодӣ, МОИ)* дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дар оянда самараи хубро нишон диҳад. Зеро яке аз самтҳое, ки дар "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" дарҷ гардидааст ва ҳамчун ҳадаф дар назди давлати мо ба ҳисоб меравад, ин рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ мебошад.

Барои татбиқи нақшаҳои ворид шудан ба бозори ҷаҳонӣ, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва афзалиятҳои истеҳсолӣ, инчунин, густариши муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии байналмилалӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки бо шарикони анъанавии наздик–Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Мардумии Чин ҳамкориҳои васеъмиқёсро ба роҳ монад. Мо метавонем бо ин давлатҳо минтақаи муштараки иқтисодӣ бунёд намоем. Ба роҳ мондани чунин минтақаҳо имкони зиёд барои пешбурди иқтисодиёти худ хоҳад дошт. Дар баробари бунёд намудани ин гуна минтақаҳо мо метавонем:

- ❖ таҷрибаи хориҷии танзим ва идоранамоии минтақаҳоро азхуд намоем;
- ❖ молу маҳсулоти ватаниро бе мамоният ба содирот равон кунем;
- ❖ истеҳсолоти молҳои воридотивазкунандаро зиёд кунем;
- ❖ техника ва технологияи муосирро ҷалб намуда, тарзи истифодаи онро омӯзем;
- ❖ ба ҳадафи чоруми миллӣ, яъне “Саноаткунонии босурати кишвар” зудтар расем.

Албатта, бе сармоягузорӣ ва дастгирии Ҳукумати мамлакат расидан ба ин мақсадҳо душвор аст.

Сармоягузорӣ яке аз маҳаки асосии тезонидани тамоми навъҳои фаъолият ба ҳисоб меравад [1, 112].

Рушди фаъоли ҳамкориҳои иқтисодии минтақавӣ, равобити тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин суръати баланди афзоиши гардиши молро муайян мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаббусҳои таҳия ва пешбурди ҳаракати нақлиётиро амалӣ менамояд, имкон медиҳад, ки ҳаракати молҳои транзитӣ дар самтҳои зерин аз Чин ба Федератсияи Русия ва минбаъд ба Аврупо, аз Хоргос то бандари Актау, сипас қад-қади баҳри Хазар ба Озарбойҷон тавассути Гурҷистон, Туркия ва минбаъд ба Аврупо, ба Эрон, мамлакатхои Шарқи Наздик, Ҳиндустон ва Покистон, дар самти Шимолу Ҷануб тавассути қаламрави Русия, Қазокистон, Туркманистон ва давлатхои халиҷи Форс равона созад.

Амалияи чандинасраи сохтани системаҳои андозбандӣ дар кишварҳои дорои иқтисоди бозории рушдёфта, нишондиҳандаҳои муайянеро таҳия кардааст, ки берун аз он фаъолияти самарабахши соҳибкорӣ ғайриимкон аст [9, с. 300]. Чунин суханҳо ба Т.С. Раҷабов рост омада, моҳияти минтақаҳои озоди иқтисодиро таҷассум менамояд, чунки минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳудуди муайян барои фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳисоб меравaнд.

Яке аз падидаҳое, ки дар ҳамгироии давлатҳо саҳми арзанда мегузорад, минтақаҳои озоди иқтисодӣ мебошанд [4, 220]. Агар ба таърихи тараққиёт ва пешрафти давлатҳои ҷаҳон тавассути ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ назар андозем, маълум мегардад, ки бо истифода аз тарзу усулҳои гуногун ва дурустии пешбурди фаъолияти чунин минтақаҳо онҳо истеҳсолоти худро

тавассути ҷалби сармоягузории хориҷӣ бо пешниҳоди имтиёзҳо ба субъектони ҷалбшаванда ва фаъолияткунандаи минтақа то ҳадди аъло расонидаанд. Барои мисол мо метавонем таҷрибаи давлатҳоеро, ки бо роҳи таъсиси минтақаҳои озод иқтисодиёти худро то дараҷаи ниҳоӣ бурда, дар истеҳсолоти молу маҳсулот ва хизматрасониҳо ба комёбиҳои баланди истеҳсолию илмӣ ноил гардидаанд, ёдовар шавем.

Дар шароити муосир яке аз роҳҳои муҳимтарини ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон сармоягузорӣ ба шаклҳои гуногуни минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба ҳисоб меравад [13, с. 721].

Боиси қайд аст, ки Ҷумҳурии Мардумии Чин яке аз чунин давлатҳое мебошад, ки тавассути ташкили дурусти минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳам қисми зиёди аҳолии худро бо ҷойи кор таъмин намуда, ҳам ба ин васила истеҳсолотро дар дохили чунин минтақаҳо равнақ дод ва дар натиҷа, он ба рушди иқтисодиёти Чин заминаи асосӣ гузошт. Бартариҳоро ба баъзе музофотҳои дохилӣ дар Чин назар ба дигар маҳалҳо пешрафтро дар дохили минтақа ба вуҷуд оварда, тавонист, ки диққати сармоягузоронро ба давлати худ дучанд ҷалб намояд.

Чунин меҳисобем, ки ташкили чунин минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар кишвари мо қобили дастгирӣ буда, аз манфиатҳои миллӣ ва давлатӣ сарчашма мегирад ва ба омили пешрафти иқтисодӣ ва рушду нумуи кишвар дар солҳои наздик оварда мерасонад.

Чуноне пештар қайд намудем, дастгирӣ ва пешниҳоди имтиёз вобаста ба пешрафти истеҳсолот, чи дар минтақа ва чи дар дохили ҷумҳурӣ, таваҷҷуҳи сармоягузорон ва ширкатҳое, ки дар дохили минтақа фаъолият карданро қарор медиҳанд, ҷалб карда, манфиати миллӣ ва манфиатҳои давлатии мо дучанд зиёд мегарданд.

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар шароити имрӯза қисми ҷудонашавандаи муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ мебошад [10, 38].

Барои ташкили минтақаи самарабахши дорои низоми махсуси иқтисодӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон риояи принсипҳои зерини дар амалияи ҷаҳонӣ таҳияшуда зарур аст:

- даромаднокӣ, фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ;
- рақобатпазирии тиҷорат дар муқоиса бо фаъолияти шабеҳи дигар соҳаҳо бо истифода аз ташкили шаклу усулҳои нав;
- муайян кардани ҳадафҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат;
- ягонагии ташаббуси соҳибкорӣ ва идоракунӣ дар шароити созиш байни субъектҳои хоҷагидорӣ ва манфиатҳои МОИ (мутобиқати сохтори идоракунии МОИ ба шароити иқтисодӣ);

➢ таъмини риояи талаботи қонунгузорӣ, меъёрӣ ва низомӣ, инчунин, шартҳои қарздиҳӣ, боркашонӣ, хизматрасонии гумрукӣ, муомилот бо коғазҳои қиматнок.

Бояд тазаккур дод, ки истифодаи ин принсипҳо барои минтақаҳои мо хеле бамаврид мебошад. Аз ин лиҳоз, пешниҳод менамоем, ки низомномаи минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар, ки тибқи онҳо минтақаҳо фаъолияти худро ба роҳ мемонанд, мавриди назар ва истифодаи ин принсипҳоро баррасӣ намоянд.

Таҷрибаи ҷаҳонии Ҷопон, ИМА, Аврупо, Осиё ва ғайра собит месозад, ки давлат аз ҳисоби воридоти андозӣ вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоиро таъмин менамояд [3, с.73] нишон медиҳад, ки омилҳои зерин ба фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ таъсир мерасонанд:

• суботи сиёсӣ;
• кафолатҳои сармоягузорӣ;
• сифати инфрасохтор;
• дараҷаи кордонии қувваи корӣ;
• содагардонии сохторҳои маъмурӣ.

Мусаллам аст, ки қариб бештари ин омилҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалли худро ёфтаанд, вале мебояд, ки корро дар ин самт аз ин ҳам дида ҷонноктар намоянд, хусусан дар сифати инфрасохтор ва дараҷаи кордонии қувваи корӣ. Зеро аксари таваҷҷуҳи сармоягузорони хориҷӣ ба омилҳои номбурда зоҳир мегардад.

Албатта, ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда бидуни омӯхтани таҷрибаҳои хориҷӣ ва дар амалия татбиқ кардани он имконнопазир ба ҳисоб мераванд. Ягон давлати дунё, чи он тараққикарда бошад ва чи рӯ ба инкишоф, бо кафолат гуфта наметавонад, ки ин ё он шакли минтақаи озоди иқтисодӣ дар он бомуваффақият рушд ва тараққӣ мекунад.

Дар мисоли ин ҳамаи гуфтаҳо, мо метавонем таҷрибаи Британияро, ки аввалин маротиба минтақаҳои соҳибкориро дар худ баъд аз омӯзиши дақиқи олимони худ дар солҳои 70-уми асри бисти милодӣ таҷриба кард, мисол оварем, ки бо сабабҳои гуногун ин навъи минтақаҳо рушд карда натавонистанд. ИМА бошад, таҷрибаи Британияро барои худ таҷриба кард ва дар ин ҷода муваффақ шуд. Дар айни замон, минтақаҳои соҳибкорӣ дар ИМА баъд аз минтақаҳои тиҷоратии хориҷӣ меистад, ки ин навъҳо муваффақтарин дар ҷаҳон эътироф шудаанд.

Мо низ метавонем дар ташаккул додани иқтисодиёти кишварамон чунин таҷрибаҳоро дар амал татбиқ намоем.

Инчунин, бояд ба назар гирифт, ки дар шароити Тоҷикистон ҷалби сармоягузорони хориҷӣ тавассути дурнамои рушди бозори васеи дохилӣ имконпазир аст.

Санадҳои гуногуни қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба таъсиси МОИ амалан як ҳадафҳоро эълон мекунанд:

- ҷалби сармоягузориҳо барои эҷоди иқтидорҳои истеҳсолӣ ва истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир;
- пур кардани бозори дохилӣ бо маҳсулоти воридотивазкунанда;
- таъсиси истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда;
- афзоиши шуғли аҳолӣ;
- ташаккули инфрасохтори рақобатпазири истеҳсолӣ ва соҳибкорӣ.

Албатта, расидан ба ин ҳадафҳо аз тарафи маъмурияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ мебояд ҷиҳати боз ҳам ба роҳ мондани таблиғоти минтақаҳои кишвар ва тайёр намудани китобчаҳои (брошюра) гуногун дар бораи ҳар як минтақаи озоди иқтисодии кишвар (маълумоти пурра доир ба МОИ, шакл, ҳадаф ва ғайра) зиёд карда шавад. Инчунин, иштирок дар конфронсу симпозиюмҳо барои рушди минтақаҳои озод дар давлатҳои хориҷӣ ва муаррифии минтақаҳои кишвар зиёд карда шавад.

Бо дарназардошти зарурати ноил шудан ба ин ҳадафҳо пешниҳод менамоем, ки саъю кӯшиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маъмурияти минтақаҳо ба ҳалли вазифаҳои асосии зерин равона карда шавад:

- рушди шабакаи инфрасохтори муҳандисӣ ва комплексҳои таъмини ҳаёти минтақаи озоди иқтисодӣ ва тамоми қаламрав, аз ҷумла, комплексҳои нақлиётӣ;
- дастгирии давлатии бахшҳо ва объектҳои рушди иқтисодӣ дар минтақаи озоди иқтисодӣ;
- рушди истеҳсолот ва истеҳсолоти ғайрианъанавии рақобатпазир барои минтақа, аз ҷумла, соҳаҳои истеҳсоли воридотивазкунанда;

Ногуфта намонад, ки яке аз роҳҳои мукаммалгардонӣ ва вусъат бахшидани фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ бунёди минтақаҳои логистикӣ дар наздикии ин минтақаҳо мебошад. Аз бунёд гардидани минтақаҳои логистикӣ ташаббусҳо дар ҷалби харидорони молу маҳсулот, ки дар ин минтақаҳо истеҳсол шудаанд, ҳалли худро меёбанд.

Муҳаққиқи тоҷик А.Ф.Исматов меҳисобад, ки "таъмини пурраи саривақтии ҷамъоварии андозҳо бо мақсади ғанӣ гардидани буҷети давлатӣ шарти муҳимми идоракунии низоми андоз ба ҳисоб меравад" [11, 19], ки мо низ ин андешаро дуруст меҳисобем. Ба андешаи мо, ташкили чунин минтақаҳо дар чумҳурӣ имкони минтақаҳои мавҷударо боз ҳам васеъ хоҳад кард. Инчунин, таъсиси ҷойҳои корӣ ва рушди инфрасохторӣ беҳтар ба даст хоҳад расид. Албатта, барои бунёди чунин минтақаҳо бояд низоми муайяни идоракунӣ ва танзими онҳоро ба инобат гирифт ва бо имтиёзҳои гуногун онҳоро ҳавасманд намуд.

Ба андешаи муҳаққиқи дигар Ш.М.Гулов: “Ҳавасмандкуниҳои андозӣ дар фаъолияти субъектони иқтисодӣ нақши калидӣ дорад” [2, 73]. Дар айни замон, минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар дар низоми махсуси андозбандӣ фаъолияти худро ба роҳ монда истодаанд, ки ин далели дастрасӣ доштани минтақаҳо ба ҳавасмандиҳои андозию гумрукӣ шаҳодат медиҳад.

Такмил додани андозбандӣ дар ин минтақаҳо аз тарафи мақомоти андоз ба роҳ монда мешавад. Дар самти андозбандӣ, айни замон, дар минтақаҳои кишвар мушкилоти зиёде ҷой надорад, чунки баъди бақайдгирии субъект дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ вай танҳо андоз аз даромад 12% ва 20% андозӣ иҷтимоиро пардохт мекунаду халос.

Ногуфта намонад, ки минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар барои панҷоҳ сол муайян шудаанд, ки ба субъектон ҳавасмандиҳои андозиву гумрукӣ вобаста аз шакли фаъолияташ дода мешавад. Яъне, агар субъекти минтақа шакли фаъолияташ истеҳсолӣ бошад, он гоҳ аз 15 то 25 ҳавасмандиҳоро (вобаста аз бизнес-нақша) соҳиб хоҳад шуд. Агар шакли фаъолияташ тиҷоратӣ ва ё хизматрасонӣ бошад, он гоҳ субъекти минтақа даҳ сол метавонад дар низоми махсуси андозбандӣ фаъолияти худро ба роҳ монад ва дастрасиро ба ҳамаи ҳавасмандиҳои андозӣ ва гумрукӣ дошта бошад.

Гуфтан бамаврид аст, ки баъди ба анҷом расидани мӯҳлати сертификати додашуда *(аз тарафи маъмурияти минтақа барои фаъолияти субъект дода мешавад)*, субъекти минтақа дигар ҳуқуқи фаъолият карданро дар низоми махсуси андозбандӣ надорад. Ӯ бояд дигар андозҳое, ки тибқи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва татбиқ шудаанд, супорад.

Бо дарназардошти имтиёзҳои мавҷуда ва қонунгузории амалкунандаи соҳавӣ имрӯз дар ҷумҳурии мо панҷ минтақаи озоди иқтисодӣ фаъолият мекунанд, ки онҳоро дар шакли расм нишон медиҳем.




**Расми 1. –Минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон.**
**Сарчашма**: Таҳияи муаллиф.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз доштанд: *«Фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ вобаста ба ҷалби сармоя ва ташкили инфрасохтор бояд тақвият дода шавад. Ҳукумати кишвар бояд мушкилоти ҷойдоштаи минтақаҳои озоди иқтисодиро ҳаматарафа омӯхта, барои тақвият бахшидан ба фаъолияти онҳо ва ташкили дигар МОИ дар ҳудуди мамлакат тадбирҳои иловагиро амалӣ намояд»* [7].

Ногуфта намонад, ки Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахри ташкили минтақаҳои озоди иқтисодии нав ва тавқият бахшидан ба минтақаҳои фаъолияткунанда, бояд дар маркази таваҷҷуҳи масъулони соҳаҳои дахлдор қарор дошта бошад. Ин аст, ки аз панҷ минтақаи озоди иқтисодии ҷумҳурӣ танҳо ду минтақа фаъолияти хубро ба роҳ монда истодаанд ва боқимондаашон суст фаъолият карда истодаанд. Дар аксари минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар, то ин дам бо пуррагӣ инфрасохтор рушд дода нашудааст ва субъектон дар ин минтақаҳо камфаъолиятии худро нишон медиҳанд.

Бо дастгирии бевосита ва пешниҳоди саривақтии Сарвари давлат эълон намудани ҳадафи чоруми миллӣ–“Саноаткунонии босуръати кишвар” дар фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ як такони ҷиддӣ ба ҳисоб меравад.

Саноатикунонӣ дар адабиёти иқтисодӣ раванди босуръати иқтисодию иҷтимоии гузариш аз марҳалаи рушди анъанавӣ ба индустриалӣ буда, бо бартарии истеҳсолоти саноатӣ дар иқтисодиёт устуворӣ нишон медиҳад. Ҳамин аст, ки дар ҷараёни саноатикунонӣ тағйироти назаррас ба миён омада, дар натиҷа, бозори ҷаҳонии маҳсулот ва ҳамаи навъҳои хизматрасониҳо ташаккул ёфта, дар навбати худ, ҳавасмандии сармоягузорӣ ва рушди минбаъдаи иқтисодиёт авҷ мегирад [12, с. 83].

Аз ин лиҳоз, саноаткунонӣ яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад ва дар ин самт минтақаҳои озоди иқтисодӣ саҳми арзанда хоҳанд гузошт.

Дар “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” пешбинӣ шудааст, ки то соли 2030 ҳиссаи саноат дар ММД то ба 22 дарсад расонида мешавад. Ба андешаи мо, босуръат рушд кардани минтақаҳои озоди иқтисодии мамлакат ва фаъолияти босамари онҳо дар рушди соҳаи саноати кишвар далели он аст, ки расидан ба ҳадафи миллӣ самти асосии фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодии мамлакат хоҳад буд.

Саҳми минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар барои расидан ба ҳадафи чоруми миллӣ “Саноаткунонии босуръати кишвар” хеле муҳим арзёбӣ мегардад ва дар ҷадвали 1 онро бо таври мухтасар хоҳем нишон дод.

**Ҷадвали 1.**

**Динамикаи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар солҳои 2011 – 2022 (ҳаз. сомонӣ)**




*Сарчашма; Таҳияи муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

Аз маълумоти ҷадвали 1 бармеояд, ки истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар Минтақаи озоди иқтисодии “Суғд” хеле хуб ба роҳ монда шудааст. Сахми он нисбати истеҳсоли умумии ҳамаи минтақаҳои озоди иқтисодии мамлакат 83,4% ба ҳисоб меравад. Тибқи нишондиҳандаҳои ҷадвали дар боло овардашуда дида мешавад, ки тамоюли ҳаҷми истеҳсолот дар ҳамаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ рӯ ба афзоиш мебошад.

Дар ҷадвали 1 минтақаҳои озоди иқтисодии “Ишкошим” ва “Кӯлоб” нишон дода нашудаанд, зеро аз ҷиҳати истеҳсоли маҳсулот МОИ “Ишкошим” бо маблағи 70 ҳазор сомонӣ ҳанӯз дар солҳои 2018 (30 ҳазор сомонӣ) ва соли 2019 (40 ҳазор сомонӣ) маҳсулоти саноатӣ тайёр намудааст.

Ногуфта намонад, ки МОИ-и “Ишкошим” аз оғози фаъолияти худ бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодии «Ишкошим» ва «Данғара» аз 20.02.2009, №74 ҳамагӣ 5 субъект ба қайд гирифтааст, ки бо баъзе аз хабарҳо чаҳортои он ҳанӯз фаъолияти худро оғоз накардаанд. Аз ин хотир, чунин меҳисобем, ки назорати гумрукӣ дар чунин минтақаҳо қисман ва ё пурра аз байн бурда шуда, нисбати субъектҳои фаъолияткунандаи минтақа меъёрҳои пасттарини андоз ҷорӣ карда шавад ва бо мурури замон дар натиҷаи сармоягузорӣ ва васеъ кардани доираи фаъолияти кори андозситонӣ, додани қарзҳои андозии сармоягузорӣ ба субъектҳои фаъоли ин минтақаҳо роҳандозӣ гардад. Дар чунин ҳолат

ташаббусҳо дар раванди сармоягузорӣ ва фаъолияти хуб намудан, афзун мегардад.

Минтақаи озоди иқтисодии “Кӯлоб” соли 2019 таъсис дода шуд ва то имрӯз аниқтараш дар соли 2022 бо маблағи 30 ҳазор сомонӣ маҳсулоти саноатӣ тайёр намудааст, ки ин аввали кор буда, дар оянда тибқи нақшаҳои Ҳукумати мамлакат ва маъмурияти минтақаи мазкур лоиҳаҳои бузург барои рушди минбаъдаи минтақаи озоди иқтисодии “Кӯлоб” таҳия ва мавриди амалишвӣ қарор гирифта истодааст. Шакли минтақаи навтаъсиси саноатию инноватсионӣ ба ҳисоб рафта, баҳри расидан ба як қатор ҳадафҳои миллӣ дарояндаи наздик саҳми арзанда хоҳад гузошт. Ногуфта намонад, ки айни ҳол дар минтақа ҳафт субъект ба қайд гирифта шудааст.

Минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар, баҳри расидан ба ҳадафҳои муҳимми миллӣ кӯшиш карда истодаанд, ҳарчи бештар истеҳсолоти маҳсулоти саноатиро дар худ бештар намоянд. Аз тарафи Ҳукумати кишвар ва маъмурияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ барои субъекте, ки ба истеҳсоли молҳо машғул мешавад, аз 15 то 25 сол ҳамчун супорандаи низоми махсуси андозбандӣ ва дастрасӣ ба ҳавасмандиҳои гумрукӣ ва маъмурӣ ба қайд гирифта мешавад.

Барои ҷалби субъектҳои (сармоягузорони) хориҷӣ ва ватанӣ, пояи асоси ин рушди инфрасохтори минтақа ба ҳисоб меравад. Масалан, минтақаи озоди иқтисоди “Ишкошим” қариб, ки тамоман инфрасохтораш рушд накардааст. Худи минтақа дар баландкӯҳҳо бунёд шудааст, ки барои ҷалби субъектони хориҷӣ хело душвориро пеши роҳ меоварад.

Барои ҷалби сармояи хориҷӣ, бахусус сармояи мустақим, барои истеҳсоли маҳсулоти ҷавобгӯ ба стандартҳои байналмилалӣ ва ба талаботи бозорҳои ҷаҳонӣ шароити мусоид фароҳам овардан муҳим аст [5, с. 75]. Пешниҳоди мо ҳамин аст, ки ин минтақа аз ҳисоби сармоягузорони ватанӣ, хусусан, аз соҳибкорони таҳҷойии он минтақа ва бевосита бо дастгирии Ҳукумати мамлакат, ба роҳ монда шавад. Лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва грантҳои давлатӣ барои ин минтақа равона карда шаванд.

Роҳи дигари босурат рушд додани ин минтақа, ба ақидаи мо, дар асоси омӯзиши таҷрибаҳои хориҷӣ ин аст, ки бо воситаи шартномаҳои байнидавлатӣ якҷоя шудани 2 ва ё 3 давлат барои рушди минтақа мебошад. Ин аст, ки дар амалияи ҷаҳонӣ навъҳои зиёди минтақаҳои озоди иқтисодӣ мавҷуд аст, ки ҳар кадоми онҳо хусусиятҳои хосси худро доранд [14, 311].

Албатта, чунин иқдом ва ҳолатҳо барои аксари давлатҳои дар ҳоли рушд қарордошта як хатари калон мебошад, аз ин рӯ, бояд давлатҳои тараққикардаро барои шарики даъват кардан лозим аст. Чунки онҳо ҳам аз ҷиҳати сармоя ва ҳам аз ҷиҳати таҷриба имконияти рушд додани ин минтақаҳоро доранд. Ва ё барои омӯзиши дақиқу амиқ бояд маъмурияти минтақаи озоди иқтисодӣ бо

дастгирии Ҳукумати мамлакат ҷиҳати рушд додани минтақа ва бунёди фазои сармоягузорӣ муттахасисони хориҷиро даъват намуда, ҳолати кунунии минтақа баҳогузорӣ карда шавад ва дурнамои минтақаро муайян кунанд.

Ба андешаи муҳаққиқ Т.С.Раҷабов, "дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ тақрибан гаронии андоз дида намешавад" [8, 310], ки мо низ ба ин андеша розӣ ҳастем.

Албатта, барои такмили андозбандӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар ва ҳарчи бештар пардохти андозҳо ва пардохтҳои гумрукӣ ба буҷет бояд субъекҳо ба минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҷалб карда шаванд. Аз ин ҷиҳат, Ҳукумати мамлакатро мебояд, ки ҳарчи бештар ҷиҳати ҷалби сармояи хориҷӣ ва мустаҳкамсозии инфрасохтори минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва инчунин, мукаммалсозии меъёрҳои амалкунандаи андозбандӣ чораҳои зарурӣ андешад.

Субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ асоси пешрафти ҳар як минтақа ба ҳисоб рафта, дар пешбурди фаъолияти он саҳми арзанда гузоштан лозим аст.

Шумораи субъектони минтақаҳои озоди иқтисодии кишварро мо дар ҷадвали 2. нишон хоҳем дод.

**Ҷадвали 2.**

**Динамикаи субъетони бақайдгирифташуда дар минтақаҳои озоди иқтисодии ҷумҳурӣ солҳои 2010-2022 (бо адад)**




***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

Таҳлилҳои маълумоти ҷадвали 2 нишон медиҳанд, ки шумораи субъектони минтақаҳои озоди иқтисодӣ сол то сол рӯ ба афзоиш аст ва тахмин меравад, ки ин нишондиҳанда (дар соли 2022-юм ба 89 субъект) то соли 2024 ба сад адад хоҳад расид.

Бештари субъектҳо дар минтақаи озоди иқтисодии "Данғара" ба қайд гирифта шудаанд, ки шумораашон ба 35 адад баробар мебошад. Дар минтақаи

озоди иқтисодии “Данғара” ҳолати хуби инфрасохторӣ муҳайё мебошад, ки бевосита дар ҷалби сармоягузориҳо назаррас арзёбӣ мегардад. Минтақаи озоди иқтисодии “Суғд” низ дорои инфрасохтори хуб буда, айни замон дар бахши истеҳсолӣ маҳсулоти саноатӣ пешсаф мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар баъзе аз минтақаҳои кишвар фаъолияти субъектҳо нигаронкунанда арзёбӣ мегардад ва инро бо пешниҳодҳои дар боло овардаи мо метавон бо мурури замон бартараф намуд.

Фаъолияти андозбандӣ дар минтақаҳои мамлакат хуб ба роҳ монда шудааст. Тамоюли пардохтҳои андозӣ ва гумрукӣ ҳамасола афзоиш ёфта истодаанд. Ин суханҳо ба минтақаҳои фаъоли мамлакат дахл доранд. МОИ-и “Ишкошим” тибқи нишондиҳандаҳои омории бадастовардаи мо, то кунун ягон маротиба пардохтҳои гумрукиро анҷом надодааст. Аммо аз ҷиҳати пардохтҳои андозӣ бошад (андоз аз даромад ва андозӣ иҷтимоӣ), бо маблаҷи 1 043,98 ҳаз. сомонӣ ба буҷети давлатӣ пардохт намудааст.

**Ҷадвали 3.**

**Динамикаи пардохтҳои андозӣ аз тарафи субъектони минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар солҳои 2011 – 2022 (ҳаз. сомонӣ)**




| | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Суғд | 94,2 | 434,4 | 691,7 | 1135,9 | 1591,3 | 1967,1 | 2352,9 | 2574,9 | 3200 | 4400 | 5000 | 5000 |
| Данғара | 40 | 49 | 700 | 900 | 1800 | 3500 | 2400 | 3600 | 9900 | 3800 | 4000 | 3000 |
| Панҷ | 10,4 | 14,9 | 16,5 | 29 | 23 | 28,7 | 46,2 | 53,9 | 100 | 500 | 200 | 200 |
| Ишкошим | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1,98 | 2 | 0 | 40 | 1000 |
| Кӯлоб | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 200 | 200 |

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

Дар ҷадвали 3 пардохти андоз аз тарафи субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ баррасӣ ва арзёбӣ шудааст. Тибқи нишондиҳандаҳои мазкур муайян гардид, ки соли 2022 пардохтҳои андозӣ аз тарафи субъекҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ 9 400 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки ин 14,27% маблағҳои пардохтшудаи андозӣ аз оғози фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба шумор меравад. Дар умум бошад, минтақаҳои озоди иқтисодӣ аз оғози фаъолият то соли 2022 бо маблағи 65 855 ҳазор сомонӣ пардохтҳои андозӣ ба анҷом расидааст.

Дар ҷадвли мазкур дида мешавад, ки пардохтҳои андозӣ сол то сол зиёд мегарданд, ки ин нишондиҳандаи фаъолияти хуби субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ мебошанд.

Гуфтан бамаврид аст, ки аз оғози фаъолият субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодии “Суғд” 28 442 ҳазор сомонӣ, МОИ “Дағара” 33 689 ҳазор сомонӣ, МОИ “Панҷ” 2 280,3 ҳазор сомонӣ, МОИ “Ишкошим” 1 043,98 ҳазор сомонӣ ва МОИ “Кӯлоб” бо маблағи 400 ҳаз. сомонӣ пардохтҳои андозиро ба буҷет супоридаанд.

Самтҳои такмили андозбандӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ яке аз масъалаҳои муҳим дар фаъолияти субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба ҳисоб меравант.

Низоми андозбандӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ то даврае, ки субъекти минтақа агар истеҳсоли бошад, 15 то 25 сол ва агар фаъолияти тиҷоратӣ ё хизматрасонӣ бошад, 10 сол тибқи қонунгузории андозӣ дар низоми махсуси андозбандӣ фаъолияти худро бароҳ мемонад. Чунин низоми андозситонӣ самараи хуб барои ҷалби сармояи ватанию хориҷиро вусъат медиҳад.

Андозҳое, ки минтақаҳои озоди иқтисодӣ пардохт менамоянд, андоз аз даромад 12% ва 20% андози иҷтимоӣ (аз фонди музди меҳнат) мебошанд.

Дар самти такмили андозситонии минтақаҳои озоди иқтисодӣ, сармоягузорӣ низ саҳми арзандаро мебозад. Дар баробари ҷалб шудани сармоя ба минтақа субъекти нав пайдо мешавад ва ё ягон субъекти фаъолияткунандаро боз ҳам сармоягузорӣ менамоянд. Ба воситаи сармоя субъект метавонад фаъолияти истеҳсолот ва ё хизматрасонии худро тезонида самараи фаъолияти корашро бо воситаи гирифтани даромад бубинад.

Аз ин рӯ, мо пардохтҳои гумрукиро дар ҷалвали 4 нишон дода муайян менамоем, ки то ба ҳол аз тарафи субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ чӣ қадар пардохтҳои гумрукӣ сурат гирифтааст.

**Ҷадвали 4.**

**Динамикаи пардохтҳои гумрукӣ аз тарафи субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар солҳои 2011 – 2022 (ҳазор сомонӣ)**

| Минтақа | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | Ҳамагӣ аз оғози фаъолият: |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Суғд | 1566,5 | 2441,2 | 4470,7 | 7177,7 | 8260,5 | 10681,1 | 10310,9 | 15997,7 | 20400 | 21000 | 32000 | 34000 | 168306 |
| Дангара | - | - | - | 200 | 400 | 300 | 600 | 72,8 | 40 | 1040 | 2000 | 6000 | 10653 |
| Панҷ | - | - | - | - | - | - | - | 2,6 | 40 | 200 | - | 200 | 442,6 |

| | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ишкошим | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - |
| Кӯлоб | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - | 500 | 1000 | 1500 |
| Ҳамагӣ: | 1566,5 | 2441,2 | 4470,7 | 7377,7 | 8660,5 | 10981,1 | 10910,9 | 16073,1 | 20480 | 22240 | 34500 | 41200 | 180902 |

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

Тибқи нишондиҳандаҳои ҷадвали 4 ба хулосае омадан мумкин аст, ки аз ҷиҳати пардохти гумрукӣ МОИ “Суғд” пешсаф буда, дар соли 2022 бо маблағи 1 566,5 ҳазор сомонӣ пардохт намудааст. Аз оғози фаъолият ин нишондиҳанда ба 21,7 маротиба зиёд гардида, ба 34 000 ҳазор сомонӣ рост меояд, ки ин 4,6% рушд кардааст.

Дар маҷмуъ, пардохтҳои гумрукии МОИ “Суғд” ба 168 306 ҳазор сомонӣ баробар гардидааст, ки дар умум, 93,04% ҳамаи пардохтҳои гумрукии минтақаҳои озоди иқтисодӣ рост меояд. Инчунин, пардохтҳои гумрукии МОИ “Данғара” ба 10 653 ҳазор сомонӣ, МОИ “Панҷ” ба 442,6 ҳазор сомонӣ ва МОИ “Кӯлоб” ба 1 500 ҳаз. сомонӣ баробар мебошад.

Гуфтан бамаврид аст, ки фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам босуръат рушд карда истодаанд. Нишондиҳандаҳои омории минтақаҳои мазкур таваҷҷуҳи моро ба омӯзиши амиқу дақиқи рушд ва вусъатёбии онҳо бештар месозад. Ба ақидаи мо, дар ин самт коре бояд кард, ки минтақаҳои мамлакат алоҳида- алоҳида нею мунтазам якҷоя рушд кунанд.

Бешубҳа, дар ин масъала Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маъмурияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ роҳҳои мукаммал ва самарабахшро ба ҳар восита ҷустуҷу доранд. Инчунин, ҳавасмандиҳои андозӣ, гумрукӣ ва маъмури шароити хуби фаъолиятро барои субъектҳои муҳайё менамоянд.

Мусаллам аст, ки пешбурди фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодиро бе таъсиси базаи ҳуқуқӣ ва қабули санадҳои дахлдори соҳавӣ, ки ҳуқуқу манфиатҳои сармоягузоронро дар ҳудуди кишвар ҳимоя намояд, ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, таъсиси заминаи мустаҳками ҳуқуқӣ барои ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҷумҳурии мо имрӯз зарурати воқеӣ дошта, бо ҳалли муаммоҳои мавҷудаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ, ки яке аз проблеммаҳои асосии соҳаи мазкур мебошанд, ба ҳисоб меравад.

Ба ақидаи мо, аз фароҳам овардани заминаи ҳуқуқӣ барои ташкил намудани минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ бо мақсади рушди соҳаҳо, коркарди ашёи хоми маҳаллӣ ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, зиёд намудани иқтидори содиротии кишвар, истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ, таъмини рушди беҳтари иқтисодию иҷтимоии минтақаҳои ниёзманд равона бояд гардад.

Ҳамин тавр, чунин меҳисобем, ки қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» (соли 2011) иқдоме буд, ки барои инкишофи муносибатҳои минтақавию байналмилалии кишвар мусоидат намуд. Қонуни мазкур ҳамчун асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқию иқтисодии таъсис, фаъолият ва барҳамдиҳии минтақаи озоди иқтисодиро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, масъалаҳои маблағгузорӣ ва фаъолияти соҳибкориро дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба танзим даровард. Чунончи имрӯз қонунгузории мазкур танзимкунандаи масъалаҳои ҳуқуқии ин соҳа бошад ҳам, аммо баъзан муаммоҳои андозие ҳастанд, ки фаъолияти субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодиро ба мушкилоту монеаҳо мувоҷеҳ месозанд.

Аз таҷрибаҳои давлатҳои ҳориҷӣ дар муқоиса ба давлати мо бармеояд, ки онҳо таҷрибаи ғании ташкили чунин минтақаҳоро доранд. Мавриди қайд аст, ки онҳо ягон навъҳои андозро дар давлати худ нисбати субъектҳои фаъолияткунандаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҷорӣ накарда, баръакс, шароитҳои мусоидро дар дохили минтақаҳои фаъолияткунанда ва ҷойҳои муайяншуда фароҳам овардаанд.

Ногуфта намонад, ки яке аз роҳҳои самарабахш барои ситонидани андозҳо пардохти андоз аз тарафи субъектҳои минтақаҳо бо тарзи электронӣ (андозбандии рақамӣ), ки Ф.Ҷ. Касирова ва О.М.Алиев чунин меҳисобанд, ки “як масъалаи махсусан муҳим масъалаҳои марбут ба андозбандии тиҷорати рақамӣ мебошад” [6, 149].

Аз ин лиҳоз, чунин меҳисобем, ки бо ривоҷ додани ҳамкориҳои муштарак бо мамолики рушдёфта, мустаҳкам кардани робитаҳои берунии иқтисодӣ ва истифода намудан аз таҷрибаҳои онҳо ба рушду нумуи фаъолиятҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар кишвари мо такони ҷиддӣ мебахшад. Дар ҳолати дуруст фаъолият намудани онҳо, бо боварӣ ва итминони комил метавон қайд намоем, ки маҳз минтақаҳои озоди иқтисодӣ усули нави робитаҳои берунмарзии иқтисодиро мустаҳкам намуда, дар оянда метавонанд яке аз самтҳои рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон гарданд.

Ҳамин тариқ, чунин мешуморем, ки фаъолияти пурра ва устувори МОИ имкон медиҳад, ки мушкилоти дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, хусусан, дар тамоюли босуръати рушди иқтисодию иҷтимоӣ, бунёди корхонаҳои саноатӣ, паст намудани сатҳи бекорӣ, ташкил додани ҷойҳои нави кории инноватсионӣ ва ғайраи ҷойдошта, ҳал карда шаванд.

Дар охир зимни ҷамъбасти мақолаи мазкур чунин хулосаву пешниҳодҳои ба даст омаданд:

1. Муайян карда шуд, ки барои рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ риояи ин омилҳо зарур аст: суботи сиёсӣ; кафолатҳои сармоягузорӣ; сифати инфрасохтор; дараҷаи кордонии қувваи корӣ; содагардонии сохторҳои

маъмурӣ. Риояи ҳамаи ин гуфтаҳои боло барои рушди босуботи минтақаҳои озодӣ иқтисодии мамлакат муҳим ба ҳисоб мераванд.

2. Муқаррар карда шуд, ки дар давраи солҳои 2011–2022 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар соли 2022, ба 487 030 ҳазор сомонӣ баробар шудааст, ки нисбат ба соли 2021-ум 113 030 ҳазор сомонӣ зиёдтар мебошад. Дар умум бошад, минтақаҳои озоди иқтисодӣ аз аввали фаъолияти худ бо маблағи 1 772 440 ҳазор сомонӣ маҳсулот саноатӣ истеҳсол намудаанд.

3. Ошкор карда шуд, ки баъзе аз минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар суст тараққӣ карда истодаанд. Аз ин лиҳоз, мо пешниҳод менамоем, ки нисбати ин минтақаҳои озоди иқтисодӣ чораҳои аввалиндараҷа ба роҳ монда шавад, то, ки минтақаҳо боз ба пастӣ ба пастӣ рӯ наоваранд.

4. Пешниҳод карда шуд, ки бунёди самти андозбандии минтақаҳоро аз таҷрибаи хориҷа истифода бурда самтҳои афзалиятноки андозбандиро дар минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар ба роҳ монд.

5.

## АДАБИЁТ

1. Вазиров, С. З. Самаранокии ҳавасмандгардониҳои сармоягузории андозӣ / С. З. Вазиров, С. Ш. Қаюмов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – No. 10-1. – P. 111-115. – EDN NMDDJI.

2. Гулов, Ш. М. Нақши андозҳо дар таъмини рушди устувори иқтисодӣ / Ш. М.Гулов//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – No. 5. – P. 71-77. – EDN TFINIR.

3. Давлатов, Д. С. Таҷрибаи давлатҳои хориҷа оид ба танзими низоми андозбандӣ /Д. С. Давлатов//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – No. 1. – P. 70-78. – EDN DSOZIJ.

4. Джураева, М. Н. Налогообложение в свободных экономических зонах: зарубежный опыт управления и новые методы хозяйствования / М. Н. Джураева, М. С. Курбонова // НАУКА и ТЕХНОЛОГИИ - 2023 : сборник статей Международной научно-практической конференции, Петрозаводск, 24 апреля 2023 года. – Петрозаводск: Международный центр научного партнерства «Новая Наука» (ИП Ивановская И.И.), 2023. – С. 216-221. – EDN WYIMAZ.

5. Иброҳимзода, И. Р. Таҳаввулоти назариявии пайдоиш ва рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ / И. Р. Иброҳимзода, Д. Эраҷи // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – No. 2(31). – P. 71-78. – EDN VOHQAE.

6. Касирова, Ф. Д. Мировой опыт и перспектива развития цифрового налога / Ф. Д. Касирова, О. М. Алиев // Endless Light in Science. – 2023. – № 3-3. – С. 145-151. – DOI 10.24412/2709-1201-2023-145-151. – EDN UIPIAF.

7. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.12.2017.

8. Раджабов, Т. С. Налогововая бремя производственного предприятия: методика определения / Т. С. Раджабов // Экономическая безопасность национальной экономики: возможности развития и вопросы цифровой экономики : Материалы республиканской научно-практической конференции, Душанбе, 31 октября 2023 года. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2023. – С. 307-313. – EDN LYONAX.

9. Раҷабов, Т. С. Асосҳои методии идоракунии механизмҳои самаранокии гаронии андоз / Т. С. Раҷабов // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2023. – No. 1-1(107). – P. 295-304. – EDN UEXURO.

10. Саидмуродова, М. А. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ: шакл, хусусият ва роҳҳои ташкили онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М. А. Саидмуродова, А. Н. Амирқулов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2019. – No. 10-2. – P. 36-42. – EDN CTRXEQ.

11. Шамсов, И. С. Усулҳои ташаккули маъмурикунонии андоз дар шароити иқтисоди рақамӣ /И.С. Шамсов, А. Ф. Исматов // Идоракунии давлатӣ. – 2023. – No. 2(61). – P. 17-24. – EDN YBFWMY.

12. Шарифзода, М. М. Минтақаи озоди иқтисодии Сугд ва нақши он дар саноатикунонии босуръати кишвар / М. М. Шарифзода, Ҳ. А. Солиев // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2021. – No. 1(86). – P. 82-89. – EDN HQDGCH.

13. Эраджи, Д. Роль свободных экономических зон в улучшении инвестиционного климата /Д.Эраджи//Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства : Сборник научных трудов, Симферополь, 02 апреля 2021 года / Под общей редакцией З.О. Адамановой. Том Выпуск 7.–Симферополь: Общество с ограниченной ответственностью “Типография «Ариал», 2021. – С. 720-723. – EDN XSOONX.

14. Эраҷи, Д. Таснифоти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар таҷрибаи ҷаҳонӣ / Д. Эраҷи // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2023. – No. 1-1(107). – P. 308-315. – EDN FCGQWQ.

# ПУТИ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ НАЛОГООБЛОЖЕНИЯ СВОБОДНЫХ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ЗОН РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**ЭРАДЖИ ДИЛНАВОЗ,**
ассистент кафедры таможенной деятельности финансово-экономического факультета Таджикского национального университета
734025, Таджикистан, г. Душанбе, мик. Бунихисорак, учебный корпус №8;
тел.: (+992) 919-56-56-65; email.: erajjon_11@mail.ru

*В данной статье говорится о путях совершенствования налогообложения свободных экономических зон Республики Таджикистан. В то же время, Республика Таджикистан, наряду с объявлением 4-й Национальной цели «Ускоренная индустриализация страны», придает большое значение развитию и совершенствованию свободных экономических зон, поскольку свободные экономические зоны считаются одной из важных направления в экономике страны, необходимые для более быстрого достижения четвертой национальной цели, предоставляет широкие возможности. В ходе исследования выяснилось, что для создания эффективного региона с особой экономической системой Республике Таджикистан необходимо соблюдение различных принципов, выработанных в международной практике. Разумеется, деятельность свободных экономических зон страны не только позволяет развивать промышленность, но вместе с расширением их деятельности увеличиваются и их налоговые и таможенные платежи. Поэтому совершенствование и развитие деятельности свободных экономических зон считается необходимым для экономики страны.*

***Ключевые слова:*** *свободные экономические зоны, модернизация, развитие инфраструктуры, конкурентоспособность, индустриализация страны, льготы, налогообложение, таможенные льготы, занятость, экспорт, импорт.*

# THE WAYS OF IMPROVEING OF TAXATION IN THE FREE ECONOMIC ZONES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**ERAJI DILNAVOZ,**
Assistant of the Department of Customs Activities of the Faculty of Finance andEconomics of the Tajik National University
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Bunxisorak microdistrict, educational building No. 8;
tel: (+992) 919-56-56-65; e-mail: erajjon_11@mail.ru

*This article talks about ways to improve taxation of free economic zones of the Republic of Tajikistan. At the same time, the Republic of Tajikistan, along with the announcement of the 4th National Goal "Rapid industrialisation of the country", attaches great importance to the development and improvement of free economic zones, as free economic zones are considered one of the important directions in the economy of the country, necessary for faster achievement of the 4th National Goal, provides ample opportunities. In the course of the research it was found out that in order to create an effective region with a special economic system, the Republic of Tajikistan needs to comply with various principles developed in international practice. Of course, the activity of free economic zones of the country not only allows the development of industry, but along with the expansion of their activities, their tax and customs payments also increase. Therefore, improving and developing the activities of free economic zones is considered essential for the country's economy.*

***Keywords**: free economic zones, modernisation, infrastructure development, competitiveness, industrialisation of the country, benefits, taxation, customs benefits, employment, export, import.*

УДК: 658

# ТАКМИЛИ ҶАНБАҲОИ МЕТОДИИ МОНИТОРИНГИ ФАЪОЛИЯТИ КОРХОНАҲОИ КИШОВАРЗӢ

**ИДИЕВ МАНУЧЕҲР ХАЙРИДИНОВИЧ,**
унвонҷӯйи Институти иқтисодиёт ва демографияи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734024, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи С.Айнӣ 44;
тел: +992 (37) 221-67-50; e-mail: kolliji-omuzgori@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур масъалаи такмили ҷанбаҳои методии мониторинги фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ таҳқиқ гардида, таҳлили вазъи кунунии истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ дар доираи нишондиҳандаҳои муайяне, ки мутобиқи хусусиятҳои хосси онҳо муқаррар гардидаанд, оварда шудааст.*

*Гуфта мешавад, ки ҷанбаи мазкури мониторинги фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ доштани барномаҳои таҳияшуда ҳам аз лиҳози методологӣ ва методӣ ва ҳам аз лиҳози ниҳодӣ (институтсионалӣ) мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *мониторинг, маҳсулот, воридоти ғалла, истеҳсол, корхонаҳои кишоварзӣ, бозор, устувор, самаранокӣ, усул, нишондиҳанда.*

Ислоҳоти иқтисодие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараён дорад, ба густариши муносибатҳои бозории рушёбанда такон бахшида истодааст. Ин дар навбати худ ба ташаккули ҳавасмандии истеҳсолкунандагон, муштариёни молу хизматрасонӣ дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ замина гузошт. Ислоҳот ҳамчунин, соҳаҳои кишоварзиро ҳамчун ҷузъи муҳими ва асосии комплекси агросаноатӣ мебошад, фаро гирифтааст. Табдил ёфтани истеҳсолгарони маҳсулоти кишоварзӣ ба агенти фаъоли иқтисоди бозорӣ зарурарати ба вуҷуд овардани инфраструктураи куллан нави соҳаҳои агарариро, ки натанҳо онҳо маҳсулоти тайёрро аз рӯйи нақшаи “саҳро–истеъмолкунанда” пешниҳод намояд, балки иттилооти зарурии моҳияти бозоридоштаро аз истеъмолкунандагон гиранд ва бо харҷи пастарини захираҳои истеҳсолӣ (мол ва хизматрасониҳо)-ро барои ташкили равандҳои истеҳсолоти худ аз дигар соҳаҳои КАС дастрас созанд.

Маълум аст, ки баъди гузариш ба иқтисоди бозорӣ давлат дар симои мақомоти иҷроияи худ, ки қаблан корхонаҳои кишоварзиро зери назорати сахт мегирифтанд, ин вазифаро аз сари хеш амалан дур кард ва бозори аграрӣ, яъне аз тақсиму бозтақсими маҳсулоти кишоварзӣ даст кашид. Натанҳо ҳаҷми хариди яклухт аз ҷониби давлат, балки шаклҳои он низ тағйир ёфт. Агар қаблан дар давраи банақшагирии иқтисодиёт ҳаҷми таҳвил ба давлат бевосита то

корхонаи кишоварзӣ расонда мешуд, пас дар шароити ҳозира ҳаҷми хариди маҳсулоти кишоварзӣ ҳамчун як навъ асоноккунии таъмини молиявии хоҷагиҳои ҷудогона хизмат менамояд. Ҳамчунин, бояд зикр кард, ки дар замони иқтисоди шуравӣ харид ба фондҳои давлатӣ аз рӯйи нархҳои давлатӣ сурат мегирифт, тақсими маҳсулоти тайёр бошад, мутобиқи низоми тиҷорати яклухту ва чаканаи давлатӣ амалӣ мегардид. Дар замони муосир дотатсияҳо ба маҳсулот, асосан маҳсулоти чорводорӣ, аз ибтидо танҳо ба маҳсулоте, ки ба фондҳои давлатӣ дастрас карда мешаванд, дахл доранд. Аз сари худ соқит кардани вазифаи тақсимкунӣ аз ҷониби давлат пайваста бо хусусигардонӣ хоҷагиҳои амалкунанда, пеш аз ҳама, дар соҳаи коркард ва фурӯши маҳсулотиозуқаворӣ, сурат гирифт.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар замони муосир дар доираи КАС чандин бозори мол ба вуҷуд омад ва алҳол амал мекунанд. Дар навбати аввал ин бозори маҳсулоти кишоварзӣ мебошад, ки дар он корхонҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ, хоҷагиҳои фермерӣ, ҳамчунин, корхонаҳое, ки маҳсулотро коркард мекунанд, маҳсулоти худро ба фурӯш мебароранд. Сипас бозори озуқаворӣ, ки дар он фурӯшандагон корхонаҳое, ки бо коркард машғуланд ва ҳамчунин, миёнаравони хусусӣ фаъолият менамоянд.

Ниҳоят, дар доираи КАС бозори калони захираҳои моддию техникӣ амал мекунанд, ки фурӯшандагон дар он корхонаҳои саноатӣ–истеҳсолкунандагони захираҳо мебошанду харидорон ниҳодҳои тиҷорати яклухт, истеҳсолкунандагони кишоварзӣ ва корхонаҳои саноати коркард фаъолият доранд. Агар истеҳсолкунандагони соҳаҳлои кишоварзӣ ва саноати коркард маҳсулот (захираҳои истеҳсолӣ)-ро барои ташкили истеҳсолоти худ харанд, пас ниҳодҳои тиҷорати яклухт онҳоро ба соҳаҳои дигари КАС мефурӯшанд.

Намунаи сохтори муносибат бозорӣ ва вазифавии бозорҳои КАС-ро, ки системаи муносибатҳои бисёрсоҳаи корхонаҳои кишоварзиро нишон медиҳад дар расми 1 оварда шудааст. Тарҳе, ки дар расм омадааст, ташкили истеҳсолот ва ҳаракати молро (маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ) нишон дода, намунаи пешнидодшудаи бозорҳои КАС низоми логистии интиқоли мол мебошад, ки он мавҷудияи бозори махсусгардонидашудаи захираҳои моддию техникиро барои КАС ба инобат мегирад.

Мавҷудияти бозорҳои гуногун, ки дар доираи КАС амал мекунанд, пеш аз ҳама, зарурати омӯхтани тағйиротро дар онҳо ба миён меорад, ба ибораи дигар зарурати гузаронидани мониторинги рақобати бозорҳоро тақозо менамояд.

Рақобат дар бозор силсилавӣ ва ғайрисилсилавӣ мешавад. Рақобати силсилавӣ вобаста ба навшавии капитали асосии субъектҳои бозор, вобаста ба тағйирот дар соҳаи молиявии бозор ва алалхусус, тағйирот дар талабот ба ин ё он мол дар ягон бозори КАС доир мегардад. Таъсири ғайрисилсилавиро ба

рақобат дар бозор пайваста бо  пешрафти илмию техникӣ, тағйирот дар истеҳсолот, беқурбшавии пул, ҳодисаҳои табиӣ рух медиҳад.




**Расми 1. - Сохтори муносибти бозорӣ дар КАС.**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Доираи падидаҳо ва тамоюлҳо, ки зимни таҳлил ва омӯзиши масъалаи рақобат дар бозорҳо ба инобат гирифта мешавад, омилҳои иқтисодӣ, техникӣ, табииву биологӣ ва ғайраро дар бар мегирад, ки ба рушди корхонаҳои кишоварзӣ дар маҷмуъ ва бозорҳои алоҳида дар лаҳзаҳои мушаххас таъсир мерасонанд.

Айни замон омӯзиши доимии вазъи  тиҷорат дар бозорҳои калони маҳсулоти кишоварзӣ (ғалла, равғани рустанӣ, шир, гӯшт) басо муҳим аст, зеро онҳо асоси соҳаи аграрии иқтисодиёти кишварро ташкил медиҳанд.

Ба нишондиҳандаҳои вазъи тиҷорат дар бозор пеш аз ҳама ҳаҷми истеҳсолот, фурӯши маҳсулот ва тағйирёбии нарху наво мансубанд. Омӯзиши вазъи тиҷорат дар бозорҳои маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ,  таҳлил ва пешгӯйии вазъи бозори моли мушаххасро дар бар мегирад. Чунин муносибат

омӯзиши вазъи соҳаро дар назар дорад, ки моли мазкур дар он истеҳсол мешавад, ҳамчунин, муштарии ин навъи маҳсулот муайян карда мешавад. Нақшаи мониторинги вазъи тиҷорат дар бозори маҳсулоти мушаххаси кишоварзӣ дар расми 2 оварда шудааст.




**Расми 2. – Нақшаи омӯзиши вазъи бозори ғалла.**

Сарчашма: Таҳияи муаллиф.

Ҳангоми ташкил намудани мониторинг, ташкили робитаҳои коммуникатсионӣ, инчунин, раванди ҷамъоварӣ, интиқол ва коркарди иттилооти идоракунӣ хеле ҳам муҳим аст [3,112]. Таҳлили вазъи тиҷорат дар бозори мол ба маълумоти оморӣ асос ёфта, ҳадафи муаяйн намудани тамоюлҳо ва ҷараёни рушди ҳамаҷонибаи бозорро дорад, ки он имкон медиҳад, то ин, ки самтҳои асосии рушд ва мақоми он арзёбӣ карда карда шаванд. Таҳлили вазъи кунунии истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ дар доираи нишондиҳандаҳои муайяне, ки мутобиқи хусусиятҳои хоси онҳо муқаррар гардидаанд, сурат мегирад.

Истеҳсоли ғалла соҳаи асосии кишоварзӣ маҳсуб мешавад. Бинобар ин, бо такя ба нуктаҳои асосии Паёми навбатии ироагардидаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», ки қайд намуданд: *“...тағйирёбии босуръати вазъи бозори ҷаҳонии озуқаворӣ ва болоравии мунтазами нархи маҳсулоти ғизоӣ моро водор менамояд, ки ба беҳсозии ҳолати соҳаи кишоварзӣ, афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти он, рушди маҷмааҳои агросаноатӣ ва бо ҳамин роҳ таъмин намудани амнияти озуқаворӣи кишвар таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир намоем”* [1]. Аз ин рӯ,

бозори ғалла ҳамеша дар маркази тадқиқоти маркетингии бозори аграрии мамлакат буду ҳаст, зеро ғалла ва маҳсулоте, ки аз он тайёр карда мешавад, барои мамлакат аҳаммияти стратегӣ доранд, содироту воридоти ғалла бошад, унсурҳои таркибии бозори ғалла ба ҳисоб мераванд. Мо ҳолати ҳозираи мониторинги вазъи бозори аграриро дар мисоли бозори нисбатан маъмул, яъне бозори ғалла, таҳлил ва арзёбӣ намудем.

**Ҷадвали 1.**

**Динамикаи истеҳсоли ғалла дар ҷумҳурӣ**

| Нишондиҳандаҳо | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2020 нисбат ба 2014, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ғалла, ҳазор тонна** | 1317,8 | 1392,7 | 1435,8 | 1447,6 | 1296,2 | 1414,6 | 1561,4 | 103,3 |
| **аз он ҷумла: вазни баъди коркард** | 1299,7 | 1365,3 | 1412,5 | 1424,5 | 1277,4 | 1403,6 | 1552,4 | 119,4 |
| **Ҳосинок аз 1 га, сентнер** | 28,1 | 28,6 | 29,2 | 29,9 | 28,7 | 30,9 | 31,1 | 110,6 |
| **Аз он ҷумла: вазни баъди коркард** | 27,4 | 28,0 | 28,7 | 29,3 | 28,2 | 30,6 | 30,8 | 112,4 |
| **Заминҳои кишти ғаладона,** | 412,6 | 422,9 | 423,5 | 411,6 | 374,9 | 383,8 | 391,5 | -5,1 |

**Сарчашма:** Дар асоси маълумоти Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб карда шудааст. 2021. - С. 441- 447.

Воқеан ҳам, кишоварзони ҷумҳурӣ ҷиҳати ҳосилнокии меҳнат ва фаровони зироатҳои ғалладонагӣ танҳо бо меҳнати пурмаҳсул метавонанд ба ҳадафҳои худ расанд, зеро вобаста ба таҳаввулоти ҷомеаи ҷаҳонӣ интизор меравад, ки талабот ба маҳсулоти кишоварзӣ ва махсусан ғалладонагӣ, торафт афзоиш меёбад. Бахусус, бо суръати кайҳонӣ иваз шудани вазъи бозори ҷаҳонии озуқаворӣ моро муваззаф месозад, ки ба истеҳсоли ғалла дар ҷумҳурӣ диққати хосса диҳем. Сипас болоравии мунтазами нархи маҳсулоти ғизоиро пешгирӣ намуда, ба рушди маҷмааҳои агросаноатии кишвар такони ҷиддӣ бахшем, то ин, ки бо натиҷаҳои назаррас амнияти озуқавории кишвар таъмин карда шавад. Дар ин росто, ҷанбаҳои методии мониторинги фаъолияти корхонаҳо кишоварзӣ метавонад ба ҳосили зироатҳои ғалладонагӣ таъсиргузор бошад. Аз ин лиҳоз, истеҳсоли ғалладонагиҳо яке аз ҷузъҳои асосии рушди иқтисоди миллӣ буда, таносуби ҳосилнокии он бевосита ба пешрафти соҳаи кишоварзӣ ва ҳадафҳои стратегии кишвар дар таъмини амнияти озуқаворӣ вобастагӣ дорад.

Бо дарназардошти ин, аз рақамҳои ҷадвали 1 аён мегардад, ки дар давраи солҳои 2014–2020 истеҳсоли ғалла дар мамлакат аз 1317,8 то 1561,4 ҳазор тонна ва ё беш аз 3,3% афзудааст. Аз он ҷумла вазни баъди коркарди он беш аз 19,4% афзудааст, ки сурати ин нишондиҳанда аз суръати рушди худи ғалла баланд аст ва ин аз он шаҳодат медиҳад, ки сифати ғалла дар мамлакат

тамоюли беҳтаршавиро дорад. Дар ин давраи таҳлил зиёдшавии истеҳсоли ғалла аслан аз ҳисоби болоравии ҳосилнокии он аз ҳар як гектар сурат гирифтааст. Зеро тайи солҳои 2014–2020 ҳосилнокии ғалладонна 12,4% афзудааст, аммо замини кишти он кам шудааст.

Аз маълумоти ҷадвали 2 бармеояд, ки истеҳсолгарон ва фурӯшандагони асосии ғалла дар ҷумҳурии хоҷагии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) мебошанд, ки ба ҳиссаи онҳо дар соли 2020 дар истеҳсоли умумии ғалла қариб 60 дарсадро ташкил додааст ва ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2014-ум 4 банди дарсадӣ афзудааст.

**Ҷадвали 2.**

**Динамикаи истеҳсоли ғалла аз рӯйи категорияҳои хоҷагидорӣ**

| Солҳо | Ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо | Аз он ҷумла | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Корхонаҳои кишоварзӣ | Хоҷагиҳои аҳолӣ | Хоҷагиҳои деҳқонӣ |
| **2014** | 1317821 | 152792 | 422770 | 742260 |
| **2015** | 1392581 | 153983 | 405766 | 832832 |
| **2016** | 1435810 | 145860 | 424784 | 865167 |
| **2017** | 1447689 | 126217 | 447941 | 873531 |
| **2018** | 1296169 | 109507 | 434153 | 752509 |
| **2019** | 1414638 | 139181 | 435194 | 840263 |
| **2020** | 1561304 | 156310 | 480313 | 927379 |
| **Рушд нисбат ба соли 2014,%** | 103,3 | 102,3 | 113,6 | 124,9 |

**Сарчашма:** Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021, - Саҳ.178.

Дар баробари ин, бояд қайд намуд, ки рушди истеҳсоли ғалла дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ ба чашм мерасад, ки ин тамоюл аз муҳиммият ва сифати стратегӣ доштани ин навъи маҳсулот шаҳодат медиҳад. Рушди баландтарини истеҳсоли ғалла дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (124,9%) ва хоҷагиҳои аҳолӣ (113,6%) мушоҳида мешавад.

Бояд қайд намуд, ки дар қиёс бо замони Шуравӣ роҳҳои фурӯши ғалла куллан тағйир ёфтаанд, беш аз 82 дарсади ғалла бе иштироки ташкилотҳои тайёркунанда ба фурӯш бароварда мешавад. Таҳқиқи бозори ғалла нишон дод, ки солҳои охир аз ҳаҷми умумии фурӯш 14-15 дарсад ба ташкилотҳои тайёркунанда рост меояд, ҳол он ки ба миёнаравҳои калони фурӯши яклухт беш аз 30 дарсадро ташкил медиҳад. Корхонаҳое, ки бо коркард машғуланд, қариб 10 дарсади ғаллаи фурӯхташударо қабул мекунанд, зеро онҳо аслан бо гандуми воридоти кор мекунанд. Тибқи омори расмӣ коэффитсиенти худтаъминкунӣ бо гандум соли 2020-ум 53,1 дарсадро ташкил дода буд [4,13].

Аммо роҳҳои васеи фурӯш дар бозор ба фурӯшандагон имкон медиҳад, ки ҳамкоронро озодона ва ихтиёран интихоб намоянд. Меъёри асосии дар чунин ҳолат нархи ғалла мебошад. Вазъ дар бозори ғалла чунин аст, ки ба он

ворид шудани теъдоди тоҷирони яклухтфурӯш ба зиёд шудани амалиёте мерасонад, ки ба онҳо ҳаннотию ҷаллобӣ хос аст.

Дар бозорҳои кишоварзӣ натанҳо роҳу воситаҳои фурӯш, балки шакли шартномаҳо низ тағйир ёфтаанд. Ҳангоми додугирифт доир ба фурӯши ғалла шартномаҳои форвардӣ миёни фурӯшандагон ва харидорон амалан аз байн рафтанд. Шартномабандӣ танҳо зимни фурӯши шир боқӣ мондааст, зеро он ҳамарӯза барои фурӯш пешкаш мегардаду ҳисоби китоб мунтазам ба вуқуъ мепайвандад. Бинобар ин, мавҷудияти шартномаи тулонӣ (чун қоида солона) шарти зарурии муомилот дар миёни молсупорандагон ва истеъмолкунандагони шир мебошад. Дар бозори ғалла ва дигар бозорҳои кишоварзӣ бошад, додугирифт бидуни шартномаҳои пешакӣ анҷом меёбад.

Маълум, ки нарху навои маҳсулоти кишоварзӣ мудом тағйир меёбад. Ин боиси он гардид, ки чунин шакли муомилот, монанди шартномаҳои форвардӣ, пах шудааст. Мутобиқи он мол дар оянда дар муҳлати таъйиншуда бо нархе, ки қаблан муайян шудааст, сурат мегирад. Чунин шакли шартномабандӣ харидорро аз номуайянии пешниҳод ва дар навбати худ фурӯшандаро аз номуайянии талабот ҳифз мекунад. Ин харидорон ба қимати нарх камтар эътибор медодагӣ шуданд, номуайянӣ ба талабот ва пешниҳод низ камтар шуд. Ба ақидаи мо, яке аз сабабҳои аз байн рафтани шартномаҳои форвардӣ шаклҳои барғалати ҳисобу китоб аст, зеро қариб нисфи ҳисобу китоб бо пули нақд сурат мегирад, ба воситаи бартер (то 20 дарсад зимни шарномабандӣ доир ба гандум) амалӣ мешавад.

Ҳамаи ин падидаҳо мониторинги доимии талаботу пешниҳодҳоро ба ғалла ва омӯзиши нархи онро тақозо менамояд. Мониторинг имкон медиҳад, ки омилҳои асосии таъсиррасон ба нарху наво, тамоюлҳо ва вобастагиҳои дар бозор бавуҷудоянда муайян карда шаванд. Таҳлили вазъ дар бозори ғалла дар се соли охир аз он шаҳодат медиҳад, ки қонуниятҳои бавуҷудомадаро муқаррар намуда, корро дар оянда дар бозорҳои кишоварзӣ боз ҳам пурсамар пеш бурдан мумкин аст.

Дар давоми солҳои 2014–2020 дар ҷумҳурӣ ҳосили баланди ғалладона рӯёнида шуда буд, ки ба талаботи солонаи дохилӣ мувофиқат мекунад. Агар талабот ба ғаллаи истеъмолӣ ҳамасола тақрибан дар як сатҳ монаду талабот ба хӯроки чорво дар соҳаи чорводорӣ бошад, барои истифодаи қисми боқимондаи ғалла дар бозор кофӣ нест. Дар натиҷа, чунин ҳолат ба вуҷуд меояд, ки дар расми 3 оварда шудааст.




**Расми 3. - Динамикаи нархҳои истеҳсолгар ва чаканаи ғалладона.**

Дар солҳои 2020–2021 захираи ғалладона дар корхонаҳои коркард нисбат ба солҳои гузашта кам шуд, ки ба ин афзудани талабот ба воридот боис гардид. Ин ба тамоми болоравии нарх ба ғалла мусоидат намуд.

Ҳарчанд ҷамъоварии ғалла дар соли 2020 нишондиҳандаи баландтарин дар ҳафт соли охир аст, аммо тамоюли нарх дар бозори дохилӣ низ боло рафта истодааст. Кам будани истеҳсоли ғаллаи саноатӣ дар мамлакат ба воридоти он суръат бахшид. Махсусан, солҳои 2020–2021 дар бозори ғалла баландшавии назарраси нархи ғалла баръало аён гардид. Тибқи маълумоти Хадамоти зиддиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳҳои январ–июни соли 2022 аз ҷониби субъектҳои хоҷагидори кишвар ба ҷумҳурӣ 374,2 ҳазор тонна гандум ба маблағи 119,3 млн. доллар бо нархи миёнаи 319 доллар барои як тонна ворид карда шудааст. Ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 67,3 ҳазор тонна ё 15,2 дарсад коҳиш ёфтааст, аммо бояд зикр намуд, ки моҳҳои январ–июни соли 2022 бозори воридоти гандум рақобатпазир буда, иштирокчиёни ин бозор 55 субъекти хоҷагидорро ташкил додааст. Д ба маълумоти Хадамоти зиддиинҳисорӣ дар ин давра дар мамлакат 227,5 ҳазор тонна орд истеҳсол карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 ба миқдори 124,2 ҳазор тонна ё 35,3 дарсад коҳиш ёфтааст. Тибқи таҳлилу омӯзиши вазъи бозори гандуму орд ва динамикаи нархҳо дар бозори ҷаҳонӣ дар айни замон нишон медиҳад, ки нархи гандуми аз Қазоқистон харидашуда, ки ин кишвар яке аз содироткунандаи калидии маҳсулоти орд ва гандум ба Тоҷикистон (97,9%) маҳсуб мешавад, нисбат ба соли 2020 аз 245–250 доллар то ба 380-405 доллар афзоиш ёфтааст. Ҳамзамон, дар нимсолаи якуми соли 2021 ба ҳудуди гумрукии Тоҷикистон 23 098,1 тонна орд ба маблағи 8 166,7 ҳазор доллар бо нархи миёнаи 354 доллар барои як тонна ворид карда шудааст [7].

Ҳамин тариқ, таҳлил нишон медиҳад, ки ғаллаи ватанӣ ғайрирақобатпазир мебошад, то ин ки битавонад ба нархи ғаллаи воридотӣ таъсир расонад. Таҳқиқот аз он шаҳодат медиҳад, ки талаботи баланд ба воридоти ғалла боиси он гардид, ки нархи дохилии он ба сурати баланд ҳифз шавад.

Меъёри асосӣ ва дар айни замон ҳадафи созмондиҳии самараноки хоҷагии ғалла дар мамлакат хеле кам кардани хароҷот мебошад. Бинобар ин, барои мониторинги самаранокии самтҳои ҷорӣ ва стратегӣ, ҳамчунин, ҷиҳати таъйини авлавиятҳои рушди хоҷагӣ, пайгирии доимӣ ва таҳлили мутобиқати онҳо бо мақсадҳои интихобшуда зарур аст. Ба асоси чунин таҳлили когнитивӣ қарор дар бораи самаранокӣ ва зарурати чунин тасмимҳои стратегӣ, монанди иваз намудани техника, технология, тағйири тахассус, ҳамчунин, қарорҳои оперативӣ (ҳамарӯза), амсоли интихоби нархи фурӯши маҳсулот ва хизматрасонӣ қабул карда мешаванд. Ҳамаи ин зарурати мониторинги доимии вазъи бозорҳои кишоварзӣ, таҳлили минбаъдаи онҳо ва тарҳрезии барномаҳои ояндабиниро дар назар дорад.

Тавре пажуҳиши мо нишон дод, ҷанбаи мазкури мониторинги фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ доштани барномаҳои таҳияшуда ҳам аз лиҳози методологӣ ва методӣ ва ҳам аз лиҳози ниҳодӣ (институтсионалӣ) мебошад. Дар ҳаллу фасли ин масъала муассиса худихтиёр аст. Ин яке аз сабабҳои амалии набудани стратегияи дақиқи онҳо мебошад. Таҳқиқоти мо нишон дод, ки барои иҷрои босифати ин вазифаҳо мутахассисони баландихтисос–таҳлилгарон лозиманд, ки хоҷагиҳо ҳоло надоранд ва дар гумон аст, ки дар оянда онҳо пайдо шаванд.

Дар аксар кишварҳои дорои иқтисоди пешрафтаи бозорӣ ин вазифаҳоро давлат иҷро мекунад. Давлат вазифаи мониторинги бозорҳои кишоварзиро таҳлил ва пешбинии вариантҳои имконпазири вазъи онҳоро аз рӯйи муҳимтарин навъҳои фаъолият ба уҳдаи худ мегирад.

Низоми ташкилшудаи таҳлилию машваратӣ дар минтақаҳо бояд ба истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ имкони доштани иттилоот дар бораи вазъи бозорҳои амвол ва молиявӣ ҷиҳати қабули қарорҳои оперативӣ, ҳамчунин, таҳлили стратегии онҳо ва ояндабинӣ барои истифодаи минбаъда фароҳам оварда тавонанд. Ба ақидаи мо, таъсиси web-намояндагии хадамоти машваратӣ ба мақсад мувофиқ мебуд, ки дар он иттилооти мазкур ҷой дода мешаванд, ҳамчунин, ба ин мақсад бояд яке аз шабакаҳои телевизион истифода бурда шавад. Ҳамзамон бо ин, зоҳиран бояд нашрияҳое ба шакли рӯзнома низ нашр шаванд. Мониторинги доимии вазъи муассиса механизми муассири ошкор намудани ҳолатҳои бӯҳронӣ мебошад.

Акнун барои дарки воқеият ва устувории истеҳсоли зироатҳои ғаллагӣ натиҷаи фаъолияти хоҷагиҳои тамоми категорияҳои хоҷагии вилояти Хатлон

мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Тавре таҳқиқот нишон медиҳад, дар давраи солҳои 2014–2020 дар вилояти Хатлон афзуншавии ҷамъоварӣ ва ҳосилнокии зироатҳои ғаллагӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ ба назар мерасад. Натиҷаҳои соҳа назаррас буда, ҷиҳати таъмини амнияти аҳолии мамлакат бо озуқаворӣ ва устувори истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ заминагузор мебошад. Бо вуҷуди ин, ҳосилнокӣ аз нарх ва истифодаи нуриҳои минералӣ вобастагии зич дошта, бо иқтидорҳои ватанӣ беш аз пеш меафзояд.

Тадбирҳои алоҳидаи ҳавасмандкунӣ аз тарафи давлат ба зеркомплекси ғалла таъсири мусбат расонид. Суръатнокии истеҳсоли ғалладона ҳам дар кишоварзии вилоят ва ҳам дар сатҳи ноҳияҳои мушаххас тайи солҳои охир меафзояд (ниг. ба ҷадвали 4). Дар давраи солҳои 2014–2020 истеҳсоли ғалла дар вилоят аз 828,7 то 985,3 ва ё беш аз 17,4% афзудааст. Соли 2020 ҳиссаи вилояти Хатлон дар истеҳсоли ғаллаи мамлакат 63,1%-ро ташкил дода, нисбат ба соли 2014-ум 00,3 банди фоизӣ паст шудааст. Баландтарин рушди истеҳҳсоли ғалла дар ноҳияи Дӯстӣ (81%), Норак (78,5%), Носири Хусрав (54,3%), Абдураҳмони Ҷомӣ (41,6%) ва Шаҳритӯс (39,4%) ба чашм мерасад. Калонтарин ноҳияи истеҳсолгари ғалла ноҳияи Данғара (111,5 ҳазор тонна) маҳсуб мешавад, ки ҳиссаи он дар истеҳсоли ғаллаи вилоят соли 2020-ум 11,3%-ро ташкил дод. Соли 2020 миёни ноҳияҳои вилоят дар истеҳсоли ғалла ноҳияи Фархор дар ҷойи дуюм (74,1 ҳ.т.), ноҳияи Восеъ (87,7 ҳ.т.) дар ҷойи сеюм, ноҳияи Панҷ (56,7ҳ.т.) дар ҷойи чорум ва ноҳияи Вахш (52,6 ҳ.т.) ташкил додааст. Субъекти хоҷагидори ин ноҳияҳо дар умум, қариб 37%-и истеҳсоли ғаллаи вилоятро ташкил додаанд.

Тавре олимони иқтисоддони ватанӣ таъкид меенамоянд, [5] самаранокии истеҳсоли ғалладона ва рақобатпазирии он аз маҷмуи мураккаби омилҳои табиатӣ–иқлимӣ, илмӣ–техникӣ, технологӣ ва созмондиҳии иқтисодӣ вобаста аст. Дар муассисаҳои кишоварзӣ ин омилҳо ҳамасола тағйир меёбанд. Бинобар ин, самаранокии фаъолият бояд натанҳо аз рӯйи нишондиҳандаҳои ҳосилдиҳӣ, ҷамъоварӣ, даромад, фоиданокӣ, балки аз рӯйи устувории истеҳсоли навъҳои алоҳидаи маҳсулот нисбат ба омили хавф (риск) низ арзёбӣ карда шавад. Ҳадафи таҳқиқот таҳияи тавсияҳои амалӣ доир ба ташаккули механизми коҳиши хавф (риск) ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти зеркомплекси ғалла мебошад.

**Ҷадвали 4.–Ҷамъоварии маҷмуии ғалла дар хоҷагиҳои тамоми категорияҳои хоҷагии вилояти Хатлон, тонна**

| № | Ноҳияҳои вилояти Хатлон | Солҳо | | | | | | | Дуршавии соли 2020 аз соли 2015г., (+,-) | Ҷойгоҳ аз рӯи натиҷаи соли 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | | |
| 1. | **Вилояти Хатлон** | 828709 | 839328 | 870351 | 903125 | 822560 | 870256 | 985322 | 117,4 | |
| 2. | **ш. Бохтар** | 2090 | 1587 | 1671 | 1688 | 2176 | 2051 | 2196 | 110,0 | 23 |
| 3. | **н. Кӯшониён** | 34537 | 35822 | 36192 | 38000 | 33390 | 37182 | 43709 | 126,6 | 11 |
| 4. | **н. Вахш** | 45083 | 49367 | 49705 | 50064 | 42415 | 45122 | 52593 | 116,6 | 5 |
| 5. | **н. Хуросон** | 34468 | 36465 | 37176 | 41812 | 35355 | 45000 | 47681 | 138,3 | 8 |
| 6. | **н. Дӯстӣ** | 24637 | 25705 | 28840 | 30042 | 28766 | 29451 | 44637 | 181,3 | 12 |
| 7. | **н. Қубодиён** | 34097 | 36190 | 38035 | 38084 | 36121 | 37692 | 35674 | 104,3 | 14 |
| 8. | **н. Ҷ.Балхӣ** | 30561 | 35704 | 39534 | 35595 | 31726 | 34748 | 38299 | 125,5 | 13 |
| 9. | **н. А.Ҷомӣ** | 36553 | 35228 | 37084 | 41970 | 35934 | 44952 | 51721 | 141,6 | 6 |
| 10. | **н. Ҷайҳун** | 34484 | 27715 | 31693 | 43671 | 33508 | 37267 | 46142 | 134,0 | 9 |
| 11. | **н. Панҷ** | 44858 | 42039 | 46334 | 47759 | 29657 | 42832 | 56544 | 126,1 | 4 |
| 12. | **н. Шаҳритӯс** | 32711 | 34832 | 35363 | 36354 | 37820 | 38859 | 45653 | 139,4 | 9 |
| 13. | **н. Ёвон** | 43573 | 45094 | 45849 | 42853 | 43129 | 41963 | 47761 | 109,6 | 5 |
| 14. | **н. Н.Хусрав** | 18699 | 18252 | 19703 | 20181 | 21219 | 23495 | 28726 | 154,3 | 19 |
| 15. | **ш. Левакант** | 4418 | 4340 | 4477 | 4608 | 4066 | 4105 | 5426 | 122,7 | 22 |
| 16. | **ш. Кӯлоб** | 19695 | 23037 | 17329 | 18150 | 16663 | 15641 | 20411 | 104,1 | 17 |
| 17. | **н. Муъминобод** | 27214 | 27225 | 27638 | 28617 | 23972 | 24816 | 28734 | 105,5 | 18 |
| 18. | **н. Восеъ** | 60816 | 62388 | 62514 | 61536 | 59037 | 63332 | 67778 | 111,3 | 3 |
| 19. | **н. Ҳамадонӣ** | 44382 | 43134 | 43802 | 46654 | 46773 | 42411 | 48920 | 110,4 | 8 |
| 20. | **н. Фархор** | 66518 | 70878 | 69824 | 74074 | 61504 | 62469 | 74177 | 111,4 | 2 |
| 21. | **н. Темурмалик** | 34594 | 34732 | 34740 | 33489 | 34672 | 34672 | 34972 | 101,5 | 15 |
| 22. | **н. Данғара** | 104827 | 99344 | 112372 | 117093 | 113658 | 111499 | 111500 | 106,3 | 1 |
| 23. | **н. Ховалинг** | 14328 | 14467 | 14470 | 14473 | 14589 | 14195 | 13556 | -5,5 | 20 |
| 24. | **н. Ш.Шоҳин** | 27326 | 27336 | 27515 | 27554 | 27584 | 27679 | 28534 | 104,3 | 16 |
| 25. | **н. Балҷувон** | 6836 | 6862 | 6880 | 6966 | 6986 | 7037 | 7486 | 108,8 | 21 |
| 26. | **ш. Норак** | 1405 | 1586 | 1615 | 1840 | 1841 | 1786 | 2492 | 178,5 | 22 |

*Манбаъ:* Омори вилояти Хатлон, 2021, с 229-230

Дар доираи татбиқи “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” дар самти таъмин намудани амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат, ташкили низоми самараноки идоракунии хавфҳо ва мониторинги амнияти озуқаворӣ ва ғизои комил (дастгирии истеҳсолот ва воридоти маҳсулоти ҳаётан муҳимми озуқаворӣ, ташкили низоми мониторинги ғизохӯрӣ, огоҳкунии бармаҳал, захираҳо) муҳим арзёбӣ мегардад [6, 13].

Дар мавриди арзёбии сатҳи хавф ва устувории истеҳсолоти кишоварзӣ муаллифони ватанӣ [3, 11] ҳисоб намудани фарқи мутлақи қатори динамикӣ, ки мувофиқан истифодаи тамоюли миёнаи квадратӣ ва барои муайян кардани фарқҳои нисбии сатҳи қатори динамикӣ коэффитсиенти вариатсионӣ ба мақсад мувофиқ аст. Натиҷаи нишондиҳандаҳои риск ва устувории истеҳсолоти зироатҳои ғалладона барои арзёбии пешбурди кишоварзӣ ҷанбаи муҳим аст. Усули пешниҳодшуда ба муқоисаи ноҳияҳои вилоят аз рӯйи нишондиҳандаҳои истеҳсолию иқтисодӣ натиҷаи индекс аз рӯйи ҳар як блок ва ташаккули арзёбии интегралии рушди иқтисодии минтақа асос ёфтааст. Барои арзёбӣ  чор блок нишондиҳандаҳо, ки иборат аз якчанд унсурҳо мебошад ва алгоритмро дар расми 3 пешниҳод менамоем.




**Расми 4.–Алгоритми методикаи мониторинги хавф ва устувории истеҳсоли зироатҳои ғалладона. Сарчашма: Таҳияи муаллиф**

Амали минбаъдаи методикаи пешниҳодшуда иборат аз тақсими ноҳияҳои вилоят аз рӯйи гурӯҳҳо вобаста аз риск ва устувории истеҳсоли зироатҳои ғалладона мебошад. Ҳисоби таҷрибавӣ дар асоси маълумоти Мақоми минтақавии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом гирифтааст. Маълумоти бадастомада аз аз рӯйи ҳар як блоки нишондиҳандаҳо

аллакай дар ҳамин марҳала имкон медиҳад, ки дар бораи дараҷаи устувории фаъолияти истеҳсолӣ қазоват карда шавад.

Ҳамин тавр, омӯзиши вазъи тиҷорат дар бозорҳои маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ, таҳлил ва пешбиниҳои вазъи бозори моли мушаххасро дар бар мегирад. Чунин муносибат омӯзиши вазъи соҳаро дар назар дорад, ки моли мазкур дар он истеҳсол мешавад, ҳамчунин, муштарии ин навъи маҳсулот муайян карда мешавад. Нақшаи мониторинги вазъи истеҳсолу фурӯш дар бозори ғалла таҳиягашта пешниҳод мешавад, ки он намунае барои дигар бозорҳои алоҳидаи маҳсулоти кишоварзӣ хидмат менамояд.

## АДАБИЁТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 28.12.2023, ш.Душанбе, [Захираи электронӣ] http://president.tj/node/32191

2. Муртазозода О., Идиев М.Х. Таъмини иттилоотӣ–унсури муҳимтарини системаҳои автоматикунонидашудаи корхонаҳои кишоварзӣ//Маҷаллаи «Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз»/Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе, 2024. -№1 (85). – С.110-121.

3. Наҷмиддинов А. М. Роҳҳои асосии баланд бардоштани устувории иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣ - Автореф. Диссер. н.и.и, 2020. –Саҳ.11.

4. Омори солонаи кишоварзии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. –С.13.

5. Рауфӣ А., Шарифов 3. Таъмини рақобатпазирии иқтисодиёти Тоҷикистон дар давраи гузариш//Ахбороти Шуъбаи Тоҷикистонии Академияи илмҳои байналхалқии мактабҳои олӣ, 2010.

6. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030// Боби 1. Тоҷикистон дар соли 2030. –Душанбе, 2016. –Саҳ.13

7. Иттилои Хадамоти зиддиинҳисории Тоҷикистон. [Захираи электронӣ] https://sputnik-tj.com/20220713/tojikiston-kohishyobii-voridoti-gandum-istehsoli-ord-1049957950.html

# СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ МЕТОДА МОНИТОРИНГА ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ

**ИДИЕВ МАНУЧЕХР ХАЙРИДИНОВИЧ,**
соискатель Институт экономики и демографии
Национальной академи наук Таджикистана
734024, Таджикистан, город Душанбе, улица С.Айни 44;
тел: +992 (37) 221-67-50; e-mail: kolliji-omuzgori@mail.ru

*В данной статье исследуется проблема совершенствования методических аспектов мониторинга деятельности сельскохозяйственных предприятий, а также представлен анализ текущего состояния производства сельскохозяйственной продукции в рамках определенных показателей, установленных по их конкретной характеристике.*

*Отмечается, что данный аспект мониторинга деятельности сельскохозяйственных предприятий имеет разработанные программы как с методологической, так и с институциональной точки зрения.*

***Ключевые слова:*** *мониторинг, продукт, импорт зерна, производство, сельскохозяйственные предприятия, рынок, устойчивость, эффективность, метод, показатель.*

## IMPROVING THE METHOD FOR MONITORING THE ACTIVITIES OF AGRICULTURAL ENTERPRISES

**IDIEV MANUCHEHR KHAYRIDINOVICH,**
applicant Institute of Economics and Demography
National Academy of Sciences of Tajikistan, Dushanbe
734024, Tajikistan, Dushanbe city. Aini str. 44;
tel.: +992 (37) 221-57-65; e-mail: kolliji-omuzgori@mail.ru

*This article examines the problem of improving the methodological aspects of monitoring the activities of agricultural enterprises, and also presents an analysis of the current state of agricultural production within the framework of certain indicators established according to their specific characteristics.*

*It is noted that this aspect of monitoring the activities of agricultural enterprises has developed programs both from a methodological and institutional point of view.*

***Keywords:*** *monitoring, product, grain import, production, agricultural enterprises, market, sustainability, efficiency, method, indicator.*

УДК: 342.33

# ЗНАЧЕНИЕ ПРИНЦИПА РАЗДЕЛЕНИЯ ВЛАСТЕЙ ДЛЯ ПАРЛАМЕНТА В ДЕМОКРАТИЧЕСКОМ ГОСУДАРСТВЕ

**САИДОВ АБДУЛМАНОН САТОРОВИЧ**,
доктор философских наук, профессор, зав. отделом
социальной философии ИФПП им. А. Баховаддинова
тел.: (+992) 907 734 603

**ЧОРШАНБЕЗОДА МАХБУБА**,
соискатель отдела политологии ИФПП им. А. Баховаддинова
тел.: (+992) 938 806 376

*В современной политической науке исследователи уделяют особое внимание проблеме разделения властей, поскольку она, невзирая на свою определённую разработанность, всё ещё остаётся недостаточно изученной. Её актуальность особо возрастает для новых суверенных госдуарств, которые возникли после распада Советского Союза на его пространстве.*

*В данной статье осуществлена попытка сравнительного анализа политической системы разных стран и практические проявления принципа разделения властей, обозначена место и роль парламентского института в ней. В частности, освещена суть реформ, проводимых в Таджикистане в этой сфере, рассмотрены конкретные аспекты реализуемых мер по утверждению принципов и идеалов парламентаризма.*

*В ней также обосновываются некоторые теории и взгляды различных политических школ на парламентаризм, где его развитие и политическое многопартийство являются факторами, усиливающими роль и значение данного института власти в политической системе общества.*

***Ключевые слова:*** *разделение властей, парламент, политическая система, страны, демократия, Республика Таджикистан и др.*

Как известно, введение полномочий принципа разделения властей в Конституциях некоторых зарубежных стран иногда не полностью и конкретно определено. Например, Конституция США предусматривает, что власть принадлежит народу, и в то же время разделена на разные ветви. Хотя она гласит, что президент Соединённых Штатов осуществляет исполнительную власть, а судебную власть в стране осуществляют Верховный суд и суды низшей инстанции, создаваемые, время от времени Конгрессом, однако в ней подчёркивается, что в стране: «Все законодательные полномочия принадлежат

Конгрессу Соединённых Штатов, состоящему из Сената и Палаты представителей» [11].

Исходя из такого толкования Конституции США, в данном случае Конгресс является не обладателем законодательной власти, а носителем и исполнителем законодательной власти. В то же время, как становится очевидным из реалий современности, принцип разделения властей четко определён в Конституциях некоторых зарубежных стран. Так, в Конституции Японии парламент считается высшим органом государственной власти и единственным высшим законодательным органом, исполнительную власть осуществляет кабинет министров, а судебная власть полностью находится в руках Верховного суда и законодательно созданного суда низшей инстанции [8]. Конституция Испании также чётко разделяет законодательную, исполнительную и судебную власть, такое разделение властей имеется в Конституции Греции и других стран. В большинстве новых демократических государств Восточной Европы, а также в России официально утвердился тезис о последовательном разделении властей.

Основной элемент политической системы таджикистанского общества - государство, после обретения независимости Республики Таджикистан как один из важнейших институтов власти, начало способствовать формированию и развитию качественно нового типа национального парламента. Реформы в области демократизации государственной власти и управления, регулярно проводимые в стране, представляют собой последовательную реализацию конституционного принципа разделения властей, формирование эффективной системы взаимного сдерживания и баланса интересов между ветвями власти. Критериями продолжения реформ служат усиление полномочий законодательной и представительной власти в центре и на местах, а также роли контрольных задач [1].

Как определено в статье 9 Конституции Республики Таджикистан, «Государственная власть основывается на принципе её разделения на законодательную, исполнительную и судебную» [10]. Суть этого принципа заключается в том, что эти три функции политической власти - законодательная, исполнительная и судебная - должны осуществляться независимо друг от друга.

Безусловно, улучшение функционирования деятельности парламента является неотъемлемой чертой становления и развития современного демократического государства. Поэтому в различных демократических системах мира проводятся системные реформы с целью формирования путей и методов совершенствования работы парламента, повышения его эффективности, гармонизации работы правительства с деятельностью исполнительной и судебной ветви власти.

Как заявил Президент Таджикистана в своём выступлении по случаю 21-ой годовщины принятия Конституции страны, «на основе конституционных норм гарантия прав и свобод человека и их защита признается главным стержнем государственной политики, в Таджикистане сформированы основы гражданского общества, что свидетельствует о всесторонней реализации принципа политического плюрализма» [14]. Парламент страны (Маджлиси Оли), в свою очередь, стал настоящей школой демократии, инициатором и главным исполнителем проводимых реформ. Действительно, по сути, парламент Республики Таджикистан проводит реформы под лозунгом построение нового независмого национального государства. Построение демократического общества является одним из приоритетов политики страны, и создание двухпалатного парламента является одной из важных реформ, реализуемых для достижения поставленной цели.

Общеизвестно, что эффективная организация деятельности Маджлиси намояндагон Республики Таджикистан, будет создан в целях координации работы комитетов, организации предварительного рассмотрения вопросов планирования и подготовки законопроектов, а Маджлиси милли парламента собирается по мере необходимости между сессиями Маджлиси намояндагон. Несомненно, место и роль парламента в системе государственной власти определяются его функциями. Главная научная суть термина «функция» заключается в выражении проявления свойств определённого объекта в конкретной политической системе. В отраслевых дисциплинах значение понятия «функция» более соответствует его философской концепции с учётом некоторых особенностей [17].

В частности, по мнению Т.Я. Хабриевой, парламентские функции являются основными направлениями деятельности этого органа и состоят из представительства, законодательства и контроля [16]. С точки зрения О.Н. Булакова, функции парламента юридически выражены в его полномочиях и состоят из представительства, законодательства, контроля, формирования государственных органов, организации и контроля нижней палаты со стороны верхней палаты [5]. Другой исследователь С.А.Авакян выделяет функции парламента как народное представительство, законодательство, участие в управлении делами страны и формировании государственного аппарата, парламентский контроль, помощь нижестоящим представительным органам, методологическую координацию [2].

Анализ современных исследований о парламенте показывает, что, в них встречается ряд новых взглядов и подходов к деятельности этого института власти, и считаем необходимым акцентировать некоторые из них. В том числе Н. Боброва объясняет положение и роль органов государственной власти в системе разделения властей следующим образом: «Место и роль

государственной власти в системе разделения властей, а также влияние на гражданское общество определяются, во-первых, правовым статусом органа управления, размером и качеством его полномочий, во-вторых, по его фактическому положению и взаимоотношениям между ним и населением» [4, 169].

По этому поводу другой учёный А.Д. Толысбаева считает парламент основой развития демократии и определяла его следующим образом. «Парламентаризм - это совокупность принципов государственной власти и основ демократического общества; субъекты парламентаризма, его структура, форма, методы, средства и функции, механизм; включает нормы и меры, регулирующие механизм функционирования и развития парламентаризма. Другими словами, парламентаризм является основой развития демократии» [15, 21].

Парламентаризм в широком смысле, считает Р.Я. Евзерова, означает приоритетное положение парламента и подотчётность ему правительства. В более узком значении - это его важное место в системе государственной власти и одновременное функционирование в качестве законодательного и высшего представительного органа государства [9].

Российский исследователь С.Р. Гостева утверждает, что парламентаризм - это политическая система, при которой суверенная воля народа отражается в высшем представительном органе, который избирается на основе всеобщего и тайного голосования в условиях многопартийности и разделения властей. Он устанавливает законодательную власть и контроль над деятельностью правительства и обеспечивает защиту интересов большинства и меньшинства [7].

В современной науке бытует и такое суждение, что «парламентаризм можно рассматривать как историческую форму перехода от частной жизни к общественной, т.е. жизни политической, процесс превращения подчинённого и бесправного человека в гражданина, наделённого политическими правами, прежде всего, право выбирать власть в обществе» [5, 3]. В нём также парламент определяется как высший законодательная власть, и необходимость его социальных функций трактуется как идейно-теоретическая концепция, служащая научным обоснованием.

В связи с этим особый интерес представляют также идеи А. Бегзадяна. По его мнению, парламентаризм, с одной стороны, является реальным политико-правовым институтом, представляющим собой единство представительства и законодательной власти в обществе в условиях разделения властей, а с другой стороны, это идейно-теоретическая концепция, служащая обосновать необходимость парламента и его социальных функций [3].

Как справедливо отмечает современный российский политолог М.А. Могунова, «не подлежит сомнению представительство осуществления власти разными классами общества. Невозможно демократизировать общество без развития и совершенствования его форм, то есть без парламентской демократии» [13, 94].

Заслуживает внимания и вывод А.П. Любимова, что парламент любой страны - это результат сочетания в различных аспектах политических, региональных и частных устремлений. Парламент демократичен только тогда, когда благосостояние народа стоит на первом месте в общности различных интересов. К тому же, в таких условиях законодательная власть и институты гражданского общества стали реальным полем, где воплощаются права личности, человека и гражданские свободы [12].

Подводя итог, можно сказать, что формирование и эффективная деятельность парламента важно и политически важно в каждой стране. По опыту многих зарубежных государств, формирование парламента установило принцип распределения политической власти внутри страны. Развитие парламентаризма определяется не только созданием организационных основ, усилением соответствующих положений конституции и законов. В частности, политико-правовой уровень, активность, моральная зрелость и гражданственность членов общества. Степень развития институтов общества является одним из факторов, оказывающих важное влияние на развитие парламентаризма.

Примечательно, что в Республике Таджикистан, после обретения ею государственной независимости, начался процесс формирования нового национального парламента–Маджлиси Оли, который состоит из двух палат *(Маджлиси намояндагон и Маджлиси милли)*. Являясь важнейшей ветвью власти в стране, Маджлиси Оли как представительный и законодательный орган внёс и вносит огромный вклад в строительство национальной государственности, создания демократического и правового общества в суверенном Таджикистане. Более того, новый парламент Республики Таджикистан активно участвует в реализации внутренней и внешней политики страны, представляя её на международной арене как светское, демократическое и правовое государство, которое постоянно вносит свой значимый вклад в развитие человеческой цивилизации.

На основании мнений известных учёных и комментариев экспертов по вопросу государственного строительства можно признать, что принцип разделения властей тесно связан с идеей парламентаризма. Она, несомненно, является основой возникновения принципа разделения и создания властей. В свою очередь, эффективная реализация принципа разделения государственной власти имеет большое значение в становлении и развитии парламентаризма.

Одним словом, значение принципа разделения властей для парламентаризма является важными правилом правовой организации государственной власти, без чего невозможно представить демократию, эффективность государственного механизма управления, верховенство закона и формирования гражданского общества в странах современного мира.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Абдуллоев И.Р. Из истории реформирования политической системы в Таджикистане // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия гуманитарных наук. -2013. - №3 (55). - С. 224-232.

2. Авакьян С.А. Точка отсчёта - народ. Понятия «суверенитет» и «демократия» соединяет воедино только подлинное народовластие // Российская газета. - 2006, 28 октября.

3. Бегзадян А. С. Конституционно-правовой статус законодательного (представительного) органа государственной власти субъекта Российской Федерации: на примере Государственной Думы Ставропольского края: автореф. дис. ... к. ю. н. - Москва, 2004. - 20 с.

4. Боброва Н.А. Законодательные (представительные) органы государственной власти как инструмент гражданского общества // Вестник Самарского государственного университета. - 2012. - №5(96). - С. 166-173.

5. Булаков О.Н. Функции палат парламентов (теория и практика) // Представительная власть-XXI век: законодательство, комментарии, проблемы. - 2003. - №6 (54). - С. 2-6.

6. Булаков О.Н. Парламентское право России: курс лекций - Москва: Юстицинформ, 2007. -295 с.

7. Гостева С.Р. Государственная Дума Федерального Собрания Российской Федерации (1994-1997 гг.) // Российская цивилизация: история и современность. Межвузовский сборник научных статей.-Воронеж: Истоки, 1998. - Вып. 3. - С. 86-112.

8. Государственно-политическое устройство Японии. Интернет-ресурс: https://www.best-country.com/ru/asia/japan/political_structure#google_vignette (дата обращения: 17.03.2024)

9. Евзеров Р.Я. Парламентаризм и разделение властей современной России // Общественные науки и современность. - 1999. - №1. - С. 83-94.

10. Конституции Республики Таджикистан (в редакции референдума от 26.09.1999г., от 22.06.2003 г., от 22.05.2016г.). - Душанбе, 2016.

11. Конституция США. Принцип разделения властей. Интернет-ресурс: https://vuzlit.com/143678/ … (дата обращения: 14.03.2024)

12. Любимов А. П. Правовые институты демократии России и стран Европы выборы, лоббизм и парламентаризм. - Москва: Рос. Акад. наук. Ин-т Европы, 1999. - 57 с.

13. Могунова М.А. Скандинавский парламентаризм: Теория и практика - Москва: Российский государственный гуманитарный университет, 2001.-347 с.

14. Президент Таджикистана Э. Рахмон: Мы смогли построить общество, где царит свобода и демократия. Интернет-ресурс: https://komitet.info/cis-parliaments/tajikistan/news/9225/ (дата обращения: 20.03.2024)

15. Толысбаева А. Д. Парламентаризм в странах СНГ: исторический и сравнительно-правовой аспекты (на примере Республики Казахстан, Российской Федерации и Республики Узбекистан): Дисс. .. д-ра филос. (PhD) по спец. «Юриспруденция».-Астана, 2014. -170 с.

16. Хабриева Т.Я. Парламентское право России: учеб. пособие. - Москва: ЮРИСТЪ, 2003. - 655 с.

17. Шрейбер В.К. Понятие функции в биологии и социальных науках: опыт систематизации смыслов // Вестник Челябинского государственного университета. - 2008. - №32 (133). Филос. науки. Вып. 9. - С. 124-135.

## АҲАМИЯТИ ПРИНСИПИ ТАҚСИМОТИ ҲОКИМИЯТ БАРОИ ПАРЛУМОН ДАР ДАВЛАТИ ДЕМОКРАТӢ

**САИДОВ АБДУЛМАНОН САТОРОВИЧ,**
доктори илмҳои фалсафа, профессор, мудири шуъбаи фалсафаи иҷтимоии ИФСҲ ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ
Тел.: (+992) 907-73-46-03
**ЧОРШАНБЕЗОДА МАҲБУБА,**
унвонҷӯйи шуъбаи сиёсатшиносии ИФСҲ ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ
Тел.: (+992) 938-80-63-76

*Дар илми сиёсии муосир, муҳаққиқон ба масъалаи тақсимоти ҳокимият диққати махсус медиҳанд, зеро он, сарфи назар аз рушди муайяни худ, ҳанӯз ҳам ба таври кофӣ омӯхта нашудааст. Аҳаммияти ин масъала махсусан барои давлатҳои нави соҳибихтиёр, ки пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ дар фазои он ба вуҷуд омадаанд, меафзояд.*

*Дар ин мақола кӯшиши таҳлили муқоисавии низоми сиёсии кишварҳои гуногун ва зуҳуроти амалии принсипи тақсимоти ҳокимият, ҷой ва нақши ниҳоди парлумонӣ дар он нишон дода шудааст. Аз ҷумла моҳияти ислоҳоти дар Тоҷикистон дар ин самт гузаронидашуда равшан карда шуда, ҷанбаҳои*

*мушаххаси тадбирҳои амалишаванда доир ба тасдиқи принсипҳо ва идеалҳои парламентаризм баррасӣ карда шуданд.*

*Дар он инчунин, баъзе назарияҳо ва дидгоҳҳои мактабҳои гуногуни сиёсӣ дар бораи парламентаризм асос ёфтаанд, ки дар он рушд ва бисёрҳизбии сиесии он омилҳое мебошанд, ки нақш ва аҳамияти ин ниҳоди ҳокимиятро дар системаи сиёсии ҷомеа тақвият медиҳанд.*

***Калидвожаҳо:*** *тақсимоти ҳокимият, парлумон, низоми сиёсӣ, кишварҳо, демократия, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра.*

## THE IMPORTANCE OF THE PRINCIPLE OF SEPARATION OF POWERS FOR PARLIAMENT IN A DEMOCRATIC STATE

**SAIDOV ABDULMANON SATOROVICH**,
Doctor of Philosophy Science, Professor, head of Department of Social Philosophy of the Institute of Philosophy, Political Science and law named A. Bakhovaddinov National Academy of Science of Tajikistan
Tel.: (+992) 907-73-46-03

**CHORSHANBEZODA MAHBUBA,**
competitor of the Department of Political Science of the Institute of Philosophy, Political Science and law named A. Bakhovaddinov National Academy of Science of Tajikistan
Tel.: (+992) 938-80-63-76

*In modern political science, researchers pay special attention to the problem of separation of powers, since, despite its definite elaboration, it still remains insufficiently studied. Its relevance is particularly increasing for the new sovereign states that arose after the collapse of the Soviet Union in its space.*

*This article attempts a comparative analysis of the political system of different countries and practical manifestations of the principle of separation of powers, identifies the place and role of the parliamentary institution in it. In particular, the essence of the reforms carried out in Tajikistan in this area is highlighted, specific aspects of the measures being implemented to affirm the principles and ideals of parliamentarism are considered.*

*It also substantiates some theories and views of various political schools on parliamentarism, where its development and political multipartyism are factors that enhance the role and importance of this institution of power in the political system of society.*

**Keywords:** *separation of powers, parliament, political system, countries, democracy, Republic of Tajikistan, etc.*

УДК: 327

# МУШКИЛОТИ СИЁСИЮ ИҶТИМОӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАҲРИКДИҲАНДАИ РАВАНДИ ДУНЯВИГАРОӢ ДАР КИШВАРҲОИ ШАРҚИ НАЗДИК

**АБДУХАЛИЛЗОДА КАРОМАТУЛЛО АБДУХАЛИЛОВИЧ,**
муовини директори Маркази исломшиносӣ дар
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шодмонӣ 58/1;
тел.: (+992) 906-55-09-29; e-mail: karomatullo.abdukhalilzoda.66@mail.ru.

*Дар мақола мавзуи мушкилоти сиёсию иҷтимоӣ ҳамчун омили таҳрикдиҳандаи ҳаракати дунявигароӣ дар кишварҳои Шарқи Наздик мавриди таҳқиқ ва арзёбӣ қарор гирифтааст. Ба андешаи муаллифи мақола, маҳз қафомонии иқтисодию сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеа омили асосии сиёсати истилогаронаи Ғарб дар нисбати кишварҳои қафомонда мебошад. Рӯшанфикрони ҷомеа қафомонии ҷомеаи хешро дарк намуда, баҳри бартараф намудани он бо роҳҳои гуногун кӯшишу талош меварзанд.*

*Мирзо Фатҳалӣ Охундзода, Мирзо Малкумхон ва Мирзо Огохони Кирмонӣ аз ҷумлаи рӯшанфикроне буданд, ки тағйири сохти сиёсию ҳуқуқии ҷомеаро ногузир ҳисобидаанд. Онҳо мафҳумҳое, чун ҳукумати машрута, озодӣ, қонун ва парлумонро ба фазои сиёсию ҳуқуқии Эрон ворид намуда, кӯшиш мекарданд, ки тавассути мақолаҳои худ моҳияти мафҳумҳои мазкурро ба мардум фаҳмонанд.*

*Дар баробари рӯшанфикрони ислоҳотгар, ҳамчунин, теъдоде аз шоирони маъруф низ дар ашъори худ муҳити фарсудаи ҳукмронро зери танқид гирифта, тағйири онро ҳатмӣ мешумурданд. Маликушшуаро Баҳор, Сайид Муҳаммадризои Ишқӣ, Орифи Қазвинӣ, Сайид Ашрафиддини Гелонӣ аз ҷумлаи адибоне буданд, ки дар бедории сиёсию ҳуқуқӣ ва фарҳангии мардум саҳми бориз гузоштаанд.*

*Умуман, раванди дунявигароӣ дар Эрон маҳз дар шакли ҳифзи манфиатҳои миллию давлатӣ бо интишори ақидаҳои ислоҳпарваронаи ҷомеа рӯйи кор меояд ва тадриҷан барои бунёди ҷомеаи муосир ва пешрафта саҳми калон мегузорад.*

***Калидвожаҳо:*** *дунявигароӣ, мушкилоти сиёсӣ, мушкилоти иҷтимоӣ, мушкилоти фарҳангӣ, ислоҳот, рӯшанфикрӣ, машрута, қонун, озодӣ.*

Зимни таҳқиқи падидаи дунявият ва дунявигароӣ дар Эрон бо чунин андешаи донишмандони дингарои ҷомеаи мазкур дучор меоем, ки падидаи

мазкур падидаи ғарбӣ буда, хостгоҳи маърифатшинохтии он Мағрибзамин аст [10]. Бояд гуфт, ки чунин мавқеъ ба тамоми дингароёни олами ислом хос аст.

Барои собит намудани бедалелии андешаи мазкур заҳмати зиёд лозим нест. Вақте ки таърихи рушди ҷомеаи башарӣ ва қонуниятҳои инкишофи онро воқеъбинона мавриди таҳқиқ карор медиҳем, маълум мегардад, ки дунявият ва дунявигароӣ на ҳамчун мафҳум, балки ҳамчун тарзи пешбурди ҳаёт марбут ба ин ё он минтақа ё нажоди одамӣ нест. Вай моҳиятан барои тамоми башарият хос мебошад, зеро талаботу манфиатҳои дунявӣ шакли ҳастии инсон маҳсуб меёбанд.

Дар робита ба ҷоннок шудани раванди дунявигароӣ дар Эрон бояд таъкид намуд, ки падидаи мазкур бо сиёсати истилогаронаи аврупоиҳо сахт алоқаманд аст. Сиёсати мустамликадории аврупоиён чашми аҳли динзадаи ҷомеаи вақтро кушод ва барои роҳандозӣ намудани тағйиротҳои мушаххас дар самтҳои зарурии ҳаёти ҷомеа водор намуд. Андешаҳои мазкурро пайдоишу рушди рӯшанфикрӣ дар Эрон ба таври барҷаста собит менамояд. Исломшиноси тоҷик Шерзот Абдуллозода дар робита ба ин раванд қайд намудааст: «Муваффақиятҳои илмию техникии мамлакатҳои капиталистии Ғарб аз як сӯ ва эҳсоси акибмондагии Шарқ, аз сӯйи дигар, дар байни гурӯҳҳои номбурдаи кишварҳои исломӣ як руҳияи некбинии илмию технократӣ ва баъзе тамоюлҳои ғарбзадагиро ба вуҷуд оварда буд». [1, 14-15].

Дарвоқеъ, маҳз шикастҳои пайдарпаи артиши Эрон аз артиши Русия муҷиби воқеии рӯоварӣ ба Ғарб ва тавлиди рӯшанфикрӣ гардида буданд. Артиши Эрон танҳо дар нимаи аввали садаи XIX ду маротиба (1804–1813, 1826–1828) аз артиши Русия шикаст хӯрд. Сабаби асосии ин шикастҳо қафомонии техникии артиши низомии Эрон аз артиши низомии Русия буд. Ин шикастҳои низомӣ сарони ҳукумати Қоҷорияи Эронро барои бартараф намудани қафомонӣ водор менамоянд.

Яке аз шахсоне, ки дар кори ислоҳи вазъ ҷаҳди зиёд харҷ менамояд, Аббос Мирзо буд. Бинобар ин, решаи шаклгирии ҷараёни рӯшанфикрӣ дар Эрон ба давраи ислоҳоти Аббос Мирзо рафта мерасад. Ӯ худ, ки дар шикасти артиши Эрон дар ҷанг бо Русия ба сабаби қафомонии технологӣ ва санъати ҷангӣ шоҳид гардида буд, аввалин шуда иддае аз донишҷӯёни эрониро барои баҳраварӣ аз малакаю маҳорат ва санъати ҷангӣ ба Аврупо мефиристад. Гурӯҳи нахустини таҳсилкардагони эрониро Мирзо Фатҳалӣ Охундзода (Охундов), Мирзо Малкумхон, Мирзо Оғохони Кирмонӣ ва дигарон ташкил менамуданд.

Пас аз муддате дар ҷомеаи Эрон қишри наве ба вуҷуд омад, ки ба ғайр аз огоҳӣ аз технологияи нав ва дониши илмӣ бо худ тафаккури навро низ оварда буданд. Онҳо мафҳумҳое, чун ҳукумати машрута, озодӣ, қонун ва парлумонро ба фазои сиёсию ҳуқуқии Эрон ворид намуда, кӯшиш мекарданд тавассути мақолаю китобҳои худ моҳияти мафҳумҳои мазкурро ба мардум фаҳмонанд.

Рӯшанфикрон барои натиҷабахш гардонидани фаъолияти рӯшанфикрии худ гурӯҳҳо ва анҷуманҳои пинҳонӣ ташкил мекарданд. Фаромӯшхонаи Мирзо Малкумхон, Ложаи бедории Эрон, Анҷумани одамият ва Анҷумани тараққӣ аз ҷумлаи чунин маҳфилҳо ба шумор мераванд. Ин гурӯҳу анҷуманҳо бо пахши эъломияҳо ва интишори рӯзномаҳо афкори худро мунташир мекарданд. Онҳо махсусан, зарурати ислоҳоти низоми заминдорӣ ва идорӣ, кам намудани нақши руҳониёнро дар ҷомеа ва маҳдуд сохтани фаъолияти ҳокимонро дар чаҳорчӯби қонун таъкид мекарданд.

Яке аз шахсиятҳои муҳимме, ки дар ташаккули рӯшанфикрии эронӣ таъсири зиёд гузоштааст, Мирзо Фатҳалӣ Охундзода (Охундов) (1812–1878) мебошад. Ӯ худ аз мардуми Табрез буд, лекин дар кишвари Гурҷистони империяи Русия истиқомат мекард. Бо вуҷуди ин, китобҳои зиёде ба форсӣ таълиф намудааст, ки яке аз муҳимтарини онҳо «Мактуботи Камолуддавла» мебошад. Ин китобро баёнияе шӯрангез бар зидди суннату анъанаҳои эронии асри қоҷорӣ номидаанд. Ӯро бунёдгузори адабиёти нав дар Эрон, нахустин намоишноманависи эронӣ, пешрави фанни драмтургияи аврупоӣ дар Осиё ва аз пешқадамони ҷунбиши тараққихоҳӣ ва миллатгароии эронӣ мешуморанд. Андешаҳои ӯ ба мутафаккирони ҷунбиши машрутаи Эрон, аз ҷумла Мирзо Оғохони Кирмонӣ, Мирзо Малкумхон, Абдураҳим Толибов, Мирзо Оғохони Табрезӣ ва дигарон таъсири зиёд гузоштааст. Ӯ тарафдори тағйири алифбои арибиасоси форсӣ буд.

Вай машрутаро бо мафҳуми ғарбии он баррасӣ мекард. Ӯ ҷанбаи зидиисломии машрутаи ғарбиро ба тарзи бисёр рӯшан ва озод баён менамуд. Мавзуъҳои озодӣ, миллатдӯстӣ ва қонунгузорӣ аз муҳимтарин андешаҳои сиёсии ӯ маҳсуб меёфтанд. Вай поягузори ғояи миллатдӯстии нав, ҳукумати ба қонун асосёфта ва ҷудоии дин аз сиёсат дар Эрон шуморида мешавад. Мирзо Фатҳалӣ Охундзода дар асарҳои худ ғояи миллатдӯстиро тарғибу ташвиқ мекард. Ба ақидаи вай бояд тухми миллатдӯстию ватанпарастиро дар дилҳо кошт ва таассуби Ватанро ба ҷойи таассуби динӣ ҷойгузин намуд.

Барои ҷомеаи онвақтаи Эрон рисолаи «Мактуботи Камолуддавла»-и Мирзо Фатҳалӣ Охундзода аҳаммияти бузург дошт. Ҷавҳари ин рисоларо танқиди сиёсат ва диёнат, яъне муҳимтарин бунёдҳои иҷтимоӣ ташкил менамояд ва ангезаи вай ба гуфтаи худаш «парвариши ҳушёрии таърихӣ аст нисбат ба гузашта ва эҷоди тафаккури миллӣ ва ислоҳ ва тараққии ҷомеа аст дар ҳол ва оянда то истибдоди сиёсӣ тағйир пазирад ва машрутияти ҳукумат ва ҳукумати қонун ҷойгузини он бошад. Зулмату торикӣ барафтад, ислоҳи дин аз роҳи протестантизми исломӣ таҳаққуқ пазирад. Сиёсат ва дин аз якдигар ба куллӣ тафкик (ҷудо) гарданд ва дин тасарруфе дар умури дунёӣ надошта бошад. Ва, билохира, пардаи авҳомро аз миён бардорем ва ба рушноии хирад гом ниҳем» [8].

Қисми муҳимми андешаҳои сиёсии ӯро, инчунин, ҳифзи Ватан аз тасаллути бегонаҳо, раҳоӣ аз асирию ҳимоя аз озодӣ ва истиқлол ташкил менамуданд. Ӯ бовар дошт, ки бо гузашти замон эътиқодҳои динӣ аз миён хоҳанд рафт [3, 32–33].

Аз дидгоҳи ӯ салоҳи мамлакат дар он замона дар он буд, ки додгоҳҳои шаръӣ бардошта шаванд ва амри мурофиа ва қазовот аз уламои руҳонӣ гирифта ва ба уҳдаи вазорати адлия гузошта шаванд. Ӯ пешниҳод менамуд, ки танҳо умури динӣ, яъне вазъ ва пешнамоз ва никоҳу талоқ ва дафну амвот ва амсоли он дар дасти уламои руҳонӣ боқӣ монаду халос.

Дар дидгоҳи ӯ офарандаи қонун миллат аст. Миллат Конститутсия, яъне Қонуни Асосиро навишта, пояи ҳукумати мутлақ ва салтанати золимро бармечинад. Дар асоси қонуни таълифнамудааш миллат давлат ё ҳукумати қонуниро ба вуҷуд меоварад. Ӯ бовар дошт, ки чунин ҳукумат аз миллат ҷудо нест, зеро аз табақоти гуногуни мардум намояндагӣ дорад ва ҳифзкунандаи манфиатҳои мардуму истиқлоли кишвар мебошад. Ӯ мафҳумҳои давлату миллатро ҳамвазн ҳисобида, заминаи бунёди давлати миллӣ ва ҳукумати миллӣ меҳисобад.

Мирзо Фатҳалӣ Охундзода ҳукумати вақти Эрон, яъне ҳукумати Қоҷорияро ҳукумати золиму истибдодӣ дониста, дар ҳаққи онҳо мегӯяд: «Шаҳриёрони Қоҷор намедонанд, ки дар саросари сарзамин заррае адолат нест ва ҳамааш ба хотири набуди қонун аст ва як китоби қонун дар даст нест ва ҳар кас ҳар чизе ба ақлаш мерасад, анҷом медиҳад ва ҳарчи мехоҳад, мекунад» [3,32-33].

Дар даврае, ки аксари навгароён ва андешамандони Эрон доир ба вазъи занон сукут ихтиёр карда буданд, Охундзода яке аз аввалин навгароёни эронӣ буд, ки доир ба озодии занону баробарҳуқуқии онҳо ҳарф задааст. Бовар доштан ба озодии занон, бекор намудани бисёрзанӣ, таъмини баробарии зан ва мард дар ҳамаи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, таълиму тарбияи онҳо ва озодӣ дар доштани ҳиҷоб аз пешқадамтарин афкори ӯ ба ҳисоб мераванд ва дар ин маврид ӯ пешрави навгароёни олами ислом маҳсуб меёбад. Андешаҳои баёнгардида дар намоишномаҳои ӯ хеле бадеӣ ва равшан ифода гардидаанд.

Шахсияти дигари рӯшанфикр ва пешқадами давраи Қоҷорияи Эрон Мирзо Малкумхон (1834–1908) буд. Мирзо Малкумхон Нозимуддавла сиёсатмадор, андешаманд, рӯзноманигори ин давра аст, ки андешаҳои муосири мунавварфикриро дар Эрон рушд бахшида, ба ташаккули рӯшанфикрии замони худ таъсири зиёд гузоштааст. Ӯ яке аз нахустин таҳсилкардагони эронӣ узви ҳукумат буд ва кӯшиш мекард, ки ба мафҳуми "қонун" дар Эрон расмият бахшад.

Яке аз хидматҳои Мирзо Малкумхон роҳандозӣ намудани рӯзномаи «Қонун» буд. Гарчи ин рӯзнома ба қасди мубориза ба шоҳ ва ҳукумати ӯ

интишор мегардид, аммо дар аснои кор корбурди дигаре пайдо кард. Он корбурд аз он иборат буд, ки рӯзнома барои мардуме, ки солиёни дароз аз истибдоди сулолаи Қоҷория ва табоҳиҳои он хаста шуда буданд, ифодагари орзуҳояшон буд.

Дар навиштани матолиби рӯзномаи «Қонун» афроди рӯшанфикри дигаре низ даст доштанд. Носириддиншоҳ ва Амин ас-Султон, ки аз интишори рӯзномаи «Қонун» дар Эрон ба хашм омада буданд, дастур доданд, ки назоратро пурзӯр карда, аз воруди он ба Эрон ҷилавгирӣ кунанд. Бо вуҷуди назорати шадид, рӯзномаи «Қонун» ба дасти хонандагонаш мерасид ва ҳатто барои баъзе нафарон ба сурати мустақим ва бо нишонии онҳо ирсол мегардид. Рӯзномаи «Қонун» ва рисолаҳои иҷтимоӣ ва сиёсии пурмазмуни Мирзо Малкумхон, ки гоҳе бидуни имзо ва гоҳе бо имзои ӯ чоп мешуд, бо сабаби содагӣ ва наздикӣ ба лаҳҷаи гуфтугӯйии забони форсӣ дар бедории мардуми Эрон таъсири зиёд дошт. Ин рӯзнома ба пешоҳангони машрутахоҳон писанд афтода, сармашқи фаъолияти озодихоҳии онҳо гардида буд.

Мирзо Малкумхон инчунин, дар мавзуи сабабҳои парешонии эрониён ва роҳҳои наҷот аз он низ мақолаҳои зиёде навиштааст. Яке аз ҷанбаҳои пурмуҳтавои афкори ӯ таваҷҷуҳ ба масъалаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ аст. Ӯ рушду тараққии Ғарбро дар ривоҷу равнақи илмҳо ва босаводии мардум дида, ақибмондагии кишварҳои мусалмоннишинро дар бесаводӣ ва сабаби бесаводиро дар алифбо ва хатти арабиасоси форсӣ медид.

Мирзо Малкумхон таблиғгари фаъоли ислоҳоту навсозӣ ва ривоҷбахшандаи ғояҳо ва ниҳодҳои замонавӣ буд. Дар замони худ вай бештар аз ҳама дар огоҳ сохтани мардум бо тамаддуни ҷаҳон, манфиатҳои қонун ва хусусиятҳои ҳукумати миллӣ саъй ва кӯшиш кардааст. Таъсири афкори ӯ дар рӯшан кардани афкор ва ҷаҳонбинии мардум ва пайдоиши ҷунбиши машрутаи Эрон хеле бориз аст. Андешае вуҷуд дорад, ки Мирзо Малкумхон гӯё тухми қонунро дар Эрон кошта бошад. Аз ин рӯ, вай бо номи Мирзо Малками Қонунӣ низ маъруф гардида буд. Нозимулисломи Кирмонӣ ӯро бедоркунандаи Эрон ва аз раҳбарони наҳзати озодӣ номида, дар бораи ӯ мегӯяд: «Мақоми принс Малкумхон дар Эрон ҳамон мақоми Волтер, Жан-Жак Руссо ва Виктор Гюго дар миллати Фаронса аст». Ва Зул Алстон Малкумхонро, ки муаллими забони фаронсавияш будааст, «файласуф, муаллими аввал ва мисли Арасту ва Афлотуни он рӯз ва балки аз онҳо бартар» [7] мешуморид.

Мирзо Оғохони Кирмонӣ низ чун Мирзо Малкумхон ва Толибови табрезӣ ба рушди адабиёти машрутахоҳии Эрон, ки бар пояи рӯшанфикрӣ буд, таъсири калон мерасонад. Оғохони Кирмонӣ бавижа бо китоби ҷанҷолии худ «Се мактуб» ва дигар китобҳое, ки дар нақди таърихи Эрон навишта буд, талош менамояд, ки фалсафаи таърихи эрониро бунёд гузорад. Оғохони Кирмонӣ муқими Истанбули Туркия буд ва дар нашрияҳои фаъоли он замон–рӯзномаҳои

“Қонун” ва “Ахтар” мақолаҳо нашр мекард. Ӯ аз осори рӯшанфикрон ва файласуфони маорифпарвари фаронсавӣ ва англисӣ, махсусан Руссо, Волтер ва Спенсер, баҳра гирифта буд. Оғохони Кирмонӣ бо супориши шоҳи Эрон– Музаффаруддини Коҷор ба қатл расонида мешавад. Ӯ нахустин рӯшанфикрони Эрон аст, ки дар роҳи бедорӣ ва озодии мардум ҷони худро фидо намуд.

Пас аз машрута рӯшанфикронро бо номи фаронсавии «интелектуал» ва ба арабӣ «мунавварулфикр» ном мебаранд. Баъдтар истилоҳи “рӯшанфикр” ва то андозае “рӯшанандеш” роиҷ мегардад. Дар давраи мазкур рӯшанфикрони эронӣ ба сӯйи кишвари Фаронса майл мекарданд. Фаронса, агарчанде таъсири мустақиме дар таҳаввулоти Эрон надошт ва ҳамзамон, рақиби ҷиддии истеъмори Британия маҳсуб меёфт, бо вуҷуди ин, барои таҳсил ва иқомати эрониён ба сифати пойгоҳ хидмат менамояд. Аз он замон то замони Паҳлавии Дуюм барои қишри болоии ҷомеаи эронӣ огоҳӣ бо забони фаронсавӣ зарурӣ ба ҳисоб мерафт. Воқеан ҳам ҷойгоҳи анъанавии забони арабиро забони фаронсавӣ ҳамчун забони аҳли илму маърифат соҳиб мегардад. Тақрибан ҳамаи осори адабӣ, фалсафӣ ва таърихии ғарбӣ тавассути забони фаронсавӣ ба форсӣ баргардонида мешавад. Яъне метавон гуфт, ки забони фаронсавӣ дар давраи мазкур ҷойгоҳи забони арабиро танг намуда, дар интишори арзишҳои дунявӣ саҳмгузор будааст.

Ҳамзамон, дар раванди мазкур таъсири андеша ва фарҳанги англисро ҳам набояд нодида гирифт. Барои рӯшанфикрони эронӣ низоми сиёсии конститутсионии англис, ки дар он ҳуқуқҳои подшоҳ маҳдуд гардида буду худи подшоҳ ба таври рамзӣ мақоми муайянро ишғол карда буд ва ба сиёсат дахолат намекард, намунаи хуб ба шумор мерафт. Дар баробари ин, набояд нақши Амрикоро ба унвони як неруи сеюм дар муборизаи зидди сиёсати мустамликадории рус ва англис дар Эрон сарфи назар кард. Баръакс, Русияи подшоҳӣ муҳимтарин душмани рӯшанфикрони Эрон ба қалам дода мешуд, агарчанде онҳо баъдтар ба низоми шуравӣ муносибати эҳтиромона доштанд.

Дар ҷараёни равшанфикрии эронӣ пас аз машрута Сайид Ҳасан Тақизода, Муҳаммад Алии Тарбият, Аллома Қазвинӣ, Мирзодаи Ишқӣ, Маликушшуаро Баҳор, Иброҳим Пури Довуд, Муҳаммадалӣ Ҷамолзода ва Ҳусайн Козимзодаи Эроншаҳрӣ шахсиятҳои муҳимтарин буданд, ки бархе аз онҳо ба рӯзноманигорӣ машғул буданд ва зумрае аз эшон дар маҳаллаҳои Эроншаҳр ва Кова бо якдигар ҳамкорӣ карданд. Гурӯҳи мазкур ба ҳамроҳии рӯшанфикроне, амсоли Ҳасани Парниё, Муҳаммадалии Фурӯғӣ, Абдулҳусайн Темуртош, Сайидаҳмади Касравӣ, Арбоб Кайхусрав Шоҳрух, Сайид Зиёуддини Таботабоӣ, Эраҷ Мирзо, Ориф Қазвинӣ ва дигарон дар таҳаввулоти сиёсӣ ва иҷтимоии Эрон, аз ҷумла зуҳури Ризошоҳи Паҳлавӣ, нақши муҳиме бозидаанд.

Дар умум, мавзуъҳои дунявӣ дар даврони машрутахоҳии мардуми Эрон рангу таҷаллии махсусро касб менамояд. Давраи машрутахоҳӣ даврае буд, ки

мардуми Эрон баъд аз муборизаҳои бардавоми озодихоҳӣ ба он даст ёфта буданд. Ба қавли Муртазо Мутаҳҳарӣ мардуми Эрон: “Дар роҳи таҳсили он фидокориҳо кардааст” [4,25]. Низоми машрута моҳиятан маҳдуд сохтани ҳокимияти шоҳ ва танзими ҳаёти сиёсию иҷтимоиро тибқи Конститутсия дар назар дошт. Агарчи давраи мазкур бар асари сиёсати зиддимардумӣ ва манфиатҷӯёнаи баъзе кишварҳои ғосиби хориҷӣ, чунонки мебоист, натиҷаи дилхоҳ надод, вай ба шоирони миллатдӯст ва меҳангарои эронӣ таъсири амиқ гузошт ва муайянкунандаи мазмуну мундариҷаи ашъори онҳо гардид. Яъне барои шоирони ватанпарвар ашъори хусусияти сиёсию иҷтимоидоштаи озодии кишвар, ҳифзи арзишҳои миллӣ, тантанаи адолат ва амсоли инҳо мавзуъҳои хеле мубрам ва ҳалталаб маҳсуб меёфтанд. Агар матлабро содатар баён намоем, дар ашъори шоирони давраи мазкур мавзуъҳои дигари дунявӣ ҳам ҷой доштанд, аммо мавзуъҳои фавқуззикр бештар чашмрас ва ҷавобгӯйи талабот буданд.

Яке аз чунин шоирони барҷастаи ватандӯст, ки дар аксари ашъораш арзишҳои дунявиро асоси зиндагӣ маҳсуб медонад, Маликушшуаро Баҳор (1886–1951) мебошад. Шоири ширинкалом дар мисраъҳои зерин озодиро арзиши олӣ ба қалам дода, беадолатиҳои замонашро мавриди танқид қарор медиҳад:

*Ҷаври бедод кунад умри ҷавонон кӯтоҳ,*
*Эй бузургони Ватан баҳри Худо дод кунед…*
*Кунҷи вайронаи зиндон шуд агар саҳми Баҳор,*
*Шукри озодию он ганҷи худодод кунед.*

Шоири дигари пурҷӯшу хурӯштарини даврони мазкур Сайид Муҳаммадризои Ишқӣ (1894 –1925) мебошад. Шоири меҳанпараст вазъи сиёсии Эронро дар мисраъҳои зерин хеле воқеъбинона ва муассир ба қалам додааст.

*Хирагӣ бингар, ки дар Мағрибзамин ғавғо бапост,*
*Ин ҳаме гӯяд, ки Эрон аз ман, он гӯяд зи мост.*
*Эй гурӯҳи поки Машриқу Ҳинду Эрон, Турку Чин,*
*Бар сари Машриқзамин шуд ҷанг дар Мағрибзамин.*
*Дар Аврупо Осиёро луқмае пиндоштанд,*
*Ҳар як андар хӯрданаш чигилҳо бардоштанд.*
*То нахобад Шарқ кай Мағриб бароят офтоб,*
*Ғарбро бедорӣ он гаҳ шуд, ки шуд шарқӣ ба хоб.*

Чӣ тавре аз мазмуни шеър бармеояд, шоири ватанпарастро сиёсати истилогаронаи кишварҳои Ғарб сахт нороҳат намудааст.

Шоири меҳанпарасти дигари даврони машрута Орифи Қазвинист, ки аз харобазор шудану маскани дуздон гардидани Эрон ба шиква омада, умед

мебандад, ки машрута мушкилоти иҷтимою сиёсии кишварашро ҳал хоҳад кард:

*Паём дӯшам аз пири майфурӯш омад,*
*Бинӯш бода, ки як миллате ба ҳуш омад.*
*Ҳазор парда зи Эрон дарид истибдод,*
*Ҳазор шукр, ки машрута пардапӯш омад.*
*Зи хоки поки шаҳидони роҳи озодӣ,*
*Бибин, ки хуни Сиёвуш чӣ сон ба ҷӯш омад…*

Орифи Қазвинӣ дар мисраъҳои мазкур аз он хурсанд гардидааст, ки миллати Эрон пардаи зулму ситамро дарида, низоми машрутаро дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ҷорӣ намудааст. Шоири ватандӯст ин дастовардро маҳсули муборизаи шаҳидони роҳи озодӣ ба қалам додааст.

Аз ҷумлаи маҳбубтарин ва мардумитарин шоирони даврони машрута Сайид Ашрафиддини Гелонӣ (Ҳусайнӣ) (1869–1935) ба шумор меравад, ки бо тахаллуси Насими Шимол маъруф гардидааст. Ӯ дар шеъри «Гӯши шунаво ку?» вазъи иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангии Эронро хеле ҷозибанок ва воқеӣ ба риштаи назм кашидааст:

*Мардум ҳама масту маланганд ба бозор,*
*Аз дин шуда безор?*
*Инсофу вафову сифату шарму ҳаё ку,*
*Гӯши шунаво ку?*
*Дар илму тараққӣ ҳама офоқ иваз шуд,*
*Ахлоқ иваз шуд.*
*Моро ба сӯйи илму яқин роҳнамо ку,*
*Гӯши шунаво ку?*
*Як нимаи Эрон зи маориф ҳама duранд,*
*Ниме шалу кӯранд,*
*Андар кафи кӯрони ситамдида асо ку,*
*Гӯши шунаво ку?*

Дуюмин хусусияти муҳимми фаъолияти рӯшанфикрони насли зикршуда аз озодии занон дифоъ намудан, баробарии марду занро талаб намудан ва маросиму анъанаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангиеро, ки барои ҳузур ва фаъолнокии занон дар ҷомеа монеа мешуданд, зери танқид гирифтан буд. Дар ин замина низ шоирони рӯшанфикри дар боло зикршуда, ба монанди Мирзозодаи Ишқӣ, Маликушшуаро Баҳор, Орифи Қазвинӣ ва Эраҷ Мирзо ба муқобили ҳиҷоби занон шеърҳо эҷод карда буданд, зеро онҳо ҳиҷобро аз ҷумлаи муҳимтарин мавонеи ҳузури занон дар ҷомеа меҳисобиданд.

Хусусияти сеюми фаъолияти рӯшанфикрии шоирони номбурда танқиди дин ва ниҳодҳои мазҳабӣ буд. Онҳо динро ба сабаби омехтанаш бо хурофот танқид намуда, ҳамзамон, таассуби фикрии бархе аз диндоронро низ зери

ҳамла қарор медоданд. Албатта, дар ин замина бархе, амсоли Эраҷ Мирзо ба дин ва унсурҳои мазҳабӣ ҳамла мекарданд, дар ҳоле ки зумраи дигар аз рӯшанфикрон, монанди Мирзозодаи Ишқӣ ва Маликушшуаро Баҳор шамшери танқиди худро ба сӯйи мардуми аввом ва руҳониён нигаронида буданд.

Чаҳорумин хусусияти рӯшанфикрон танқиди худи ҷомеа ва мардуми он буд. Онҳо одатан, он расму маросим ва суннатҳои фарҳангиеро зери танқид мегирифтанд, ки боиси ақибмондагии кишвари Эрон ва монеаи рушду пешрафт ва муосиршавии он буданд.

Ҳамин тариқ, мазмуну мундариҷаи ашъори шоирони рӯшанфикри Эронро дар даврони машрута ва ҳатто пештар аз он аксаран на масъалаҳои ирфонӣ, балки масоили умдаи ҳаётӣ, ки ҳам барои давлати Эрон ва ҳам мардуми он муҳим буданд, ташкил медоданд.

Муҳаққиқи эронӣ Алиасғари Шеърдӯст вазъи иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангии нимаи аввали садаи бисти милодии Эронро чунин тасвир намудааст: «Ризо Паҳлавӣ бо ҳимояти Британия ба шоҳӣ расид ва давлати Инглис аввалин давлате буд, ки ӯро ба расмият шинохт ва бад-ин тариқ, пойи истеъмори Инглис ба таври густурдае дар Эрон боз шуд ва ба чаповули сарвату ғорати манобеи миллӣ пардохт ва бахусус, ширкатҳои инглисӣ нафти Эронро ба ғорат бурданд ва Ризошоҳ барои фиреби мардум ва ҷилавгирӣ аз норизояти онҳо бо тазоҳур ба меҳандӯстӣ ва исломгароӣ ва ширкат дар маросими мазҳабӣ ва рафтан ба зиёрати аттибои олия саъй мекард то назари мардум ва мусалмононро ба худ ҷалб кунад. Аммо ӯ дар ботин қасди решакан кардани дин ва мазҳабро дошт ва чанде нагузашт, ки бо уламо ва руҳониён ба мухолифат бархост ва бисёре аз маросиму ойинҳои азодориро мамнуъ эълон кард ва ҳатто дастур ба террор ва қатли руҳонии мубориз Оятуллоҳ Мударрис дод… ва соли 1939 ӯро масмум (заҳролуд) карданд ва ба шаҳодат расониданд» [2,20].

Бо бар тахт нишастани Ризошоҳи Паҳлавӣ давраи аввали рӯшанфикрӣ ба поён мерасад ва насли дуюми рӯшанфикрӣ ба вуҷуд меояд [2, 20]. Дар давраи ӯ, дар натиҷаи эҷоди донишгоҳу мадрасаҳо ва сафарбарии бештари донишҷӯёни эронӣ ба кишварҳои Аврупо эрониён бо суръати бештаре бо андешаҳои ғарбӣ ошно мешаванд. Бад-ин тартиб, заминаи эҷоди насли сеюми рӯшанфикрӣ ба вуҷуд меояд, ки дар даврони Паҳлавии Дуюм аз худ дарак медиҳанд. Бо вуҷуди ин, пас аз сарнагунии Ризошоҳ ва кушта шудани Аҳмади Кисравӣ руҳоният ва нигоҳи динӣ бар нигоҳи дунявӣ ва рӯшанфикрӣ афзалият пайдо менамояд. Тадриҷан дар натиҷаи маҳдудии озодиҳо раванди равшанфикрии дунявӣ ба шиддат маҳдуд ва саркуб мегардад. Аз байни рӯшанфикрони насли мазкур метавон аз Ҳамид Иноят, Парвиз Нотили Хонларӣ ва Сайид Фахриддини Шодмон ёдовар шуд.

Бояд таъкид намуд, ки ҳаракати дунявигароии рӯшанфикрон ба мафкураи аҳли ҷомеа воқеан ҳам таъсири худро мерасонад. Дар натиҷаи пурсиши онлайн, ки соли 2020 гузаронида шуд, маълум мегардад, ки 8,8 дарсади эрониён худро атеист меҳисобанд, 22,2 дарсад динеро ибодат намекунанд ва танҳо 40 дарсади худро мусалмон меноманд. Ҳолати мазкур ҳамчун гузариши эрониҳо ба дунявият зикр мегардад [9].

Ҳамин тариқ, агар ҳаракати дунявигароиро дар Эрон мавриди таҳқиқ қарор диҳем, мебинем, ки вай ба шакли барҷаста, чашмрас ва рӯшан аз нимаи аввали садаи нуздаҳи милодӣ оғоз мегардад. Яъне мо ҳаракати дунявигароиро бо раванди рӯшанандешии мардуми Эрон дар робитаи зич ва мустақим мебинем. Аммо кишварҳои ғарбӣ гирифтани пеши роҳи рушду тараққиёти Эронро ҳадафи худ қарор дода, бо ин мақсад раванди дингароиро ҳамчун силоҳи муассири монеаи рушди ҷомеа ҳаматарафа пуштибонӣ менамоянд ва ахиран неруҳои дингароро ба сари қудрат меоранд. Неруҳои мазкур тадриҷан тамоми шахсиятҳои дунявигароро дар Эрон ҷисман нобуд месозанд. Аммо равандҳои ҷаҳонишавӣ ба ҳаёти мардуми Эрон низ бетаъсир намемонанд ва мо мебинем, ки Эрон зоҳиран динӣ ва моҳиятан дунявӣ гашта истодааст.

## АДАБИЁТ


1. Абдуллоев Шерзот. Маорифпарварӣ ва озодфикрӣ. – Душанбе: Маориф, 2021.

2. Алиасғари Шеърдӯст. Шеъри муосири Эрон. Пажуҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон. –Душанбе, 2012.

3. Одамият Фаридун. Андешаҳои Мирзо Фатҳалӣ Охундзода. Теҳрон: Хоразмӣ. 1349. (бо ҳуруфи форсӣ).

